# ЗАНҶИРИ ГУСАСТА



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5-4
З-34

Ҷамъоварандаи мавод,
муаллифи сарсухан ва тавзеҳот
***АБДУРОЗИҚ ГУЛОВ***

Муҳаррири масъул ***Нуриоллоҳи Абдол***
Муҳаррири нашриёт ***Сафар Амирхон***

З-34 **Занҷири гусаста** (маълумотномаи панду ахлоқӣ, бо таҳрир ва иловаҳои нав). – Душанбе, «Адиб», 2010, 296 саҳ.

«Занҷири гусаста» аз пораҳои панду ҳикмат ва андешаҳои олимону аҳли адаби гузаштаву муосир дар бораи шеъру мусиқӣ фароҳам омадааст, ки дар тарбияи завқи зебопарастии хонанда хизмати шоиста хоҳад кард.

ISBN 978-99947-64-78-5

© Нашриёти «Адиб», 2010

*Эй номи ту беҳтарин сароғоз,*
*Бе номи ту нома кай кунам боз.*

## БА ҶОИ ПЕШГУФТОР

Абдурозиқ Гулов зодаи ноҳияи Ваҳдат буда, 3 ноябри соли 1956 дар деҳаи Фириштӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ дар ҷустуҷӯ ва омӯхтани илму маърифат ва дарки олами маънӣ кӯшида, ба қадри имкон аз ин баҳри бекарони хирад дурдонаҳои илму донишро бурун овардааст.

Нахуст маҷмӯаи таҳиякардаи ӯ, ки пешкаши хонандаи гиромиқадр мегардад, дурдонаест аз ганҷинаи ҳикмати эҷодиёти шоирону адибони асил.

Китоб иборат аз чаҳор боб буда, ҳар як боб чун як фасли сол, мавқеъ, зарурат ва мӯҳтавои хосро дорост. Муаллиф кӯшиши зиёд ба харҷ дода, суханони бузургонро, ки саросар иборат аз панду ҳикмат аст, дар шакли гулчин рӯи варақ овардааст, то барои хонандаи гиромӣ равзанаеро ба сӯи олами маонӣ ва хирад боз намояд.

Боби аввал, ки оид ба шеър ва мусиқист, падидаест ифшогари ваҳдати вуҷуди инсон ба олами шеър ва мусиқӣ.

Дар боби дуввум муаллиф бо истифода аз шеъру суханони бузургон, мӯҳтаво ва ҳақиқати «Самоъ»-яъне рақси сӯфиёнаро ба тарзи моҳирона маънидод намудааст.

Боби саввум, ки мавзӯи шеъри асил ва шоири асил аст, мактабест олӣ барои омӯхтани ҳақиқати шеър ва шоирӣ.Муаллиф эҷодиёти бузургонро қиёс намуда, шеър ва шоириро ҷодаи муҳим ва пок меҳисобад.

Дар боби чаҳорум ва ниҳоӣ муаллиф фазилат ва камоли инсониро мавриди омӯзиш қарор дода, ба далели суханони бузургон инсонро гавҳари қиматбаҳои замину коинот муаррифӣ менамояд. Дар анҷоми сухан таманнои онро дорем, ки хонандаи гиромӣ аз ин ганҷинаи асрор ганҷи бебаҳои хирадро ба даст оварда, қуллаҳои баланди илму донишро фатҳ намояд.

***Нуриоллоҳи АБДОЛ***

## МУҚАДДИМА

***То нагардӣ ошно з-ин парда рамзе нашнавӣ,***
***Гӯши номаҳрам набошад ҷои пайғоми Сурӯш.***
*(Ҳофизи Лисонулғайб)*

Дунёи шеъру мусиқӣ аз қадим диққати олимон ва донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Ҳаёти инсонро бе шеър ва мусиқӣ тасаввур наметавон кард. Ҳамин аст, ки устод Лоиқ мефармояд:

*Мо баҳри дилшиносон шеъру тарона ҳастем,*
*Баҳри навошиносон чангу чағона ҳастем.*

Сарчашмаҳои диниву таърихӣ гувоҳанд, ки дар ҳар як давру замон новобаста аз қавму миллат шеъру мусиқӣ дар шаклҳои гуногун вуҷуд доштааст. Табиист, ки донишомӯзони қарнҳои гуногун то имрӯз дар бораи шеър ва мусиқӣ андешаҳояшонро баён намудаанд. Гарчанде нигоштаҳои он бузургон қисман ба мо расидаанд, аммо метавон гуфт, ки қисми зиёди онҳо бо сабабҳои гуногуни таърихӣ аз байн рафтаву то ба мо нарасидааст.

*Суханҳое, ки чун ганҷ оганда буд,*
*Ба ҳар нусхате-дар пароканда буд.(Низомӣ)*

Дар ҷомеаи имрӯзаи мо аз сабаби дуруст дарк накардани моҳият ва мазмуни илми шоириву мусиқӣ баъзе нафарон ин ду илмро аз ҳаёт дур тасаввур менамоянд, ҳол он ки сарчашмаҳо ҳаётро бе шеъру мусиқӣ имконнопазир донистаанд.

*Дӣ чангии ман, ки базм равшан мекард,*
*Дар замзама ӯ кори дили ман мекард.*
*Дилҳо, ки ба чанги ӯ зи тан омада буд,*
*Дар чанг фитода буду тан-тан мекард.*
*(Амир Хусрави Деҳлавӣ)*

Ҳатто ворид гардидани ҷон бар бадани нахустин инсон, яъне Ҳазрати Бобои Одам (а)-ро бо мусиқӣ тавъам медонанд.

*Муғаннӣ,кунун вақти ҷӯши навост,*
*Ки бунёди ҳастӣ ба дӯши садост.*
*Табу тоби ин риштаи эътибор,*
*Садогуна гардидааст ошкор. (Бедил)*

Тамоми шоирону мутаффакирони классик, ки бештар тасаввуфро пеша намудаанд, шеъру мусиқиро дар ҳаёти диниву табиӣ аввалиндарача ҳисобидаанд.

Аз ин рӯ, мо низ тасмим гирифтем, ки барои дигарбора равшанӣ андохтан ба ин масъала маҷмӯае мураттаб сохта, мардумро аз ҳақиқати ин ду илми ногусастанӣ бохабар намоем.

*Нусхаи эъҷози масеҳост ин,*
*Доруи бемории дилҳост ин.*
*Ҳар варақаш сафҳаи боғи дил аст,*
*Ҳар суханаш нури чароғи дил аст.*
*(Самандари Тирмизӣ)*

Дар китоби мазкур андешаву гуфтаҳои бузургонамон ҷой дода шудааст, ки бештар фикрҳои ҷолиберо дар бораи илми мусиқӣ иброз намудаанд. Маҷмӯаи тартибдодаи мо ба баҳсҳои тӯлонии байни санъатварон ва нафароне, ки аз илми мусиқӣ дуртаранд ба қадри имкон ҷавоб хоҳад гуфт. Дар маҷмӯа мо аз андешаву гуфтаҳои назмиву насрии адибону олимони гузашта ва имрӯза истифода бурда, нақш ва аҳамияти илми шеър ва мусиқиро дар ҷомеа муайян намудаем, ки ба андешаи мо айни муддаост.

*Зи ҳар нусха бардоштам мояҳо,*
*Бар ӯ бастам аз назм перояҳо. (Низомӣ)*

Минбаъд нафароне, ки ба илми мусиқӣ сару кор доранд, метавонанд аз маҷмӯаи мазкур истифода намоянд. Зеро ин китоб фарогири ҷавҳаре аз дурдонаҳои ҳикмати бузургонамон буда, дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва ковишҳои пайвастаи мураттаб ба ҳам омадааст.

*Супорам ба ту ганҷи ороста,*
*Биёбӣ басе хилъату хоста. (Фирдавсӣ)*

Китоби мураттаб намудаи мо ҳамчун дастур ба ҷомеаи имрӯза ва фардои насли тоҷик мебошад. Чунон ки аён аст, дар ҷомеаи имрӯзаи мо бо пешрафти илму техника санъаткорони зиёде рӯи саҳна омадаанд, ки бархе аз онҳо аз санъати асил фарсаххо дуранд. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳо моро водор намуд, ки ба кофтукови ҷиддӣ машғул шуда, санъати ҳақиқиеро, ки аз қадим то ба имрӯз беҳтарин донишмандони мо ба вуҷуд овардаанд, ба қадри имкон

рӯи коғаз оварда, ба нафароне, ки ба мусиқишиносӣ ва санъаткорӣ машғуланд, пешкаш намоем.

*Шуда бар ту даври замон ганҷсанҷ,*
*Намондаст бар ту ниҳон ҳеҷ ганҷ. (Ҷомӣ)*

Чи навъе, ки огоҳӣ пайдо намудем, санъату мусиқӣ ва овозхонии тоҷик таърихи кӯҳан доштааст. Тавассути ин санъаткорони асилу нобиғаҳои давру замон анъанаҳои хусусияти миллидоштаи санъати мусиқӣ ва овозхонӣ то замони мо расидааст.Чӣ шуд,ки яку якбора санъати волои овозхонии тоҷик солҳои охир эътибори хешро аз даст дод. Пайдо шудани «Ситораҳои нав» қадр ва манзалати беҳтарин овозхонҳои кишварро аз байн бурд. Ба ҷои санъати бумӣ тақлид ба сарояндагони Ғарбу Аврупо ҷойгузин гашт. Ҳатто дар консертҳои калони ин ё он сароянда асбобҳои мусиқии миллӣ қариб, ки дида намешавад.

*Ҳамчу оина машав маҳви ҷамоли дигарон,*
*Аз дилу дида фурӯ шӯй хайёли дигарон.*
*Дар ҷаҳон болу пари хеш кушодан омӯз,*
*Ки паридан натавон бо пару боли дигарон. (М.Иқбол)*

Маданият ва фарҳанги сарояндагӣ низ коста гашт.

Ҳар халқу миллат бояд бо риоя аз дастовардҳои маданияти аҷдодон дар инкишофи санъату ҳунари муосир нақши нек гузорад. Дар ин самт метавон ҳунари чакандӯзиро, ки аз гузаштаи хеле дури халқамон то ба мо омада расидааст, чун намунаи беҳтарини ҳунари аҷдодон тарғиб кард.



Дар маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» хондам, ки сарояндаи номӣ Гугӯш дар яке аз ҷашнҳои мавлудаш аз матои атласи тоҷик куртаи миллии тоҷикӣ дузонда пӯшидааст.

*Гулчеҳра Содиқова*

*Зи атрофи кулаҳ ҳар тори кокул,*
*Чунон к-аз зери лола шохи сунбул.*

*Расми ту равнақ диҳад расми бузургонро ҳаме,*
*Ҳамчу ёқуте,ки ӯ равнақ диҳад ашбоҳро. (Муиззӣ)*

*Ҳикмат аз қатъу буриди ҷома нест,*
*Монеъи илму ҳунар аммома нест.*
*Илму фанро, эй ҷавони шӯху шанг,*
*Мағз мебояд, на малбуси фаранг. (Иқбоол)*

Китобе, ки пешкаши шумо мегардад, бештар ба хусусиятҳои хоси илми мусиқӣ, аз қабили маълумот дар бораи илми мусиқӣ, маълумот дар бораи сарояндагону мусиқишиносони қадим ва оид ба бархе аз асбобҳои мусиқӣ маълумот хоҳад дод.

Шояд ҳангоми мураттаб сохтани ин китоб банда ба шитобкориву камбудиҳо роҳ дода бошам ва умед дорам, ки хонандаи нуктасанҷ пайи ислоҳаш мададгорӣ менамояд. Ба ин маънӣ Мавлоно Ассори Табрезӣ ва Ҷалолиддини Румӣ гуфтаанд:

*Тамаъ дорам, зи лутфи хурдабинон,*
*Латифу мустамандон, зулбаёнон.*
*Ки ҳар гоҳе, ки ин дафтар бихонанд,*
*Хатои дигарон бар ман наронанд.*
*Зи котиб гар хатое боз ёбанд,*
*Равон дар ҳаққу ислоҳаш шитобанд.*
*Ки инсон холӣ аз саҳву хато нест,*
*Хатову саҳв бар Яздон раво нест.*

*Эй Худои поку беанбозу ёр,*
*Даст гиру ҷурми моро даргузор.*
*Ёд деҳ моро суханҳои рақиқ,*
*К-он ба раҳм орад туро, эй, хушрафиқ.*
*Гар хато гуфтем ислоҳаш ту кун,*
*Муслеҳӣ ту, эй ту султони сухун. (Маснавӣ)*





## ЗАНҶИРИ ГУСАСТА

*Замона ақди камоле гусаст, вой дареғ,*
*Ки осмон натавонад назири он пайваст. (Анварӣ)*

*Натавон дӯхт ҷуз ба риштаи васл,*
*Ҷигаре к-аз фироқ гардад чок. (Ҷомӣ)*

## ГАНҶНОМА

*Бикӯш, то ба каф ори калиди ганҷи вуҷуд,*
*Ки бе талаб натавон ёфт гавҳари мақсуд!*
*(Камоли Хуҷандӣ)*
*Агар ганҷи ҳикмат ҳамебоядат,*
*Ба ҷуз ганҷкобӣ намешоядат. (Ҷомӣ)*

*Зи таърихи кӯҳансолони ин бум,*
*Маро ин ганҷнома гашт маълум. (Низомӣ)*

*Хокбозӣ кун, ки ман ҳам хокбозӣ кардаам,*
*То зи хок ин моя ганҷи шойгон овардаам. (Ҳоқонӣ)*

*Дарё шуда аз гуҳаркашон пур,*
*То худ ба кафи кӣ афтад ин дурр. (Файзӣ)*

*Худоё, ҷаҳонподшоӣ туrост,*
*Зи мо хидмат ояд, Худоӣ туrост.*
*Туӣ бартарин донишомӯзи пок,*
*Зи дониш қалам ронӣ бар лавҳи хок.*

*Илоҳӣ шеваи сабре карам кун,*
*Маро дар кори худ собитқадам кун.*
*Ки дар боғи тараб хандон бишинам,*
*Гул аз гулбуни мақсудам бичинам. (Самандари Тирмизӣ)*

**МАКТАБ**

*Маориф гулситоне дон, ки райҳонаш бувад таҳсил,*
*Маориф андалебе хон, ки илҳонаш бувад таҳсил.*

*Агар аҳли маориф бигзарад, боқӣ бувад номаш,*
*Ҳаёти ҷовидон илм асту бурҳонаш бувад таҳсил.*

*Маориф шуд ғизои рӯҳ, ҷои он бувад мактаб,*
*Ҷаҳолат дарди ҷонкоҳест, дармонаш бувад таҳсил.*

*Биё, Маҳмуд аз файзи маориф тоза кун ҷонро,*
*Бинои қасри ҷон ирфону арконаш бувад таҳсил.*
*(Маҳмуди Тарзӣ)*

# *БОБИ АВВАЛ*



# ШЕЪР ВА МУСИҚӢ

*Ба сад назм агар нағма дорад хурӯш,*
*Ҳамон аз забон мерасад то ба гӯш.*
*Ту бардорӣ аз ҳалқаи даф садо,*
*Садояш зи дасти ту дорад асо.*
*Агар соз мавҷи забони дил аст,*
*Дафу чангу най тарҷумони дил аст. (Бедил)*

* * *

*Бисоз,эй муғаннӣ, раҳи дилписанд,*
*Бар автори ин арғунуни баланд.*
*Раҳе, к-он зи меҳнат раҳоӣ диҳад,*
*Ба торикшаб рушноӣ диҳад. (Низомӣ)*

Мусиқӣ садоест иборат аз роҳҳои гуногун, ки ҳар як роҳ хосияти таъсирбахшеро дорост, ҳамчунон мардум мухталифанд ва роҳҳои мусиқиро гуногун пазироӣ менамоянд. Мусиқӣ чун гуногуншуниданист, таъсири мусбат ва манфии он ба узви шунавоии инсон, яъне сомеъа, алоқаманд аст. Гарчанде мусиқӣ ба воситаи истифода аз ин ё он асбоб берун меояд, вобаста ба навозиш аз пардаҳои мухталиф ба ҳолати ботинии инсон таъсири худро мерасонад, ба амсоли он ки мардумони синну соли гуногун роҳҳои мусиқиро вобаста ба синну солашон қабул доранд.

Чунонки роҳҳои гарон ба табъи пирону худовандони ҷидд мақбул мебошад ва роҳҳои дигар, ки ҷавононро хуш ояд, сабук ва хафиф бошад. Инчунин, роҳҳои дигаре вуҷуд доранд, ки боиси хушнудии кӯдакон ва занону мардони латифтабъ мегарданд, ба амсоли таронаҳои шӯх ва форам.

Мусиқӣ дилнишину лазиз аст, лек дарёфтани ҳолати ботинии шунаванда (мустамеъ) азизтар. Аз он лиҳоз, ки мустамеъ ҳолатҳои гуногуни ботиниро дорост, ба амсоли шодиву ғам, ғазаб ва оромиш, шӯру ҳаяҷон ва ғайраҳо, мутриб вазифадор аст аз парда ва роҳҳое истифода кунад, ки мувофиқ ба ҳолати мустамеъ бошад. Мусиқӣ ба мисли сухани зинда ба мафкураи инсон ворид шуда, бо ширинии лаҳн ва қувваи ҷозибаи худ онро ба ҷунбиш меорад, то он даме, ки инсон водор мешавад, ин ҳаяҷони худро ба воситаи зоҳир, яъне ҷунбонидани дасту по, гардану камар, чашму абрӯ, ки дар маҷмӯъ ракс номида шудааст, берун намояд. Ҳарчанд олами шеъру ғазал, хосса таъсири худро ба мардум мерасонад, лекин дар либоси мусиқӣ боз ҳам ширину ҷонбахш мегардад. Аз назари мантиқ нест ҷаҳоне, ки берун аз мусиқӣ бошад. Зеро ҳаёт худ мусиқист ва инсон дар давоми зиндагии худ на ҳама вақт дар як ҳолат мебошад, яъне чун пардаҳову роҳҳои мусиқӣ гоҳ баланд, гоҳ паст гоҳ мӯътадил, яъне дорои оҳангҳои гуногун аст.

Аммо танҳо инсон ба воситаи тафаккури баланди ирфонӣ метавонад риштапайванди ин муамморо дарёбад.

Маърифат роҳест, ки ба лаззатҳои маънавӣ мебарад ва яке аз ин роҳҳо мусиқӣ мебошад. Илми имрӯза исбот кардааст, ки аз мусиқӣ

тамоми мавҷудоти олам ҳатто ҷанинҳо дар батни модарлаззат меба-ранд, баҳра мегиранд, зеро парвардигори олам амр карда буд, ки эй кӯҳҳо ва эй парандагон бо Довуд ҳамовоз шавед.

*Эй, дар ин хобгаҳи бехаборон,*
*Бехабар хуфта чу кӯрону карон.*
*Сар баровар, ки дар ин пардасарой*
*Мерасад бонги сурур аз ҳама ҷой.*
*Булбул аз минбари гул нағманавоз,*
*Қумрӣ аз сарви сиҳӣ замзамасоз.*
*Мутриб аз мастабаи дурдкашон*
*Дода аз манзили мақсуд нишон.*
*Чарх дар чарх аз ин бонгу наво,*
*Кӯҳ дар рақс аз ин савту садо. (Ҷомӣ)*

*Бинозам ба ин пайкари нағмаҷон,*
*К-аз ӯ нағма мағзезст дар устухон.*
*Ҳумое, ки сайри ҷаҳон кардааст,*
*Дар ин устухон ошён кардааст. (Бедил)*

*Чанд бозӣ ишқ бо нақши сабӯ!?*
*Бигзар аз нақши сабӯю об ҷӯ.*
*Чанд бошӣ ошиқи сурат, бигӯй,*
*Толиби маънӣ шаву маънӣ биҷӯй.*
*Сурати зоҳир фано гардад, бидон*
*Олами маънӣ бимонад ҷовидон.*
*Сураташ дидӣ, зи маънӣ ғофилӣ,*
*Аз садаф дурро гузин, гар оқилӣ.*
*Ин садафҳои қаволиб дар ҷаҳон,*
*Гарчи ҷумла зиндаанд аз баҳри ҷон.*
*Лек андар ҳар садаф набвад гуҳар,*
*Чашм бикшо дар дили ҳар як нигар. (Мавлавӣ)*

Агар дар олами сӯфия мусиқиро ҷӯё шавем, мебинем, ки ҷаҳри сӯфиён худ ҳолати мусиқист, зеро дар он оҳангҳои пасту баланд, миёнаву нозук ва гоҳе пуршӯру шавқ мушоҳида мешаванд. Дар ҳолати самоъ бошад, сӯфӣ аз хеш бехабар монда, худро ҳамчун асбоби мусиқӣ тасаввур менамояд ва бо чархзании бардавом, яъне мутаҳаррикӣ (дар ҳаракат будан, чархзанӣ) ба сокин (наҷунбанда), яъне ба маъбуди хеш наздик мешавад. Сӯфӣ чун

асбоби мусиқӣ, вақте ки худро ба мутриб мерасонад, дар пардаҳои вуҷуди ӯ оҳангҳои мухталиф ба амал меояд. Чун дар асли кор бингарӣ, асбоб сокин аст ва дасти навозанда мутаҳаррик.

Оид ба мӯбоҳ будани мусиқӣ ҳикоятеро аз китоби «Ахлоқи Ғаззолӣ» ё «Калиди маърифат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ баён намоем, ки ҷолиби диққат аст.

**Ҳикоят**

Оиша (р) ривоят мекунад, ки: «Ду канизаки ман даф мезаданд ва суруд мегуфтанд», Расул (с) дар хона омаду бихуфт ва рӯй аз дигар ҷониб кард. Абӯбакр даромаду эшонро манъ карду гуфт: «Хонаи Расул (с) ва мизмори шайтон?»

Расул (с) гуфт: «Ё Абӯбакр, даст аз эшон бидор, ки рӯзи ид аст». Пас даф задану суруд гуфтан аз ин хабар маълум шуд, ки мубоҳ аст.

Ҳолатҳое пеш меоянд, ки мусиқиро иддае аз одамон, дар баробари шароб ва қимор дониста, сару кор бо онро амали зишт меҳисобанд. Бояд қайд намуд, ки оқилон аз ин андешаҳои иддаи кӯчак, нисбат ба олами мусиқӣ дур мебошанд, зеро чун таърих гувоҳ аст аксарияти бузургону шоирон, пайғамбарону олимон ва ошиқону орифон нисбат ба олами мусиқӣ меҳри бузург ва эҳтиёҷи комил доштанд.

*Саъдиё, то кай сухан дар илми мусиқӣ равад,*
*Гӯш кун бояд, ки маълумаш кунӣ асрори дил.*
*(Саъдии Шерозӣ)*
*Муғаннӣ биё з-аввали субҳгоҳ,*
*Бизан нағмаи руд дар ёди шоҳ. (Низомӣ)*

*Вақти саҳар аст, хез эй мояи ноз,*
*Нармак-нармак бода хӯру чанг навоз. (Хайём)*

Табиат низ дар навбати худ асбоби мусиқиест, ки ба воситаи пардаҳои мухталифаш навоеро мастона бунёд месозад.

Чун нек нигарӣ, овози оби равону садои форами шаршараҳои кӯҳӣ, гардиши боди сабо, ҷунбиши дарахтону хониши мурғони хушхон, рақсидани кафтарон,овози боридани борону тобиши офтоб, ҷумла пардаҳои гуногуни асбоби мусиқии табиатанд.

Фаррухӣ ин манзараро дар шеъраш чунин овардааст:

*Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад марғзор,*
*Парниёни ҳафтранг андар сар орад кӯҳсор.*
*Хокро чун нофи оҳу мушк зояд беқиёс,*
*Бедро чун парри тӯтӣ барг рӯяд бешумор.*
*Дӯш вақти нимашаб бӯи баҳор овард бод,*
*Ҳаббазо боди баҳору хуррамо бӯи баҳор.*
*Бод гӯӣ мушки суда дорад андар остин,*
*Боғ гӯӣ лӯъбатони сода дорад дар канор.*
*Боғ бӯқалмунлибосу роғ бӯқалмуннамой,*
*Об марворидрангу абр марворидбор.*
*Рост пиндорӣ, ки хилъатҳои рангин ёфтанд,*
*Боғҳои пурнигор аз доғгоҳи шаҳриёр.*

Мавлоно Балхӣ навои тарабангезро дар манзараҳои табиати баҳор чунин ба қалам додааст:

*Барҷаҳ, ки баҳор зад салое.*
*Дар боғ хиром чун сабое.*
*Аз шохи дарахт гир рақсе,*
*В-аз лолаву кӯҳ шунав садое.*
*Райҳон гӯяд ба сабза розе,*
*Булбул талабад зи гул навое.*
*Аз бод занад гиёҳ мавҷе,*
*Дар баҳр ҳавои ошное.*
*В-аз абр, ки комил аст аз баҳр,*
*Чун чашми арӯс, бин букое.*[1]
*В-аз гиряи абру хандаи барқ,*
*Дар сунбулу сарв иртиқое.*
*Фах шиста ба пеши гӯши қумрӣ,*
*К-омӯзадаш ӯ баҳонаҳое.*
*Наргис гӯяд ба савсан: – «Охир,*
*Баргӯй ту ҳаҷв ё санное.*
*Ай савсани садзабон, фурӯ хон,*
*Бар мурғ ҳикояти ҳумое».*
*Савсан гӯяд: – «Хамуш, ки мастам,*
*Аз ҷоми майи гаронбаҳое.*
*Сармастаму бехудам, мабодо,*
*Бичҳад зи даҳони ман хатое.*

[1] Буко – гиря.

*Рӯ кун ба шаҳе, к-аз ӯ бипӯшид,*
*Ишкуфа бирешимин қабое».*
*Мегӯяд бед сарфишонон:*
*– «Растем зи дасти аждаҳое!»*
*Ай сарв, барои шукри инро,*
*Ту низ чунин бикӯб пое.*

Тифли навзодро низ дар гавҳора овози модар ба лаҳни ширини мусиқӣ аллагӯён, водор месозад, ки ба хоб равад.

Хулоса, мусиқӣ нерӯест бузург барои зинда гардонидани рӯҳи инсонӣ. Чун инсон маъбуди худро шиносад, бо хотири ҷамъ ва рӯҳи болида ба зиндагӣ нигариста аз зебоиҳои он баҳра барад.

*Навозам пардаи ушшоқи муштоқ,*
*Туро соҳибнаво гардонам имрӯз.*
*Зи анвори таҷалло ошиқонро*
*Чу Мӯсо инҷило гардонам имрӯз.*
*Барорам аз навое сар бар афлок,*
*Сарат соҳибнаво гардонам имрӯз…*
*Чу Мӯсо ошиқонро масту мадҳуш*
*Зи ҷоме лантаро гардонам имрӯз. (Аҳмади Ҷомӣ)*

*Қисса, к-он аз завқи ҷон ояд падид,*
*Ҷуз ба завқи ҷон дар он натвон расид. (Қосим Анвор)*

*Биё, мутрибо пардаи муътадил,*
*Ки ороми ҷон бахшаду унси дил. (Ҷомӣ)*

## НАЗАРИ БУЗУРГОН БА ОЛАМИ МУСИҚӢ

### ҚОЗӢ ҲАСАН:

Қозӣ, Ҳасан ибни Хоҷатоҳир ибни Муҳаммад мусаннифи рисолаи «Мифтоҳ-ус-сурур» аз чеҳраҳои номвари аҳли тасаввуф аст, ки ӯ бо андешаҳои ҷолибаш дар таърихи тамаддуни мусиқии замони Бобуриёни Ҳинд мавқеи арзишманде дошт.

Қозӣ Ҳасан воқеан мусиқиро яке аз васоили муҳими рушди камолоту маънавиёти инсон мешуморад ва дар иртибот ба ин паҳлӯҳои созу овоз навишта: «Агарчӣ шунидани садову суруд ва

навои созу тамошои ғазалхонони зӯҳраноз назди уқалои шариъат ҷоиз нест, вале дилро ба тарафи он кашиш аст.

*Дар ин риштаҳо шӯхии тоби туст,*
*Тапишхезии мавҷи мизроби туст.*
*Ҳама созҳо маҳви кори диланд,*
*Ҳама пардаҳо пардадори диланд. (Бедил)*

Вақте, ки Худованд амр ба ҳулул (даровардан)-и рӯҳ дар ҷисми одам кард, рӯҳ омода набуд (яъне шавқу ҳавас ва илҳоми ба бадани инсон ворид гаштанро надошт.) Худованд ҳукм кард фариштагонро, ки бо лаҳн бихонанд ва рӯҳ аз таъсири он алҳони малакутӣ ба завқу ҳаяҷон омада дохили қолиб шуд ва ин матлаб ёдовари қавли маъруфест, ки Амир Хусрав низ ба назмаш кашида фармудааст:

*Он рӯз, ки рӯҳи поки одам ба бадан,*
*Гуфтанд бидаро, намешуд аз тарс ба тан.*
*Хонданд малоикон ба лаҳни Довудӣ,*
*Дар тан–дар тан, даро-даро, дар тан–тан».*[1]

*Он дам, ки на Одам, на Ҳаво буд, на роз,*
*Асрори ҳақиқат ба шараф гашта маҷоз.*
*Худ гуфт: – Даро дар тан, худ дода нидо,*
*Ин сирри ниҳонӣ ҳам аз ӯ ёфта фароз.*
*(Дарвешалии Чангӣ)*

*Он нағма, ки рӯҳ қолиби инсон буд,*
*Ҳамроҳ ба ӯ савти хуше пинҳон буд.*
*Гӯянд, ки савт буд бо ҷон ҳамроҳ,*
*Ҳамроҳ ба ӯ магӯ, ки ӯ худ ҷон буд. (Мавлоно Кавкабӣ)*

Мавлоно Румӣ бисёр зебо гуфтаанд:

*Ғайри Худо дар ду ҷаҳон ҳеҷ нест,*
*Ҳеҷ магӯ ғайр, ки он ҳеҷ нест.*
*Ин камари ҳастии мавҳумро,*
*Чун бигушоӣ ба миён ҳеҷ нест.*
*Ӯст гулу сабзаву боғу баҳор,*
*Ғайр дар ин боғи ҷаҳон ҳеҷ нест.*

[1] Аскаралӣ Раҷабов. Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI-XVII..Душанбе, соли 2007, саҳ. 191



Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ чунин гуфтааст:

*Оҳ аз ин мутриб, ки аз як нағмааш,*
*Омада дар рақс[1] зарроти вуҷуд.*

*Ду ҷаҳон соя асту нур туӣ,*
*Сояро мояи зуҳур туӣ.*
*Ину он сурат асту маънӣ ту,*
*Нест мавҷуд сурате бе ту.*

* * *

*Мо шоҳиди худем, зи лоҳут омада,*
*Бингар яқин ба ҷумла, ки мавсуф андарем.*
*Моем, зоти мост бар ин сурати башар,[2]*
*Мо нури зоти хешу бар ин васлу пайкарем.*

---

[1] Ҷунбиш, ҳаракат, ҳаёт.
[2] Сураи Сод, ояти 71-72.

*Моем, к-аз латофати он тоза гулшан аст,*
*Гоҳе чу мушки нобу гаҳе ҳамчу анбарем.*
*Аҳмад, туӣ Худой, мабин ғайр дар миён,*
*Мо зоти Зулҷалоли Худованди Акбарем. (Аҳмади Ҷомӣ)*

*Зоти Худост, ҳарчи ба зоҳир назар кунӣ,*
*Маънӣ чу зот гашт, саросар худонамост.*
*Зоти башар, ки пардаи асрори эзидист,*
*Некӯ ҳаме нигар, ки дар ин парда тоҷҳост.*
*Он шоҳбоз, ки ниҳон аст дар башар,*
*Гар рост бингарӣ ту дар ин парда, ӯ Худост.*
*(Аҳмади Ҷомӣ)*

*Аз зоти Ӯст, ин ҳама асмо аён шуда,*
*Аз зоти Ӯст, ин ҳама анвор омада.*
*Ин нақшҳо ки ҳаст, саросар намоиш аст,*
*Андар назар чу сурати бисёр омада.*
*Ин касратест, лек зи ваҳдат аён шуда,*
*В-ин ваҳдатест, лек ба атвор омада. (Мағрибӣ)*

Инсон рангинкамонест дар ҳафт ранг (ҳафт лапиш, ҳафт тор). Дар ин аст зебогӣ ва ҳикматҳои ӯ. Инсон одӣ нест, ӯ беохир пурасрор аст ва аз ин ҳикматҳо тавлид мешавад, аз он лапише ки мо онро Худо меномем (яъне мусиқии Худовандӣ). Ва ҳоло ту издиҳом ҳастӣ, ҳоло ту шахсият нестӣ, ту ҳафтранг нестӣ, ҳамаи рангҳои ту гуногунсамтанд ва аз якдигар дур мешаванд ва онҳо марказ надоранд. Ҳоло ту мусиқӣ нестӣ, балки ғалоғулаӣ, лекин бидон ки дар ғалоғула ҳам ҳамаи пардаҳо иштирок доранд. Хуш бошад, ки ту онҳоро нозук ва зебо пайваст намуда мусиқии дилнишинеро эҳё намоӣ. Ин ҳам бошад жарф назар кардан аст ба ботини хеш. Ин аст ақидаи аҳли ирфон, риндон.

*Ва ҳафт нур битобад, чунон-к ҳар якро*[1]*,*
*Аз ӯ пазирад ба андозаи латофат нур.*
*(Носири Хусрав)*

[1] Китоби Куллиёти Носири Хусрави тоҷикӣ, ҷилди 1 кум «Андар ҳафтнур». саҳ 86.



*Қомати ишқ сало зад, ки: Самоъ абадӣ аст!*
*Ҷуз пайи қомати ӯ рақсу ҳаёҳуй макун! («Девон»-и Шамс)*

*Надиму мутрибу соқӣ ҳама ӯст,*
*Хаёли обу гил дар раҳ баҳона.*
*Вуҷуди мо муаммоест, Ҳофиз,*
*Ки таҳқиқаш фусун асту фасона. (Ҳофиз)*

*Мо лӯъбатаконему фалак лӯъбатбоз,*
*Аз рӯи ҳақиқат на, ки аз рӯи маъҷоз. (Хаём)*

Гуфтан ҷоиз аст, ки маҳз аз замони ба вуҷуд омадани инсоният, мусиқӣ бо ӯ ба мисли ҳамҷинс, ё ин ки ҳамзод ба вуҷуд омадааст.

*Мутриби рӯҳи ман туӣ,киштии Нӯҳи ман туӣ,*
*Фатҳу футуҳи ман туӣ,ёри қадиму аввалин.*
*(«Девон»-и Шамс)*
*Гили ту аз гили шеъру суруд аст,*
*Дили ту худ дили шеъру суруд аст.*
*Зи шеъри мо дили моро шиносанд,*
*Зи феъли мо гили моро шиносанд. (Лоиқ Шералӣ)*

Ин аст таъсири мафтункунандагию мӯъҷизаҳои ҷаззоби мусиқӣ. Чун рӯҳ аз таъсири алҳони малакутӣ дохили қолиб шуд? Ин рӯҳ ҳамон рӯҳи дамидаи илоҳӣ буд, ки Худои Таъоло ба фariштagon гуфта буд, ки ман Одамро меофарам ки халифа

(ҷонишин)-и ман дар рӯи замин хоҳад буд. «Инни ҷоилун фил-арзи халифатан» «Сураи Бақара, ояти 30».

Сипас Худованд тамоми илмҳоро ба одам омӯзонид ва ободонии дунё, ҷаҳонро низ ба ӯҳдаи инсон гузоштааст. «Сураи Аҳзоб, ояти 72».

*Навои ишқро соз аст одам,*
*Кушояд розу худ роз аст одам.*
*Ҷаҳон ӯ офарид, ин хубтар сохт,*
*Магар бо эзид анбоз аст одам? (Иқбол)*

Дар инсон аз офариниш дониши илоҳӣ , илми раббонӣ талқин шуда ва ин илм ғайр аз инсон ба офаридаи дигар арзонӣ нашудааст. Шуъарои мутасаввиф мазмуни оятҳои Қуръонро ба тавзеҳ ва завқу фаҳми худ қабул карда, онро ба либоси шеър медароварданд.

*Одами хокӣ зи ҳақ омӯхт илм,*
*То ба ҳафтум осмон афрӯхт илм.*
*Ному номуси малакро даршикаст,*
*Кӯрии он кас ки дар ҳақ дар шакаст. (Маснавӣ)*

Аз ин ҷост ,ки инсон халифа ва амонатбардори Худост. Мазмуни ояти 72-и шарифаро Ҳофизи малакути дар як ғазали пуршӯраш дар байтҳои ҳаяҷонангез ба ин тарз ба риштаи назм кашидааст:

*Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд,*
*Гили одам бисириштанду ба паймона заданд.*
*Сокинони ҳарами сатру ифофи малукут,*
*Бо мани роҳнишин бодаи мастона заданд*
*Осмон бори амонат натавонист кашид,*
*Қуръаи фол ба номи мани девона заданд.*
*Шукри эзид, ки миёни ману ӯ сулҳ афтод,*
*Қудсиён рақскунон соғари шукрона заданд.*

Бобо Кӯҳӣ қиссаи офариниши Одамро, ки ба мазмуни «Ва нафахту фиҳи миррӯҳӣ» (Чун офаринишро ба поён бурдам ва аз Рӯҳи худ дар он дамидам). (Сураи Ҳиҷр – ояти 29) омадааст, дар як ғазалаш бо ин байтҳо баён намудааст:

*Ҳақ дамид андар дами одам нафас,*
*З-ин ҷиҳат одам ба Ҳақ шуд ҳамнафас.*
*Аз малоик сирри одамро нуҳуфт,*
*Кай занад Ҳақ пеши номаҳрам нафас.*

Дар рубоии дигар:

*Ҳақро ба яқин бидон, ки андар дили мост,*
*Дар ҳарду ҷаҳон висоли ӯ восили мост.*
*Аз рӯзи азал то ба абад мо дуем,*
*Мо восили ӯ шудему ӯ восили мост.*

*Дар сурати башар ҳама олам рабудаӣ,*[1]
*Валлаҳ, башар куҷост, ҳамоно ту будаӣ!*
*Он дида дар куҷост, ки дарёбад ин рамуз,*
*Худро ба шаклу сурати инсон намудаӣ*[2]*. (Аҳмади Ҷомӣ)*

*Мо бидонистем, мо ин тан наем,*
*Аз варои тан ба Яздон мезанем.*
*Ай хунук онро, ки зоти худ шинохт,*
*Андар амни сармадӣ қасре бисохт... (Маснавӣ)*

Рӯмӣ он нафаронеро, ки илмҳои гуногунро фаро гирифта, вале аз илми шинохти худ баҳрае надоранд, бо таассуф сухан мекунад: Ҳадиси пайғамбар аст «Ман арафа нафсаҳу, фақат арафа раббаҳу» (Ҳар ки худро шинохт Худои худро мешиносад).

Ва дар Қуръон омадааст: «Ҳароина, Мо одамиро офаридем ва аз васвасаҳои нафси ӯ огоҳ ҳастем, зеро аз раги гарданаш ба ӯ наздиктарем». Сураи Қоф, ояти 16.

*Сад ҳазорон фазл донад аз улум,*
*Ҷони худро менадонад он залум.*
*Донад ӯ хосияти ҳар ҷавҳаре,*
*Дар баёни ҷавҳари худ чун харе...*
*Ин раво в-он нораво донӣ, валек,*
*Ту раво ё норавоӣ? Бин ту нек.*
*Қимати ҳар кола медонӣ, ки чист,*
*Қимати худро надонӣ, аҳмақист. (Маснавӣ)*

---

[1] Қуръон мегӯяд: «Худо нури осмонҳо ва заминҳо аст». «Сураи Нур», ояти 35 (Аз назари орифон ва файласуфони илоҳӣ Худованд ба зоти худ «Нур» «Нури холис ё муҷаррад» аст) ва дар «Сураи Фусилат», ояти 53 мегӯяд. «Мо оёти худро дар дунё зоҳирӣ ва ҳам дар нафсҳо ба эшон нишон хоҳем дод».

[2] Он гоҳ болои ӯ рост кард ва аз Рӯҳи худ дар он бидамид. Ва бароятон гӯшу чашмҳо ва дилҳо офарид. (Сураи Саҷда, ояти 9) ва дар ояти 8 бошад: «Сипас насли ӯро аз усора (шираи обе бемиқдор) падид овард.

*Аз мақоми худ надорӣ огаҳӣ,*
*Бар зиёни хеш нозӣ, аблаҳӣ. (Иқбол)*

*Манам дар кӯлли мавҷудот пайдо,*
*Манам дар кисвати одам ҳувайдо.*
*Ба зоҳир зоти ман дар ҷумла ашёст,*
*Манам, ҷуз ман набошад ҳеҷ симо. (Аҳмадӣ Ҷомӣ)*

*Мо зоти зулҷалоли Худованди акбарем,*
*Қуддусизот, аз ҳама алвос бартарем.*
*Не обу боду оташу не хоку не ҳаво,*
*Не ҷисму не мураккабу не ғарзу ҷавҳарем.*
*Мо Ҳаққи мутлақем, мабин андар ин сафо,*
*Мо зоти Эзидем, вале зери чодарем. (Аҳмади Ҷомӣ)*



*Зиҳӣ*[1]*, ҷамоли ту чун офтоб мазҳари нур,*
*Зи нури рӯи ту сад офтоб карда зуҳур! (Восифӣ)*

*Шоистаи ҳар дида набошад рухи дилбар,*
*К-аз нур куҷо баҳра бувад бебасаронро. (Аҳмади Ҷомӣ)*

*Ҳеҷ кас ба ҳақитат ягонагии Худоро тасдиқ намекунад, магар он ки Худо худ худро бар ӯ ягона бишносонад! Аҳаде ба Худо мӯъмин намешавад, агар Худо дар ин боб бар ӯ лутф нафармояд. Ҳеҷ кас ӯро васф намекунад, агар Худо дар сирри ӯ (дар замиру ботини ӯ) таҷаллӣ накунад... (Мансури Ҳаллоҷ)*

Мавлоно Румӣ даромадани рӯҳро бо мусиқӣ бо рамз ин тавр ба қалам додааст:

*Мутрибо, нармак бизан, то рӯҳ боз ояд ба тан,*
*Чун занӣ, бар номи Шамсуддини Табрезӣ бизан.*
*Номи Шамсуддин ба гӯшат беҳтар аст аз ҷисму ҷон,*
*Номи Шамсуддин чу шамъу ҷони банда чун лаган.*
*Мутрибо, баҳри Худо, ту ғайри Шамсуддин магӯ,*
*Бар тани чун ҷони ӯ бинвоз тан, тан, тан, танан.*
*То шавад ин нақши ту рақсон ба сӯи осмон,*
*То шавад ин ҷони покат пардасӯзу гомзан.*
*Шамси дину Шамси дину Шамси дин мегӯю бас,*
*То бибинӣ мурдагон рақсон шуда андар кафан.*
*(Девони Кабир)*

*Гуфтамаш пӯшида беҳтар сирри ёр,*
*Худ ту дар зимни ҳикоят гӯш дор.*
*Хуштар он бошад,ки сирри дилбарон,*
*Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон. (Маснавӣ)*

*Ҳарчи мегӯям ба қадри фаҳми туст,*
*Мурдам андар фаҳмиши дарки дуруст.*
*Беш аз ин бо халқ гуфтан рӯй нест,*
*Баҳрро ғунҷоиш андар ҷӯй нест.*
*Баъд аз ин гар шарҳ гӯям, аблаҳист,*
*З-он ки фаҳми ин варои огаҳист.*
*Гӯши хар бифрӯшу дигар гӯш хар,*
*К-ин суханро дарнаёбад гӯши хар. (Маснавӣ)*

[1] Офарин!

*Сурати зоҳир чӣ ҷӯӣ, эй ҷавон,*
*Рав, маониро талаб, эй паҳлавон.*
*Даргузар аз ному бингар дар сифот,*
*То сифотат раҳ намояд сӯйи зот.*
*Гум шавӣ дар зот, осоӣ зи худ,*
*Чашми ту якранг бинад неку бад. (Румӣ)*

*Заррае гар дарди ирфон бошадат,*
*Ин суханҳо хуштар аз ҷон бошадат.*
*Оламеро гар бигардӣ сар ба сар,*
*З-ин ҳадис аз кам касе ёбӣ хабар.*
*Он замон, к-ин қисса мекардам зуҳур,*
*Мавҷ мезад дар дилам дарёи нур.*
*Гавҳари Уммони дард аст ин сухан,*
*Раҳбари мардони мард аст ин сухан.*
*(Қосими Анвор)*
*Ин қадар гуфтем, боқӣ фикр кун,*
*Фикр агар ҷомид бувад, рав зикр кун. (Маснавӣ)*

*Дар паси оина тӯтисифатам доштаанд,*
*Он чи устоди азал гуфт: «Бигӯ»! Мегӯям. (Ҳофиз)*

## ДОВУД (А)
*(Асри Х-и то мелод)*

Довуд (а) ҳам шоҳ, ҳам пайғамбар буданд, агарчи аввали ҳаёташон бо даҳмардагӣ оғоз гардидааст. Ҳазрати Довуд найнавози моҳир буда, дар назари аҳли тасаввуф мақоми хос доранд.

Дар қиссаву ривоятҳои халқӣ Довуд (а) чун пири оҳангарону ҳунармандон тасвиру тавсиф шудааст. Худованди Карим дар китоби Қуръон, сураи «Сабаъ», ояти 10, мефармояд «Довудро аз сӯи худ фазилате додем, ки эй кӯҳҳо ва эй паррандагон, бо ӯ ҳамовоз шавед:

*Кӯҳ бо Довуд гашта ҳамраҳе,*
*Ҳарду мутриб, маст дар ишқи шаҳе.*
*«Ё ҷиболу аввиби» амр омада,*
*Ҳарду ҳамовозу ҳам парда шуда. (Маснавӣ)*

Ва оҳанро барояш нарм (мум) кардем». Муъҷизаи Довуд (а) овозашон буд.

Шайх Саъдӣ гуфтааст:

*Чу Луқмон дид, к-андар дасти Довуд,*
*Ҳаме оҳан ба мӯъҷиз мум гардид.*
*Напурсидаш чӣ месозӣ, ки донист,*
*Ки бе пурсиданаш маълум гардид.*

Худо ба Довуд (а) ҳамин хел созу овози дилнавозеро додааст, ки ҳар мавҷуде мешунид бар ҷой мехкӯб мешуд. Шеру оҳу ба садои ӯ бо ҳам гирди ӯ мегардиданд ва гӯйё ҳамдигарро намебинанд. Ва тамоми набототу ҳайвонот, парандагону хазандагон ва башар (инсонҳо) аз созу овози наффису ҷаззоби ӯ бехуд, моту маҳбут мешуданд ва ҳатто ҷон ба ҳақ таслим мекарданд:

*Шунидам, ки басе халқ ҷон бидоду бимурд,*
*Зи завқу лаззати овозу нағмаи Довуд.*
*Шаҳо, навои ту баракси бонги Довуд аст,*
*К-аз он бимурду аз ин зинда мешавад мавҷуд.*
*Зи ҳалқ нест навоят, вале-к ҳалқарабост,*
*Ҳазор ҳалқараборо чу ҳалқа ӯ бирабуд. (Девони Кабир)*

*Шифои дарди дилҳо гашт ирфон,*
*Зи ирфон равшан омад ҷовидон ҷон…*
*Насиҳат бишнав,ар талх ояд аз ёр,*
*Ки дар охир ба ширинӣ расад кор. (Носири Хусрав)*

## ДОСТОНИ МАСҶИДИ АҚСО ВА ДОВУДУ СУЛАЙМОН

Довуд (а) паёмбар хост, ки масҷиди Ақсоро бо санг бисозад. Ҳангоме, ки корро оғоз кард, аз сӯи Худованди мутаъол ба ӯ фармон дода шуд, ки аз сохтани масҷид даст боздорад. Довуд (а) гуфт: – Ай Худованд, ман ҳар корро ба фармони ту мекунам, вале намедонам:

*Гуфт: Ҷурмам чист, эй донои роз,*
*Ки маро гӯи, ки масҷидро масоз?*
*Гуфт: «Бе ҷурме ту хунҳо кардаӣ,*
*Хуни мазлумон ба гардан бурдаӣ!*

Довуд (а) аз Худованди тавоно пурсид: – Гуноҳи ман чист, ки набояд масҷид бисозам? Худованди доно гуфт: – Хуни бисёр касон ба гардани ту аст!

*Ки зи овози ту халқе бешумор,*
*Ҷон бидоданду шуданд онро шикор.*
*Хун басе рафтаст аз овози ту,*
*Бар садои хуби ҷонпардози ту.*

Мардумони бешуморе аз овози ту мадҳуш шуда аз по афтодаанд.

Гуфт: – Ту ба ман овози хуш додӣ. Худованди ҳамадон фармуд: – ту нигарон набош! Масҷидро писари ту Сулаймон хоҳад сохт. Чун миёни мӯъминон ҷудоӣ нест ва ҳама дар асл яке ҳастанд. Кардаи Сулаймон ҳам кардаи туст:

*Гарчи бар н-ояд ба ҷаҳду зӯри ту,*
*Лек масҷидро барорад пури ту.*
*Кардаи ӯ кардаи туст, эй ҳаким!*
*Мӯъминонро иттисоле дон қадим.*
*Мӯъминон маъдуд, лек имон яке,*
*Ҷисмашон маъдуд, лекин ҷон яке.*

Дар инсон, ғайри ҷону фаҳме, ки ба ҳайвон дода шудааст, ақлу ҷони дигаре офарида шуда, ки сababи ягонагии онҳо мешавад. Аз рӯҳи ҳайвонӣ интизори иттиҳод наметавон дошт:

*Ҷони гургону сагон ҳар як ҷудост,*
*Муттаҳид ҷонҳои шерони Худост.*

Ҳангоме, ки Сулаймон (а) ҷонишини падараш Довуд (а) шуд, ҳам паёмбар буд ва ҳам подшоҳ. Ӯ ба сохтани масҷиди Ақсо шурӯъ кард ва чун иродаи худованди азиз ба сохтани масҷид қарор гирифта буд, аз сангҳое, ки барои бино аз кӯҳ мешикастанд, садо меомад, ки «Зудтар маро бубаред». Дар хабар аст, ки дару девори Биҳишт ва дарахту гиёҳи он шабеҳи дару девору дарахту гиёҳи ин ҷаҳон нест. Онҳо бо одамиёну биҳиштиён гуфтугӯ мекунанд, барои ин, ки Биҳиштро аз олату афзор ба вуҷуд наёвардаанд, балки аз афъолу нияти одамиён сохтаанд.

*З-он, ки Ҷаннатро на з-олот бастаанд,*
*Балки аз аъмолу ният бастаанд.*
*Ин бино з-обу гили мурда будаст,*
*В-он бино аз тоъати зинда будаст.*

Ҳар субҳ Сулаймон (а) ба масҷид мерафт ва мардумро гоҳ бо гуфтугӯ ва гоҳ бо созу овоз, гоҳ бо кирдору намоз панд медоду

роҳнамой мекард. Чи бисёр мардум, ки барои шунидани панд гирд оянд, вале агар гӯянда ба гуфтани худ рафторро бияфзояд, онҳо ба панди ӯ дил хоҳанд баст.

*Аз китобҳои «Ҳикоёти «Маснавии Маънавӣ»*
*ва «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик».*

## МАВЛОНО НИЗОМИДДИНИ КАВКАБӢ
### Сарчашмаи пайдоиши «Дувоздаҳмақом»

Мавлоно Низомиддини Кавкабӣ дар мусиқӣ дар камоли зӯр ва дар таълифу тасниф машҳур аст. Тадвини ин илмро ба Файсоғурсии Ҳаким нисбат медиҳанд.Файсоғурсӣ Пифагор-яке аз ҳакимону ихтирокори сози мусиқии Юнони қадим (570-500 пеш аз милод) будааст.

Дар пайдоиши «Дувоздаҳмақом» – қиссаву ривоятҳои гуногу-нанд. Дар маъхази «Дувоздаҳмақом» ихтилоф аст. Баъзе бар онанд, ки чун қавми ҳазрати Мӯсо (а) аз ташнагӣ ба пайғамбарашон талаби об карданд, ӯ ба амри холиқи хеш асо бар санг зад ва дарзамон дувоздаҳчашма пайдо шуд ва аз ҳар чашма об бо тарона мерехт. Нидое шунид, ки: – эй Мӯсо оҳангҳоро нигоҳ дор.[1]

*Бишнид зи Ҳақ каломи қудсӣ,*
*Овард ба мо паёми қудсӣ. (Файзӣ)*

*Эй ҷаҳонро зи ҳеҷ созанда,*
*Ҳам навобахшу ҳам навозанда. (Низомӣ)*

*Ҳакими нахустин чу шуд пардасоз,*
*Бад-ин сон бурун дод аз парда роз... (Ҷомӣ)*

*Чӯбе битарошиду бар ӯ баст ду-се тор, Қонунгари олам,*
*Сад нолаи зор аз дили ҳар тор баромад, фарёдкунон шуд.*
*(Шамси Табрезӣ)*

Дар Қуръони маҷид, сураи «Бақара» ояти 60 омадааст: «Ва ба ёд оред он гоҳро, ки Мӯсо (а) барои қавми худ об хост, гуфтем: асоятро бар он санг бизан. Пас Дувоздаҳчашма аз он бикшод»

[1] Аз китоби «Дурдонаҳои наср», ҷилди 3, (асрҳои ХУ-ХУ111). Саҳ. 390.

*Зи ҳар сӯ чашмае чун оби ҳайвон,*
*Чароғи лола ҳар ҷониб фурӯзон.(Номаълум)*

*Гар зи сирри маърифат огаҳ шавӣ,*
*Лафз бигзорӣ, суи маънӣ равӣ. (Номаълум)*

*Ғайри ин ақли ту Ҳақро ақлҳост,*
*Ки бад-он тадбири асбоби самост. (Румӣ)*

*Ганҷи махфӣ кунун намоён шуд,*
*Мақсади коинот урён шуд. (Бедил)*

*Кошифи сиррему кори мо ҳамин,*
*К-ин ниҳонҳоро барорем аз замин. (Румӣ)*

*То накунад дӯст назар, зоеъ аст*
*Сайъи ману ҷаҳди ману кӯши ман. (Низорӣ)*

Шояд пайдоиши «Дувоздаҳмақом» бо пайдоиши дувоздаҳ-чашмаи ҳазрати Мӯсо (а) тавъам бошад.

*Зи роҳи рост чу оҳанг мекунӣ ба «Ҳиҷоз»,*
*Зи «Исфаҳон» гузаре ҷониби «Ироқ» андоз.*
*Ба ноқа «зангӯла» дар пардаи «раҳовӣ» банд,*
*Зи «Бӯсалик» Ҳусайнисифат барор овоз.*
*Машав «Бузург»-у зи роҳи ниёз «Кӯчак» бош,*
*Дар он мақом ба «Ушшоқ»-и бенаво пардоз.*
*«Гузашт»-у «Моҳур»-и гардунӣ чу бархонӣ,*
*Навоз пардаи «Наврӯз»-у «Салмак»- у «Шаҳноз».*
*Ба гӯши ҷон шунав аз Кавкабӣ, ки кард адо,*
*Ба чор байт даҳу ду мақому шаш овоз.*
*(Низомиддини Кавкабӣ)*

## ШАШМАҚОМ

Кавкабии Бухорой дар рисолаи худ махсусиёти мақомҳоро ба назм оварда бисёр рангину дилошӯб ва бо як завқу шавқи баланд қаламдод кардааст:

*Илми мусиқӣ ар ҳамедонӣ,*
*Субҳдам бар «раҳовӣ» соз.*
*Бисоз пардаи «Ҳусайнӣ»-ро,*
*Кун ба вақти тулӯъи субҳ оғоз.*

*Чун сари найза гашт офтоб баланд,*
*Пардаи хуб «Рост»-ро бинвоз.*
*Ба гоҳи чошт «Бӯсалик» гузин,*
*Пас ба шодию лаҳв сар барфароз.*

Дар нимаи дуюми асри XV суруду тарона ва лаҳну оҳангҳое офарида шудаанд, ки аз доираи «Дувоздаҳмақом» берунанд. Дар ин миён мебоист доираи дигаре мураттаб гардад, ки суруду таронаҳои берун аз «Дувоздаҳмақом»-ро фаро гирад. Яке аз хизматҳои муҳими он санъаткорон ин буд, ки мусиқии классикии «Дувоздаҳмақом»-ро ба «Шашмақом» гардонданд. Ин корро аз мусиқишиносони он замон-Кавкабии Гавҳарии Бухороӣ,ки яке аз шогирдони Ҷомӣ буд, ба ҷо овард. Оҳиста-оҳиста ба таркиби «Шашмақом» шаклҳои оҳангие даромаданд, ки онро ғанӣ ва рангин гардониданд. Муҳаммади Нишопурӣ ва Абдул Мӯъмини Сафиуддин дар асарҳояшон аз «Дувоздаҳмақом» ва «Ёздаҳмақом», «Даҳмақом» ва то ба «Шашмақом» ёдрас шудаанд. Соли 1884 мусиқишиноси машҳур Мӯсохоҷаи Туркистонӣ бо номи «Рисолаи Шашмақом» асаре таълиф намуд, ки дар он таркиб ва сохти «Шашмақом» ҳамаҷониба таҳқиқ шудааст.



*Артисти халқии СССР*
*Ҷӯрабек Мурод*



*Шоири халқии Тоҷикистон*
*Лоиқ Шералӣ*

*Наво к-андар ҷаҳон афтад аз он шӯр,*
*Бувад «Наврӯзи хоро», «Фаръи моҳур». (Мавлоно Кавкабӣ)*

*Ёрон! Сари азиз фидои саре кунед.*
*Дар ҳар даре тараннуми шеъри дарӣ кунед.*
*Шеъру суруд шӯълаи дарди муҳаббат аст,*
*Ҳар дам ғанимат аст,*
*Одам ғанимат аст... (Лоиқ)*

Манучеҳрӣ шоир, мусиқишинос, ки дар асри XI зиндагӣ ва эҷод намудааст, майлу ҳаваси ниҳоят зиёд ба ин санъати нафис доштааст. Майлу рағбати ӯро аз ин порчаҳои шеърии ӯ пай бурдан мумкин аст:

*Соқиёни ту фиканда бода андар ботия,*
*Ходимони ту фиканда анбар андар мадхана.*
*Мутрибон соат ба соат бар навои зеру бам,*
*Гоҳ сарвистон зананд имрӯзу гоҳе ишкана.*
*Гоҳ зери қайсарону гоҳ тахти Ардашер,*
*Гоҳ наврӯзи бузургу гаҳ навои баскана.*
*Гаҳ навои ҳафтганҷу гаҳ навои ганҷков,*
*Гаҳ навои дайфрахшу гаҳ навои арҷана.*
*Навбате полизбону навбате сарви сиҳӣ,*
*Навбате равшанчароғу навбате ковизна.*
*Соате сийворӣ тиру соате кабки дарӣ,*
*Соате сарви ситоҳу соате боруна. (Манучеҳрӣ)*

*Бинӣ он турке, ки ӯ чун барзанад бар чанг чанг,*
*Аз дили абдол бигрезад ба сад фарсанг санг.*
*Чанги ӯ дар чанги ӯ ҳамчун хамида ошиқе,*
*Бо хурӯшу бо нафиру бо ғиреву бо ғаранг…*
*В-он сарангуштони ӯро бар бирешимҳои ӯ,*
*Ҷунбише бас булаҷаб в-омадшуде бас бедаранг.*
*Бин, ки дебобофи румӣ дар миёни коргоҳ,*
*Дебаҳе дорад ба кор андар ба ранги бодаранг. (Манучеҳрӣ)*

## АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ
*(Дувоздаҳмақом)*

Амир Хусрав дар соҳаи мусиқӣ маҳорати баланд дошта, дар иҳотаи ин фанни зариф ба камол расидааст. Ӯ ҳанӯз дар достони аввалини худ «Қирон-ус-саъдайн», ки онро дар синни 36-солагӣ таълиф кардааст, аз бисёр асбобҳо ва оҳангҳои мусиқӣ ном бурдааст. Масалан:

*Гоҳ ба Ҳусайнӣ тарафе рӯд зан,*
*Пардакушо гашта ба ваҷҳи Ҳасан.*
*Гаҳ баровардa наво бӯсалик,*
*Дил шуда чун дурри бирешим салик.*
*Гаҳ ғалатандози ҳунармандро,*
*Танг шуда арса Наҳовандро.*
*Гоҳ ба нағмоти тарандуда, гоҳ,*
*Ёфта дар арсаи Боҳарз роҳ.*
*Гоҳ ба бар чанг чу маъшуқ танг,*
*Дар зада дар пардаи Ушшоқ чанг.*
*Гаҳ чу дили сӯхтагони фироқ,*
*Ной фиғон карда ба роҳи Ироқ.*
*Гаҳ зи мухолиф, ки навозанда сохт,*
*Дӯст бигашт арчи мухолиф навохт.*
*Гоҳ фурӯғи дами ной ба ком,*
*Дода ба Фарғона фареғи тамом…*
*Захмаи зангор, зи бам то ба зер,*
*Гашта зи беҷой гаҳӣ дар нафир…*

## ФАЛАКӢ



*Хок шав аз бори лагад чун гиё,*
*Бӯ, ки расӣ бар фалаки кибриё...*
*То нашавад хаста ба сад ҷо дилат,*
*Нури ҳақоиқ нашавад ҳосилат. (Амир Хусрави Деҳлавӣ)*

*Мо ба фалак будаем,ёри малак будаем,*
*Боз ҳамон ҷо равем ҷумла,ки он шаҳри мост.*
*Худ зи фалак бартарем в-аз малак афзунтарем,*
*З-ин ду чаро нагзарем!Манзили мо кибрёст. (Маснавӣ)*

*Ин манам чӯпонбачаи найнавоз ,*
*Бо навои най кунам розу ниёз.*
*Роҳи ман дуру дароз асту дароз,*
*Эй Худованди карими бениёз.*

*Садбарги сафед бубин чӣ ҳоло дорад,*
*Тақдири Худо бубин чӣ коро дорад.*

*Гуфтам биравам пеши Худо, нола кунам,*
*Аз нолаи ман Худо чӣ парво дорад?*

*Фарёд зи дасти фалаки бебунёд,*
*Ҳаргиз гираҳи бастаи корам накушод.*
*Гуфтам, ки равам гиреҳама бикшоям,*
*Сад доғи дигар бар сари ин доғ ниҳод. (Рубоиҳои халқӣ)*

*Онҳо, ки ба ҳикмат дурри маънӣ суфтанд,*
*Дар зоти Худованд суханҳо гуфтанд.*
*Сарриштаи асрор надонист касе,*
*Аввал занахе заданду охир хуфтанд.*

*Дар пардаи асрор касеро раҳ нест,*
*З-ин таъбия ҷони ҳеҷ кас огаҳ нест.*
*Ҷуз дар дили хоки тира манзилгаҳ нест,*
*Май хӯр, ки чунин фасонаҳо кӯтаҳ нест. (Умари Хайём)*

*Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд,*
*В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.*
*Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,*
*Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд. (Абӯнасри Форобӣ)*

*Чист ин сақфи баланди содаи бисёрнақш,*
*З-ин муаммо ҳеҷ доно дар ҷаҳон огоҳ нест.*

*Чу ҳар даре, ки кушудам, раҳе ба ҳайрат дошт,*
*Аз ин пас ману риндию вазъи бехабарӣ.*

*Аён нашуд, ки чаро омадам, куҷо рафтам,*
*Дарегу дард, ки ғофил зи кори хештанам. (Хоҷа Ҳофиз)*

*Мо гуле аз бӯстони ҷаннатем,*
*Қатраи дарёи мавҷи раҳматем.*
*Гоҳ ҳушёрему гаҳ махмуру маст,*
*Гоҳ огоҳему гаҳ дар ғайбатем.*
*Гарчи дарвешу агарчи муфлисем,*
*Ҷумла султонему соҳибдавлатем.*
*Чун дар аввал қадри худ нашнохтем,*
*Ин замон аз баҳри он беқудратем. (Носири Бухороӣ)*

Тӯли ҳазор сол рубоиёту дубайтиҳо дар ашъори шоирони аҳли тасаввуф бо рубоёти халқӣ умумияти қавӣ доранд.

Ҳаким Умари Хайём ва Боботоҳири Урён ин ғурбатҳоро бо як маҳорати баланд баён кардаанд:

*Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,*
*Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.*
*В-аз нав фалаки дигар чунон сохтаме,*
*К-озода ба коми дил расидӣ осон. (Умари Хайём)*

*Агар дастам расад бар чархи гардун,*
*Аз ӯ пурсам, ки ин чун асту он чун?*
*Якеро додаӣ сад гуна неъмат,*
*Якеро қурси ҷав олуда дар хун. (Боботоҳири Урён)*

Хайём дар рубоии дигар ба чархи фалак, бо алам мунозира карда, мегӯяд ки он ҳар чизи некро ба чизи бад мубаддал менамояд:

*Эй чарх, дилам ҳамеша ғамнок кунӣ,*
*Пероҳани фаррухии ман чок кунӣ.*
*Боде, ки ба ман вазад ту оташ кунияш,*
*Обе, ки хӯрам, дар даҳанам хок кунӣ. (Хайём)*

*То кай замона доғи ғамам бар ҷигар ниҳад?*
*Як доғ нек ношуда, доғи дигар ниҳад?*
*Ҳар доғ, к-оварад қадаре рӯ ба беҳтарӣ,*
*Он доғро гузораду доғе батар ниҳад. (Ҷомӣ)*

*Эй мусулмонон, фиғон аз ҷаври чархи чанбарӣ,*
*В-аз ҷафои тиру қасди моҳу сайри муштарӣ.*
*Гар бихандам в-он ба ҳар умрест, гӯяд: заҳрханд,*
*Гар бигирям в-он ба ҳар рӯзест, гӯяд: хунгарӣ.*
*Осмон дар киштии умрам кунад доим ду кор,*
*Гоҳи шодӣ бодбонӣ, гоҳи андӯҳ лангарӣ. (Зайниддин Восифӣ)*

*Созандаи кори мурдаву зинда туӣ,*
*Дорандаи ин чархи пароканда туӣ.*
*Ман гарчи бадам, хоҷаи ин банда туӣ,*
*Касро чӣ гунаҳ, чу офаринанда туӣ.*

*Ё раб! Ту гилам сириштаӣ, ман чӣ кунам?*
*Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?*
*Ҳар неку баде, ки ояд аз ман ба вуҷуд,*
*Ту бар сари ман навиштаӣ, ман чӣ кунам?! ( Хайём)*

## МУНОЗИРА БО ХУДО

*Ту дар иҷрои тоат ваъда додӣ,*
*Биҳишт аз музди тоат офаридан.*
*Вале он музди тоат ё шафоат,*
*Чӣ миннат аз ту мебояд кашидан.*
*Вагарна музди тоат нест ҳиммат,*
*Ба муздаш ҳар касе бояд расидан.*
*Касе, к-ӯ боядӣ ёбад мукофот,*
*Наёбад фарқ бар мову ту дидан.*
*Агар некам, в-агар бад хилқат аз туст,*
*Халиқе хуб бояд офаридан. (Носири Хисрав)*

*Ё раб, ту кариммиву каримӣ, карам аст,*
*Осӣ зи чӣ рӯ бурун зи боғи ирам аст?*
*Бо тоатам ар авф кунӣ, нест карам,*
*Бо маъсиятам агар бубахшӣ, карам аст.*

*Холиқ туию маро чунин сохтаӣ:*
*Ҳастам ба маю тарона дилбохтае.*
*Чун рӯзи азал агар чунин сохтаӣ,*
*Аз баҳри чӣ дар дӯзахам андохтаӣ!*

*Майлам ба шароби ноб бошад доим,*
*Гӯшам ба наю рубоб бошад доим.*
*Гар хоки маро кӯзагарон кӯза кунанд,*
*Он кӯза пур аз шароб бошад доим. (Умари Хайём)*

*Бе даф бари мо маё, ки мо дар сурем,*
*Бархезу дуҳул бизан, ки мо Мансурем.*
*Мастем, на масти бодаи ангурем,*
*Аз ҳар чӣ хаёл бурдаӣ, мо дурем. (Маснавӣ)*

*Надиму мутрибу соқӣ ҳама ӯст,*
*Хаёли обу гил дар раҳ баҳона.*
*Бидеҳ киштии май то хуш биронам,*
*Аз ин дарёи нопайдо карона.*
*Вуҷуди мо муаммоест Ҳофиз,*
*Ки таҳқиқаш фусун асту фасона.*

*Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,*
*Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо.*
*(Хоҷа Ҳофиз)*
*Дар миёни чор дарё тахтабандам кардаӣ,*
*Боз мегӯӣ, ки доман тар макун, ҳушёр бош!*

* * *

*Чубе битарошиду бар ӯ баст ду-се тор, қонунгари олам,*
*Сад нолаи зор аз дили ҳар тор баромад, фарёдкунон шуд.*
*(Аз китоби «Тулӯъи офтоб»)*

Ё ин ки:

*Дидам нигори худро, мегашт гирди хона,*
*Бардошта рубобе, мезад яке тарона.*
*Бо захмаи чу оташ, мезад таронае х-ваш,*
*Масту харобу дилкаш аз бодаи муғона. (Шамси Табрезӣ)*

*Ҳафтоду ду миллатанд дар дин каму беш,*
*Аз миллатҳо ишқи ту дорам дар кеш.*

*Чӣ куфру чӣ ислом, чӣ тоъат, чӣ гуноҳ,*
*Мақсуд туӣ, баҳона бардор аз пеш.*

*Эй он ки маро аз обу гил сохтаӣ,*
*Дар вартаи меҳнату ғам андохтаӣ.*
*Махлуқи туам баргиру во магзор,*
*Товон ба кӣ мекунӣ, ки худ сохтаӣ. (Умари Хайём)*

*Пайки аҷал якояк аз ин галла мебарад,*
*В-ин галларо бубин, ки чӣ осуда мечарад. (Саъдӣ)*
*Фиғон з-ин чархи дулобӣ, ки ҳар рӯз,*
*Ба чоҳе афканад моҳе дилафрӯз. (Ҷомӣ)*

*Эй вой бар он ситамкашида,*
*В-аз дасти ситам ба ҷон расида. (Шоҳин)*

*Фарёд зи дасти фалаки ҷомакабуд,*
*Ёрон ҳамаро якояк аз байн бирабуд.*
*Гар одати чарх ин бувад дар олам,*
*Имрӯзу пагаҳ навбати мо хоҳад буд.*

*Аз боғи ҷаҳон булбули хушхон ҳама рафт,*
*Аз дасти фалак чоки гиребон ҳама рафт.*
*Ҳар кас, ки нахост юғ бар гардани хеш,*
*Охир зи ғами чарх биёбон ҳама рафт. (Аз халқ)*

Одамӣ бо гузашти рӯзгор мувофиқи завқаш шеъру мусиқӣ эҷод мекунад ва созҳои мусиқиро такмил медиҳад. Яке аз ин эҷодҳои башарӣ ин мусиқии «Фалак», «Дувоздаҳмақом» ва «Гуруғлӣ» аст, ки офаридаи маҳсули завқ ва илҳом буда, инсонро ба ваҷд меорад ва саршори фараҳ месозад, Табиат ва оҳангу овози мусиқӣ ба инсон илҳому рӯҳи тоза ва лаззат мебахшад.

*Ваҳ, чи хуш фасли баҳору ранги хуби лолазор,*
*Мавҷи дарёи равону дилкушо нақшу нигор.*
*В-аз биҳишт орад мисоле лаҳзаҳои хушдилӣ,*
*Рақси хуби гулрухону нағмаҳои чангу тор.*
*(Нуриоллоҳи Абдол)*

*Ман ки хидмат кардаам риндони дурдошомро,*
*Кай шуморам пухта вазъи зоҳидони хомро. (Ҷомӣ)*

*Хоҳӣ, ки пухтамағз шавӣ дар ҷаҳон мудом,*
*Сар неҳ ба остонаи он дилситон мудом. (Имло)*

*Каломи орифи доно қабул аст,*
*Ки гавҳар аз садаф бояд харидан. (Носири Хусрав)*

*Дилат равшан аз нури илҳоми ӯст,*
*Таматтуъкаш аз файзи инъоми ӯст.*
*Аз зоҳиди худбин маталаб нашъаи ирфон,*
*Ин дурри гаронмоя ба дасти дигарон аст. (Имло)*

*Гар мавҷхези ҳодиса сар бар фалак занад,*
*Ориф ба об тар накунад рахти бахти хеш.*
*Хомони раҳнарафта чӣ донанд завқи ишқ,*
*Дарёдиле ба ҷӯи далерӣ сар омадӣ. (Ҳофиз)*

*Зоҳид, чӣ аҷаб, гар кунад аз ишқи ту паҳрез,*
*Кас лаззати ин бода чӣ донад, ки нахӯрдаст.*
*(Камоли Хӯҷандӣ)*

Ҳамаи ин ситораҳои қутбнамо шеърҳову рубоиҳои фалакӣ мехонданду муноҷоту мунозираҳои бодарду алам мекарданд. Барои инҳо асбобҳои мусиқи шарт ва зарур набуданд. Тамоми савту навои табиат ин худ мусиқӣ асту барои онҳо як савту навои латифу форам мебошад. Табиати зебо дар навбати худ асбоби мусиқиест, ки ба воситаи пардаҳои гуногуни худ савту навоҳои мастона бунёд месозад.

## ТАНБЕҲ ДОДАНИ АФЛОТУН АРАСТУРО

Рӯзе Искандари Мақдунӣ (подшоҳи Юнони Қадим) хашмгинона ва бо димоғи сӯхта тамоми файласуфону донишмандони дарборро назди худ даъват намуд ва сӯҳбат орост.

Олимон дар рафти сӯҳбат ҳар кадоме ба таърифу тавсифи илми худ оғоз карданд. Яке илми табииёт (физика)-ро таъриф мекарду дигар риёзиро. Саввуми ҳандасаро беҳтар медонисту чаҳорум фарҳангро.

Дар ин маҷлис олимони маъруфу машҳури Юнони қадим Арасту ва Афлотун низ иштирок доштанд. Арасту, ки подшоҳро пушту паноҳи худ меҳисобид ва аз дастгирии ӯ ҳамеша бархурдор

буд, ба олимони дигар хитоб карда гуфт, ки вай асосгузори тамоми илмҳост, яъне донишмандони дарбор илмҳои кашфнамудаи ӯро омӯхтаанд. Шайх Саъдӣ гӯйё маҳз барои шогирдии Сикандару устозии Арасту дар китоби «Гулистон»-и худ фармудааст:

*Ҳар кӣ султон муриди ӯ бошад,*
*Гар ҳама бад кунад, накӯ бошад.*
*В-он киро подшоҳ бияндозад,*
*Касаш аз хайли хона нанвозад.*

Ин таърифро Афлотун шунида, ба ғазаб омад ва гуфт, ки танҳо ӯ ба ҳамаи олимон ҳаққи устодӣ дорад ва касе то ба имрӯз чизе аз худ карда бошад, аз илмҳои кашфнамудаи вай омӯхтааст.

Инро гуфту аз анҷумани шоҳ берун рафт ва чанд шабу рӯз ба фикру андеша афтод, ки бо кадом роҳ ин гуфтаҳояшро исбот кунад.

Ниҳоят ба хулосае омад, ки якчанд асбоби мусиқӣ сохта, бо сеҳри илми мусиқӣ ҳамаро дар ҳайрат гузорад. Бо ин мақсад аз хумҳо ва кадуи холӣ созҳои гуногун, аз ҷумла таблу дафу рӯд сохт, ки чарми онҳо аз пӯсти оҳу буд. Вақте бо ин созҳо ба навохтан оғоз кард, тамоми мавҷудот – одамони гирду атроф, ҳайвоноти ваҳшӣ ва хазандаҳо аввал ба рақс даромаданд. Баъд, вақте нағмаи дигарро шурӯъ кард, онҳо паҳлуи якдигар ҷамъ омада, оромона ба хоб рафтанд. Ҳатто на гург ба гӯсфанд ҳамла мекарду на шер ба хари ёбоӣ (гӯр). Онҳо ба ҳамдигар аҳамияте намедоданд.

Вақте ин овоза ба тамоми мамлакат, аз он ҷумла ба дарбори подшоҳ расид, ҳамагӣ дар ҳайрат афтоданд. Арасту низ моту маҳбут гашт ва хеле кӯшиш намуд, то сирри чунин амалро маълум кунад. Вай шабу рӯз ба омӯхтан оғоз кард ва вақте боварӣ ҳосил намуд, ки ин сирро ба хубӣ аз худ намудааст, ба исботи он шурӯъ кард.

Вай ба саҳро рафта ба мусиқинавозӣ оғоз кард ва ҳама мавҷудот ба ҳам омада оромона паҳлуи ҳамдигар хобиданд. Вале баъд аз ин Арасту ҳарчанд кӯшиш кард, онҳоро аз хоб бедор карда натавонист.

Ниҳоят, илоҷи дигаре наёфта, ба назди Афлотун омад ва ба илму ҳунари ӯ сари таъзим фурӯ оварду узр хост. Илтимос кард, ки ҳайвоноти ба хоб рафтаро илоҷе карда бедор кунад.

Вақте Афлотун ин амалро бо як маҳорати баланд анҷом дод, Арасту бори дигар барои густохиаш аз Афлотун узр хост.

Ин хабар ба гӯши шоҳ Искандар расид ва Афлотунро ба наздаш даъват намуда, дар қаламрави худ – Рум донандаи тамоми илмҳо ва сарвари тамоми донишмандони дарбор эълон кард.

## ҲАКИМ НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ
## 1135/41 – 1209/17

Ағонӣ[1] сохтани Афлотун бар молиши Арасту.

*Сикандар нишаст аз бари тахти Рум*
*Забоне чу оташ, димоғе чу мум.*
*Ҳама файласуфон сада дар сада*
*Ба поингаҳи тахти ӯ саф зада.*
*Ба миқдори ҳар донише бешу кам*
*Ҳаме рафташон гуфтугӯе ба ҳам.*
*Яке аз табиӣ сухан соз кард,*
*Яке аз илоҳӣ гиреҳ боз кард.*
*Яке аз риёзӣ барафрохт ёл,*
*Яке ҳандасӣ баркушод аз хаёл.*
*Яке сикка бар нақди фарҳанг зад,*
*Яке лофи номусу найранг зад.*
*Тафохуркунон ҳар яке дар фане,*
*Ба фарҳанги худ оламе ҳар тане.*
*Арасту ба дилгармии пушти шоҳ.*
*Барафзуд бар ҳар яке пойгоҳ,*
*Ки: аҳли хирадро манам чорасоз,*
*Зи илми дигар бихрадон бениёз.*
*Ҳамон нақди ҳикмат ба ман шуд раво,*
*Ба ҳикмат манам бар ҳама пешво.*
*Фалон илми хуб омад аз ман падид.*
*Фалон кас фалон нукта аз ман шунид.*
*Дурӯғе нагӯям дар ин доварӣ,*
*Ба ҳуҷҷат занам лофи номоварӣ».*
*Фалотун[2] барошуфт аз он анҷуман,*
*Ки устодӣ ӯ дошт дар ҷумла фан.*
*Чу ҳар донише к-он к-андӯхтанд,*
*Нахустин варақ з-ӯ даромӯхтанд.*

---

[1] Ағонӣ – асбобу оҳанги мусиқӣ сохтани Афлотун аз барои адаб кардани Арасту.
[2] Фалотун – Афлотун. (соли 430 таваллуд – 347 вафот кардааст.)

*Бурун рафту рӯй аз ҷаҳон даркашид,*
*Чун анқо шуд аз базми шаҳ нопадид.*
*Шабу рӯз аз андеша чандон нахуфт,*
*К-ағони бурун оварид сирри нуҳуфт.*
*Ба хум даршуд, аз халқ пай кард гум,*
*Нишон ҷуст аз овози ин ҳафт хум.*
*Касе к-ӯ симоъе на дилкаш кунад,*
*Садои хум овози ӯ х(в)аш кунад,*
*Магар к-он ғиносози овози руд,*
*Дар он хум бад-ин узр гуфт он суруд.*
*Чу соҳибрасад ҷой дар хум гирифт,*
*Паи чарху дунболи анҷум гирифт.*
*Бар оҳанги он нола, к-он ҷо шунид,*
*Намудорӣ овард ин ҷо падид.*
*Чу он ноларо нисбат аз руд ёфт,*
*Дар он пардагаҳ рудгар уд бофт.*
*Кадуи тиҳиро ба вақти суруд*
*Ба чарм андароварду барбаст руд,*
*Чу бар чарми оҳу барандум мушк,*
*Навои тар ангехт аз руди хушк...*
*Зи нармию тезӣ зи болою зер*
*Наво сохт аз нолаи гову шер,*
*Чунон нисбати нолиш омад ба даст,*
*Ки ҳар ҷо ки зад, ҳар дуро пой баст.*
*Ҳамон нисбати одамӣ то дада*
*Бар он рӯдҳо шуд яко-як зада,*
*Чунон к-одамизодро з-он наво*
*Ба рақсу тараб чира гашти ҳаво.*
*Сибоъу баҳоим бар он созҷуфт*
*Яке гашт бедору дигар бихуфт.*
*Чу бар нисбати нолаи ҳар касе*
*Ба даст омадаш роҳи дастон басе,*
*Зи мусиқӣ овард созе бурун,*
*Ки онро нашуд кас ҷуз ӯ раҳнамун.*
*Чунон сохт ҳар нисбатеро хурӯш,*
*Ки ноландаро дил дарорад ба ҷӯш.*
*Ба ҷое расонд он навогар навохт,*
*Ки доно бад-ӯ айбу иллат шинохт.*
*Ба қонун аз он нолаи хиргаҳӣ*
*Зи ҳар иллате ёфт ақл огаҳӣ.*

*Бурун шуд ба саҳрою бинвохташ,*
*Ба ҳар нисбат андозае сохташ.*
*Даду домро аз биёбони кӯҳ*
*Давонид бари худ гурӯҳогурӯҳ.*
*Давиданд ҳар як ба овози ӯ,*
*Ниҳоданд сар бар хати сози ӯ.*
*Ҳама як-як аз ҳуш рафтанд пок,*
*Фитоданд чун мурда бар рӯи хок.*
*На гурги ҷавон кард бар меш зӯр,*
*На шерри жаён дошт парвои гӯр.*
*Дигар нисбатеро, ки донист боз*
*Даровард нағма ба он ҷуд соз,*
*Чунон к-он дадон бар хурӯш омаданд,*
*Аз он беҳушӣ боз ба ҳуш омаданд.*
*Пароканда гаштанд бар рӯи дашт,*
*Кӣ дорад ба ёд ин чунин саргузашт?!*
*Ба гирди ҷаҳон ин хабар гашт фош,*
*Ки «шуд кони ёқут ёқутпош.*
*Фалотун чунин парда барсохтаст,*
*Ки ҷуз вай касс он парда нашнохтаст.*
*Барангехт овозе аз хушкруд,*
*Ки аз таррӣ орад фалакро фурӯд.*
*Чу бар нисбате ронад ангушти х (в) ад,*
*Бихусбад бар овози ӯ дому дад.*
*Чу бар нисбате дигар орад шитоб,*
*Ба ҳуш оварад хуфтагонро зи хоб».*
*Шуд овоза бар даргаҳи шоҳ тез,*
*Ки Ҳорут бо Зӯҳра шуд ҳамситез.*
*Арасту чу бишнид, к-он ҳушманд*
*Барангехт з-ин гуна коре баланд,*
*Фурӯ монд аз он зираки тангдил*
*Чу хасме, ки гардад зи хасме хиҷил.*
*Ба андеша биншаст бар кунҷи кох,*
*Дили тангро дод майдон фарох.*
*Ба таълиқи он дарсӣ пинҳоннавис,*
*Ки нақше аҷаб буду нақде нафис,*
*Дар он кори улвӣ басе ранҷ бурд,*
*Басе рӯзу шабро ба фикрат супурд.*
*Ҳам охир пас аз ранҷҳои дароз*
*Сари риштаи розро ёфт боз.*

*Бурун оварид аз назарҳои тез,*
*Ки чун бошад он нолаи рудхез.*
*Чи гуна расонад наво сӯи гӯш,*
*Барад ҳушу орад дигар раҳ ба ҳуш.*
*Ҳамон нисбат овард рояш ба даст,*
*Ки донои пешина бар парда баст.*
*Ба саҳро шуду пардаро боз кард,*
*Тилисмоти беҳушӣ огоз кард.*
*Чу аз ҳушмандон ситад ҳушро,*
*Дигар гуна зад руди хомӯшро.*
*Дар он нисбаташ бахт ёрӣ надод,*
*Ки беҳушро орад аз ҳуш ёд.*
*Бикӯшид, то бар хурӯш оварад*
*Навое, ки дар хуфта ҳуш оварад,*
*Надонист, ки чандон нисбат гирифт,*
*Дар он кор саргашта монд, эй шигифт.*
*Чу оҷиз шуд аз раҳе ёфтан,*
*Зи раҳбар нашоист сар тофтан.*
*Шуд аз роҳи рағбат ба таълими ӯ,*
*Инон дод як раҳ ба таслими ӯ.*
*Бипурсид, к-«он нисбати дилписанд,*
*Ки ҳушрафтагонро кунад ҳушманд,*
*Надонам, ки дар парда овози ӯ*
*Чи гуна-сту чун парварам сози ӯ?»*
*Фалотун чу донист к-он сарфароз*
*Ба таълими ӯ гашт соҳибниёз,*
*Бурун шуд, хате гирди худ даркашид,*
*Наво сохт, нисбат омад падид.*
*Ҳама рӯи саҳро зи гургу паланг*
*Бар он хат кашиданд паргор танг.*
*Ба беҳушӣ аз нисбати аввалаш*
*Ниҳоданд сар бар хати мандалаш.*
*Навое дигарбора барзад чу нӯш,*
*К-Арстуи доно тиҳӣ шуд зи ҳуш.*
*Чу беҳуш буд ӯ, ба як роҳи нағз*
*Даду домро кард бедормағз.*
*Дигар бора зад нисбати хушбахш,*
*К-Арасту зи ҷо ҷасту ҳамчу дурахш,*
*Фурӯ монд саргашта бар ҷои х (в) ад,*
*Ки чун бехабар буд аз он дому дад?*

*Аз он беҳушӣ чун ба ҳуш омаданд?*
*Чи буд он, к-аз ӯ бар хурӯш омаданд?*
*Шуд огаҳ, ки донои дастоннавоз*[1]*,*
*Ба дастон бар ӯ дошт пӯшида роз.*
*Санно гуфт чандон аз ӯ узр хост,*
*Ки он пардаи каж буду гашт рост.*
*Чу шуд ҳарфи он нисбат ӯро дуруст,*
*Набишт они ӯ, они худро бишуст.*
*Ба иқрори ӯ мағзро тоза кард,*
*Мадори ӯ беш аз андоза кард.*
*Сикандар чу донист, к-аз ҳар улум*
*Фалотун шуд устоди дониш ба Рум,*
*Барафзуд пояш дар он сарварӣ,*
*Ба назди худаш дод болотарӣ.*
*Ба Афлотун шуд илми ағонӣ ошкор,*
*Ба ӯ гашт қонуни он устувор.*

## ЗИКРИ ҶАНОБИ ПИРИ ЧАНГӢ

Манқул аст, ки дар замони Нӯшервони одил (531-579 ҳукм) ҷаноби ӯро (Пири Чангиро) салтанату макнат чунон буд, ки ҳар вақт савор шудӣ, дувист ғуломи дуррдаргӯши атласпӯши туркию ҳиндӣ дар ҷилави ӯ мерафтанд ва чунон ки баъзе сози ӯро бардошта мерафтанд ва баъзе дигар рикоби ӯро гирифта мерафтанд ва халоиқ, дар орзуи шунидани овози нозуку дақиқу ҷаззоби ӯ буданд.

*Чунон бастам абрешими сози ӯ,*
*Ки аз Зӯҳра хуштар шуд овози ӯ (Низомӣ)*

Чун Нӯшервон аз олам риҳлат кард, дар андак замон мол ва асбоби ӯ чунон барҳамхӯрдагӣ шуд, гӯё ҳаргиз ӯро чизе набуд ва пир шуд ва чун хилофат… ба амирулмӯъминин Умар ибни Хаттоб… даррасид, рӯзе Пири Чангӣ аз тарси эшон ба гӯристони Ясриб рафт ва чангро дар канор ниҳоду гуфт: «Худовандо, доим аз барои махлуқ менавохтам, акнун чун махлуқ гӯш намекунад, имрӯз омадаам ва аз барои ту менавозам, ва абрешимбаҳо аз ту мехоҳам».

---

[1] Дастанавоз – мусиқӣ.

*Умре дар ин диёр ба меҳтарӣ гузаронидам, алҳол,*
*Нанги муздурӣ ба худ қарор дода наметавонам.*

*(Нигори Дониш)*

*Ҳам ӯ офаринандаи рӯзгор,*
*Ба некӣ ҳам ӯ бошад омӯзгор. (Фирдавсӣ)*

Чанг бар чанг зада, нолае аз дили танг баровvarda менавохту мегирист. Охир чангро дар зери сар ниҳода дар хоб шуд. Ҳотифе дар хоб Умарро дар дод, ки моро дӯстест дар гӯристони Ясриб 700 динор аз байтулмол гирифта ба ӯ бидеҳ ва бигӯй, ки ин баҳои абрешими ту. Ва аз мо дуъо бирасон ва бигӯй, ки инро харҷӣ бикунад, чун тамом бишавад, боз биёяд. Умар чун инро шуниданд, байтулмол омаданд ва ҳафтсад динор гирифта ба гӯристони Ясриб омаданд ва ҳарчанд ҷустуҷӯ карданд, ғайр аз Пири Чангӣ дигар кас надиданд. Ба ривояте ҳафт маротиба ва ба ривояти дигар ҳафтод маротиба ба сари Пир расиданд ва ба худ гуфтанд. «Ин Пир дӯстии худойро нашояд, зеро ки ӯ фосиқ аст». Охир чун каси дигар зоҳир нашуд, тааммулкунон гуфтанд: «Шояд ки ӯ бошад» Омада дар поини ӯ чун ходимон[1] нишастанд, ногоҳ эшонро атсае омад, чун овози атса ба гӯши Пир расид, бедор гардид ва чун чашмро кушод ҳазрати Умарро дид. Гуфт:

– «Худовандо, ман аз ту абрешимбаҳо талабидам, ту Умарро фиристодаӣ?» – гуфта дар гурез шуд.

Ҳазрати Умар гуфтанд:

– «Эй Пир, матарс, ки Худои Таъоло туро дӯсти худ хонда ва маро аз барои ту фиристода, то абрешимбаҳо ба ту бидиҳам. Ва он ҳафтсад динорро пеши Пир монданд ва узр гуфтанд, ки чун тамом шавад боз ин ҷой биё. Ва низ Худои Таъоло чандин мидҳати[2] хӯи ту карда, ки маро ошиқи рӯи ту кард.[3] (Маснавӣ)

## МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ
## («Маснавии маънавӣ)
### 1. Достони Пири Чангӣ, ки дар аҳди Умар (р) баҳри Худо рӯзи бенавоӣ чанг зад миёни гӯристон

*Он шунидастӣ, ки дар аҳди Умар,*
*Буд чангӣ – мутрибе бо карру фар?*

---

[1] Ходимон – хизматгор.
[2] Мидҳат – ситоиш кардан
[3] Аз китоби «Дурдонаҳои наср» ҷилди 3, асрҳои XV-XVIII.

*Булбул аз овози ӯ бех(в)ад шудӣ,*
*Як тараб з-овози хубаш сад шудӣ.*
*Маҷлису маҷмаъ дамаш оростӣ,*
*В-аз навои ӯ қиёмат хостӣ.*
*Ҳамчу Исрофил, к-овозаш ба фан,*
*Мурдагонро ҷон дарорад дар бадан.*
*Ё расиле буд Исрофилро,*
*К-аз самоъаш пар бирусти филро.*
*Нағмаҳои андаруни авлиё,*
*Аввало гӯяд, ки эй аҷзои «ло»!*
*Ҳин, зи «ло»-и нафӣ сарҳо барзанед,*
*Ин хаёлу ваҳм як сӯ афганед.*
*Эй ҳама пӯсида дар кавну фасод,*
*Ҷони боқитон нарӯиду назод.*
*Гар бигӯям шаммае з-он нағмаҳо,*
*Ҷонҳо сар барзананд аз дахмаҳо*
*Гӯшро наздик кун, к-он дур нест,*
*Лек нақли он ба ту дастур нест.*
*Ҳин, ки Исрофили вақтанд авлиё,*
*Мурдаро з-эшон ҳаёт асту намо.*
*Ҷони ҳар як мурдае аз гӯри тан,*
*Барҷаҳад з-овозашон андар кафан.*
*Гӯяд ин овоз з-овоҳо ҷудост,*
*Зинда кардан кори овози Худост.*
*Мо бимурдему ба куллӣ – костем,*
*Бонги Ҳақ омад, ҳама бархостем.*
*Бонги Ҳақ андар ҳиҷобу беҳиҷоб,*
*Он диҳад, к-ӯ дод Марямро зи ҷеб.*
*Эй фанотон нест карда зери пӯст,*
*Бозгардед аз Адам з-овози дӯст.*
*Мутлақ он овоз худ аз шаҳ бувад,*
*Гарчи аз ҳалқуми Абдуллаҳ бувад.*
*Гуфта ӯро: «Ман забону чашми ту,*
*Ман ҳавосу ман ризову хашми ту,*
*Рав, ки бе ясмаъ ва бе юбсир туӣ,*
*Сир туӣ, чи ҷои соҳибсир туӣ.*
*Чун шуди «ман кона лиллаҳ» аз валаҳ,*
*Ман туро бошам, ки «коналлоҳу лаҳ».*
*Гаҳ «туӣ» гӯям туро, гоҳе «маннам»,*
*Ҳар чӣ гӯям, офтоби равшанам.*

*Ҳар куҷо тобам зи мишкоти даме,*
*Ҳал шуд он ҷо мушкилоти одаме.*
*Зулматеро, к-офтобаш барнадошт,*
*Аз дами мо гардад он зулмат чу чошт»*
*Одамеро ӯ ба хеш асмо намуд,*
*Дигаронро з-Одам асмо мегушуд.*
*Хоҳ з-Одам гир нураш, хоҳ аз ӯ,*
*Хоҳ аз хум гир май, хоҳ аз каду.*
*К-ин каду бо хунб пайвастаст сахт,*
*Не чу ту шод он кадуи некбахт.*
*Гуфт: «Тӯбо ман раони» Мустафо,*
*«Валлази юбсир лиман ваҷҳи раъо»*
*Чун чароғе нури шамъро кашид,*
*Ҳар ки дид онро, яқин он шамъ дид.*
*Ҳамчунин то сад сароғ ар нақл шуд,*
*Дидани охир лиқои асл шуд.*
*Хоҳ аз нури пасин бистон тавон,*
*– Ҳеҷ фарқе нест, хоҳ аз шамъи ҷон.*
*Хоҳ бин нур аз чароғи охирин,*
*Хоҳ бин нураш зи шамъи ғобирин.*

**2. Бақияи қиссаи Пири Чангӣ ва баёни махласи он**

*Мутрибе, к-аз вай ҷаҳон шуд пуртараб,*
*Руста з-овозаш хаёлоти аҷаб.*
*Аз навояш мурғи дил паррон шудӣ,*
*В-аз садояш ҳуши ҷон ҳайрон шудӣ.*
*Чун баромад рӯзгору пир шуд,*
*Боз ҷон-ш аз аҷз пашшагир шуд.*
*Пушти ӯ хам гашт ҳамчун пушти хум,*
*Абрувон бар чашм ҳамчун полдум.*
*Гашт овози латифи ҷонфизош,*
*Зиштӣ назди кас наярзидӣ ба лош.*
*Он навои рашки Зӯҳра омада,*
*Ҳамчу овози хари пире шуда.*
*Худ кадомин хуш, ки ӯ нох(в)аш нашуд?*
*Ё кадомин сақф, к-он мафраш нашуд?*
*Ғайри овози азизон дар судур,*
*Ки бувад аз акси дамшон нахфи сур,*
*Андаруне, к-андарунҳо маст аз ӯст,*
*Нестӣ, к-ин ҳастҳомон ҳаст аз ӯст.*

*Каҳрабои фикру ҳар овоз ӯ,*
*Лаззати илҳому ваҳйу роз ӯ.*
*Чунки мутриб пиртар гашту заъиф,*
*Шуд зи бекасбӣ раҳини як рағиф.*
*Гуфт: «Умру мӯҳлатам додӣ басе,*
*Лутфҳо кардӣ, Худоё, бо касе.*
*Маъсият варзидаам ҳафтод сол,*
*Бознагрифтӣ зи ман рӯзе навол.*
*Нест касб, имрӯз меҳмони туам,*
*Чанг баҳри ту занам, к-они туам».*
*Чангро бардошт, шуд аллоҳҷӯ,*
*Сӯйи гӯристони Ясриб оҳгӯ.*
*Гуфт «Хоҳам аз Ҳақ абрешим баҳо,*
*К-ӯ ба некӯӣ пазирад қалбҳо».*
*Чунки зад бисёру гирён сар ниҳод,*
*Чанг болин карду бар гӯре фитод.*
*Хоб бурдаш, мурғи ҷон-ш аз ҳабс раст,*
*Чангу чангиро раҳо карду биҷаст.*
*Гашт озод аз тану ранҷи ҷаҳон,*
*Дар ҷаҳони содаву саҳрои ҷон.*
*Ҷони ӯ он ҷо сароён моҷаро,*
*К-андар ин ҷо гар бимонданди маро.*
*Хуш будӣ ҷонам дар ин боғу баҳор,*
*Масти ин саҳрову ғайбе лолазор.*
*Бе пару бе по сафар мекардаме,*
*Бе лабу дандон шакар мех(в)ардаме.*
*Зикру фикре, фориғ аз ранҷи димоғ,*
*Кардаме бо сокинони чарх лоғ.*
*Чашмбаста оламе медидаме,*
*Варду райҳон бе кафе мечидаме.*
*Мурғи обӣ ғарқи дарёи асал,*
*Айни Айюбӣ, шаробу муғтасал.*
*Ки буд ӯ Айюб аз по то ба фарқ,*
*Пок шуд аз ранҷҳо чун нури Шарқ».*
*Маснавӣ дар ҳаҷм будӣ ҳамчу чарх,*
*Дарнағунҷидӣ дар ӯ з-ин ним бархъ.*
*К-он замину осмони бас фарох,*
*Кард аз тангӣ диламро шох-шох.*
*В-ин ҷаҳоне, к-андар ин хобам намуд,*
*Аз гушоиш пару боламро гушуд.*

*Ин ҷаҳону роҳаш ар пайдо будӣ,*
*Кам касе як лаҳзае он ҷо будӣ.*
*Амр меомад, ки на, томеъ машав,*
*Чун зи поят хор берун шуд, бирав.*
*Мул-мулӣ мезад он ҷо ҷони ӯ,*
*Дар фазои раҳмату эҳсони ӯ.*

### 3. Дар хоб гуфтани ҳотиф мар Умарро (р) ки чандин зар аз байтулмуол ба он мард деҳ, ки дар гӯристон хуфтааст

*Он замон Ҳақ бар Умар хобе гумошт,*
*То ки хеш аз хоб натвонист дошт.*
*Дар аҷаб афтод, к-ин маъҳуд нест,*
*Ин зи ғайб афтод, бемақсуд нест.*
*Сар ниҳоду хоб бурдаш, хоб дид,*
*К-омадаш аз Ҳақ нидо, ҷонаш шунид.*
*Он нидое, к-асли ҳар бонгу навост,*
*Худ нидо он аст в-ин боқӣ садост.*
*Турку курду порсигӯву араб,*
*Фаҳм карда он нидо бе гӯшу лаб.*
*Худ чи ҷойи турку тоҷик асту занг?*
*Фаҳм кардаст он нидоро чӯбу санг.*
*Ҳар даме аз вай ҳамеояд «аласт»,*
*Ҷавҳару аъроз мегарданд ҳаст.*
*Гар намеояд «бало» з-эшон, вале*
*Омаданшон аз Адам бошад, бале.*
*З-он чи гуфтам ман зи фаҳми сангу чӯб,*
*Дар баёнаш қиссае ҳуш дор хуб:*

### 4. Бақияи қиссаи мутриб ва пайғом расонидани амирулмӯъминин, Умар

*Бозгарду ҳоли мутриб гӯш дор,*
*З-он ки оҷиз монд мутриб з-интизор.*
*Бонг омад мар Умарро к-: «Эй Умар,*
*Бандаи моро зи ҳоҷат бозхар.*
*Бандае дорем хосу мӯҳтарам,*
*Сӯйи гӯристон ту ранҷа кун қадам.*
*Эй Умар, барҷаҳ, зи байтулмоли ом,*
*Ҳафтсад динор дар каф неҳ тамом.*

*Пеши ӯ бар, к-эй ту моро ихтиёр,*
*Ин қадар бистон, кунун маъзур дор.*
*Ин қадар аз баҳри абрешим баҳо,*
*Харҷ кун, чун харҷ шуд, ин ҷо биё».*
*Пас Умар з-он ҳайбати овоз ҷаст,*
*То миёнро баҳри ин хидмат бибаст.*
*Сӯйи гӯристон Умар бинҳод рӯ,*
*Дар бағал ҳамён, давон дар ҷустуҷӯ.*
*Гирди гӯристон давона шуд бас,*
*Ғайри он пир ӯ надид он ҷой кас.*
*Гуфт: «ин набвад!» дигарбора давид,*
*Монда гашту ғайри он пир ӯ надид.*
*Гуфт: «Ҳақ фармуд моро бандаест,*
*Софиву шоиставу фархундаест.*
*Пири чангӣ кай бувад хоси Худо?»*
*Ҳаббазо, эй сирри пинҳон ҳаббазо!*
*Бори дигар гирди гӯристон бигашт,*
*Ҳамчу он шерри шикорӣ гирди дашт.*
*Чун яқин гашташ, ки ғайри пир нест,*
*Гуфт: «Дар зулмат дили равшан басест».*
*Омад, ӯ бо сад адаб он ҷо нишаст,*
*Бар Умар атса фитоду пир ҷаст.*
*Мар Умарро дид, монд андар шигифт,*
*Азми рафтан карду ларзидан гирифт.*
*Гуфт дар ботин: «Худоё аз ту дод,*
*Мӯҳтасиб бар пираке чанге фитод!»*
*Чун назар андар рухи он пир кард,*
*Дид ӯро шармсору рӯйзард.*
*Пас Умар гуфташ: «Матарс аз манн марам,*
*К-ит башоратҳо зи ҳақ овардаам.*
*Чанд Яздон мидҳати хӯйи ту кард,*
*То Умарро ошиқи рӯйи ту кард.*
*Пеши ман биншину маҳҷӯрӣ масоз,*
*То ба гӯшат гӯям аз иқбол роз.*
*Ҳақ саломат мекунад, мепурсадат:*
*Чунӣ аз ранҷу ғамони беҳадат?*
*«Нак қуроза(й) чанд абрешимбаҳо,*
*Харҷ кун инрову боз ин ҷо биё».*
*Пир ларзон гашт чун онро шунид,*
*Даст мехоиду бар худ метапид.*

*Бонг мезад, к-эй Худои беназир!*
*Бас, ки аз шарм об шуд бечора пир.*
*Чун басе бигрист в-аз ҳад рафт дард,*
*Чангро зад бар замину хурд кард.*
*Гуфт: «Эй буда ҳиҷобам аз Илоҳ!*
*Эй маро ту роҳзан аз шоҳроҳ!*
*Эй бихӯрда хуни ман ҳафтод сол!*
*Эй зи ту рӯям сияҳ пеши камол!*
*Эй Худои боатои бовафо,*
*Раҳм кун дар умри рафта дар ҷафо.*
*Дод Ҳақ умре, ки ҳар рӯзе аз он,*
*Кас надонад қимати он дар ҷаҳон.*
*Харҷ кардам умри худро дам ба дам,*
*Дардамидам ҷумларо дар зеру бам.*
*Оҳ, к-аз ёди раҳу парда(й) «Ироқ»,*
*Рафт аз ёдам дами талхи фироқ.*
*Вой, к-аз таррии зерафганди хурд,*
*Хушк шуд кишти дили ман, дил бимурд.*
*Вой, к-аз овози ин бисту чаҳор,*
*Корвон бигзашту бегаҳ шуд наҳор.*
*Эй Худо, фарёд з-ин фарёдҳо,*
*Дод хоҳам, на зи кас, з-ин додхоҳ.*
*Доди худ аз касс наёбам, ҷуз магар,*
*З-он ки ӯ аз ман ба ман наздиктар.*
*К-ин мане аз вай расад дам-дам маро,*
*Пас варо бинам, чу ин шуд кам маро.*
*Ҳамчу он к-ӯ бо ту бошад заршумар,*
*Сӯйи ӯ дорӣ, на сӯйи худ назар»*

## БОРБАД ҚОФИЛАСОЛОРИ МУСИҚИИ АҶАМУ АРАБ

*Муғаннӣ куҷоӣ ба гулбонги руд,*
*Ба ёд овар он хусравонӣ суруд.*
*Равони бузургон зи худ шод кун,*
*Зи Парвизу аз Борбад ёд кун.* (*Ҳофиз*)

Соли 585 дар Нусай – маркази ноҳияи Қалъаи Хумб Дарвоз таваллуд шуда, соли 628 дар Марв вафот кардааст. Борбад сароянддаву навозанда, оҳангсозу шоир ва асосгузори илми мусиқии



форсу точик ба шумор меравад. Падари ӯ низ мусиқинавози моҳир, сароянда ва шоири хушсалиқа будааст. Тахминан солҳои 597-98 волидони ӯ аз Нусай ба шаҳри Нисо (Марв) кӯчидаанд. Борбад аз ҷавонӣ ба мусиқӣ, махсусан сознавозӣ ва сурудхонӣ, пардохтааст. Бинобар ба маълумоти Ал-Ҷоҳиз («Китоб-ул-тоҷ»), Борбад аз мусаннифони силсилаи сурудҳо, оҳангҳои мавсимию маросимӣ буда, дар навъу шакли мусиқӣ ва тарзи иҷро намудани он тағйироти тозае ворид кардааст.

*Мутриби хушнаво бигӯ, тоза ба тоза, нав ба нав,*
*Бодаи дилкушо биҷӯ, тоза ба тоза, нав ба нав. (Ҳофиз)*

Борбад то ба дарбори Сосониён роҳ ёфтан ду навъи овозхонӣ ё сабки сароянадагию навозандагиро: «Ҳунавак» ва «Душнавак», яъне овозҳои хушоянда, муназзам ва носуфта овозҳои ғафс (базмӣ)-ро ба ҳаёти мусиқӣ ворид карда, таронаю навоҳои мавсимию маросимиро дар ин мизон тасниф намудааст. Фаъолияти пурсамари ҳунарии Борбад дар дарбори Сосониён вусъат гирифта, дар ҳамкорӣ бо дигар устодони мусиқӣ: Накисои Чангӣ, Саркаб, Саркаш, Болшод, Ромтин ва дигарон таронаю оҳангҳои мавсимию маросимӣ, сурудҳои хаммосӣ ва таърихӣ эҷод намудааст. Бо кӯшиши Борбад сӣ лаҳни (парда) мусиқӣ ба ҳаёти мадании он айём ворид аст ва он барои таъсису шаклгирии мусиқии анъанавӣ ва классикӣ форс-тоҷик ва дигар кишварҳои Шарқи Миёна замоне фароҳам овардааст. Дар ҳамон давра сарпарастии ҳамаи дастаҳои созию овозиро Борбад ба ӯҳда дошт ва ин рутбаро «гасангуфт», «гасан срийшниҳ» (яъне сарвару раҳнамои сурудгуён, навозандагон, ромишгарон) меномиданд.

*Нишондандаш фарози маснади ноз,*
*Ба заррин тоҷ кардандаш сарафроз.*

Он оҳангу таронаҳое, ки ба Борбад нисбат медиҳанд, аз 365 адад иборат буда, дар дохили мусиқии классикии форсу тоҷик ва дигар мардумони Шарқ маҳфуз мондааст. Низомӣ маҳорати ба-

ланди Борбадро дар достони «Хусрав ва Ширин» чунин тасвир кардааст:

*Суруди паҳлавӣ дар нолаи чанг,*
*Фиканда сӯзи оташ дар дили санг.*
*Камонча оҳи Мӯсовор мезад,*
*Муғаннӣ «роҳи мусиқор» мезад,*
*Талаб фармуда карданд Борбадро,*
*В-аз ӯ дармонталаб шуд дарди худро.*

Фирдавсию Низомӣ 30 лаҳни Борбад ва дигар таснифоти ӯро хеле устодона тавсиф кардаанд. Низомӣ таърихи таснифи 30 лаҳни силсилаоҳанги Борбадро ба таври зайл васф мекунад:

*Даромад Борбад чун булбули маст,*
*Гирифта барбате чун об дар даст.*
*Зи сад дастон, ки ӯро буд дамсоз,*
*Гузида кард сӣ лаҳни хушовоз.*
*Ба хушлаҳнӣ бад-он сӣ лаҳни чун нӯш,*
*Гаҳе дил додиву гоҳ бистадӣ ҳуш.*

Чаро аз ромишгарон танҳо Борбад шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфт? Магар то замони Борбад, ниёгони шоирдӯсту ҳунарпарвари мо соҳиби оҳангу мусиқии комил набуданд? Бешак, то замони Борбад ё худ аҳди Сосониён ниёгони мо дар ҳунару ҳунарварӣ ба дастовардҳои бузурге шарафёб буданд. Масалан, дар давраи Ҳахоманишиён дар мусиқӣ бисёр шоҳкориҳо падид омаданд, вале он анъанаҳои бой то замони Борбад нарасидаанд. Хидмати Борбад дар ин аст, ки ӯ анъанаҳои ниёгонро дар ҳамбастагӣ бо тамаддуни кишвар ва халқҳои ҳамсоя омӯхта, беҳтарин суннатҳои сознавозию овозхониро сайқал дода, ба халқаш эҳдо кард. Борбад чун гавҳаршиноси созу овоз дурру марҷонҳои санъат, созандагию сарояндагии ниёгонро ба як шаддаи тиллоӣ кашида, дар силсилаи ногусастании таърихию илмӣ ҷой дод.

*«...Ҷаҳду ҷид карда дар талаб будӣ,*
*Аз талаб лаҳзае наёсудӣ.*
*Буд пайваста з-иктисоби фунун,*
*Мутарраддид ба сони аҳли ҷунун.*
*Рӯзҳояш ҳавои роҳат не,*
*Шаб тамannои истироҳат не.*

*Рӯз дар саъйи донишомӯзӣ,*
*Шаб ба савдои донишандӯзӣ.*
*Дар паи дарки илму касби ҳунар,*
*Ҳамчу оби равон давида бар сар.*
*Бас ки рафтӣ чу маҳ зи ҷой ба ҷой,*
*Чун фалак доштӣ пуробила пой.*
*Буд чун ғунча аз паи сабақаш,*
*Дар бағал ҷузвдони пурварақаш.*
*Ҳар чӣ хондӣ тамом донистӣ,*
*Ҷаҳл бар худ ҳаром донистӣ.*
*Ҳар чӣ з-устоди худ яқин кардӣ,*
*Ҷо ба ҷо дар китобат овардӣ.*
*Илм сайд омаду китобат қайд,*
*Беҳ ки дар қайд баста бошад сайд*
*Дошт дар фикри ҳалли мушкили хеш,*
*Рӯзу шаб чун бунафша сар дар пеш. (Мавлоно Биноӣ)*

Қудрат ва тавоноии ҳунари Борбад дар он буд, ки ҳолати рӯҳонии одамон, воқеоти таърихӣ, корнома ва ишқу сарнавишт, шукӯҳу ҷалоли ҷашну маросимҳои мардумӣ, нозу ниёзмандиҳоро бо забони мусиқӣ таҷассум сохта, ба лаҳнҳои махмалинаш дастраси мардум кард. Санъату истеъдоди Борбад ба мартабае расид, ки мустамандон муҳимтарин орзую дархостҳои хешро барояш арза медоштанд ва ӯ тавассути мусиқӣ арзи дили ҳоҷатхоҳонро ба сарвари давлат мерасонд. Аз ин маънӣ аксари офаридаҳои ҳунарманди тавоно саросар ба воқеият, рӯйдоди таърихӣ, дастоварду зафарҳои фарҳангии он рӯзгор сахт пайванд аст.

Муҷаладдии Гургонӣ дар ситоиши ин нобиғаи давру замонҳо барҳақ гуфтааст:

*Аз он чандон наими ин ҷаҳонӣ,*
*Ки монд аз оли Сосон в-оли Сомон.*
*Санои Рӯдакӣ мондасту мидҳат,*
*Навои Борбад мондасту дастон.*

Давраи таҷдид ва гулгулшукуфии маданияти мусиқии мардуми ориёӣ ба аҳди Ҳахоманишиён ва Сосониён рост меояд. Шоҳони сосонӣ нисбат ба ин санъати мусиқӣ таваҷҷӯҳи зиёде доштанд ва донандагони ин пешаро мӯътабару муқаддар медонистанд. Махсусан, мусиқӣ дар охирҳои салтанати сулолаи Сосониён ба авҷи

камолот расид ва ҳунарварони бузурге ба миён омаданд. Мусиқидонони асрҳои минбаъда ин давраи инкишофи мусиқиро давраи тиллоӣ номидаанд. Дар ин давра мусиқӣ то ба дараҷае расид, ки барои назорати он махсус вазир таъин гардида буд.

*Туро бар хайли хубон сарварӣ дод,*
*Ба лутф аз оби ҳайвон бартарӣ дод. (Ҷомӣ)*

Асосгузори он сулола Ардашери Бобакон (ҳукм. 226 – 241) мусиқидонон ва ҳунарваронро ба табақаи боло мебаровард. Баҳроми Гӯр (ҳукм. 420-437) онҳоро ба ҳамаи табақот муқаддам мешумурд. Ягон базм ва ид бе навозандагону овозхонон намегузашт. Ҳатто Баҳроми Гӯри Сосонӣ ҳангоми шикор ва размҳо (муҳориба, ҷангҳо) Озодаи Чангиро ва дар баъзе маъхазҳои адабӣ Дилором, Фитна ва дигаронро ҳамеша дар паҳлуи худ нигоҳ медошт. Ҳиссаи шоҳи Сосонӣ Хусрави Парвиз (солҳои салтанаташ 590-628) низ дар нумӯи минбаъдаи мусиқӣ хеле калон аст. Ӯ аз тамоми гӯшаю канори мамолики худ ҳунарварони хушсалиқаро ба дарбор ҷамъ овардааст, ки онҳо мусиқиро ба пояи баланд расонидаанд. Аз ҷумла ҳунарвари бузург ва ягонаи замон Борбади Марвӣ, ки солори ромишгарони замона буд, инчунин ҳамсафони ӯ Саркаш, Накисои Чангӣ, Бомшод, Ромтин, Мушкдона, Гесӯи Навогар ва дигарон низ дар ин ҷиҳат мақоми бузург доштанд. Онҳо таҳти сарварии Борбад мусиқиро ба ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоии мардуми меҳнаткаш наздик намуда, ба ҳар маросиму оинҳою иду хурсандиҳо тасниф карда, марому мақсади мардумро дар онҳо инъикос мегардониданд.

Махсусан, хизмати Борбад дар инкишоф ва такомули мусиқии он замон басо бузург аст. Борбад мусиқии замонашро ба ду навъ ҷудо карда буд:

1. Базмӣ. 2. Размӣ (ҳарбӣ). Ба навъи сурудҳои размӣ силсилаи суруду оҳангҳои «Хусравониёт» мансуб буд. Ҳангоми амалиёти ҳарбӣ дар лаҳзаҳои разм аз «Хусравониёт» тараннум карда мешуд, ки ба нусрат кӯмак мерасонид. Бори аввал суруду оҳангҳои ҳарбиро Искандари Зулқарнайн (Македонӣ), ки солҳои 356-223 пеш аз милод ҳукумронӣ кардааст, ба ромишгаронаш амр карда буд, ки дар амалиётҳо суруду оҳангҳои сиёсатӣ тараннум кунед. Баъзе муаллифони араб (Умари Бағдодӣ ва Саид ат-Талюсӣ, а. VI-VII) ҳиҷрӣ навиштаанд, ки чанде аз ҳофизон ва мутрибони араб ба дарбори Хусрави Парвиз рафта, аз Борбади Марвӣ тарзу усули

оҳангу таронаҳои ҳарбиро омӯхта бармегаштанд. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки Борбади Марвӣ он замон дар ҳаёти мусиқии сарзамини Форсу Араб мақоми баланде дошта, нобиғаи олами мусиқии Аҷаму Араб гардида будааст. Аз сӣ лаҳни баргузида ва 360 оҳангу таронаҳои давраи Борбад қариб 150 номгӯй то замони мо расидааст, ки бештари онҳо ба таснифоти Борбад дахл дошта, баъзеи онҳо чун мақом ва шӯъбаҳо дар «Дувоздаҳмақом»-у «Шашмақом» ҷой гирифтаанд. Ин суруду оҳангҳо ба монанди «Бастанигор», «Чаковак», «Рост», «Исфаҳон», «Ироқ», «Ушшоқ», «Наво» ва ғайра дар тӯли асрҳо чун ганҷи бебаҳо мусиқии гузаштаи моро ғаниву рангин кардаанд.

Дар қисми зиёди осори безаволи классикони адабиёти форсточик мисли Фирдавсӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Низомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва даҳҳо устодони сухан эҷодиёти рангини мусиқии Борбад тавсиф шудааст. Аз ҷумла, Фирдавсии бузург як фасли асари безаволаш «Шоҳнома»-ро бо унвони «Дар сифати Борбади барбатнавоз», Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрав дар достонҳои «Хусрав ва Ширин», ҳафт достони «Хусравонӣ», сӣ лаҳни мусиқии Борбадро бо образ, ифодаҳои барҷастаи шеърӣ тавсиф кардаанд. Қобили қайд аст, ки дар адабиёти хаттӣ, илмӣ ва бадеии мо ҳеҷ як устоди ҳунар мисли ӯ таърифу тавсиф нашудааст, ки ин шаҳодати бузургии Борбад аст.

Байт: *Чунон бинолам к-аз завқу сӯзи овозам,*
*Муғанниёни малоик бароваранд хурӯш.*
*Садои нағмаи савтам чу бишнаванд, шаванд*
*Муғанниёни туюр*[1] *аз сафири худ хомӯш.*

Анҷоми зиндагӣ ва фаъолияти ҳунарварии ин сарвари санъати мусиқии гузашта хеле ҳузнангез аст. Ривоят мекунанд, ки соҳиби шӯҳрат ва моли зиёд шудани Борбад ва солори ромишгарон таъйин гардиданаш боиси ҳасад ва кинаву адовати Саркаш гардид. Ба қавле, гӯё Саркаш ӯро захр дода куштааст ва Хусрав қасоси Борбадро аз ӯ ситонидааст. Дигар ривоятро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» чунин меорад, ки Борбад то охири рӯзи салтанати Хусрави Парвиз зинда будааст. Ҳангоме Ширӯя (писари Парвиз) зидди падари худ исён бардошта ӯро зиндонӣ намуд, Борбад ҳанӯз зинда буд. Вай бо шунидани ин хабар ба сӯи маҳбаси Хус-

[1] Туюр – чорпоёну парандагон.

рав рафт ва барои ӯ суруди ҷонсӯзе хонд. Сипас чор ангушти худро буриду руд ба дасти дигар гирифта сӯи манзилаш рафт ва гулхане афрӯхт, тамоми созҳояшро дар он бисӯхт, пас худро ба ҳалокат расонид. Ҳамин тариқ, ин ҳунарманди бузург, ромишгари хушсалиқа, солори мутрибони аввали асрҳои миёна дар поягузории мусиқии мардуми Шарқи миёнаю наздик мақоми босазое дорад. Ӯ ситораи қутбнамои мусиқии миллатҳои гуногун буда, номаш дар таърихи мардуми Шарқ ҷовид хоҳад монд.[1]

*Дар бӯстони фазл сароянда булбуле,*
*Бар осмони илм дурахшанда ахтаре. (Ҷомӣ)*

*Рафтию дарду доғи ту ёдгор монд,*
*Сад ҳасрат аз ту дар дили уммедвор монд.*
*Булбул кашида ранҷи гулистону оқибат,*
*Гулро сабо рабуду аз ӯ баҳра хор монд.*
*Дарё шуд аз сиришк канорам, вале кунун*
*К-он гавҳари ягонаи ман дар канор монд!*
*Эй ёри меҳрубон, ба карам дастгирие,*
*К-аз даст рафт кораму дастам зи кор монд.*
*Дар ҳайратам, ки аз дили решам асар намонд,*
*В-ин сӯзи беқарории ман барқарор монд.*
*Он кас, ки буд орзуи ҷон берун зи даст шуд,*
*В-ин ҷони зормонда надонам, чӣ кор монд.*
*Хоре, ки ҳамехалид маро бар дил аз гуле,*
*Он гул намонду дар дилам ин хор, хор монд.*

Ин марсияро Ҷомӣ барои ҳамин гуна оқилону ҳакимон ва ҳунармандони бонуфузи давру замонҳо гуфтааст.

## АБӮНАСР ИБНИ МУҲАММАД

Нахустин рисолаҳои мусиқӣ дар забонҳои дарӣ ва арабӣ дар нимаи дуюми асри IX таълиф шудаанд. Абӯнаср Ибни Муҳаммад машҳур бо мутриб Абӯнаср мусиқидон, навозанда ва сарояндаи асри X аз Марв барои илми навозандагӣ (мусиқӣ) омӯхтан ба Бухоро меояд ва ин илмро нағз аз худ намуда якчанд оҳангу

[1] Аз китобҳои Рӯзгори Борбади ромишгар, Энсикэлопедияи адабиёт ва санъати тоҷик ва маҷаллаи «Илм ва ҳаёт». Солҳои 1989-1990.

сурудҳои маросимиву мавсимӣ меофарад. Аз ҷумла, дар пайравии «Хусравониёт»-и Борбад силсилаи нави сурудҳои «воҳи мовароуннаҳрӣ»-ро эҷод мекунад. Ӯ оид ба мусиқӣ рисолае низ доштааст, ки ба мо нарасидааст.

## МАҲМУДИ РУБОБӢ

Маҳмуди Рубобӣ, ҳофиз, навозанда ва оҳангсози форсу тоҷик аст. Зодгоҳаш Марв буда, ба андешаи Иноятуллоҳи Мирҳоҷӣ дар «Тӯҳфат-ул-адвор» Маҳмуди Рубобӣ дар сози рубоб таснифоти зиёде дошта, аҳли ҳунари Ҳирот сабки навозишашро тақлид мекарданд. Дар рубоб тағйироти торию пардавӣ дохил намуда, дар навохтани дигар созҳо низ маҳорати баланд доштааст. Аз ҷумла, дар созҳои уд, қонун ва чанг барои ромишгар асар ҳам таълиф намудааст.

## МАҲМУДИ НАСАФӢ

Ҳофиз, оҳангсоз ва навозандаи соҳибистеъдоди дигар Маҳмуди Насафӣ аст, ки дар асри XV дар Насаф (Қаршӣ) ба дунё омада, дар Ҳирот, Самарқанд ва Бухоро таҳсил ва зиндагӣ кардааст. Маҳмуди Насафӣ соҳиби овози муассиру марғуб буда, бар замми ин дар сурудхонӣ истеъдоди хосае доштааст ва аксари аҳли адаб барои оҳанг бастану сурудани ашъорашон ба ӯ муроҷиат мекарданд. Дар Бухоро бо Наҷмиддини Кавкабии Бухорой шинос шуда, аз ӯ асосҳои илмӣ ва амалии мусиқиро меомӯзад дар иҷрои асари шаклан мураккаби мусиқии он давра «Куллиёт» шӯҳрат меёбад. Дар ҳаёти мусиқии давронаш таъсири зиёде расонида, аҳли мусиқӣ ӯро «Ҳазордастон» номидаанд:

*Бад-он замона надидӣ, ки дар чаман рафтӣ,*
*Сурудгӯён, гуфтӣ ҳазордастон буд. (Рудакӣ)*

Назариёт ва амалиёти санъати мусиқӣ ҳеҷ гоҳ таназзул накард. Зеро дар замонҳои гуногун санъати мусиқиро шоирону донишмандон ва муғанниён ривоҷ дода омаданд.

Чунончӣ, Абӯнаср ибни Муҳаммад машҳур ба Мутриб, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Хоҷа Абдулло Марвориди Ҳиротӣ, Ҳофизи Убаҳӣ (Балхӣ), Сайфии Бухорӣ, Биноии Ҳиротӣ ва Зайниддин Маҳмуди Восифӣ,

Абдулхоҷаи Савдо ва Аҳмади Дониш барин олимон ва шоирон дар ин соҳа хизматҳои намоён кардаанд. Дар замони наздик ба мо Аҳмади Дониш ва Исо Махдум барин олимон ва шоирони донишманд дар илм ва амалиёти мусиқӣ тахаллус пайдо карда ҳатто «адвор» (нота) ҳам навиштаанд.

## МАҲМУД ИБНИ ИСҲОҚИ СЕТОРӢ

Маҳмуд ибни Исҳоқи Сеторӣ мусиқишинос, навозанда, ва оҳангсози тоҷик (дар асри XVI) дар Бухоро чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Дар ҷавонӣ назария ва амалияи санъати мусиқиро хуб омӯхтааст. Чун сеторнавоз шӯҳрат ёфта, дар Бухоро пайравони зиёде пайдо намуда, дар такмили сетор низ ҳисса гузоштааст. Чанд асаре барои сози мазкур тасниф кардааст.

*Мухаммас усули дутору сетор,*
*Сарандоз карда бутони татор. (Шодӣ)*

## НАВОӢ (1441-1501)

Эҷодиёти Алишери Навоӣ, ки яқинан аз лирика оғоз ёфтааст, ниҳоят серсоҳа буда, аз назму наср, рисолаҳои илмӣ, осори таърихӣ ва тарҷума иборат аст.

Лирикаи ӯ дар ду девон, «Бадеъ-ул-бидоя» ва «Наводир-ун-ниҳоя» гирд оварда шудааст. Вале Навоӣ солҳои 1492-99 тамоми осори лирикии ӯзбекии худро дар Девони ҷомеъ, ки номи умумии «Хазоин-ул-маонӣ»-ро дорад, ҷамъ намуда, онро ба чаҳор девон тақсим мекунад. Аз ин рӯ, «Хазоин-ул-маонӣ» бо номи тоҷикии «Чаҳор девон» низ машҳур аст. «Чаҳор девон» тақрибан 22450 байтро дар бар мегирад.

Адабиёти классикии мо аз асри IX шурӯъ шуда, то охири асри XV давом кардааст ва он адабиёти форсу-тоҷик номида мешавад. Асосгузори он Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (858-941) ва хотимат-ул-удабояш Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-92) мебошад.

*Тухми дониш кошт Фирдавсӣ, Низомӣ об дод,*
*Саъдиву Ҳофиз даравгар гашт, Ҷомӣ хӯшачин.*

## АБӮНАСРИ ФОРОБӢ

*Мо ҳама моҳӣ, туи дарёи мо,*
*Обрӯи дини мо, дунёи мо... (Шаҳриёр)*

Абӯнасри Форобӣ (873-950) аввалин файласуфи маъруфи ҷаҳони ислом буда, бидуни тардид яке аз бузургтарин донандагони ин фан дар кулли олами қурунивустоӣ (асримиёнагӣ) ба ҳисоб меравад Баъд аз Арасту ӯро дуввумин муаллими олам (маъруф ба «муаллими сонӣ») медонанд. Умуман, ӯ аз ҷумлаи бузургтарин энсиклопедистҳои асримиёнагии тамоми олам маҳсуб мешавад. Вай фаъолияти илмии худро дар Бухоро оғоз намуда, дар Ироқу Арабистон ва Миср идома додааст. Ӯ фарогирандаи тамоми улуми маъруфи замон, аз ҷумла зардуштию монавӣ, юнонию румӣ буда, онро бо улуми исломӣ муқоиса кард ва таълимоти бузургеро аз худ ба вуҷуд овард. Вай дар фалсафа на танҳо асарҳои Арасту, балки асарҳои қариб ҳамаи олимони Юнонро тафсир кардааст. Дар фалсафаи навини худ сабаби ҳамаи мавҷудотро аз Худо медонад.

*Офариниш ба он чи дармонад,*
*Офаринанда хуб медонад. (Бедил)*

Дар таълимоти фалсафӣ масоили иҷтимоию сиёсиро муҳим донистааст. Ба қавли муҳаққиқи голландӣ Де Бауер «Форобӣ дар андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии худ мақоми динро барои тарбияи аҳли ҷомеъа бисёр муҳим арзёбӣ карда, дар дараҷаи аввал гузоштааст». Ба андешаи шарқшиноси маъруфи олмонӣ А.Мюллер (қ.XIX) «ӯ бузургтарин мутафаккири тамоми олами ислом буд ва метавон ӯро асосгузори феълии таҳқиқоти илми фалсафа дар Машриқ донист». Ӯ ғайр аз донистани 72 забон ва илмҳои замонаш ҳамчунин илми мусиқиро баръало омӯхта, яке аз машҳуртарин мусиқишиносони олам эътироф гардидааст:

*Чун ман на дурре ба қаъри Уммон[1] бошад,*
*Чун ман на гуле ба тарфи[2] бӯстон бошад. (Шоҳин)*

[1] Уммон – баҳрест дар нимҷазираи Арабистон, ки бо марворидаш машҳур аст.
[2] Тарф – кунҷ, як тараф.

Рӯзе Абӯнасрӣ Форобӣ дар ҳузури шоҳ Сайфуддавла аз камар халтае берун кард ва бикшод ва асбоби мусиқӣ аз он берун овард ба ҳам пайваст ва бинвохт. Ҳозирони маҷлис ҳама бихандиданд. Пас бикушод ва аз он таркиби дигар сохт ва бизад ва ҳама ҳозирин гиристанд. Ва пас таркиби онро тағйир дод ва бо зарби дигар бинвохт, ҳама ҳозирин, ҳатто дарбориёнро ҳам хоб фаро гирифт. Ва ӯ онҳоро тарк кард ва бирафт. Ин ҳама сеҳру мафтункунандагӣ мӯъҷизаҳои мусиқӣ аст, ки тамоми махлуқоти Офаридгорро ба худ ҷазб мекунад. (Вафаёт-ул-аъён. Саҳ 239).

Ҳамаи инҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки Форобӣ ба ғайр аз донандаи илми мусиқӣ будан, боз ихтироъкори созҳои мусиқӣ низ будааст. Дар илми мусиқӣ асарҳои илмӣ таълиф кардааст. Аз он ҷумла: «Китоб-ул-мусиқи-ил-кабир», «Калом-фи-л-мусиқӣ» ва ду рисолаи дигар дар иқоъот аз ӯ маълум аст.

Ҳанӯз дар асрҳои миёна «Китоб-ул-мусиқи-ил-кабир»-и ӯ ба забони лотинӣ тарҷума ва дар Аврупо интишор гардидааст, ки тавассути он олами Ғарб ба нозукиҳои илми мусиқии Шарқ шиносоӣ пайдо намудааст.[1]

Форобӣ дар эҷоди шеър низ маҳорати комил доштааст, ки аксар мазмуни баланди фалсафӣ доранд. Рубоии зерин намунаи ашъори ӯст:

*Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд,*
*В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд,*
*Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,*
*Он нукта ки асл буд, ногуфта бимонд.*

## ИЛМИ МУСИҚӢ

*Дар баёни улуми таҳқиқӣ,*
*Карда касби фунуни мусиқӣ.*
*Доим аз нақши тоза бар тоза,*
*Буд дар ҳар мақомам овоза. (Мавлоно Биноӣ)*

---

[1] (Аз китобҳои «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Бобоҷон Ғафуров, соли 1947, Энсиклопедия ва аз «Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони шарқ» 1989 с)

*Илм аст чу ҷон, ҷисм аст мактаб,*
*Нур аст ирфон, чашм аст мактаб.*
*Мактаб чӣ бошад? Сарчашмаи илм!*
*Оби ҳаёт аст ҷорӣ ба мактаб.*
*Авлоди мактаб авлоди илм аст,*
*Умм аст мактаб, абб аст мактаб! (Маҳмуди Тарзӣ)*

Илми мусиқӣ аз тарафи олимон, мусиқишиносон, созандагону навозандагон омӯхта, мукаммал ва ғанӣ гардонида шудааст. Мусиқии тоҷик ҳанӯз аз асрҳои V-VII ибтидо ёфта, бо номи асосгузори мактаби мусиқии он Борбад алоқаманд аст. Инчунин созандагону навозандагони касбии Сосониён (соли 224-651) Накисои Чангӣ, Ромтин, Бомшод, Гесуӣ, Навогар, Озодаи Чангӣ, Саркаб, Саркаш ва дигарон онро бо маҳорату истеъдоди баланд инкишоф доданд. Дар ташаккулу инкишофи мусиқии Шарқ бисёр мутафаккирони форсу-точик Форобӣ, Сино, Амир Хусрав, Абдулмӯмини Урмавӣ, Ҷомӣ, Зайнулобиддини Ҳусайнӣ, Наҷмиддин Кавкабии Бухороӣ, Дарвешалии Чангӣ ва дигарон хизмати босазо кардаанд. Мусиқии муосири тоҷик пайваста бо санъати мусиқии классикии тоҷик инкишоф меёбад.



Барои ташаккули мероси халқи тоҷик як гурӯҳ мусиқидонон монанди Содирхон, Ҳоҷӣ Абдулазиз, Ота Ҷалол, Усто Шодӣ ва дигарон хизмати зиёде кардаанд. Мусиқӣ дар тӯли асрҳо вазифаи ғоявию тарбиявӣ, маданию маърифатиро адо кардааст ва мекунад. Ҳар як халқ соҳиби санъати мусиқии хос мебошад. Мусиқии як халқ аз халқи дигар бо хусусиятҳои миллиаш фарқ мекунад. Мусиқии халқӣ дар тӯли асрҳо бо кӯшиши наслҳо мукаммал гардидааст. Фаъолияти мусиқии инсон аз се намуди асосӣ: дарк, эҷод ва иҷро иборат аст. Дар мусиқӣ чун дигар навъҳои санъат мактабу равияҳои гуногуни эҷодӣ мавҷуданд, ки самт ва тарзу услуби

худро доранд. Ҷавҳари мусиқиро оҳанг, лаҳн ташкил медиҳад. Парда, иқоъ, зарб, андоза, гармония, таҳиясозӣ ва ғайра аз муҳимтарин унсурҳои воситаҳои тасвири мусиқианд. Мусиқӣ ба воситаи нота қайд ва сабт шуда, бо роҳи амалӣ (навохтану сурудан) дар хотири сомеон нақш мебандад. Мусиқӣ барои сурудану рақсидан, маросимӣ, яъне мусиқии динӣ ва оҳангҳои ашрофона шуда метавонад. Дар ривоятҳои халқҳои гуногун мусиқӣ ҳамчун қувваи фавқуллода ва шифобахши одамон маънидод шудааст.

Мегӯянд, ки асоси пайдоиши мусиқиро оҳангу нутқи пурҳаяҷону эмотсионалӣ (Г. Спенсер), хониши мурғон ва садоҳои ҳайвонот (Ч. Дарвин), зарбу усули олоти меҳнати одамони ибтидоӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Аммо ҳафриётҳои бостоншиносӣ ва бозёфтҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки санъати мусиқӣ дар замонҳои хеле ва хеле қадим пайдо шудааст. Мусиқӣ дар тӯли асрҳо такомул ёфта, дар ҳамбастагӣ бо рақсу суруд, инчунин маросиму тантанаҳои динӣ зоҳир мешуд. Санъати мусиқии мо дар аҳди хилофати араб бо ҳама гуна нобаробариҳо аз ҷиҳати жанр, навъ ва намуд бойтар мегардид. Дар аҳди хилофати Уммавиён[1] ва Аббосиён[2] ба ривоҷи санъати сарояндагӣ ва дигар навъҳои нафисӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешуд. Санъаткорони мумтози ин давра бастакорон, навозандагон, ҳофизон ва мусиқидонҳо Зилзили Розӣ, Ҳаким-ал-Водӣ, Юнуси Форс, Яҳёи Маккӣ, Ибни Ҷомеъ, Иброҳими Масибӣ, Абулаббоси Сарахсӣ ва ғайра, ки аз мардуми Хуросону Мовароуннаҳр буданд, дар ташаккул ва пешрафти мусиқии инструменталӣ, вакалӣ ва назариявии ин давра саҳми босазое гузоштаанд. Бояд хотирнишон намуд, ки дар аҳди хилофати арабҳо занону духтарон ҳам дар санъати мусиқӣ ва дигар намуди ҳунари нафисӣ мавқеи хоса доштаанд. Шоираҳо сарояндаҳо, навозандаҳо ва раққосаҳои машҳур: Меҳрии Ҳиротӣ, Аббосаи Бағдодӣ, Маҳзуна, Ҷамила, Атиқа, Данонир, Саломат ва дигарон дар таърихи маданияти мусиқӣ хизматҳои арзандае доранд.

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Майли онро дар дилаш андохтанд.*
*Дасту по бе майл кай ҷунбон шавад,*
*Хору хас бе обу боде кай равад? (Румӣ)*

[1] Умм – модар.
[2] Абб – падар.

*Ба чобукдастиву устодкорӣ,*
*Кунӣ дар кори ин қаср устуворӣ. (Низомӣ)*

*Рақси ту гар сабки эъҷоз аст, дар рӯи Замин,*
*Пеши ман як сабки парвоз аст сӯи Осмон.*
*Рақси ту ҳарчанд баҳри беғамон як дилхушист,*
*Баҳри ман як олами дард аст, дарди беамон. (Лоиқ)*

Шоира, сароянда, навозандаи соҳибистеъдод Саломат аслан аз мардуми Табаристони Эрон аст. Назар ба маълумоти муаллифони «Носих-ут-Таворих», «Муаррич-уз-Заҳаб», «Китоб-ул-ағонӣ», номи асосии Саломат Ҷория буда, ин номро Халифаи уммавиён ба ӯ гузоштааст. Ин Халифа Саломатро аз Саҳб ибни Абдураҳмон ибни Аворӣ ном шахси Табаристон ба ивази сесад ҳазор динор (пули тиллоӣ) харида будааст.



*Рӯят дарёи ҳусну лаълат марҷон,*
*Зулфат анбар, садаф даҳан, дур дандон.*
*Абрӯ киштию чини пешонӣ мавҷ,*
*Гирдоби бало ғабғабу чашмат тӯфон! (Рӯдакӣ)*

*Ин ҳама чобукию зебоӣ,*
*Инчунин аз куҷо ҳаме оӣ?*
*Чун маҳи чордаҳ ба некӯӣ,*
*Чун бути озарӣ ба зебоӣ. (Анварӣ)*

*Маҳ нахонам туро маозаллоҳ,*
*Маҳ ниҳон аст, то ту пайдоӣ...*
*Моҳ сарду тирасту рангомез,*
*Шабдаву беқарору ҳарҷоӣ.*
*Кай тавон карданат ҳаме монанд,*
*Кӣ ту хуршеди оламороӣ.*

Ё худ:

*Моҳ чун чеҳраи зебои ту нест,*
*Мушк чу зулфи гулорои ту нест. (Анварӣ)*

Чи тавре, ки аз ахбори маъхазҳои хаттӣ маълум мешавад, Саломат дар санъати мусиқии аҳди хилофати араб саҳми калон доштааст. Вай дар ин ҳунар бо мутрибаи номии даврааш Ҳабиба рақобат дошта, то вафоти ӯ дар дарбор эътиборе надоштааст. Саломат баробари сароянда, навозанда ва раққосаи машҳур будан, дар шеъргӯӣ низ дар он давра маълуму машҳур будааст.

*Зи умр баҳра ҳамин гашт, мар маро, ки ба шеър,*
*Ба ришта мекашам ин зару ин дурри марҷон. (Носири Хусрав)*

Муаллифи «Носих-ут-Таворих» дар ин бора менависад: «Саломат шеърҳои шӯрангез мегуфт, касе аз занон дар ин ҷода ба ӯ баробар набуд.

Ӯ чанг, чангқовуз, дутор ва дигар созҳои мусиқиро некӯ менавохтааст. Овози дилкашу форамаш мардуми Макка, Мадина, Басра ва Бағдодро ба худ ошиқ карда буд. Барои шунидани таронаҳои пуршӯру шавқ ва оҳангҳои дилхароши ӯ шефтагонаш аз ҳар куҷо меомаданд.» Аз маълумоти муаллифони зикрёфта равшан мешавад, ки Саломат дар санъати мусиқии даврааш нақши калоне доштааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки Саломат ва дигар санъаткорони мумтози ин давра ҳунарҳои зеборо бо як роҳу равиши тоза рушду камол дода, мақоми ин ҳунарро ба монанди Борбад боло бардоштаанд.

*Ба дасташ гул кунад ҳар ҷо гиле ҳаст,*
*Надида кас чунин устоди гулдаст. (Сайидо)*

*Ҳаме буд доим ба фарҳангу рой,*
*Ба таъзими устоз кӯшишнамой. (Ҷомӣ)*

*Тӯтие берун шуд аз боғи ҷаҳон,*
*Булбулонро ҳаст гулбонг ин замон.*
*Ин чаманро буда булбул бешумор,*
*Андалебон ёд доранд сад ҳазор.*
*Сайри он булбул аз ин гулшан гузашт,*
*Булбули дигар ба ҷои ӯ нишаст.*
*Булбуле, к-ӯ бустон ҳоло гузид,*
*Оқибат ӯ низ бархоҳад парид. (Хоҷа Исмати Бухорой)*

Аз ин рӯ, мавқеи Саломат дар таърихи мусиқии халқии профессионалии давраҳо хеле калон аст. Тамаддуни мусиқии башарӣ таърихи бағоят бостонӣ дорад. Дар ин боб бозёфтҳои ҳафриёти бостоншиносӣ, манбаъҳои хаттии таърихӣ, илмӣ ва адабӣ, осори санъати шевои суратгарии ниёгони мо, ҳамчунин рисолаҳои дастраси мусиқӣ ва тамоми ганҷинаи пурсарвати эҷодиёти халқӣ ва халқии касбӣ шаҳодат медиҳанд. [1]

## НАҒМАИ ДОВУДӢ

Яке аз беҳтарин ва лаззатбахштарин неъмати биҳиштӣ «самоъ» мусиқӣ аст, ки ҳам аз тариқи хонандагон ва ҳам аз тариқи асбобҳои мусиқӣ ба гӯшу ҷони меҳмонони Худованд дар биҳишт мерасад. Мусиқӣ дар ҳақиқат оҳанг ва кирдори хуш аст, ки аз матн-офариниш (арши илоҳӣ) бар мехезад ва мизробаш шохаҳо ва баргҳои дарахтони биҳиштию мурғони хушилҳон ва ҳанҷараи латифи дӯшизагони биҳиштӣ аст.

*Булбул ба ғазал тира кунад аъшоро,*
*Сулсул ба наво сухра кунад лайлоро.*
*Қумрӣ ба мижа дарун кунад шаъроро,*
*Ҳудҳуд ба сар андарун занад тири ходанг (Манучеҳрӣ)*

*Ҳар лаҳза кунад ба ёр оҳанг,*
*Дар домани дилбарӣ занад чанг.*

[1] Аз китоби Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.

Нағмаи Довудӣ як нағмаи биҳиштӣ аст, ки на танҳо инсонҳои покниҳодро шефтаи худ мегардонад, балки бинобар ривояте паррандагонро низ ба худ ҷалб мекунад.

Аъробие аз Расули Худо Муҳаммад(с) пурсид: «Ё расулуллоҳ, оё дар биҳишт мусиқӣ (самоъ) ҳам ҳаст?». Ҳазрат фармуданд: «Оре!».

Донишмандон мегӯянд, ки дониши мусиқиро аз гардиши чархи осмону замин дарёфтаанд. Мӯъминон мегӯянд, ки он созу ёдгории биҳишт аст. Ҳангоме, ки падари ҳамаи мардумони рӯи замин «Одам» (а) дар он ҷо буд, пеш аз фурӯ афтодан ба замин:

*Мо ҳама аҷзои одам будаем,*
*Дар биҳишт он лаҳнҳо бишнидаем.*
*Гарчи дар мо рехт обу гил шакке,*
*Ёдамон ояд аз онҳо андаке. (Маснавии Маънавӣ)*

*Ҷумла мусиқор з-ин борбатсарой,*
*Лаҳни довудии эшон ҷонфизой. (Шайх Аттор)*

*Чу лахте, лаҳни қудсӣ соз кардӣ,*
*Биҳишт аз тоқҳо дар боз кардӣ. (Шайх Низомӣ)*

*Ҳосили лаҳву лаъби дунё чист?*
*Номи зишту хумори ҷангу ҷадал. (Шайх Саъдӣ)*

Ҳамоно дар биҳишт наҳре вуҷуд дорад, ки дар ду тарафаш дӯшизагони сафедрӯй ва сафедпӯш нишастаанд ва машғули тағаннӣ (сурудхонӣ) ҳастанд ва бо чунон садое мехонанд, ки халоиқ то кунун чунин садоро нашунидаанд ва ин неъмат, аз болотарин неъматҳои биҳиштӣ аст.[1]

**1. Мусиқии табиӣ**

Нағмаи ҷӯйборҳо, навои обшорҳо (шаршара), садои вазиши бодҳои мулоим дар дарахтон, навои парандагон, болу парзаниҳои парандагон, чирчири ҳашаротҳо, рақскунии моҳиён, рақси кабутарон, хониши қурбоққаҳо, ки ин гуна навоҳои табиии чун ғолибан якранг, якнавохт ва бар як оҳанг ва мизони мулоим аст, масарратбахш мебошад.

---

[1] Муҳаммад Ҷаводи Бастонӣ. «Ҷавон ва мусиқӣ», (саҳ. 36-38)

*Дарахтон аз сабо дар рақси андӯҳ,*
*Ғами ҷонкоҳи мурғон кӯҳ бар кӯҳ.*

**2. Мусиқии ҳунарӣ**

Иборат аст аз ҳамон оҳангҳое, ки башар онҳоро сохтааст ва васоили маснуъии он дар дунёи кунунӣ иборат аст аз: тор, вилун, сантур, аккордион, гитор ва ғайра. Оҳангҳои маснуъӣ дорои зер ва бим ва иртирёнанд ва гоҳе ба ҳадди ифрот нерӯи нишотро дар одамӣ таҳрик мекунанд.

*Машнав ин даъфи ваю фарҳанги ӯ.*
*Дарнигар дар иртиошу ранги ӯ. (Румӣ)*

Мусиқӣ рӯҳи инсонро соф ва ором мекунад мегӯянд ошиқонаш ва орифон гуфтаанд, ки мусиқӣ рӯҳро ғизо мебахшад.

*Мутриб мӯниси ҷони мастон бувад,*
*Нақлу қуту қуввати мастон бувад. (Маснавӣ)*

*Ба як ҳафта аз бонги чангу рубоб,*
*Касеро набуд ёди орому хоб..*
*Сароянда гон рӯд бардоштанд.*
*Ба некахтарӣ роҳ бигзоштанд.*
*Зи бас-андар ӯ гавҳар андохтанд,*
*Ҳаме борагӣ бар гуҳар тохтанд. (Унсурӣ)*

## РИВОЁТЕ, КИ ҒИНО ВА ИСТЕЪМОЛИ ДАФРО ДАР АРӮСӢ ҶОИЗ МЕДОНАНД

Шайх Тусӣ дар китоби «Ниҳоя» мефармояд: Боке нест бар аҷрати занон тарона хондан дар арӯсиҳо дар сурате, ки аботил нахонанд ва дохили маҷлиси мардон нашаванд ва мардон низ дохили маҷлисашон нагарданд.

*Чу ӯ парда созад, шавад ҷумла гӯш,*
*Нишинам зи беҳудагӯӣ хамӯш. (Ҷомӣ)*

*Зӯҳраву маҳ дафзану шодони мост,*
*Булбули ҷон масти гулистони мост. (Шамси Табрезӣ)*

*Тарабро ба савти най имдод кун,*
*Дар ин шӯъла ҳам як нафас бод кун. (Бедил)*

Ҳамчунин ӯ дар «Истибсор» мефармояд: рухсати ғино дар арӯсӣ мурувват ба ин аст, ки аботил бар забон наёваранд. Балки шеърҳои ба ёди Худою Расул бисароянд.

*Бе ҷамолат савти мутриб мояи дарду ғам аст,*
*Бе рухи гул нағмаи булбул нафири мотам аст.*
*Кай ба қонуни тараб гардад маро оҳанг рост,*
*Инчунин к-аз бори дил чун чанг пушти ман хам аст.*
*Бар рухат х(в)ай ҳаст акси қатраҳои ашки ман,*
*Ё чакида бар суман борону бар гул шабнам аст.*
*Дарди ҳиҷронро набошад нисбате бо ранҷи марг,*
*Дарди ҳиҷрон рӯзгорон, ранҷи мурдан як дам аст.*
*Ҳар табиберо, ки пурсидам илоҷи ишқ гуфт:*
*Дарди ошиқ бемудавво, доғи ӯ бемарҳам аст.*
*Хонаамро сақф-ғам, девор-меҳнат,дар-балост,*
*Кас чунин хона надида, то бинои олам аст.*
*Ошиқон бисёр дорӣ, гарчи Ҷомӣ аз ҳама,*
*Кам бувад дар доми ту, чун ӯ гирифторе кам аст. (Ҷомӣ)*

Мавлоно барои ақди издивоҷи Султон Валади фарзандаш дар шаби аввали арӯсии Фотимахотун ин ғазалро ба назм овард:

*Бодо муборак дар ҷаҳон суру арӯсиҳои мо,*
*Суру арӯсиро Худо борид бар болои мо.*
*Зӯҳра қарин шуд бо Қамар, тӯтӣ қарин шуд бо шакар,*
*Ҳар шаб арӯсии дигар аз шоҳи хушсимои мо.*
*Бисмиллаҳ, имшаб бар навӣ, сӯи арӯсе меравӣ,*
*Домоди хубон мешавӣ, эй хуби шаҳророи мо.*
*Рақсе кунед, эй орифон, чархе занед, эй мунсифон,*
*Дар давлати шоҳи ҷаҳон, шоҳи ҷаҳонафзои мо.*
*Дар гардан афканда дуҳул, дар гирдаки насрину гул,*
*К-имшаб бувад даффу дуҳул, некӯтарин колои мо.*



Ва дар шаби зифоф-шаби арӯсбиёрии Фотимахотун ба хонаи домод ин ғазалро фармуд:

*Муборак бод бар мо ин арӯсӣ!*
*Хуҷаста бод моро ин арӯсӣ!*
*Чу ширу чун шакар бодо ҳамеша,*
*Чу саҳбову чу ҳалво ин арӯсӣ.*
*Ҳам аз баргу ҳам аз мева муматтеъ,*
*Мисоли нахли хурмо ин арӯсӣ.*
*Чу Ҳурони биҳиштӣ бод хандон,*
*Абад имрӯзу фардо ин арӯсӣ.*
*Нишони раҳмату тавқеи давлат,*
*Ҳам инҷову ҳам онҷо ин арӯсӣ.*
*Накӯному накӯрӯю накӯфол,*
*Чу моҳу чархи хазро ин арӯсӣ.*
*Хамуш кардам, ки дар гуфтан нагунҷад,*
*Ки бисриштаст ҷон бо ин арӯсӣ. (Мавлоно)*

Расули Худо (с) шаби издивоҷи ҳазрати Фотимаи Зӯҳро садои даф шунида фармуд: Ин чист? Амсалама арз кард: Асмоъ бинти Амис аст даф мезанад.

*Муҳайё сохт баҳри он арӯсӣ*
*Ҳазорон лӯъбати кашмиру чинӣ. (Номаълум)*

*Зи даф нағмае нест ваҳшатфурӯш,*
*Садоро раҳоӣ набошад зи гӯш. (Бедил)*

Мехоҳад Фотимаро хушҳол кунад, то хаёл накунад, чун модар надорад, касе нест умури издивоҷашро бар ӯҳда гирад.

*Шунидам, ки гар ғам расонад газанд,*
*Хурушидани даф бувад судманд. (Ҳофиз)*

*Дӯшам ба як-ду нағма чӣ хушвақт сохт чанг,*
*Эй мутриб, он ду нағмаи хушборам орзуст. (Камол)*

Расули Худо (с) дастонашро ба тарафи осмон баланд кард ва фармуд:

Худоё! Асмоъро хушҳол кун ҳамон тавре, ки духтарамро хушҳол сохтааст. Сипас ҳазрат, Асмоъро хост ва ба ӯ суол кард:

Ҳангоме, ки даф мезанед чӣ мегӯед?

Асмоъ гуфт: Намедонам чӣ бигӯям, мо мехоҳем Фотима хушҳол бошад.

Ҳазрат фармуд: Мувозаб бош, бадгӯӣ ва носазо нагӯед.

*Ёракон рақсе кунед андар ғамам хуштар аз ин,*
*Курраи ишқам рамиду на лаҷом асту на зин.*
*Пеши рӯи моҳи мо мастон яке рақсе кунед,*
*Мутрибо, баҳри худо бар даф бизан зарби ҳазин.*
*Рақс кун дар ишқи ҷонам, эй ҳарифи меҳрубон,*
*Мутрибо, дафро бикӯбу нест баҳсе ғайр аз ин.*
*Он дафи хубӣ, ки ин ҷо нест мақбулу савоб,*
*Мутрибо, дафро бизан, тоат маҷу ту баъд аз ин.*
*Мутрибо, дафро барои ишқи моҳи анварам,*
*Мафхари Табрези ҷони ҷонҳо он Шамсиддин...*
*Мутрибо, гаштӣ малӯл аз ҳоли ман, аз ҳоли ман.*
*Ҳар чунон хоҳӣ макун ту ҳамчунону ҳамчунин. (Мавлоно)*

Ҳамчунин нақл аст: Расули Худо (с) аз қабилаи Банизариқ убур кард ва садои даф шунид. Ҳазрат ба асҳобаш фармуд:

Чӣ хабар аст? Арз карданд, ки фалон зан ба ақди фалон мард даромадааст ва ин ҷашн издивоҷи онҳост. Ҳазрат фармуданд: Динаш комил шуд, ин никоҳ аст, на зино, никоҳ набояд махфиёна сурат гирад. Дар никоҳ бояд дуде баланд шавад ва садои даф ба гӯш расад.

*Базмгоҳе чун биҳишт оростӣ,*
*Мутрибони ҳурпайкар хостӣ.*
*Нолаҳои дарднок ангехтӣ,*
*Болиғонро аз мижа хун рехтӣ. (Ҷомӣ)*

Ва низ дар «Аъмол»-и Шайх Тусӣ мехонем: Расули Худо (с) рӯзе аз маҳаллаи «Алӣ бинни Ҳубор» гузар кард ва садои даф шунид. Ҳазрат фармуд: Чӣ хабар аст? Ба ҳазрат арз карданд, ки шаби арӯсии Алӣ бинни Ҳубор аст, Ҳазрат фармуд: Хуб аст, ин издивоҷ аст, на зино, сипас фармуданд: Никоҳро аланӣ намоед ва онро байни худ ошкор кунед ва даф бизанед.[1]

Алӣ ибни Усмони Ҳуҷвирӣ дар «Кашф-ул-маҳҷуб» овардааст, ки пайғамбар шунидани Қуръонро аз қорӣ ва шахси дигар афзалтар ва муассифтар медонистааст, нисбат ба он, ки худ бихонад. («Ҳадис»).

«Инни уҳсибу ан асмаъа анғайри». Ман бештар дӯст медорам, ки Қуръонро аз каси дигар шунавам.

Дарвешалии Чангӣ дар китоби худ «Тӯҳфат-ус-сурур» ҳадиси пайғамбарро меорад: «Ло тункиҳу илло бисавти даффи» (бе садои дойра никоҳ макунед!). Муаллиф шарҳи пурраи ин ҳадисро надодааст. Ба гумони мо пайғамбар (с) ин ҷо на маросими никоҳ, балки тӯйи никоҳро дар назар доштааст, яъне тӯйҳои арӯсӣ бояд аз маросимҳои мотаму сӯгворӣ фарқ дошта бошанд. Мисраҳои Низомию Мавлавӣ низ ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунад.

*Самоъ он ҷо бикун, к-он ҷо арӯсист,*
*На дар мотам, ки он ҷои фиғон аст.*

*Ин илми мусиқӣ бари ман чун шаҳодат аст,*
*Чун мӯминам, шаҳодату имонам орзуст. (Румӣ)*

[1] Муҳаммад Ҷаводи Бастонӣ «Ҷавон ва мусиқӣ». (саҳ.66)

*Муғаннӣ, биёр он навои ғариб,*
*Навоинтар аз нолаи андалиб.*
*Навое, ки дар вай навоӣ бувад,*
*Навое, на к-аз бенавоӣ бувад. (Низомӣ)*

## АНДАР БУДАН БО НАЙЗАҲО ВА СИПАРҲО ДАР РӮЗИ ИД

Аҳмад ба мо нақл карда гуфт, Ибни Ваҳб ба мо нақл карда гуфт, Амр ба мо хабар дод, ки Муҳаммад ибни Абдураҳмон ал-Асади ба ӯ нақл кард, аз Урва, аз Ойиша, ки гуфт: «Ҳангоме ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу ъалайҳи ва саллам, дохили хонаи ман шуд, ду канизак назди ман суруди (рӯзи) «Буъол»-ро мехонданд. Ӯ дар рӯи бистар дароз кашиду рӯй гардонд. Ин маврид Абӯбакр дохили хона шуд ва маро сахт сарзаниш карду гуфт: «Созу навои шайтонӣ дар ҳузури пайғамбар (с) ?!». Пайғамбари Худо (с) ба ӯ рӯй оварду гуфт: «Онҳоро ба ҳолашон бигузор».

Рӯзи ид буд, чанде аз ҳабашиён бо найзаҳову сипарҳо бозӣ мекарданд. Аз ёдам рафтааст, ё ман аз пайғамбар салла-л-Лоҳу алайҳи ва салам хоҳиш кардам, ё худи ӯ ба ман гуфт: «Мехоҳӣ, тамошо кунӣ?» Гуфтам: «Оре». Ӯ маро ба қафои худ гузаронид рӯи ман ба рӯяш мерасид ва ӯ мегуфт: Шобош эй бану Арифида! Баъди он ки ман хаста шудам, ӯ пурсид: «Бас аст?» Гуфтам: «Бале». Гуфт «Пас бирав».[1]

*Яке мегардидам бар сар гуҳарпош,*
*Ки эй дарёҳунар, шо бош, шобош. (Нозим)*

*Мутрибон чун шуда сармаст ба ҳангоми самоъ,*
*Ҳама бар чангу дафу зуҳраву зуҳро задаанд.*
*(Носири Бухороӣ)*

*Омад аз ҳар тараф навозиши рӯд,*
*Нолаи барбату навои суруд. (Ҳаким Низомӣ)*

*Наёяд осиё дар чарх бе рӯд,*
*Надорад рақс бе ромишгарон суд. (Носири Бухороӣ)*

---

[1] Аз китоби «Саҳеҳи ал-Бухорӣ».

Дар миёни улуми исломӣ аввалин илме, ки такаввун ёфт, илми қироат (бо оҳанг) хондан дар шаҳри Мадина буд ва пас аз он илми тафсир буд.[1]

Илми қироат марбут ба лафзи Қуръон аст, ки чӣ гуна хонда шавад ва илми тафсир марбут ба мафоҳиму маънонии Каломуллоҳи маҷид аст. Дар илми қироат усули қавоиди вақфу васлу мадду ташдиду идғом ва ғайра баён мешавад. Дар дастурҳои динӣ расидааст, ки «Қуръон»-ро бо овози хуш бихонед».

«Ва раттилил Қуръона тартило». Худованди Таборак ва Таъоло дар Қуръони карим дар (сураи «Музаммил», ояти 4) чунин хабар додааст:

Яъне ҳар яке аз шумоён қироати Қуръон кунед, то калимаҳои он равшан фаҳмида шаванд, зеро чунин хондан дар фаҳм ва тадбир мадад мерасонад ва дар дил бештар асар мекунад ва шавқу завқ меафзояд. (Таҷвиди Қуръони тоҷикӣ, Хуҷанд, 2003)

Пайғамбарамон Муҳаммади мустафо салаллоҳу алайҳи васаллам дар ҳадиси худ чунин мефармоянд: «Зайинул Қуръона биасвотикум фаиннассавтал ҳасаната язидул Қуръона ҳуснан» яъне, зиннат диҳед Қуръонро бо овозҳои худ, зеро овозҳои нарму форами шумоён ҳусни Қуръонро зиёда мегардонад. Мурод аз ин ҳадис Қуръонро ба таҷвид хондан аст. (Таҷвиди Қуръони тоҷикӣ, Хуҷанд, 2003).

«Ва раттилил Қуръона тартило». «Ба таъҷил забон ба хондани Қуръон маҷунбон». (Сураи «Қиёмат», ояи 16).

Тартил-таҷвиди ҳарфҳо (адои талаффузи ҳарфҳо ба оромӣ ва шумораи муайян) ва шинохти мавзеъи вақфҳо аст. Пас бояд донист, ки илми таҷвид ашраф ва афзали улум аст, зеро ба бузургтарин китоб – Куръон алоқаманд мебошад. (Таҷвиди Қуръон, Душанбе. Ирфон, соли 2008)

«Иқраъ-ул-Қуръонабилуҳуни-л-араб ва асвотиҳо». Қуръонро бо илҳон ва асвоти араб бихонед, «Тағнув биҳӣ, фаманлам ятағанӣ бил-Қуръон фалайси минно» Қуръонро бо оҳанг бихонед, касоне Қуръонро бо оҳанг нахонанд аз мо нестанд. (Ҳадиси Пайғамбар) Маҷаллаи «Адаб», соли 1991с.

Пири тариқат Шайх Саъдӣ алайҳирраҳма барои ашхосе, ки Қуръонро бо овози нофорам қироат мекунанд дар китоби «Гулистон»-и худ чунин ҳикояро овардааст:

---

[1] Аз китоби Муртазо Муттаҳарӣ Хадамоти мутақобили Ислом ва Эрон., с.417.

## ҲИКОЯТ

Нохушовозе бо овози баланд Қуръон ҳамехонд. Соҳибдиле бар ӯ бигузашту гуфт: – Туро мушоҳара чанд аст?

Гуфт: – Ҳеҷ.

Гуфт: – Пас заҳмати худ чандин чаро ҳамедиҳӣ?

Гуфт: – Аз баҳри Худо мехонам.

Гуфт: – Аз баҳри Худо махон!

*Гар ту Қуръон бар ин наммат хонӣ,*
*Бубарӣ равнақи мусулмонӣ!*

Хушовозтарини мардум дар хондани Қуръон ин Алӣ ибни Ҳусейн будааст, ки ҳар касе аз назди манзили вай мегузашт, барои лаззат бурдани савти ӯ меистод ва баъзеҳо аз ҳусну савти дилкашу ҷаззоби ӯ беҳуш мешуданд.

Қуръон мазмуни зоҳирӣ ва ботинӣ дорад. Мавлоно Румӣ ағлаб (бештар) маонии зоҳирро дар ҷои худ дуруст медонад ва ҷамъи байни маонии зоҳиру маонии ботинро ҷоиз мешуморад, аммо мӯътақид аст, ки набояд ба зоҳир қаноат кард. Чунон ки дар «Маснавӣ» саҳ. 68 баъд аз нақли ҳадисе аз Пайғамбари акрам (с) дар ғанимат шумурдани боди баҳор ва парҳез аз боди хазонӣ гӯяд:

*Ровиён инро ба зоҳир бурдаанд,*
*Бар ҳамин зоҳир қаноат кардаанд.*

Ҳамчунин дар баёни ҳадиси набавӣ бад-ин мазмун, ки «ҳамоно, ки Қуръонро ҳафт мартабаи пинҳон», аст гӯяд:

*Ҳарфи Қуръонро бидон, ки зоҳирист,*
*Зери зоҳир ботине бас қоҳирист.*
*Зери он ботин яке батни дигар,*
*Хира гардад андар ӯ фикру назар.*
*Зери он ботин яке батни саввум*
*Ки дар ӯ гардад хирадҳо ҷумла гум.*
*Батни чорум аз нубӣ худ кас надид,*
*Ҷуз Худои беназири бенадид.*
*Ҳамчунон то ҳафт батн, эй булкарам,*
*Ту ҳамехон з-ин ҳадиси мӯҳташам.*[1] *(Маснавӣ)*

---

[1] [1] Аз китоби «Фиҳӣ мо фиҳӣ». Саҳ 108

*Ҳаст Қуръон м-ар туро ҳамчун асо,*
*Куфрҳоро бардарад чун аждаҳо. (Маснавӣ)*

*Гар ҳамехоҳӣ мусалмон зистан,*
*Нест мумкин ҷуз ба Қуръон зистан. (Иқболи Лоҳурӣ)*

Бисёр бузургони дигар ба монанди Ҳаким Саноӣ, Шайх Аттор фикрҳои худро низ дар мавзӯи дорои пардаҳои гуногун будани Қуръон баён карданд. Аз ҷумла, Ҳаким Саноӣ чунин тафсир мекунад:

*Ту зи Қуръон ниқоби ӯ дидӣ,*
*Ҳарфи ӯро ҳиҷоби ӯ дидӣ...*
*Ҳин чи бинад магар, ки сурати нағз,*
*Нағз донад, ки чист андар мағз.*
*Сурати сураташ ҳамехонӣ,*
*Сифати сираташ ҳамедонӣ.*
*Кам зи меҳмонсарои Адн мадон,*
*Хони Қуръон пеши Қуръонхон.*
*Ҳарфро з-он ниқоби худ кардаст,*
*К-аз номаҳрами ту дар пардаст.*
*Ту ҳамон дидаӣ зи сурати он,*
*К-аҳли сурат зи сурати султон.*
*Сурат аз айни рӯҳ бехабар аст,*
*Гап дигар дон, ки рӯҳ дигар аст.*
*Чӣ шуморӣ ҳуруфро Қуръон,*
*Чӣ ҳадиси ҳадас кунӣ бар он.*
*Ҳарф агарчи ба ӯ ҳамхоб аст,*
*Бехабар ҳамчу нақши гармоба аст.*

Ҷалолиддин розигии худро ба ақидаи Саноӣ чунин изҳор мекунад:

*Хуш баён кард он ҳакими ғазнавӣ,*
*Баҳри маҳҷубон мисоли маънавӣ.*
*Ки зи Қуръон гар набинӣ ғайри қол,*
*Ин аҷаб набвад зи асҳоби зилол.*
*К-аз шуои офтоби пур зи нур,*
*Ғайри гармӣ менаёбад чашми кӯр.*

Дар ҷои дигар:

*Ту зи Қуръон, эй писар зоҳир мабин,*
*Дев одамро набинад ҷуз, ки тин.*
*Зоҳири Қуръон чу шахси оддиест,*
*Ки нуфузаш зоҳиру ҷонаш хафист.*

Имом Муҳаммади Ғазолӣ гуфтааст: «Пас зуд бедор шав аз хоб, эй хонандаи Қуръон! Эй ки мақсуд аз Қуръонро ҳамин хондан донистаӣ ва аз маъонии Вай ба зоҳираш басанда кардаӣ! То чанд бар лаби ин дарёи муҳит тавоф кунӣ, чашм фароз карда ва ба ғароиб ва аҷоиби вай назар намекунӣ? Он гоҳ ин намеёмад ёд, ки худро дар миёнаи ин дарё андозӣ ва аҷоиби вайро мутолиа кунӣ ва дар ҷазираҳои вай сафар кунӣ ва чизҳои нодир ба даст орӣ? Ё дар қаъри ин дарё ғаввосӣ кунӣ, ҷавоҳир ва марворидҳо ба даст орӣ, то бад-он бениёз гардӣ? Маҳрумии худ чиро раво медорӣ ба ин нафоис ва дурар, ба басанда кардан ба зоҳири Вай? Оё надонистаӣ, ки Қуръон баҳри муҳит аст, ки илми аввалин ва охирин аз Вай мажид меояд, чунон ки аз каронаҳои дарёи зоҳир ҷӯйҳо ва ҷӯйчаҳо бархезад? Охир рашк намебарӣ ҷамоатеро, ки дар миёнаи мавҷҳои ин дарё даромаданд ва зарру нуқраи холис ба даст овардаанд? Ва дар қаъри ин дарё фурӯ рафтанд ва ёқути сурх ва дурри азҳар ва забарҷади сабз берун оварданд? Ва бар каронаҳои Вай саёҳат карданд ва анбари ашҳаб ва уди тару тоза барчиданд? Ва дар ҷазираҳои Вай рафтанд ва аз ҳайвоноти Вай тарёки акбар ва мушки азфар гирифтанд?...»

*Қуфл аз дил бардору Қуръон роҳбари худ кун,*
*То роҳ шиносиву гушода шавадат дар.*
*В-ар роҳ наёбӣ на аҷаб дорам айрок,*
*Ман чун ту басе будам гумроҳу мухасар.*
*(Носири Хусравд)*

*Мо зи Қуръон баргузида мағзро,*
*Пӯстро назди хасон андохтем. (Шамси Табрезӣ)*

*Ҳар ки коҳу ҷав хурад, қурбон шавад,*
*Ҳар ки нури Ҳақ хурад, Қуръон шавад! (Румӣ)*

Илм ва маорифи қуръонӣ барои аҳли дил ҳамчун маркаб аст, эшон бар он саворанд ва ба нерӯи он тайи тариқ мекунанд ва аҳли зоҳир ва дунёталабонро ҳамчун бори гарон аст, ки ононро сангиндилу мағрур ва худбин месозад.

*Сирест, ки донои фалак медонад,*
*Бедард давои дард кай медонад?*
*Дардест ба ҷони мани мискини ғариб,*
*Аз одами дида пурс, ки вай медонад. (Ҷалолиддини Румӣ»)*

Хоҷа Ҳофиз чунин баён кардааст:

*Ишқат расад ба фарёд, ар худ ба сони Ҳофиз,*
*Қуръон зи бар бихонӣ дар чордаҳ ривоят.*

Ин аст, ки ҳатто агар Қуръонро аз ҳифз бо чордаҳ ривоят фурӯ хонӣ ва аз ишқи ҳақ холӣ бошӣ, растагор нахоҳӣ буд, магар он ки ишқ туро дарёбад ва ба фарёди ту расад, зеро:

*Гар нури ишқи ҳақ ба дилу ҷонат уфтад,*
*Биллаҳ, к-аз офтоби фалак хубтар шавӣ. (Ҳофиз)*

*Имрӯз, ки соқии чаман доирадаст аст,*
*Булбул шуда гӯяндаву гул доирадаст аст. (Мушфиқӣ)*

Амир Хусрав манзараи табиати баҳорро орифона ин тавр ба қалам додааст:

*Зи боди баҳорӣ ҳаво мушкбӯй,*
*Арӯси ҷаҳон з-оби гул шуста рӯй…*
*Бисоти гул аз сабза гулшан шуда,*
*Чароғи гул аз бод равшан шуда…*
*Бунафша сари зулфро хам зада,*
*Гиреҳ дар дили ғунча маҳкам зада…*
*Шуда сурхгул мунфариш бӯстон,*
*Ба саҳро бурун омада дӯстон…*
*Ба ҳар шох мурғ арғунун сохта,*
*Ба ҳар нағма гулбун сар андохта…*

Дар ғазали дигар чунин омада:

*Боз бод омаду бӯи гулу райҳон овард,*
*Хандаи боғ моро гиряву ҳиҷрон овард.*
*Боз гулҳои нав аз дарди куҳан ёдам дод,*
*Ғунчаҳо бар ҷигарам захм чу пайкон овард.*
*Фасли наврӯз, ки овард тараб бар ҳама халқ,*
*Чашми бад рӯзи моро навбати борон овард. (Амир Хусрав)*

*Ҳар чӣ аст авсофи одам бас ниҳон,*
*Мекунад аҳволу аҳволаш баён. (Шоҳидӣ)*

*Маро офаранда аз фарри хеш,*
*Чунин офарид эй нигорин зи пеш. (Фирдавсӣ)*

Ҳарчанд сураву ояҳои Каломи Маҷид равону форам офарида шудаанд ва хонандаю шунавандаро ба ваҷд меоранд, аммо бо изофаи лаҳни ширину ҷозибаноки қироатгар боз ҳам шӯру шараре ба қалби инсон зуҳур менамояд. Пас гуфтан метавон, ки сураву оятҳои Каломи Шариф низ чун савту навоҳои мусиқӣ таъсироти гуногуни худро дороянд, ё ин ки ба лаҳни ширину нафис аллагӯйии модар ва ба хоб рафтани тифли навзоди гаҳвора ва дигару дигар инҳо худ мӯъҷиза ва ҷаззобии овозу нағмаҳои мусиқиро нишон медиҳад. Аллагӯйи модар ин рози дил гуфтан аст бо Худо, дуо дархост кардан аз Ӯ ва мадҳу сано гуфтан ба Ӯ.

*Хоҳам аз баҳри саломат монданат, гӯям дуо,*
*Ҷавҳари гуфтор аз теғи забонам меравад. (Сайидо)*

Хулоса, барои зинда гардонидани рӯҳи инсонӣ, яъне барои ба шӯр, ҳаяҷон, завқ ва ба ваҷду валвалаву тапиш овардани қалбҳо мусиқӣ неруи бузургест.

Мусиқӣ дар тӯли асрҳо вазифаи ғоявию ба мақсадрасӣ, тарбиявӣ, маданию маърифатӣ ва шифоиро адо карда меояд.

*Бе ҷалолат савти мутриб мояи дарду ғам аст,*
*Бе рухи гул нағмаи булбул нафири мотам аст. (Ҷомӣ)*

*Машав зи базми тараб дур то дами мурдан,*
*Ба умри якшаба чун шамъ ҷо ба маҷлис кун*[1].

Ашраф Саидҳасани Ғазнавӣ бӯй ва насими Хуросонро хеле дақиқкорона васф кардааст:

*Ҳар насиме, ки ба ман бӯи Хуросон орад,*
*Чун дами Исо дар колбудам ҷон орад.*
*Дили маҷрӯҳи маро марҳами роҳат созад,*
*Ҷони пурдарди маро мояи дармон орад.*

---

[1] Аршад Муҳаммад Амин, «Дурдонаҳои наср» 1991

*Дар навоям чу яке булбули масте, ки сабош,*
*Хабар аз соғари майгун ба гулистон орад.*
*Ҷон барафшонам сад раҳ чу яке парвона,*
*Ки шабе пеши рухи шамъ ба поён орад.*
*Рақс дар гирам чун зарра, ки субҳи содиқ,*
*Назми ӯ муждаи хуршеди дурахшон орад.*

* * *

*Диламро нолаи сурной бояд,*
*К-аз он сурной бӯи ёр ояд.*
*Ба ҷон хоҳам, ки нолам ошиқона,*
*К-аз он нола ҷамоли ҷон намояд.*
*Дилам имрӯз хӯи ёр дорад,*
*Ҳавои рӯи чун гулнор дорад.*
*Ки товус он тараф пар мефишонад,*
*Ки булбул ин тараф такрор дорад.*
*Садои ной он ҷо нукта гӯяд,*
*Навои чанг бас асрор дорад. (Румӣ)*

Ҳамбастагии шеъру мусиқӣ, мавқеи баланди маърифатӣ, зебоишиносии созу овозро Саъдии бузург хеле борикназарона ба риштаи сухан овардааст. Саъдӣ моҳияти фалсафӣ, бадеии мусиқиро тавассути образҳои рангини шоирона баён сохтааст:

*Нагӯям самоъ, эй бародар, ки чист,*
*Магар мустамаъро бидонам, ки кист.*
*Гар аз бурҷи маънӣ парад тайри ӯ,*
*Фаришта фурӯ монад аз сайри ӯ.*
*В-агар марди лаҳв асту бозиву лоғ,*
*Қавитар шавад деваш андар димоғ.*

*Муғаннӣ дафу чангро соз деҳ,*
*Ба оини хуш, нағма овоз деҳ. (Ҳофиз)*

Суруд, рақс, оҳанги аслии рӯҳонӣ чӣ қувваи бузурге дорад. Саъдӣ роҷеъ ба тарзи қабули созу овоз, завқу салиқаи онҳоеро, ки дарку эҳсос ва фаҳмиши сирҳои нуҳуфта, зебоофаринии мусиқӣ савияи паст доранд, сахт мазаммат менамояд. Созу овоз, рақси

мавзун барои Саъдӣ мазҳари зебоӣ, олами эҷоду эҷодкорӣ, сарчашмаи илҳом аст:[1]

*Чу шӯридагон майпарастӣ кунанд,*
*Ба овози дӯлоб мастӣ кунанд.*
*Ба чарх андар оянд дӯлобвор,*
*Чу дӯлоб бар худ бигирянд зор.*
*Макун айб дарвеши мадҳуши маст,*
*Ки ғарқа аз он мезанад пою даст.*
*Надонӣ, ки шӯридаҳолона маст,*
*Чаро барфишонад дар рақс даст.*
*Гум ояд дарё бар дил аз воридот,*
*Фишонад сари даст бар коинот.*
*Ҳалол аст, рақсе, ки бар ёди Ӯст,*
*Ки ҳар остинеш ҷоне дар ӯст. (Саъдӣ)*

Шеър аз савтҳои табиӣ таркибёфта, овозу лаҳнҳои мусиқӣ низ тавассути эҳсоси овозҳои табиӣ тавлид ёфтааст. Аз ин рӯ бисёр оҳангу навоҳои қадимии мо дар зимни таъсиру пайравии бевоситаи овозҳои табиӣ, хониши парандагон дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ эҷод шудаанд.

Мусиқидони номӣ Абдулмӯъмини Сафиуддин (1230-1294) иртиботи қавию тавъамии шеъру мусиқиро хеле борикназарона тавсиф дода, гӯяд: «Шеъру мусиқӣ аз сарчашмаи файзҳои авотифӣ бархостааст ва ҷаҳони башар фурӯғест, мурғи дилҳоро серобу олами ҳастиро (дунё) ҳаяҷономезу нишотовар месозад…».

*Ё раб, ин бӯйи хуш аз равзаи ҷон меояд?*
*Ё насимест, к-аз он сӯйи ҷаҳон меояд?*
*Ё раб, ин оби ҳаёт аз чӣ ватан меҷӯшад?*
*Ё раб, ин нури сифот аз чӣ макон меояд?*
*Аҷаб, ин ғулғула аз ҷавқи малак мехезад,*
*Аҷаб ин қаҳқаҳа аз ҳури ҷинон меояд?*
*Чӣ самоъ аст, ки ҷон рақскунон мегардад?*
*Чӣ сафир аст, ки дил болзанон меояд?*
*Чӣ арӯсист, чӣ кобин, ки фалак чун тутуқест,*
*Моҳ бо ин табақи зар ба нишон меояд? (Девони Кабир)*

---

[1] Аз китоби «Маданияти мусиқии тоҷик дар асрҳои Х111-Х1У».

*Дар гулистони сухан ҳар кас, ки шуд гулчини мо,*
*Мезанад гул бар сар аз ҳар мисраи рангини мо.*
*(Аҳмади Хӯҷандӣ)*

*Ба ҳар нақде, к-аз эшон харҷ созам,*
*Зи ҳикмат тозаганҷе дарҷ созам.*

*Ба лафзи хуб маънӣ дарҷ кун, в-арна чӣ ҳосил з-он,*
*Ки Юсуф баркашӣ аз чоҳу андози ба зиндонаш.*
*(Миршодӣ)*

Зебоӣ ва рангорангии табиати афсункор ҳамеша дили шоирро ба туғён меорад ва боиси эҷоди шеъри нав мегардад:

*Абри найсон соябон бар торами гардун задаст,*
*Лола чатри лаъл бар фарши зумуррадгун задаст.*
*Бар ҳарири нилгуни об ҳайронам, ки бод,*
*Сад ҳазорон наҳробе дасту беафсун задаст. (Ҷомӣ)*

*Латифу дилкушо обу ҳавое,*
*Муборак манзиле фархунда ҷое.*
*Раёҳин бар канори ҷӯй руста,*
*Ба оби жола дасту рӯй шуста.*
*Дарахтон чун бутон қад баркашида,*
*Зи якдигар ба хубӣ сар кашида.*
*Фарози шохи мурғони хушовоз,*
*Ба илҳон арғунунҳо карда барсоз.*
*Ниҳоли сарв к-аз ҷаннат сабақ дошт,*
*Хати тӯбо лаҳум бар ҳар варақ дошт.*
*(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)*

*Мурғи рӯҳро завқ омад пару бол,*
*Кай расӣ бе завқ, дар базми висол.*
*Мазҳаби завқ аз ҳама болотар аст,*
*Завқро дарёб, эй яздонпараст. (Гулшани асрор)*

*Муғанӣ куҷоӣ ба гулбонги руд,*
*Ба ёд овар он Хусравонӣ суруд.*
*Ки то ваҷдро корсозӣ кунам,*
*Ба рақс ояму хирқабозӣ кунам. (Ҳофизи Шерозӣ)*

## ШЕЪР ВА МУСИҚӢ ДУ ПАДИДАИ ИНСОНӢ

Бузургтарин сухансароёни ҷаҳон, шеър ва мусиқиро ду падидаи аз ҳам ҷудонашаванда баҳо додаанд. Ҳамбастагии ин ду падидаи инсониро донишмандон дар мизони хирад санҷида гуфтаанд, ки «Мусиқидон бояд адабиётшинос ва шоир бояд мусиқидон бошад… »[1]

*Ба мусиқию шеъру созу иншо,*
*Сабақ бурд аз ҳунармандони дебо. (Ассори Табрезӣ)*

*Маҳи мутриб он парда оғоз кард,*
*Бар оҳанги ӯ ин ғазал соз кард. (Хоҷу)*



[1] Аз китоби «Маданияти тоҷик дар асрҳои XII-XIII.»

## БАҲОРИЯ

*Фитрати шоир саропо ҷустуҷӯст,*
*Холиқу Парвардигори орзуст.*
*Шоир андар синаи миллат чу дил,*
*Миллати бешоире анбори гил.*
*Шеърро мақсуд агар одамгарист,*
*Шоирӣ ҳам ворисӣ пайғамбарист. (Иқболи Лоҳурӣ)*

*Ба олам шоирон соҳибзабонанд,*
*Зи лутфи хеш гавҳар мефишонанд. (Мавлонои Балхӣ)*

*Сабзаву боғу баҳору мутрибу созу рубоб,*
*Муғтанам дон, эй париваш, айши ин ҳангомро. (Муҳӣ)*

*Чун фасли дай сар омаду шуд навбаҳор боз,*
*Шабҳои ғам саҳар шуду омад наҳор боз.*
*Гар як назар ба дидаи таҳқиқ бингарӣ,*
*Рози ниҳони даҳр шуда ошкор боз.*
*Рашки биҳишт гашта заминҳо зи кишту кор,*
*Чун абр карда луълӯи лоло нисор боз.*
*Акнун расида мавсими сайри бунафшазор,*
*Хуррам зи сабза гашта лаби ҷуйбор боз.*
*Савсан ба васфи боғ баровarда сад забон,*
*Наргис назора карда ба чашми хумор боз.*
*Омехта ба накҳати гул мевазад насим,*
*Бар ҳар тараф давида кунад интишор боз.*
*Булбул сурудхон шуда мастона дар чаман,*
*Қумрӣ ба нола аст ба шохи чинор боз.*
*Дар бӯстон фитода ба ҳар сӯй ғулғула,*
*Аз нолаи чаковаку овои сор боз.*
*То гул шукуфт, боғ шуд аз ёсуман чаман,*
*Булбул ғазалсаро шуда Тамҳидвор боз.*
*(Тамҳиди Самарқандӣ)*

*Ҷаҳондор мавкаби хоси хеш,*
*Хироманда бар кабки раққоси хеш. (Низомӣ)*

*Афсӯс, ки номаи ҷавонӣ тай шуд,*
*В-он тоза баҳори зиндагонӣ дай шуд.*

*Он мурғи тараб, ки номи ӯ буд шабоб,*
*Афсус надонам, ки кай омад, кай шуд! (Умари Хайём)*

*Зӯҳра созе хуш намесозад магар удаш бисӯхт,*
*Кас надорад завқи мастӣ, майгусоронро чӣ шуд! (Ҳофиз)*

## НАЗАРЕ БА ГУЗАШТАИ САНЪАТИ ТОҶИК

Санъати тоҷик як таърихи бисёр қадиме дорад, ки мо аз кадом аср сар шудани вайро муайян карда наметавонем. Ба мо ҳамин қадараш маълум аст, ки дар навиштаҳои адабии ҳазорсола дар шеърҳое, ки бо забони форсии ҷадид, забони адабии тоҷик гуфта шудаанд, номи чандин созҳоро мебинем ва тасвири базмҳоро мехонем. Дар шеърҳои Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ машҳуртарини ин созҳо ба мисли чанг, шоҳной, (сурнай) руд, най, танбур, даф (дойра) то 30 соз намуна мебошанд, ки то имрӯз тоҷикон ин созҳоро кор мефармоянд. Яке аз мусиқичиёни қадимии халқи тоҷик, ки ҳазор сол пеш аз замони мо дар пешрафти санъати тоҷик корҳои намоён кардааст ва таърихи ҷаҳон то ҳол номи ӯро бо эҳтиром ёд мекунад, устод Рӯдакӣ аст. Устод Рӯдакӣ асосгузори адабиёти классикии тоҷик буда, то имрӯз шӯҳрати ин адабиёти оламгирро нигоҳ доштааст. Дар навбати аввал мутриб – созанда ва ихтироъкори уд буд. Ва ҳар вақте, ки оҳангу созҳои нав эҷод мекарду менавохт мувофиқи оҳанги он нағма ва мақом шеър ҳам мегуфт. Инкишоф ва сабзиши маҳорати шоирии устод Рӯдакӣ бо инкишоф ва сабзиши маҳорати ромишгариаш баробар буд ва ҳар қадар, ки ӯ дар шеър ба қуллаҳои баланди санъат расида бошад, ҳамон қадар дар мусиқӣ ҳам ба қуллаҳои баланди санъат расидааст. Ӯ чунон, ки дар шеър шаклҳои нав ба нав (ғазал, қасида, қитъа, маснавӣ, рӯбоӣ, тарона), эҷод кард дар мусиқӣ ҳам чизҳои тоза ба тоза эҷод кардааст. Аз эҷодиёти мусиқии устод Рӯдакӣ чизе, ки ба мо маълум аст ва то ҳол ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна ва шарқиён менавозанд, яке тарона, дувум уфар аст. Тарона ҳавоест, ки дар фуроварди мақоме аз «Шашмақом» ҳам мувофиқи оҳанги он мақом бо рубоӣ хонда мешавад. Уфар як навои резнавозест, ки дар фуроварди ҳар хониш барои рақс навохта мешавад. Аз эҷодиёти устод Рудакӣ будани тарона дар «Матлаъ-ул-улум» ва «Маҷмаъ-ул-фунун» ном асарҳо қайд шудааст. Аз эҷодиёти устод Рудакӣ будани уфар аз ҳамин ҷо маълум аст, ки то

ҳол тоҷикони Панҷрӯд қабри ӯро «мазори уфорӣ» (уфарӣ) меноманд.

Донишманди оламшумули тоҷик Абӯалӣ Ибни Сино (980-1037), ки аз ҳамаи илмҳои замони худ баҳраманд буд, дар инкишофи илми тиб ва табииёт шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст. Ин нобиғаи илму дониш омӯзиши асрори накшудаи илми мусиқиро ҳам аз назари худ дур нагузошта буд. Ӯ «Донишнома» ном китоби худро, ки ба забони тоҷикӣ навишта буд, ба панҷ бахш: илми мантиқ, табииёт, ҳайат, мусиқӣ ва илми берун аз табиат бахшидааст. Ин донишманди бузург дар таълифи худ мусиқиро ба илмҳои ҳақиқӣ даровардааст, ки ин кор ба мусиқӣ аҳмияти беандоза ва дараҷаи аъло додани ӯро нишон медиҳад. Абӯалӣ ибни Сино бо баён кардани назариёти мусиқӣ қаноат накарда, дар амалиёти ин ҳунар ҳам тахассус пайдо кардааст ва ҳатто «шаҳной» (сурнай) ном асбоби мусиқиро ихтироъ кардааст, ки то имрӯз тоҷикон ва ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна менавозанд. Аз рӯи қавли мутахасисони «Шашмақом», Ироқи Бухороро танҳо бо сурнай пурра навохтан мумкин аст. Ва дигар донишманду мутафаккири форс-тоҷик Абӯнасри Форобӣ (873-950), бо асарҳои шоистааш «Эҳсос-ул-улум», «Мадинат-ал-фазила», «Ас-сиёсат-ал-маданият», «Балоғат» ва «Мусиқӣ» шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Манбаъҳои илмӣ Форобиро «муаллими сонӣ» баъд аз Арасту номида, қайд кардаанд, ки баъд аз ӯ касе ба мартабаи вай нарасидааст. Ӯ ба ҳамин қадар шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карданаш мусиқиро аз назари худ дур нагузоштааст. Ӯ мусиқишинос ва оҳангсози бузург ва ихтироъкори як навъ аз сози мусиқӣ буд.

Дар замони Сомониён Ҳаким Абӯҳафси Суғдии Самарқандӣ, «Мусиқор» ном созро ихтироъ кардааст, ки як сози минқоршакли пурсӯрох будааст. Устод Рӯдакӣ, Форобӣ, Абӯалӣ Ибни Сино ва Ҳаким Абӯҳафси Суғдӣ барин шоирон ва олимони бузург, баҳри равнвқи санъати мусиқии халқи тоҷик хидмати шоиста карда, дар он тозакориҳои зиёде ворид намудаанд. Албатта ин кори худро бе ҳеҷ асос накардаанд ва тасодуфан ин санъатро аз нестӣ ба ҳастӣ наовардаанд. *(С.Айнӣ).*

## МУСИҚӢ

Мусиқӣ бо интонацияи нутқ алоқаи узвӣ дошта ба овозҳои дорои оҳанг ва вазну зарби муайян асос меёбад. Мусиқӣ дар тӯли асрҳо вазифаи ғоявию тарбиявӣ, маданию маърифатиро адо карда

меояд. Дар ривоятҳои халқҳои гуногун мусиқӣ ҳамчун қувваи фавқулода илҳоми илоҳӣ, қувваи осмонӣ ва шифобахши одамон маънидод шудааст.

Оид ба нисбияту пайдоиши мусиқӣ дар охири асри XIX ва авали асри XX чанд фарзия (гипотеза)-ҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Гӯиё асоси пайдоиши мусиқиро оҳанги нутқи пурҳаяҷону эмотсионалӣ (Г. Спенсер), хониши мурғон ва садои ҳайвонот (Ч. Дарвин), зарбу усули олоти меҳнати одамони ибтидоӣ (К. Бюхер) ва сигналҳои овози (К. Штумпф) ва ғайра ташкил медода бошанд.

Шеъри рубобӣ-лирикӣ дар адабиёти мо аз нимаҳои асри IX, яъне аз замони расм шудани шеъри дарӣ–тоҷикӣ оғоз гардид. Шеъри рубобиро шеъри ғиноӣ мегӯянд. Ғино дар арабӣ суруд, нағма, овози тарабангез аст. Шеърҳое, ки бо созу овоз хонда мешаванд, шеърҳои рубобӣ, ё ин ки лирикӣ мегӯянд.

Лира дар юнонӣ номи асбоби мусиқӣ аст. Мазмуни ашъори рубобӣ ё ғиноӣ шеърҳои ошиқона ё лирикӣ мебошад.

Мусиқӣ аслан чор навъ: иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва ошиқона мешавад.

Дар осори андарзӣ «Қобуснома» ва таърихӣ адабӣ «Бадоеъ-улвақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ (1485-155) ва «Бобурнома»-и Заҳируддини Бобур (1483-1530) маълумоти пурқимате марбути ҳаёти мусиқии замонҳои мухталиф ба мушоҳида мерасанд. Шоирони давраи гузашта асосан овозхон ва сарояндаи ашъори худ ва навозандаи созҳо будаанд. Қофиласолори назми классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ асрҳои IX-X дар созҳои бисёре, ба мисли чанг, руд, уд, барбат дасти тавоно доштаанд. Ҳамасри ӯ Абӯлаббоси Бахтиёри мутриб ба устод дар ҳунари барбатнавозӣ кӯмак кардааст. Рӯдакӣ жанрҳои овозии классикии тарона ва уфарро такмил додааст. Шоири асри X Абӯтолиб ибни Муҳаммади Хусравонӣ сарояндаи мумтози мақоми «Хусравонӣ» буд.

Ихтирои созҳои мухталифи мусиқӣ низ ба шоирон нисбат дода мешаванд. Беҳуда нест, ки ҳамин ҳамбастагии ин ду падидаи инсониро донишмандон дар мизони хирад санҷида гуфтаанд, ки «мусиқидон бояд адабиётшинос ва шоир бояд мусиқишинос бошад…» Масалан яке аз нахустин шоирони тоҷик Абӯҳафси Суғдӣ (асри VIII) ихтироъкори сози мукосир (навъи най) буд. Ибни Сино ихтироъкори сурнай. Абӯҳафси Суғдӣ сози шоҳруд. Ҳамчунин Рӯдакӣ сози руд ва Хусрави Деҳлавӣ сози таблаву сеторро офаридаанд.[1]

[1] Аз китоби Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.

**Қасида аз Мавлоно Саъдуддин**
**Мутатаббиби Самарқандӣ**

*Боди сабо барафрӯхт машъалаи гулситон,*
*Шамъи гуҳарбор гашт гулбуни парвинфишон.*
*Айб зи ғунча кушод роз ту макшо баҳор,*
*Сидраи аксун ниҳод бар китифи арғувон.*
*Нофаи тотор гашт ҳар чаман аз бӯи гул,*
*Кулбаи аттор шуд ҳар тараф аз бӯстон.*
*То фалаки шохсор кард ситора нисор,*
*Аз гули сурӣ намуд рӯи замин осмон.*
*Тарфи лаби ҷӯйбор хатти маҷора ба шакл,*
*Акси гули сурх з-об ҷурми суҳайли Ямон.*
*Чанги тараб соз кун, маҷлиси ҷон барфурӯз,*
*Лаъли шакрхандаро базми тараб нуқл дон.*
*Тарфи кулаҳ баршикан, силсила дар ҳам фикан,*
*Банди қабо баркушо, остине барфишон.*
*Оразу холи турост шому саҳар ҷилвагар,*
*Гулшани ҳадди турост сунбули тар соябон.*

* * *

*Забон лол аст аз таърифи айёми баҳоронаш,*
*Қалам саргаштаву оҷиз зи таҳрири гулистонаш.*
*Шавад табъи ҳазин хуррам зи гулгашти хиёбонаш,*
*Димоғи ақл равшан аз ҳавои боғи майдонаш.*
*Бале, бӯе зи боғистони ризвон дар Самарқанд аст. (Фикрӣ)*

*Гул он ҷаҳонист, нағунҷад дар ин ҷаҳон,*
*Дар олами хаёл чӣ ғунҷад хаёли гул?*
*Гул кист? Қосидест зи бӯстони ақлу ҷон ,*
*Гул чист? Руқъаест зи ҷоҳу ҷамоли гул.*
*Гирем домани гулу ҳамроҳи гул шавем,*
*Рақсон ҳамеравем ба аслу ниҳоли гул.   (Румӣ)*

*Гул неъматест ҳадя фиристода аз биҳишт,*
*Мардум қаринтар шавад андар наими гул.*
*Эй гулфурӯш, гул чӣ фурӯшӣ барои сим,*
*В-аз гул азизтар чӣ ситонӣ ба сими гул? (Кисоии Марвазӣ)*



*Гуле дидам ба дасти гулфурӯше,*
*Аҷаб хушрангу зебо буд ба сурат.*
*Шудам мафтуни ону дил хурӯшид,*
*Ба даст онро гирифтам бо муҳаббат. (Носири Бухороӣ)*

Носири Бухороӣ ҳаётдӯст ва ринди сармаст аст. Ӯ ҳамчун Хоҷа Ҳофиз бисёр ғазалҳои худро дар тавсифи майю майгусорӣ, мутрибону муғаниён, ҳурону парирӯён ва аз неъматҳои дунё пур-ра лаззат бардоштанро тарғиб мекунад:[1]

*Ғанимат дор даври гул, ки бар бод аст бунёдаш,*
*Ҳамин мегӯядат булбул, наӣ воқиф зи фарёдаш.*
*Чу сарв аз ҳиммати олӣ ба даст овар гуландоме,*
*В-агар дастат диҳад ҷоми чу наргис гир бар ёдаш.*
*Биҳишти нақд шуд бӯстон, шароб аз ҳурие бистон,*
*Ки бошад қомати ту бо ғуломи сарвандомаш.*

[1] Аз китоби Носири Бухороӣ. (Мунтахабот)

*Мабин дар кӯҳи сангиндил, ки рӯяд лола дар чашма,*
*Ки чашма ашки Фарҳод асту лола хуни Фарҳодаш.*

Ё ин ки ин порчаро аз қасидаи ӯ хонем, ки дар он васфи табиатро бо як истеъдоди махсуси шоирӣ ва сабки хоси худаш баён намудааст:

*Сабо афтону хезон гирди гул бисёр мегардад,*
*Заъиф аст аз давидан дам ба дам бемор мегардад.*
*Чунон аз ҳул нафас дорад, ки дар суръат кунад дар раҳ,*
*Бар ӯ натвон расидан дам задан душвор мегардад.*
*Хушо наргис, ки дар хоб асту махмур аст аз мастӣ,*
*Ба овози хуши булбул саҳар бедор мегардад.*

Носир боз шефтаи нағманавозии мутриб ва овози чангу бонги най ва овои рӯду чаҳ-чаҳи парандагон гардида бо як шӯру шавқ мегӯяд:

*Гулҳо шукуфту ҷилва ба сад рангу бӯ кунад,*
*Ҳар кас тавоф дар чаману тарфи ҷӯ кунад.*
*Оби равон ба пеши гулу акси гул дар об,*
*Монад ба шоҳиде, ки дар оина рӯ кунад.*
*Моро, ки аз фироқ хазон дид боғӣ умр,*
*Кай сабза дар дил ояду гул орзу кунад.*
*Гул парда баркушод, гуландоми ман куҷост,*
*То боз парда гул зи хиҷолат фурӯ кунад.*

Ва дар ҷои дигар ғарибӣ (мусофири)-и инсонро бисёр мутаасир қаламдод кардааст:

*Ман он мурғи ғарибам чашмбаста,*
*Бурида аз гулу дар хун нишаста.*
*Ба пои хештан дар дом рафта,*
*Зи дасти чашми сайёдат наҷаста.*
*Хати ту сабзае бар гул дамидаст,*
*Рухи ту лолае бар сарв баста.*
*Шикаст овардаам аз дарди ҳиҷрон,*
*Ҳамин аҳди ту дорам ношикаста.*
*Зи савдои рухат чун зулфи ҳинду,*
*Ғуломӣ карда, озодӣ наҷуста.*

*Чӣ донӣ хастагони теғи ғамро,*
*Ба пои нозукат хоре нахаста.*
*Дами Носир чӣ мушкил мебарояд,*
*Ба васфи зулфи ту шикастабаста.*

Мутрибиву шоирӣ ин ду пеша, санъати тавъам ва зотан яканд. Мусиқӣ бо каломи пурмаънӣ дар якҷояги ин ду падида нерӯи бузурги таъсирбахшро ба вуҷуд меоранд.

Амир Хусрав мусиқиро чун зодаи хирад ва бузургтарин мояи фитрати инсонӣ пиндошта ва муҳаққиқони асрҳои минбаъда дар зимни таҳқиқи ин паҳлӯи маърифати мусиқӣ назариёти ӯро тақвият додаанд. Равшанфикрони ин асрҳо ақидаи ҳарому макрӯҳ маънидод намудани мусиқиро ботилу беасос шуморида, бо далелу бурҳони қотеъ ҷанбаҳои амалӣ-ҳаётии созу овозро дар мисоли фаъолияти ҳунарии Амир Хусрав ташреҳ додаанд.

*Най зи мо нолидан омӯзад, ки мо дар базми хос,*
*Бенавоёнему ҳар дам дар навои дигарем.*
*Як дам, эй солуси азрақпуши саҷҷоданишин,*
*Моҷаро кам гӯ, ки мо дар моҷарои дигарем.*
*Чораи Носир маҷӯ зинҳор, эй дил, аз табиб,*
*З-он ки мо ранҷур бар бӯи давои дигарем. (Носири Бухороӣ)*

Донишманди ин давра Султон Шаҳобиддини Каррос ақидаи манъу макрӯҳии созу овоз, саноеи нафисаро ботил пиндошта гуфтааст: «Нашунидани созу овози қаввол ва манъ кардани он гуноҳи азим аст. Самоъи хуш, ки зодаи фитрати инсон будӣ, лаззати хуше доштӣ ва афкори ботилро нӯшдору ва далерию шуҷоъатро сарчашмаест ва ҳаром, нораво гуфтани самоъ ин тирафеълию кундфаҳмӣ номуродии инсон будӣ…»[1]

*Зи ромиш ҷаҳон бонги хунё гирифт,*
*Зи бас ҳафт кишвар сурайё гирифт. (Асадӣ)*

*Ромишгари ин таронаи хуш,*
*Дастонзани ин суруди дилкаш. (Ҷомӣ)*

*Навҳа меборад зи оҳанги рубоб,*
*Мурғи дил дар сина месозад кабоб. (Ҳофиз)*

[1] Аз китоби Маданияти мусиқии тоҷик дар асрҳои XIII-XIV

… Дастгирии мустамандон васияте ба мардони ҳақ аз ҷониби пайғамбар аст: ин мардони оқилони олам гуфтаанд: мо гӯшаи узлат гирифтаем ва аз шӯҳрат рӯй тофтем. Ва ҳатто ин асбобҳои мусиқие, ки шумо ҳаромаш мешуморидед, мо онҳоро сари даст бардоштем, чаро, ки дастгирии мустамандон васияте ба мардони ҳақ аз ҷониби пайғамбар аст.[1] Чунон ки шоир фармудааст:

*Ки эй ҳоҷатравои мустамандон,*
*Ба сар афсарнеҳи торакбаландон. (Номаълум)*

*Ба ҷои афсари шоҳист бар фарқ он ғубори дар,*
*Касеро зебад ин афсар, ки хоки остон бошад.*
*(Камоли Хуҷандӣ)*
*Хок шав, хок, то бирӯяд гул,*
*Ки ба ҷуз хок нест мазҳари гул. (Номаълум)*

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз забони наю рубобу чангу уд фармуда:

*Раҳонам зи ғам ҳар ғамандешро,*
*Кунам марҳаме ҳар дили решро.*

Рафтани сармою омадани баҳор дар ташбиби Манучеҳрӣ чунин баён шудааст:

*Рафт сармову баҳор омад чун товусе,*
*Ба сӯи равза бурун омад ҳар маҳбусе.*
*Ба сари сарв занад «Пардаи ушшоқ» тазарв.*
*Варашон ной занад бар сари ҳар мағрусе,*
*Барзанад нору бар он сарви сиҳӣ «Сарвсиҳӣ»,*
*Барзанад булбул бар тораки гул «Қомусе».*
*Думи ҳар тӯтияке чун вароқи савсани тар,*
*Боз чун дастаи савсан думи ҳар товусе.*
*Ба саҳаргоҳон ногаҳон овози қуланг,*
*Рост чун ғев кунад сафар дар кардусе.*

Илми мусиқии мо дар замони пеш ҳамчун илми махсус дар мактабҳо таълим дода мешуд, ки муҳаққиқони зиёде инро васф кардаанд:

---

[1] Аз китоби Радий Фиш «Ҷалолиддини Румӣ», саҳ.62.

*«Ёдам омад, ки баҳри касби адаб,*
*Мешудам тифл ҷониби мактаб.*
*Табъи мавзун маро ғаризӣ буд,*
*Фаҳми ман дар камоли тезӣ буд». (Мавлоно Биноӣ)*

Дар достони «Саломон ва Абсол» Мавлоно Ҷомӣ чунин ба қалам овардааст, ки:

*Шаб ки аз ҳар кор дил пардохтӣ,*
*Бо ҳарифон нарди ишрат бохтӣ.*
*Базмгоҳе чун биҳишт оростӣ,*
*Мутрибони ҳурпайкар хостӣ.*
*Чун димоғи ӯ шудӣ аз бода гарм,*
*Баргирифтӣ аз миён чилбоби шарм.*
*Гоҳ бо қаввол дамсоз омадӣ.*
*Бо муғаннӣ нағмапардоз омадӣ.*
*Тан-танашро аз лаби шаккаршикан,*
*Чун Масеҳо ҷон баровардӣ ба тан.*
*Гаҳ шудӣ ҳамроҳ бо най раҳсипар,*
*Кардӣ аз лабҳо наяшро найшакар.*
*Бонги найро бо шакар омехтӣ,*
*Гӯшро шаккар ба домон рехтӣ.*
*Гоҳ аз чангӣ гирифтӣ чангро,*
*Тез кардӣ сӯзнок оҳангро.*
*Финдиқи тар рехтӣ бар хушк тор,*
*Дар тару дар хушк афгандӣ шарор.*
*Гоҳе аз барбад чу тифли хурдсол,*
*Дар канори худ ба захме гӯшмол*
*Нолаҳои дарднок ангехтӣ,*
*Болиғонро аз мижа хун рехтӣ.*
*Гоҳ мешуд булбулово дар ғазал,*
*Гоҳ мезад даст дар қавлу амал.*
*Ҳар шаб инаш кор будӣ то саҳар,*
*Бо ҳарифон инчунин бурдӣ ба сар.*

## ФИРИСТОДАНИ ШОҲ–ШОПУР МЕҲР ВА МУШТАРИРО БА МАКТАБ

*(Аз маснавии Ассори Табрезӣ)*

*Дило, аз илму ҳикмат ҷӯ тамомӣ,*
*Ки то гардӣ алам дар некномӣ,*

*Ки илм омад бари аҳли маонӣ*
*Иборат аз ҳаёти ҷовидонӣ.*
*Ба назди он, ки з-ин маъни-ш барг аст,*
*Яқин бори дарахти ҷаҳл марг аст.*
*Чунин гуфт он адиби ҳикматандӯз,*
*Бад-ин мантиқ сарои ҳикмат омӯз,*
*Ки чун меҳри сипеҳри шаҳриёрӣ*
*Алам барзад зи шарқи бахтиёрӣ,*
*Дамодам иртифоаш гашт зоид,*
*Ба сӯи авҷи давлат буд соид.*
*Падар чун мустаиди ҳикматаш ёфт,*
*Ба таълими ҳунармандеш биштофт,*
*Дар он шаҳр аз маволи фозиле буд,*
*Ба анвои фазоил комиле буд.*
*Малик фармуд хосонро, ки дардам*
*Ба расми ҳадя хилъатҳои мулъам*
*Биёварданд Меҳру Муштариро,*
*Ду дурри дурҷи некӯмаҳзариро.*
*Чунин бо тӯҳфаи мафтӯҳа бурданд,*
*Ба донишманди донодил супурданд.*
*Чу дар таълимашон истод устод,*
*Дари иршодашон бар рӯй бикшод.*
*Зи васли лавҳ гаштанди маҳафрӯз,*
*Шудӣ ҳар лаҳзашон сад лавҳи маҳфуз.*
*Хирад, к-андар афозил қадҳ мекард,*
*Дамодам бар ҳиҷошон мадҳ мекард.*
*Чу ҷоншон ёфт бо илм ошноӣ,*
*Падид омад зи ҳар сӯ рӯшноӣ.*
*Зи дил лавҳи касолат маҳв карданд,*
*Замони хуш сарфи наҳв карданд.*
*Аз он пас чашми фикрат баркушоданд,*
*Фазоилро якояк дод доданд.*
*Ба анвои маориф дар замона,*
*Шуданд он ҳарду моҳи нав ягона.*
*Чунон шуд дар ҳунар Меҳри паричеҳр,*
*Ки дар олам набудаш мисл чун меҳр.*
*Ба хат чун килк бар коғаз ниҳодӣ,*
*Хирад чун килк дасташ бӯса додӣ.*
*Бари хатташ, ки ҷонро буд аз ӯ қуд,*
*Зи ҳуснаш рафта дар хат ҷони ёқут.*

*Кам аз сулсу руқоу хатти ҷонон,*
*Зи тавқеаш муҳаққақ насху райҳон.*
*Бадоеъ дар ибороти забон дошт,*
*Маонӣ дар ишороти баён дошт.*
*Усули ҳикмат аз лафзаш мубайин,*
*Далели ҳайъат аз рӯяш мубаррин.*
*Ба илми сарфу тиббу фиқҳу танҷим*
*Набуда сонияш дар ҳафт иқлим.*
*Ба мусиқию шеъру созу иншо*
*Сабақ бурд аз ҳунармандони дебо.*
*Ба шатранҷу фазилат қоими шаҳр,*
*Ба нарду номдори фориди даҳр.*
*Чу дарси ҳолу мозиро бихондӣ,*
*Ба таълими саворӣ асб рондӣ.*
*Ба андак рӯзгоре ончунон шуд,*
*Ки дар илму шуҷоат достон шуд.*

## РИСОЛА

Рисола – асар, ба тартиб ҷамъ овардани ягон соҳаи илм аст. Асари начандон калони илмӣ назарӣ, ки аз як масъалаи илмӣ ва қонуниятҳои як илм – фалсафа, тиб, арӯз, мусиқӣ ва ғайра баҳс мекунад. Нахустин рисолаҳои мусиқӣ ба забонҳои дарӣ ва арабӣ дар ҳудуди Мовароунаҳру Хуросон дар аҳди Сомониён таълиф шудаанд. Аз он ҷумла осори муттафаккирони барҷастаи он замонро ба мисли таълифоти Абӯнасри Форобӣ «Китоб-ул-калом-фил-мусиқӣ» «Китоб-ул-мадхал-ас-иноат-ал-мусиқӣ», «Мусиқи-ал-кабир» ва асарҳои гаронмояи Абӯали Ибни Синоро метавон дохил кард. Ибни Сино дар осори худ ба масоили мусиқӣ таваҷҷӯҳи зиёде намудааст. Фасли чаҳоруми «Донишнома» қисматҳои алоҳидаи «Китоб-уш-шифо» ва «Китоб-ул-наҷот» аз масъалаҳои мусиқӣ баҳс мекунанд. Ва «Рисола-фил-мусиқӣ»-и ӯ ба таври махсус ба масоили назарӣ ва амалии мусиқӣ оид мебошад. Хайём рисолае таҳти унвони «Шарҳ-ул-мушкил-мин китоб-ул-мусиқӣ» оид ба назарияи риёзии мусиқӣ таълиф мекунад, ки онро дар рисолаи «Фи шарҳи мусаддароти уқлидус» хотиррасон кардааст. Унсурӣ ҳам илми ғиноиро накӯ омӯхта асар таълиф кардааст. Носири Хусрав низ илми мусиқиро накӯ омӯхта ғижжакро ихтироъ кардааст. Амир Хусрави Деҳлавӣ низ чун мусиқишинос, оҳангсоз ва шоири лирик шинохта шуда, китобу рисолаҳои пурқимат таълиф намудааст. Дар

асри XIII мутриб ва назариётчии бузурги мусиқӣ Абул Муъмин Сафиддини Урмавӣ асарҳои «Рисола-уш-шарафия» ва «Китоб-ул-адвор»-ро таълиф намуд, ки онҳо дар инкишофи назарияи мусиқӣ марҳалаи тозае ба шумор меравindependent. Қомусҳои «Дуват-ут-таҷли-ғурат-ибибоҷ»-и Маҳмуд Ибни Масъуди Шерозӣ ва «Нафоис-ул-фунун-фи-ароис-ил-уюн»-и Омӯлӣ дар бораи инкишофи мусиқи аз ҷониби донишмандони гузашта маълумоту тафсири пурқимат медиҳанд. Шоир ва мутафаккири бузурги асри XV тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ муаллифи «Рисолаи мусиқӣ» мебошад. Асари Зайнулобиддини Ҳусайнӣ «Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ» ва маҷмӯаи «Ҷомеъ-ул-алҳон», ки аз ҷониби хоҷа Абдулқодир мураттаб шудааст, низ дар ҳамин давра ба вуҷуд омадаанд. Ҳамаи рисолаҳои номбурдаи асрҳои X-XV осори дақиқи назарӣ ба шумор меравanд. Дар онҳо муаллифон ҷонибҳои гуногуни савт, хосиятҳои танинни онро мавриди таҳлил қарор додаанд, маҳфузҳоеро мисли буъд (фосила), иқо (ритм) усулу лаҳн, ҷамъ (қатор, овоз) ҷинс, парда, мақом ва ғайра тафсир намудаанд. Ва ҳамчунин таъсири мусиқиро ба рӯҳияи инсон омӯхтаанд. Муҳаммади Омӯлӣ (дар асараш «Нафоис-ул фунун фи ароис-ул-уюн» «фасл дар илми мусиқӣ»). Асари энсиклопедии Муҳаммад Маҳмуди Омӯлӣ, ки дар асри XIV таълиф кардааст, дар хусуси 16 соҳаи илми асрҳои миёна маълумот медиҳад. Муаллиф кушидааст, тамоми илми гузашта ва давраи худро шарҳ дода, моҳияти ҳар илм ва истилоҳи илмиро бояду шояд кушояд. Асар истилоҳот ва калимоти арабӣ, форсӣ-тоҷикӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва ғайраро дар бар гирифтааст. Инчунин, дар ин асар аз комёбиҳои илму фанни мардуми эронӣ, араб ва халқҳои ҳинд сухан меравад. Дар он ба илмҳои табиии диққат дода шудааст. Қисмати мусиқии «Нафоис-ул фунун фи-ароис-ил-уюн» бештар хусусияти илмию назарӣ дошта, дар пешрафти назарияи мусиқии асрҳои минбаъда роли калон бозидааст. [1]

## ҲАКИМ УМАРИ ХАЙЁМ

*(1040 – 1123)*

Хайём рисолае таҳти унвони «Шарҳ-ул-мушкил-мин-китоб-ул мусиқӣ» оид ба назарияи риёзии мусиқӣ таълиф мекунад, ки он то давраи мо нарасида бошад ҳам, онро дар «Рисолаи фи-шарҳи мусоддароти уқлидус» хотиррасон кардаанд.

---

[1] Аз китоби «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик».

Умари Хайём дар мусиқӣ ҳам устоди беназир будааст:



*Холиқ туию маро чунин сохтаӣ,*
*Ҳастам ба маю тарона дилбохтае.*
*Чун рӯзи азал агар чунин сохтаӣ,*
*Аз баҳри чӣ дар дӯзахам андохтаӣ.*

* * *

*Ҷомею бутею барбате*
*бар лаби кишт,*
*Ин ҳар се маро нақду*
*туро насяи биҳишт.*

* * *

*Майлам ба шароби ноб бошад доим,*
*Гӯшам ба наю рубоб бошад доим.*

## АСБОБҲОИ МУСИҚӢ

Ҳазрати Хоҷа Ҳофиз созҳои мусиқиро дар ин байти худ ин тавр ёд кардааст:

*Чу ғам лашкар орад, биёро сафе!*
*Зи чангу рубобу зи ною дафе!*

Мавлоно Ҷомӣ бошад чунин гуфтаанд:

*Чист медонӣ садои чангу уд,*
*Анта ҳасби, анта кофӣ ё вадуд,*
*Нест дар офаридагон завқи самоъ,*
*В-арна оламро гирифтаст ин сурур.*
*Оҳ аз ин мутриб, ки аз як нағмааш,*
*Омада дар рақс зарроти вуҷуд.*

**Рубоб** – ҳамчун сози тории мусиқӣ хеле маъмул аст дар байни халқҳои Шарқ, алалхусус тоҷикон. Рубоб яктора, дутора ва сетора мешавад. Аз рубоби яктора бештар шоирону гӯяндагони халқӣ, аз рубоби ду-се тора ромишгарон ва муғанниёни касбӣ барои рақсу тарона ва мусиқии ансамблӣ истифода мебурдаанд. Рубоб баъди

истилои араб чун асбоби камонӣ бо номи ребоб дар Миср, мамлакатҳои шимоли ғарбии Африка ва Андалусия маъмул гардид. Дар асрҳои минбаъда тавассути тиҷорат дар Ҳиндустон ва ҷазираҳои Малая пайдо шуд. Низомии Ганҷавӣ дар достони «Хусрав ва Ширин» овардааст, ки рубобро аксаран бо барбат ва чанг якҷоя менавохтаанд. Мавлоно Ҷомӣ рубобро чунин васф намудааст:



*Мехостам камонча задан аҳли зӯҳдро,*
*Ин корро ба кори дили ман рубоб кард,*

* * *

*Рубоб аз тори ғам ҷонро амон деҳ,*
*Баровардa камонча наъраи зеҳ.*

* * *

*Зарбате бояд, ки ҷони хуфта бархезад зи хок,*
*Нола кай бе захма аз тори рубоб ояд бурун. (Иқбол)*

**Най:** Този мусиқии нафасӣ аз қадим дар байни мардуми эронинажод машҳур аст. Дар мамлакатҳои Араб найро мизмард меноманд.

*Оташ аст ин бонги ною нест бод,*
*Ҳарки ин оташ надорад нест бод.*
*Гар набудӣ нолаи найро самар,*
*Най ҷаҳонро пур накардӣ аз шакар. (Румӣ)*

Найро аз чӯб, филиз месозанд. Ғафсиаш 3-4 сантиметр, дарозиаш 45-60 см. дарунаш холӣ. Аз як нӯгаш ба дарозӣ сӯрохе дорад, ки барои дамидани бод истифода мешавад. Бар танаи най 6-

10 сӯрох мешавад, ки онҳо барои тағйир додани овоз ё лаҳн ба кор мераванд. Маъхазу сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва мусиқӣ хеле қадимӣ будани найро қаламдод мекунанд. Аз рӯи бозёфтҳои археологӣ ва деворнигораҳову нақшҳои рӯи санг бармеояд, ки най ҳанӯз дар давраи шумериҳо (2500с.то м). маълум будааст (он дар шакли найи амудӣ ба мисли тутак) тасвир ёфтааст. То замони мо навиштаҷоти шоҳи шумериҳо Гудея (тақ 2500с. то м. бо ин 2000м-4500) расидааст, ки дар он доир ба чӯпониву найи қамишини ӯ сухан меравад. Мусиқишиноси немис Кзакс мегӯяд: «ин най садои нозуку форами ғайриоддие доштааст». Тасвири найнавозон дар маснуоти сафолини аз Афосиёб ёфташуда низ ба чашм мерасад. Дар мусавварои мактаби минётури Ҳирот, ки аз рӯи «Шоҳнома» кашида шудааст, дастаи сенафараи духтарони чангнавоз, дойрадаст ва найнавоз ба чашм мерасанд.

*Ной барои ман кунад дар шабу рӯз нолае,*
*Чанг барои ман кунад бо ғаму сӯз зорие. (Румӣ)*

*Навои най навиди васл дода,*
*Ба ҷон аз вай умеди васл зода.*

**Чанг:** Чанг сози қадимаи мусиқиест, ки дар мамлакатҳои Шарқ ва Шарқи Наздик маъмул аст. Чанг як сӯрохии резонатори 72 тори металӣ ва 72 гӯшак дорад. Чангро асосан бо чӯбчаҳо менавозанд. Чанг таърихи тӯлонӣ дорад. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои қадимӣ ҳанӯз дар давраи шуамериҳо ин соз бо шаклу намуди дигар маъмул будааст. Мувофиқи маълумоти «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ чангнавози Баҳроми Гӯр (а.3-5) Озода ҳамеша бо чанг дар паҳлӯи шоҳ будааст ва сӯҳбатҳои хоси ӯро бо садои дилнавози чанг оро медодааст. Ин асбоб баъдтар каме тағир ёфтааст, ки дар асрҳои миёна «Шоҳрӯд» меномиданд. Дар байни халқҳои араб номи «Қонун»-ро гирифтааст.

*Вақти саҳар аст, хез эй мояи ноз,*
*Нармак-нармак бода хӯру чанг навоз. (Хайём)*

*Ҳама шаб зи овози чангу рубоб,*
*Сипаҳро наомад бар он дашт хоб. (Фирдавсӣ)*

*Дуто шудам, зи ғами ишқу зор менолам,*
*Ба нола дол бувад, қомати хамидаи чанг. (Мушфиқӣ)*

*Агарчи чангнавозон латифдаст буванд,*
*Фидои дасти қалам бод дасти чангнавоз. (Рӯдакӣ)*

*Ба хунёгаре нағз овард рӯй,*
*Ки чизе, талаб дил кунад, он бигӯй.*

**Чангқобӯз, чангқавуз, лабчанг:** Сози мусиқии филизии калоншакли забончадор аст, ки аз қадимулайём бо номҳои гуногун дар байни бисёр халқҳои ҷаҳон машҳур аст. Ҳангоми навохтан онро дар байни лабон гузошта бо дасти чап аз думчааш медоранд ва бо ангушти дасти рост забончаи онро ба ларзиш меоваранд. Дарозии чангқобӯз тахминан 8-12 см мебошад. Дар Тоҷикистон чангқобузро асосан занҳо менавозанд «Чанги занона» ҳам мегӯянд. Чангқобуз овози мусиқии халқҳои Сибир, Шарқи Дур, Осиёи, Африко ва ғайра ба шумор меравад.

**Чағона:** Навъе аз созҳои қадимии мусиқист. Чағона аз чӯби дарозиаш 30-40 см сохта шуда, як нуги онро сӯрох мекунанд. Чағона дар Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қошғар (вил.Синзяни Хитой) бо номи «сафоил» маълум аст. Номи оҳангест дар мусиқии асримиёнагии форс-тоҷик. Дар мусиқии классикии имрӯзаи тоҷик вуҷуд надорад.

*Муғаннӣ ба овози чангу чағона,*
*Чи хуш гуфт вақти сабӯҳ ин тарона.*
*(Абдураҳмони Ҷомӣ)*

*Бар сабзаву лола ба сари кӯҳу лаби ҷӯй,*
*Аз мурғ чағонасту, зи нахчир қатораст. (Муиззӣ)*

**Уд:** Сози мусиқии қадима, ки дар тамоми кишварҳои исломӣ маълум гашта буд. Удро бо мизроб менавохтанд. Қабл аз асрҳои VII-VIII бо номи « Барбат» машҳур буд. Уд шакли арабикунонидашудаи он аст. Мувофиқи маълумоти Г. Фармерт уд аз Суғд ба Хутан (а.V) ва сипас ба дигар мамолики Шарқи наздик ва миёна паҳн гардидааст. Ҳайкалчаҳои уднавозон аз ҳудуди имрӯзаи Покистон (а-IV, I-II), вилояти Хоразми Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ пайдо шудааст. Олимони аввалине, ки оид ба илми мусиқӣ рисолаҳо офариданд: Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон мебошанд. Уд ҳамчун сози мукаммалтарин шинохта шуда, кулли баҳсҳои хусусан санъати мусиқӣ, нағма, фосила, ҷинсу ҷамъ, пар-

да, адвор ва ғайраро ба воситаи тору чӯри уд баён кардаанд. Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки уд дар санъати асримиёнагии мусиқии машриқзамин мақоми сози асосиро соҳиб гардида буд.

*Гуфтаӣ: то кай Ҳилолӣ зор нолӣ ҳамчу уд,*
*Чун гирифторам ба чанги най навое чун кунам. (Ҳилолӣ)*

Тасвири нодири уд аз рисолаи машҳури Сафиддини Урмавӣ (асри XIII), «Китоб-ул-адвор» то замони мо расидааст. Баривоёте Файсоғурсии Ҳакими Юнонӣ нахустин ихтирокори уд мебошад.

**Танбӯр:** Мувофиқи ривоят, рӯзе Хусрави Парвизи Сосонӣ (ҳукм.590-628) дониши ҷавонеро санҷиданӣ шуда, аз ӯ мепӯрсад, ки ба фикри ту, ромишгари мумтоз чӣ гуна кас бояд бошад? Ҷавон дар ҷавоб мегӯяд: Шахсе, ки дар навохтани чангу танбур ва барбат маҳорати том дошта бошад.

Аз ривоят бар меояд, ки танбӯр ҳам яке аз созҳои дӯстдоштаи мардуми он замон будааст. Танбур дар сарзамини Суғд аз асрҳои VI-VIII низ маълум будааст. Ин фикрро Абунасри Форобӣ ҳам тасдиқ мекунад. Ӯ менависад: «Дар сарзамине, ки мо китоби худ-ро иншо мекунем бо номи танбур, ду намуди соз машҳур аст. Яке Хуросонӣ ва дигаре Бағдодӣ» ки дар Ироқ, маъмулӣ дошт. Танбур сози тории қадимии тоҷикист. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои қадимӣ, суғдиён асбобе доштаанд, ки аз ҷиҳати шакл ва намуд ба танбур монанд будааст» (асрҳои XIII-XIV) .

**Танбура:** Танбура созест аз созҳои қадим ва ба забони ҳакимони Юнон танбура мураттаб аз ду калима аст. Тан – яъне дил, бура – яъне харошидан. Пас маънои ин ду калима харошидани дил мешавад. Танбура замоне пайдо шуд, ки рӯҳ дар баробари қолиби Одам (а) истода буд ва дар нима омада. Чун овози хуши танбура аз он пайкар ба гӯши рӯҳ расид беихтиёр бо завқу шавқ ба ваҷду ҳаяҷон омада дар қолиби тан даромад. Ва гӯянд, ки:

*Ғизои рӯҳ дар олам овози хуш мебошад.Манқӯл аст ки танбур устоди ҳамаи созҳост. Аз Рисолаи (Тӯҳфат- ус-сурур)*

*Чӯбе битарошиду бар ӯ баст ду-се тор, қонунгари олам,*
*Сад нолаи зор аз дили ҳар тор баромад, фарёдкунон шуд.*
*(Шамси Табрезӣ)*

*Ба молиш дод гӯши удро тоб,*
*Тарабро сохта аз тораш асбоб.*

**Скрипка:** Асбоби мусиқии тордоре, ки бо камонча навохта мешавад. Аз рӯи садои регистраш баландтарин асбоби гурӯҳи скрипкашаклҳост. Мусиқишиносон мӯътақиданд, ки асбоби камончадор ихтирои мардуми араб будааст ва дар асри VIII ба Европаи ғарбӣ оварда шудааст. Нусхаи классикии скрипка асосан дар асрҳои XV-XVI дар Полша, Италия ва Фаронса пайдо шуда аст. Садои нафису форам дорад.

*Садои он ғижжакам кушту шакли он ғижжакӣ,*
*Ки шӯри маҷлиси ушшоқ шуд зи пурнамакӣ. (Ҷомӣ)*

**Ғижжак,** сози тори камончадори мусиқист, ки дар Осиёи Марказӣ ва Эрону Афғонистон маълум аст. Ғижжак аз давраҳои қадим дар байни халқҳои Шарқ бо номҳои гуногун маълум буд. Онро тоҷикон ғиҷак ё ин, ки ғижжак, озариҳою арманиҳо камонча, афғонҳо дилрабо, ҳиндуҳо сиринча меноманд. Муҳаққиқон таърихи пайдоиши ғиҷакро ба асрҳои IX-X нисбат медиҳанд. Мусиқишинос, мутриб ва шоири асрҳои XVI-XVII Дарвешалии Чангӣ дар асараш «Тӯҳфат-ус-сурур» пайдоиши ғижжакро дар Осиёи Миёна ба асри X ҳамл карда ихтироъгари онро Абуали Ибни Сино ва Носири Хусрав ном бурдааст.

Ғижжаки Страдиварӣ, сози торию камонии ғижжактароши моҳири итолиявӣ Антонию Страдиварӣ (1644-1737) мебошад. Дар ватани Страдиварӣ то имрӯз ғижаке (скрипка) нигоҳ дошта мешавад, ки чунин тамға дорад: Дар сини 13-солагӣ дар устохонаи Николай Аматӣ сохта шуда аст. Ӯ тақрибан солҳои 1664 дар назди Аматӣ таълим гирифта, ҳамон сол устохонаи шахсӣ мекушояд. Бо хоҳиши шоҳони Испания, Англия, Полша барои сарварони як қатор давлатҳои тобеи Италия маҷмӯи созҳои торию камонӣ месозад. Фарқи ғижжаки Страдиварӣ аз дигар ихтироъкорони олам дар он аст, ки садои ғижжакро то дараҷаи сифати овози инсон наздик овардааст. Ғижжаки аслии ӯро солҳои наздик 2005-2007, 150 миллион доллар нарх мекунанд[1].

**Даф-дойра:** Ҳофизи Шерозии малакутӣ дар ситоиши даф гуфтааст:

[1] Аз маҷаллаи «Илм ва ҳаёт». Соли 1991.

*Муғаннӣ, биё бо манат ҷанг нест!*
*Кафе бар дафе зан гарат чанг нест!*
*Шунидам, ки гар ғам расонад газанд,*
*Хурӯшидани даф бувад судманд.*

Даф, таърихи қадима дошта, пайдоишашро ба дуҳазораи пеш аз милод ва дуҳазори милодӣ нисбат додаанд.

*Рақсе кунед, эй орифон, чархе занед, эй мунсифон,*
*Дар давлати шоҳи ҷаҳон, он шоҳи ҷонафзои мо.*
*Дар гардан афканда дуҳул, дар гирдаки насрини гул,*
*К-имшаб бувад дафу дуҳул некӯтарин колои мо. (Румӣ)*

*Мурғ чун рақскунон боз наво баргирад,*
*Лаб пур аз ханда кунад, субҳу дафи зар гирад. (Бадри Чочӣ)*

*Зуҳраву маҳ дафзану шодони мост,*
*Булбули ҷон масти гулистони мост. (Шамси Табрезӣ)*

*Камонча оҳи мусавор мезад,*
*Муғаннӣ роҳи мусиқор мезад. (Низомӣ)*

**Мусиқор:** Сози нафасии қадимии мусиқист. Дар китоби «Матлаъ-ул-улум» омадааст, ки ихтироъкори мусиқор Ҳаким Абӯҳафси Сӯғдӣ (Самарқандӣ) мебошад. То асрҳои XII-XIII дар Осиёи Миёна маълум буда, минбаъд аз байн рафтааст. Мусиқор аз 8 то 21 найчаи дарозу кӯтоҳе доштааст. Онро мисли най пуф мекардаанд. Мусиқор асосан сози мардуми табақаи заҳматкаш буда, одатан дар рӯзҳои ҷашну хурсандӣ дар ҳамовозӣ бо таронаҳои халқӣ ва баъзан оҳангҳои мазҳакавӣ иҷро мегардад. Низомии Ганҷавӣ зиёда аз 30 соз (асбоб) аз ҷумла мусиқорро дар асарҳояш номбар кардааст. Аз асри XIV то ҳол, мусиқор дар мусиқии тоҷик амал надорад. Мусиқор дар мусиқии дигар халқҳо бо номи Севница, учикли (русҳо) Ларҷеми, Соинари (гурҷиҳо) Скудучай (литвониҳо) мусқал, най (молдавиҳою руминҳо) дар шаклҳои гуногун то ҳол истифода мешавад.[1]

[1] Номҳои созҳои мусиқӣ аз Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик навишта шудаанд.

*Ҷумла мусиқор з-ин барбатсарой,*
*Лаҳни довудии эшон ҷонфизой. (Шайх Аттор)*

*Боғ пур пардаҳои мусиқӣ,*
*Роғ пур аз лаҳнҳои мусиқор. (Убайди Зоконӣ)*

## МУТРИБ, МУҒАННӢ, РОМИШГАР ВА РАҚҚОСИ АСИЛ

***Генрих Гейне (Шоири олмонӣ)***

*Таббол, бизан, матарс аз суду зиён,*
*Аз рӯю зи лаъли лаби ёр бӯса ситон.*
*Мазмуни тамоми илму ирфон ин аст,*
*Мақсуд зи таълими бузургон ин аст.*

*З-овози нағора шӯр афкан ба ҷаҳон,*
*Бедор шаванд мардум аз хоби гарон.*
*Маънии ҳама дониши инсон ин аст,*
*Бебок бирав ба пеши саф таблзанон.*

*Ин аст муроди таълимоти Гегел,*
*Ин аст маонии улуми башарӣ.*
*Фаҳмидаам ин маънӣ, зи баски ҳастам,*
*Табболи далеру аз ҷаҳон бохабаре.*

***(Тарҷумаи Лоиқ)***

* * *

*Ба рӯйи баҳр хошок аст ағонӣ,*
*Наёяд гавҳаре бар рӯйи дарё!*
*Валекин лутфи хошок аз гуҳар дон,*
*Ки акси акси барқи ӯст бар мо!*
*Ағонӣ ҷумла фаръи шавқи васлест,*
*Баробар нест фаръу асл асло!*
*Даҳон барбанду бикшо равзани дил,*
*Аз он раҳ бош бо арвоҳ гӯё! (Девони Кабир)*

*Хоқониям, на валлоҳ, Хоқони назму насрам,*
*Гӯяндагони олам пешам аёли музтар. (Хоқонӣ)*

*Ман қаламронам, ӯ дабӯқазан аст,*
*Кулаҳаш бин, ки лаъли қӯқаи ӯст.*
*Дасти ман кам зи пои ӯст, бале,*
*Қалами ман кам аз дабӯқаи ӯст. (Хоқонӣ )*

*Мутриб аз дарди муҳаббат ғазале мепардохт,*
*Ки ҳакимони ҷаҳонро мижа хунполо буд. (Ҳофиз)*

*Муғаннӣ соз дар айвон кашида,*
*Хурӯши чанг дар кайвон кашида. (Низомӣ)*

*Зулайхо мунтазир дар пардаи хос,*
*Дили ӯ аз тапиш дар парда раққос. (Ҷомӣ)*

*Сиришк мекунад имшаб ба чашми гирён рақс,*
*Кӣ додааст, надонам, ба ёди мастон рақс! (Бедил)*

*Рақсидани сарву ҳолати гул,*
*Бе савти ҳазор хуш набошад. (Ҳофиз)*

*Чу рӯят парда бикшояд, каҳу саҳро ба рақс ояд,*
*Чу ишқат рӯй бинмояд хирад ночор бархезад. (Ироқӣ)*

*Атласу дибоҷ бофад ошиқ аз хуни ҷигар,*
*То кашад дар пойи маъшуқ атласу дибоҷро.*
*(Шамси Табрезӣ)*
*Магар нағма ашкест ҳайратхиром,*
*Ки мерезад аз дидаи най мудом? (Бедил)*

*Зи ҳар лафзаш равон магзар чу хома,*
*Ба ҳар ҳарфе фурӯ рав чун сиёҳӣ! (Камоли Хӯҷандӣ)*

Дасте дар муоличат чун дами Исо ва қадаме дар хосият чун дасти Мӯсо, кафе чун кафи Мӯсо, даме чун дами Исо, созу овози рӯҳбахши Довудӣ андешаҳои маъмуланд миёни мардум.

Борбад ва Накисову Саркаш мабдаи савту суруди мардуми тоҷику форс мебошад. Агар санъатварону донишмандони соҳаи санъати мусиқӣ савти ваҳимонанди Борбаду Накисову Саркашро қадррасӣ намуда, осори тадқиқӣ офарида бошанд, пас аҳли калому маърифат баҳри бунёди симои барҷаставу ҳайратафрӯзи онҳо кил-

ки эъҷоз ба даст гирифта, каломи бадеъ офаридаанд. Имрӯз ҳар як сатри сеҳрофарини Абдулқосим Фирдавсӣ, Ҳофизу Хоқонӣ Низомию Гургонӣ ва дигарон нисбати булбулони хушовозе, ки ҳазору панҷсад сол инҷониб пардаи тираву тори зиндагиро дарронда, ба мардум дақиқаҳои шодиву масрурӣ ато намуда, баҳри ҳамчун вуҷудиёти нозуку латифи ҳастӣ ба камол расонидани завқу салиқаи гуворои инсон баҳрагузорӣ кардаанд, шайпур мезананд.[1]

*Шағабҳои шайпур аз оҳанги тез,*
*Чу сури Исрофил дар растахез. (Низомӣ)*

*Худоё, мутрибонро ангубин деҳ,*
*Барои зарб дасти оҳанин деҳ.*
*Чу дасту пой вақти ишқ карданд,*
*Ту ҳамшон дасту пойи ростин деҳ.*
*Чу пур карданд гӯши мо зи пайғом,*
*Ту-шон сад чашми бахти шоҳбин деҳ.*
*Кабӯтарвор нолонанд дар ишқ,*
*Ту-шон аз лутфи худ бурҷи ҳасин деҳ.*
*Зи мадҳу офаринат гӯшҳоро,*
*Чу хуш карданд, ҳам-шон офарин деҳ.*
*Ҷигарҳоро зи нағма об доданд,*
*Зи Кавсар-шон ту ҳам мойи маҳин деҳ,*
*Хамӯш кардам, каримо, ҳоҷате нест,*
*Ки гӯяндат:-Чунон бахшу чунин деҳ. (Шамси Табрезӣ)*

*Чу шӯридагон майпарастӣ кунанд,*
*Ба овози дӯлоб мастӣ кунанд.*
*Ба рақс андар оянд дӯлобвор,*
*Чу дӯлоб бар худ бигирянд зор.*
*Макун айб дарвеши мадҳуши маст,*
*Ки ғарқ аз он мезанад пою даст,*
*Надонӣ, кӣ шӯрида ҳолона маст,*
*Чаро барфишонад дар рақс даст.*
*Гумояд дарё бар дил аз воридот,*
*Фишонад сари даст бар коинот.*
*Ҳалолаш бувад рақс бар ёди дӯст,*
*Ки ҳар остинеш ҷоне дар ӯст. (Саъдӣ)*

[1] Аз китоби «Асрори номҳои кишвар». Соли 1989. саҳ.51.

Амир Хусрав, он хазинаи суруди маънавӣ ва дарёи ҳақиқат баробари ҳама фазилатҳои наҷибонааш аз илми мусиқӣ низ огаҳии комил доштааст. Рӯзе мутрибе бо ӯ баҳс кард, ки илми мусиқӣ илми шариф аст ва илми шеър низ шариф. Аммо дар мартаба илми мусиқӣ бартар аст. Амир Хусрав баъди ин мунозира қитъаи зеринро рӯи коғаз овардааст:

*Мутрибе мегуфт Хусравро, ки: эй ганҷи сухан,*
*Илми мусиқӣ зи ҷинси назм некӯтар бувад,*
*З-он ки он илмест, к-аз диққат наёяд дар қалам,*
*В-он на душвор аст, ки андар қоғазу дафтар бувад,*
*Посухаш гуфтам, ки ман дар ҳарду маънӣ комилам,*
*Ҳар дуро санҷида бар вазне, ки он дар (хвар) бувад.*
*Назмро кардам се дафтар в-ар таҳрир омадӣ,*
*Илми мусиқӣ се дигар будӣ ар бовар бувад.*
*Фарқ ман гӯям миёни ҳарду маъқулу дуруст,*
*Гар диҳад инсоф он к-аз ҳар ду донишвар бувад.*
*Назмро илме тасаввур кун ба нафси худ тамом.*
*К- ӯ на мӯҳтоҷи самоъу савти хунёгар бувад.*
*Гар касе бе зеру бам назме фурӯ хонад равост,*
*Не ба маънӣ ҳеҷ нуқсон не ба лафз – андар бувад.*
*В-ар кунад мутриб басе ҳун-ҳуну ҳон-ҳон дар симоъ,*
*Чун сухан набвад ҳама бемаъниву абтар бувад.*
*Нойзанро бингар, ки савте дораду гуфтор не,*
*Аз барои шеър мӯҳтоҷи суханпарвар бувад.*
*Назмро ҳосил арӯсе дону нағма зевараш,*
*Нест айбе гар арӯси хуб безевар бувад.*
*Ман касеро одамӣ донам, ки донад ин сухан,*
*В-ар надонад пурсад аз ман в-ар напурсад, хар бувад.*

(Амир Хусрав)

Ҷомӣ дар маснавии «Тӯҳфат-ул-аҳрор» дар ситоиши сухан чунин гуфтааст:

*Ҳаст сухан пардакаши розҳо,*
*Зиндакуни мурдаи овозҳо.*
*Нағмаи хунёгари дастонсарой,*
*Мурда бувад бесухани ҷонфизой.*
*Чун ба сухан ёр шавад сози ӯ,*
*Ҷон ба ҳарифон диҳад овози ӯ.*
*Ҳар кӣ нафасро кунад исботи ҷон,*
*Ҷуз сухани хуш набувад ҷони он.*

* * *

*Агарчӣ чангнавозон латифдаст буванд.*
*Фидои дасти қалам бод дасти чангнавоз. (Рӯдакӣ)*

*Ҷунбиши аввал, ки қалам бар гирифт,*
*Ҳарфи нахустин зи сухан дар гирифт.*
*Чун қалам омода шуд, оғоз кард,*
*Чашми ҷаҳонро ба сухан боз кард. (Низомӣ)*

*Сухан натиҷаи ҷон асту шеър ҷони сухан,*
*Аз он ба шеъру сухан унси инс бошаду ҷон.*
*(Собири Тирмизӣ)*

*Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,*
*Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро. (Ҳилолӣ)*

*Хирадмандон, ки дури назм суфтанд,*
*Нигаҳ кун ин сухан чун нағз гуфтанд. (Убайди Зоконӣ)*

*Ҳунар чун мушк бувад, мушк кай ниҳон монад?*
*Ҷаҳон зи накҳати ӯ пур зи бӯ шавад ногоҳ.*
*(Анварии Суҳайлӣ)*

*Ҳама раҳ зи овои чангу рубоб,*
*Ҳаме хуфтаро сар баромад зи хоб.*
*Ҳаме хок мушкин шуд аз мушку зар,*
*Ҳаме аспи тозӣ баровард пар. (Фирдавсӣ)*

*Он нағма, ки рӯҳ қолиби инсон буд,*
*Ҳамроҳ ба ӯ савти хуше пинҳон буд.*
*Гӯянд. ки савт буд ё ҷон ҳамроҳ,*
*Ҳамроҳ ба ӯ магӯ, ки ӯ худ ҷон буд. (Мавлонои Кавкабӣ)*

*Муғаннӣ ғиноро даровар ба ҷӯш,*
*Ки дар боғ булбул набояд хамӯш.*
*Магар хотирамро ба ҷӯш оварӣ,*
*Мани гунгро дар хурӯш оварӣ. (Низомӣ)*

*Шеъре ба суҷуд ояд ашъори Саноиро,*
*Ҳар гаҳ, ки ту бисроӣ шеърашба рубоб. (Саноӣ)*

*Ду байтам ҷигар кард рӯзе кабоб,*
*Ки мегуфт гӯяндае бо рубоб. (Саъдӣ)*

*Биё, эй шакарҳарфи тутинаво,*
*Ки бе нағма талх аст оби бақо. (Бедил)*

*Ҳар мӯи ман аз ишқат байту ғазале гашта,*
*Ҳар узви ман аз завқат хумми асале гашта.*
*(Девони Кабир)*

*Мутриби рӯҳи ман тӯӣ, киштии нӯҳи ман тӯӣ,*
*Фатҳу футӯҳи ман тӯӣ, ёри қадиму аввалин.*
*Ай зи ту шод ҷони ман, бе ту мабод ҷони ман,*
*Дил ба ту дод ҷони ман, бо ғами туст ҳамнишин (Шамси)*

*Самоъ чист? Зи пинҳониёни дил пайғом,*
*Диле ғариб биёбад зи номашон ором. (Румӣ)*

*Биё, эй орифи мутриб, чӣ бошад, гар зи хушхӯӣ,*
*Чу шеърро нур афшонӣ в-аз он ашъор баргӯӣ? (Румӣ)*

*Муғаннӣ соз дар айвон кашида,*
*Хурӯши чанг дар кайвон кашида. (Низомӣ)*

*Раги соз яксар забони дил аст,*
*Дафу чангу най тарҷумони дил аст.*
*Ҳама созҳо маҳви кори диланд,*
*Ҳама пардаҳо пардадори диланд. (Бедил)*

*Ин илми мусиқӣ бари ман чун шаҳодат аст,*
*Чун муъминам, шаҳодату имонам орзуст. (Румӣ)*

*Ҳеҷ чиз баҷуз ромишу арғушт дар олам нерӯе дар рӯҳи инсон ниҳонро озодӣ нахоҳад бахшид. (Румӣ)*

*Он савт, ки хастаро даво мебахшад,*
*Бо аҳли яқин сӯзи худо мебахшад.*
*Оҳанги ҳаётбахши ӯ ҳамчу масеҳ*
*Бар аҳли фано шавқу сафо мебахшад.*
*(Дарвешалии Ҷангӣ)*

*Муғаннӣ бад-он сози тиморсӯз,*
*Нишоти маро як замон барфурӯз.*
*Магар з-он навои брешимнавоз,*
*Брешим кашам Румро дар тароз. (Низомӣ)*

*Эй ёри қамарсимо, эй мутриби шаккархоҳ,*
*Овози ту ҷонафзо, то рӯз машин аз по. (Румӣ)*

*Чӣ танбӯр? Оҳи зи дил ҷастае,*
*Хароши ҷигар бар миён бастае. (Бедил)*

*Дар шеър зи такрори сухан айб набошад,*
*Зеро, ки хӯш ояд сухани нағз ба такрор. (Носири Хусрав)*

*Накӯтар чиз андар шеър ном аст,*
*Ки монӣ зинда з-ин нақши сиёҳе,*
*Тани Хусрав бимирад, ин яқин аст,*
*Вале Хусрав намирад ҳеҷ гоҳе!*

*Қатраи борон, ки дар дарё фитад, гавҳар шавад,*
*В-ар ҳамон қатра миёни гил фитад, гардад халоб.*
*(Амир Хусрав)*

*Эй, дар ин хобгаҳи бехаборон,*
*Бехабар хуфта чу курону карон.*
*Сар баровар, ки дар ин пардасарой,*
*Мерасад бонги суруд аз ҳама ҷой.*
*Булбул аз минбари гул нағманавоз,*
*Қумрӣ аз сарви сиҳӣ замзамасоз,*
*Чарх дар чарх аз ин бонгу наво,*
*Кӯҳ дар рақс аз ин савту садо. (Ҷомӣ)*

Суруду рақс ва оҳанги асил чӣ қувваи бузурге дорад, ки рӯҳи шунавандаро болида мегардонад. Аз ин ҷост ки шаҳди шеъру сухан ва савту наво ҳазорсолаҳо ин ҷониб мардумро ширинкому масрур сохта меояд. Ин маънӣ дар нигоштаҳои паямбарони сухан рангину возеҳ ифода ёфтааст:

*Ба ҳама некуӣ сурудсарой,*
*Рудсозе, ба рақс чобукпой... (Низомӣ)*

*Вуҷуди мо муъаммоест, Ҳофиз,*
*Ки таҳқиқаш фусун асту фасона.*

*Ҳофизам дар маҷлисе, дурдикашам дар маҳфиле,*
*Бингар ин шӯхӣ, ки чун бо халқ, санъат мекунам. (Ҳофиз)*

*Баъди сад сол агар бар сари хокам гузарӣ,*
*Сар барорад зи гилам рақскунон азми рамим. (Ҳофиз)*

*Чунон ки абр сақои гул асту сарву суман,*
*Рубоб қути замир асту соқии албоб. (Шамси Табрезӣ)*

*Аз ҳунар номи баланду аз шараф ҷоҳи ариз,*
*Аз адаб лафзи бадеу аз хирад райъи савоб. (Фаррухӣ)*

*Бади риндон магӯ, эй шайхи «ҳушёр»,*
*Ки бо ҳукми Худоӣ кина дорӣ! (Ҳофиз)*

*Ҳар кас ба забоне сифати ишқи ту гӯяд,*
*Сӯфӣ ба суруди наю мутриб ба тарона. (Хаёлӣ)*

*Ҷоҳил нарасад дар сухани жарфи ту, оре,*
*Каф бар сари баҳр ояду дурдона ба поёб. (Ҳоқонӣ)*

*Фарёд аз ин барқнигоҳон, ки накарданд,*
*Раҳме ба гули қоғазии ҳавсалаи мо. (Соиб)*

*Муғаннӣ даме гуши барбат битоб,*
*Ки чандон бинолад, ки дил гардад об. (Шоҳин)*

*Ишқбозиро чӣ хуш Фарҳоди мискин карду рафт,*
*Ҷони ширинро фидои ҷони Ширин карду рафт.*
*(Фарухии Яздӣ)*

*Рубобу чанг бо бонги баланд мегӯянд,*
*Ки гӯшу ҳуш ба пайғоми аҳли роз кунед. (Ҳофиз)*

*Ман он чи шарти балоғ аст, бо ту мегӯям,*
*Ту хоҳ аз суханам панд гиру хоҳ малол. (Саъдӣ)*

*Ин тӯҳфа ба ёдгор баргир,*
*Сармояи сад баҳор баргир. (Файзӣ)*

*Гуноҳи ман ар н-омадӣ дар шумор,*
*Туро ном кай будӣ омӯрзгор?! (Низомӣ)*

*Дар Каъба гар зи дӯст набошад нишонае,*
*Ҳоҷӣ кай илтифот намояд ба хонае. (Наҷмиддин )*

*Дар паси оина тӯтисифатам доштаанд,*
*Он чӣ устоди азал гуфт: «Бигӯ!»-мегӯям. (Ҳофиз)*

## СИТОРАҲОИ ОЛАМИ ШЕЪРУ МУСИҚӢ

*Чунин гӯянд меъморони ин кох,*
*Ки чун шуд бар иморат доя густох.*
*Падид овард устоде ҳунаркеш,*
*Ба ҳар ангушти дасташ сад ҳунар беш. (Ҷомӣ)*

*Ай равнақи мутрибон, ҳамин гӯ,*
*К-он равнақи кори мо наёмад.*
*Ором мадеҳ ту ною дафро,*
*К-орому қарори мо наёмад. (Шамси Табрезӣ)*

*Мо баҳри дилшиносон шеъру тарона ҳастем,*
*Баҳри навошиносон чангу чағона ҳастем. (Лоиқ)*

### Раққоса

*Меситезӣ,*
*Мегурезӣ,*
*Менавозӣ,*
*Мегудозӣ,*
*Панҷаҳоят мешуморад рӯзҳои рафтаро,*
*Мекунад ошуфтадилтар шоири ошуфтаро.*
*Бо парешонбозиҳои кокулони тобдор,*
*Ёдам орӣ аз парешонбозиҳои рӯзгор. (Лоиқ Шералӣ)*

*Дурӯғ аз рост пеши туст мумтоз,*
*Кӣ донад ҷуз ту кардан кашфи ин роз? (Ҷомӣ)*

## ҚОФИЛАСОЛОРИ МУСИҚИИ АҶАМУ АРАБ БОРБАДИ МАРВАЗӢ

*Муғаннӣ, навои тараб соз кун,*
*Ба қавлу ғазал қисса оғоз кун.*

*Равони бузургон зи худ шод кун,*
*Зи Парвизу аз Борбад ёд кун.*
*Муғаннӣ аз он парда нақше биёр,*
*Бибин то чӣ гуфт аз дарун пардадор. (Ҳофиз)*

Мусиқӣ яке аз падидаҳои нодир ва хеле қадимаи бадеии халқ ба шумор меравад. Аз ривоятҳои мардуми тоҷик пайдост, ки чун ҷисми одамиро Худованд аз гил офарид ба рӯҳ амр кард, ки ба ҷисм бидаро, рӯҳ нахост андаруни он ворид шавад. Он гоҳ амр ба малоикҳо кард, ки эй малоикҳо бо лаҳн бихонед.

Ва аз таъсири ҷазобии ин лаҳни малоикҳо рӯҳ ба ҷӯшу хурӯш омад ва дар ҷисми одамӣ ҷо гирифт. Ин ҳикмати халқ ба рӯҳбахшӣ, мӯъҷизакорӣ ва таърихи дерин доштани мусиқӣ шаҳодат медиҳад.

*Муғаннӣ, мадор аз ғино даст боз,*
*Ки ин кор бе соз н-ояд ба соз.*
*Касеро, ки ин соз ёрӣ кунад.*
*Тараб бо дилаш созгорӣ кунад. (Низомӣ)*

Аз ин чунин маънӣ ҳам бармеояд, ки то Борбади Марвазӣ низ санъати мусиқӣ ва овозхонӣ вуҷуд доштааст, чунон ки пеш аз устод Рӯдакӣ низ дар сарзамини мо шеъри ниёгон арзи ҳастӣ мекард. Бузургии ромишгар ва хунёгари нотакрор Борбад ҳам дар ҳамин аст, ки ӯ тамоми ҳунари мусиқӣ ва овозхонии мардумони форсизабони пешину муосири замони худро моҳирона аз бар кард, санъати мусиқӣ, навозандагӣ ва сарояндагии ҳиндувонро низ ба хубӣ омӯхт, сипас дар заминаи онҳо системаи классикии мусиқии тоҷику форсро ба вуҷуд оварда поягузори маданияти мусиқии форс-тоҷик (аҷаму араб) гардид. Чунон ки Рӯдакӣ низ назми форс-тоҷикро ба дараҷаи баланди рушду камол расонид, ба тахти обрӯю эътибор нишонид ва худ ба унвони ифтихории поягузори он мушарраф гардид[1].

*Агар шоириро ту пеша гирифтӣ,*
*Яке низ бигрифт хунёгариро. (Носири Хусрав)*

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Майли онро дар дилаш андохтанд. (Румӣ)*

[1] Аз маҷаллаи «Мактаби советӣ». соли 1990, саҳ 47

Замони Борбад замони шӯҳрату ҷалол ва шаъну шавкати давлати Сосониён (асри VI-VII) буд. Дар тахти салтанат подшоҳи сосонӣ Хусрави Парвиз менишаст. Ба дарбори ӯ аҳли дониш ва ҳунар ҷамъ меомаданд. Онҳоро худи шоҳ имтиҳон мекард.

Борбади Марвазӣ сарояндагию навозандагиро аз худ карда, ба Мадоин – пойтахт ва боргоҳи Сосониён меояд. Чунон ки Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» овардааст, дар бистуҳаштумин соли шоҳии Хусрави Парвиз Борбад ба хидмати даргоҳи ӯ омад. Дар ин ҷо ҳунари ӯ рушду камол ёфт ва Борбад ба унвони ифтихории «Шоҳи ромишгарон» сазовор гашт. Фирдавсӣ сурудҳои Борбад «Пайкори гурд» ва «Сабз дар сабз»-ро ситоиш мекунад ва дар ҳаққи офаридаи онҳо мефармояд:

*Бишуд Борбад шоҳи ромишгарон,*
*Яке номдоре шуд аз меҳтарон.*

Ҳарчанд, ки Саркаш ном ҳофизи хоссаи Хусрави Парвиз аз рӯи рашку ҳасуд намехост Борбад маъқули подшоҳ гардад, вале таронаҳои фораму фараҳбахш ва рангорангии оҳанги онҳо ӯро аз муқаррабони ҳукмрони замон гардониданд. Дар воқеъ «Яздон-офарид», «Партави Фархор» ва «Сабз андар сабз» барин сурудҳои Борбад, ки ҳамаро ба ваҷд меоваранд, тамоман тозаю гӯшнавоз буда, Хусрави Парвиз мислашро аз ин пеш нашунида буд: Фирдавсӣ дар васфи ҳунару овози ҷаззобӣ Борбад аз номи шоҳ чунин гуфтааст:

*Ба Саркаш чунин гуфт, ки эй бадҳунар?*
*Ту чун ҳанзалӣ Борбад чу шакар!*
*Чаро дур кардӣ ту ӯро зи ман?*
*Дареғ омадат руд аз ин анҷуман.*
*Ба овози ӯ шод май баркашид,*
*Ҳамон ҷоми ёқут бар сар кашид.*
*Бишуд Борбад шоҳи ромишгарон,*
*Яке номдор шуд аз меҳтарон. (Фирдавсӣ)*

Ин аст, ки подшоҳ ӯро аз сарпарастони хунёгарони дарбори хеш таъин мекунад. Закариё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Казвинӣ (1203-1283), ки адиб ва олими арабигӯи форс-тоҷик аст, дар таълифоти машҳури худ «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод» менависад: «Кисро Абарвизро (яъне Хусрави Парвизро) се чиз

буд, ки на шоҳони пешин ва на шоҳони пасин доштанд: арӯси ӯ Ширин, ромишгари ӯ Балҳбад (яъне Борбад) ва аспи ӯ Шабдез».

Низомӣ дар васфи ҷамоли Ширин чунин гуфта:

*Паридухте парибугзор моҳе,*
*Ба зери миқнаа соҳибкулоҳе.*
*Шабафрӯзе чу моҳи осмонӣ,*
*Сияҳчашме чу оби зиндагонӣ.*
*Кашида қомате чун нахли симин,*
*Ду зангӣ бар сари нахлаш рутабчин.*
*Ҳунар саргашта бар рӯи чу моҳаш,*
*Дилу ҷон фитна бар зулфи сиёҳаш.*
*Ҳунар фитна шуда бар ҷони покаш,*
*Набишта ӯҳдаи анбар ба хокаш.*
*Рухаш насрину бӯяш низ насрин,*
*Лабаш ширину номаш низ Ширин. (Низомӣ)*

Дар васфи Шабдез бошад:

*На ширинтар зи Ширин халқ дидам,*
*На чун Шабдез шабранге*[1] *шунидам.*
*Ба шабранге расӣ, Шабдез номаш,*
*Ки сарсар*[2] *дар наёбад гарди гомаш. (Низомӣ)*

Худи ҳамин тавсиф нишон медиҳад, ки Борбад дар пеши подшоҳ обрӯю эътибори бузург доштааст. Дониш, истеъдод ва маҳорати Борбад ӯро азизи хосу ом карда буданд. Вай санъати синкретӣ – маҳлути мардумони эронинажодро ба пояи олии худ расонида буд: шеър ва мусиқӣ меофарид ва худ месароид. Мазмуни сурудҳои ӯ хеле гуногун будаанд. Онҳо зебоиҳои манзараҳои табиатро васф мекарданд, хулқу атвори писандидаи одамонро ситоиш менамуданд, корнамоиҳои паҳлавонӣ ва амалиёти ватанхоҳонаи мардумро мавриди тавсиф қарор медоданд. Борбад бисёр сурудҳои таърихӣ низ эҷод кардааст. Дар сурудҳои ӯ таҷлили ҷашнҳои таърихӣ, шаъну шавкати давлати Сосониён, хислатҳои шоистаи ашхоси воқеӣ, пирӯзии шоҳону сарбозон ва афсарони сосонӣ бар румиён, ҳатто ситоиши аспи Хусрави Парвиз – Шабдез мавқеи муайян доранд.

---

[1] Шабранг – сиёҳранг, хира
[2] Сарсар – шамоли сахт

*Зи ҳар сӯ чашмае чун оби ҳайвон,*
*Чароғи лола ҳар ҷониб фурӯзон.*
*Бунафша раставу сунбул дамида,*
*Насими субҳ ҷайби гул дарида.*
*Шақоиқ бар яке по истода,*
*Чу бар шохи зумуррад ҷоми бода. (Номаълум)*

*Димоғи шефтагонро ба ҷӯш меорад,*
*Хурӯши мурғ, ки аз марғзор меояд. (Убайди Зоконӣ)*

*Барзан ғазале нағзу дилангезу дилафрӯз,*
*В-ар нест туро, бишнаву аз мурғ биёмӯз.*
*Бар қофияаш хуб ҳамехонад ашъор,*
*К-ин фохта з-он гавзу дигар фохта з-он ҷӯз. (Манучеҳрӣ)*

*Ҷашни сада, амирро, расми кибор бошад,*
*Ин оини Каюмарс, в-Исфандиёр бошад.*
*З-он барфурӯз, к-имшаб андар Ҳисор бошад,*
*Ӯро ҳисори Миро Марху Афор бошад. (Манучеҳрӣ)*

*Ба наврӯзи Ҷамшеду ҷашни сада,*
*Ки нав гашта оини оташкада. (Низомӣ)*

*Шод бошед, ки ҷашни меҳргон омад,*
*Бонгу овои дарои корвон омад. (Манучеҳрӣ)*

*Наврӯз даромад, эй Манучеҳрӣ,*
*Бо лолаи лаълу бо гули хумрӣ.*

Муаллифи «Таърихи Эрон» дар замони Сосониён ба накл аз Ҳамадонӣ ва Саолабӣ ва дигарон овардааст:

Номи Шабдиз – аспи маъруфи Хисравро муаррихону шоирони Эрону араб зикр кардаанд. – Гӯянд: Хисрави Парвиз чунон ин аспро дӯст медошт, ки савганд ёд карда буд: «Ҳар кас хабари фалокаташро биёварад, ӯро ба қатл хоҳам расонид». Рӯзе, ки Шабдиз мурд Мирохӯр ҳаросон шуд ва ба Борбад–ромишгари подшоҳ паноҳ бурд. Борбад зимни нағмаву овози форамаш воқеъаи аспро бо ибҳому талвеҳ гӯшзади Хисрав кард. Шоҳ фарёд баровард, ки: «Эй бадбахт, магар Шабдиз мурдааст»! Ромишгар дар посух гуфт:

«Шоҳ худ чунин фармояд». Хисрав гуфт: «Бисёр хуб, ҳам худро наҷот додӣ, ҳам дигариро!».[1]

Маҳз Хоқонии Ҳаким сеҳри Борбадро дар заҳмати ӯву дар санъати ӯ дида, чунин гуфтааст:

*Ман ӯро Борбад хонам, на ҳошо,*
*Ки сеҳри Борбад дар нағмаи ӯст.*

Ин аст, ки Борбад танҳо ромишгари хоссаи шоҳ набуда, балки хунёгари воломақоми тамоми халқ ба шумор меравад. Донишмандони араб шеваи ромишгарии Борбадро «Тариқ-ул-мулукия» меномиданд, ки маънояш соҳиби «Услуби шоҳона» мебошад. Абӯмансури Саолибӣ (961-1037) адиб ва олими араб дар асари худ «Ғурар ахбор мулук ал-фурс ва сиярихим» навиштааст, ки «ӯ (Борбад-А.С.) муаллифи хусравониёт аст, ки имрӯз ҳам хунёгарон дар маҷлиси подшоҳон сароянд». «Хусравониёт» аз силсилаи сурудҳои олӣ иборат буд, ки ҳофиз ва мутриби забардаст ба ифтихори Хусрави Парвиз сурудааст. Аксарияти ин сурудҳо паҳлавонӣ будаанд. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» аз ҳамин ишорат мекунад:

*Ки чун Борбад кас чунон захми руд,*
*Надонад на он паҳлавонӣ суруд.*

Дар таърихи санъати мардумони форсизабон «Сӣ лаҳни Борбад» низ хеле машҳур аст. Дар достони Низомии Ганҷавӣ «Хусрав ва Ширин» тартиби осори номбурдаи мусиқӣ ба ин зайл омадааст: «Ганҷи бодовард», «Ганҷи гов», «Ганҷи сӯхта», «Шодирвони Марворид», «Тахти тоқдисӣ», «Ноқусӣ», «Аврангӣ», «Ҳуққаи Ковус», «Моҳ дар кӯҳон», «Мушкдона», «Ороиши хуршед», «Нимрӯз», «Сабз дар сабз», «Қуфли румӣ», «Сарвистон», «Сарви сиҳӣ», «Нӯшинбода», «Ромиши ҷон», «Нози Наврӯз», «Мушкуя», «Меҳргонӣ», «Марвои нек», «Шабдиз», «Шаби фаррух», «Фарухрӯз», «Ғунчаи кабки дарӣ», «Нахчиргон», «Кини Сиёвуш», «Кини Эраҷ», «Боғи Ширин».

Низомии Ганҷавӣ ба ҳар як аз ин сурудҳо дар достони худ якбайтӣ шеъри обдор бахшида, на танҳо онҳоро тавсиф кардааст, балки ном ва тартиби офарида шудани онҳоро низ ба ёдгор гузоштааст. Он байтҳо хитобан ба Борбад гуфта шудаанд. Чунончӣ, дар бораи лаҳни аввал – «Ганҷи бодовард» мефармояд:

[1] Аз китоби «Асрори номҳои кишвар». Соли 1989. саҳ.55.

*Чу бод аз «Ганҷи бодовард» рондӣ,*
*Зи ҳар боде лабаш ганҷе фишондӣ.*

Дар бораи лаҳни сиюм – «Боғи Ширин» мегӯяд:

*Чу кардӣ «Боғи Ширин»-ро шакарбор,*
*Дарахти талхро ширин шудӣ бор.*

Мероси мусиқии Борбад бо ин сӣ лаҳн ва «Хусравиёт» анҷом намеёбад. Донишманди асримиёнагии тоҷик Асириддини Тӯсӣ дар асари худ «Асос-ул-иқтибос» навиштааст: «Борбади Марвӣ устоди барбат ва овоз буда, бинои лаҳун (лаҳнҳо), ағонии (сурудҳои) Аҷамро, ки се саду шаст достон ва сӣ пардаи мусиқист, танзим ва тасниф намуда…».

Дурдонаҳои санъат ва ҳунари Борбад дар роҳи инкишофи мусиқии касбӣ, савту навои классикии форс-тоҷик таъсири бузург бахшидааст. Бисёр оҳангҳои «Дувоздаҳмақом», ки «Шашмақом» аз он ҳосил шудааст, ибтидои худро аз осори мусиқии Борбад гирифтаанд. Анъанаҳои мақомхонӣ дар таърихи маданияти халқҳои форсизабон низ бо мактаби мусиқии Борбад иртиботи мустаҳкам дорад. Бесабаб нест, ки номи бисёр оҳанг ва сурудҳои Борбад дар мероси мусиқии халқҳои эронинажод ва дигар мардумони Шарқ боқӣ мондаанд. Гузашта аз ин таъсири судбахши оҳангҳои Борбадро дар санъати мусиқии халқҳои Кавказ (масалан, дар мақомҳо ва мақомхонии озарӣ) ва араб хеле равшан мушоҳида метавон кард. Арабшиноси тоҷик Абдулло Орёнур ба сарчашмаҳои бисёри арабӣ ва форсӣ такя карда, барҳақ чунин натиҷа мегирад: «дар охири асри VII ва асри VIII даҳҳо сарчашмаҳои таърихиву адабӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳаёти мусиқии хилофат ҳамоно мусиқии эронӣ ва хоса «ал-ғино алфаҳлизӣ» – «оҳангҳои борбадӣ» мақом ва нақши муҳиме доштааст… Имрӯз метавон гуфт, ки мусиқии давраи исломии араб ва мусиқии давраи сосонии эрониён иртиботи қавӣ дорад, зеро дар Мадина, дертар дар Димишқу Бағдод чи хунёгарон ва чи тариқати пешкаш намудани ҳунари хунёгарӣ ва ҳузури халифа ё валинеъмати дигар эронӣ буданд»…

Минбаъд ҳам «унсури эронӣ дар мусиқии арабӣ басо реша давонда, дар бархе аз ҳолатҳо ба чараёни асосӣ табдил ёфта буд». Дар ҳамаи ин равандҳо таъсири судбахши мусиқии Борбад дида мешавад.

Агар мо Борбадро дар осмони санъати мусиқӣ ва овозхонии давраи Сосониён моҳи дурахшон тасаввур бикунем, дар атрофи ӯ ситораҳои фурӯзони ҳунар – ҳофизон, мутрибон ва раққосаҳо будаанд, ки ба ин соҳаи ҳаёти маънавии ҷомеа ҷалол ва шукӯҳ бахшидаанд. Саркаб, Ромтин, Гесӯи Навогар, Озодвари Чангӣ, Бомшод ва дигарҳо аз ҳамин гуна санъаткорон будаанд. Онҳо дар тараққиёти шаклу мазмун ва жанрҳои мухталифи санъати мусиқии халқҳои эронӣ ва мардумони Шарқи Миёна ва Шарқи Наздик саҳми намоён гирифтаанд. Шахсияти онҳо ва пеш аз ҳама Борбад диққати донишмандон ва шоирони форс-тоҷик, араб, арман ва дигар халқҳоро ба худ ҷалб намудааст. Фирдавсӣ, Низомӣ, Гургонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дигарҳо дар асарҳои ҷовидонии худ образи Борбадро офарида, аз ҳунари ӯ мафтун гардидани хешро иброз доштаанд. Чунончи, Муҷаллади Гургонӣ (асри XI) Борбад ва Рӯдакиро дар як саф гузошта, фармудааст:

*Аз он чандон наими ин ҷаҳонӣ,*
*Ки монд аз Оли Сосон в-оли Сомон.*
*Санои Рӯдакӣ мондасту мидҳат,*
*Навои Борбад мондасту дастон.*

Шоирон, носирон ва драматургҳои советии тоҷик низ дар асарҳои худ образи Борбадро бо меҳру муҳаббати авлодӣ ва қадршиносӣ эҷод карда, анъанаҳои наҷиби классикони назми форс-тоҷикро идома додаанд. Ба ифтихори ҷашни Борбад бастакорони тоҷик низ асарҳои тоза, суруд, достонҳои симфонӣ офаридаанд.

Дар осор ва ёддоштҳои олимони араб ва форс-тоҷик аз асрҳои VII-VIII сар карда, перомуни Борбад ва мақоми волои ӯ дар таърихи санъати мусиқӣ фикру андешаҳои наҷиб зоҳир гардида, мусиқидонҳо ва санъатшиносон, адабиётшиносҳо ва фарҳангшиносони мамолики Шарқу Ғарб замон ва осори ӯро ба таҳқиқу тадқиқ расонда бошанд ҳам, дар Тоҷикистон Борбадшиносӣ ба муносибати 1400-солагии зодрӯзи асосгузори маданияти мусиқии форс-тоҷик оғоз ёфт. Рисолаи Абдулло Ориёнур «Рӯзгори Борбади ромишгар» нашр шуд, ки муаллиф мавқею мақоми ин классики санъати мусиқии форс-тоҷикро дар заминаи тамоми маданияти гузаштаи мо мавриди баррасӣ қарор додааст. Маҷмӯаи «Борбаднома» ва тадқиқоти «Борбад, замон ва анъанаҳои маданият» ин-

тишор ёфтанд. Аҳвол ва осори Борбадро на танҳо мо, балки авлоди мо, тоҷикон, низ бояд биёмӯзанд[1].

*Пушти мо гарм аз ту буд, эй офтоб,*
*Равнақи ҳар қасру ганҷи ҳар хароб. (Румӣ)*

*Ба ҳар баҳор барорад гуле зи бӯстон сар,*
*Гуле бирафт, ки н-ояд ба сад баҳори дигар. (Ҷомӣ)*

## ШОИРАҲО, МУТРИБАҲО МУАЛЛИМАҲО ВА РАҚҚОСАҲОИ МУМТОЗ

*Кист медонӣ муаллим? Он ки нозад сарварӣ,*
*Бар ҳумоюн номи вай дар зери чархи чамбарӣ...*
*Ҳаст таъзими муаллим ояти иззу шараф,*
*З-он ки бошад пояи вай аз паи пайғамбарӣ.*
*(Халилуллоҳи Халилӣ)*

Дар васфи бонувони ҳунарманду чирадаст ва хушзабон бузургон нигоштаҳои зиёде доранд. Ҳусну ҷамол, фазлу камол ва ишқу вафодории бонувон ҳамеша мавриди ситоиши суханварон қарор дошт:

*Сано бодо ба занҳое, ки марданд,*
*Баёзи зиндагиро байти фарданд. (Фирдавсӣ)*

*Ҳазор офарин бар зани хуброй,*
*Ки моро ба мардӣ шавад роҳнамой.*
*Зи панди ту, эй бонуи пешбин,*
*Задам сиккаи зар чу зар бар замин. (Низомӣ)*

**Ҷома** аз иффату шараф дорад.

*Аз баҳри ҳуқуқи хеш мекӯш, эй зан,*
*Бинмой зи иффату шараф ҷома ба тан.*
*Аз илму ҳунар вуҷуди худ зиннат кун,*
*То марди наку бипарвари дар доман. (Фурӯғи Фаррухзод)*

---

[1] (Аз маҷаллаи Мактаби Советӣ 1990).

*3-овози нағора шӯр афкан ба ҷаҳон,*
*Бедор шаванд мардум аз хоби гарон.*
*Маънии ҳама дониши инсон ин аст,*
*Бебок бирав ба пеши саф таблзанон.*

*Набошад равнақе дар аҳди мо комилъиёронро,*
*Ниҳон дар пардаи зангор гардиданд ҷавҳарҳо. (Сайидо)*

*Дар коргаҳи чунин дилафрӯз,*
*Коре куну пешае биёмӯз. (Ҳилолӣ)*

*Қоматаш дар бӯстони ҳусн дидам ҷилвагар,*
*Дар миёни навниҳолони чаман мумтоз буд. (Туғрал)*

Лозим ба ёдоварист, ки дар ибтидои нузули Ислом ва ҳатто дар давраҳои хулафои араб, масалан Ҳорунаррашид, занону духтарон ба ҳунармандию шоирӣ ва сарояндагию раққосагӣ шуғл меварзидаанд. Зарур донистем, ки ҳолу рӯзгор ва ҳунармандии чанде аз бонувони донишманду номдор, ки дар осмони ҳунар чун ахтарони тобнок ҷилванамоӣ кардаанд ва садсолаҳост, ки номашон ба некӯӣ бурда мешавад, мухтасаран маълумоте диҳем.

**Аббоса** – номи аслиаш Улайа шоира, адиба, таърихшинос, сарояндаву навозандаи араб. Хоҳари халифа Ҳорунаррашид дар Бағдод зиндагӣ ва эҷод кардааст. Ҳорунаррашид соли 763 таваллуд ёфта, соли 809 ӯро ба шаҳодат расонидаанд. Ӯ халифаи панҷуми Аббосӣ, ки солҳои 786-809 халифагӣ кардааст. Аббоса солҳои 775-825 ҳаёт ба сар бурда соҳибдевон гардидааст. Ашъори ӯ аз ғазал, мадҳ, ҳаҷв ва ринд (ҳамриёт) иборат будааст.

*Чеҳраи гулнор дорад ёри мо,*
*Қасди сад бемор дорад ёри мо. (Номаълум)*

*Айби худро ба ҳунар боз намоянд дигар,*
*Ҳунаре ҳаст туро – айби азимаш хонанд! (Ибни Ямин)*

**Атиқаи Ҳофиз** бинти Шуҷоъ мутрибаи Ироқу Аҷам нимаи асри VIII ибтидои асри IX зистааст. Яке аз машҳуртарин мутрибаҳост, ки дар сурудани ашъори таърихӣ, қиссаву ривоятҳои гузаштагон шӯҳрат пайдо карда буд. Ӯ аввалин занест, ки ҳамчун ҳунарманд сарварии мактаби мусиқии занонаи Бағдодро ба ӯҳда дошт.



*Ба ибрат зи пешиниён ёд кун,*
*Дил аз ёди пешиниён шод кун. (Ҷомӣ)*

*Ба омӯзгорӣ бар ӯ ранҷ бурд,*
*Даромӯхташ он чӣ натвон шумурд. (Низомӣ)*

*Эй монда қадам ба роҳи мактаб,*
*Олист мақому ҷоҳи мактаб.*
*Мактаб сабаби ҳаёт бошад,*
*Мактаб сабаби наҷот бошад.*
*Мактаб ба ту ақлу ҳуш бахшад,*
*Мактаб ба ту шаҳду нӯш бахшад.*
*Мактаб ба ту дод илму одоб,*
*Мактаб ба ту дод дурри ноёб.*
*Мактаб ба ту роҳбари яқин аст,*
*Мактаб устоди илму дин аст. (Садриддин Айнӣ)*

Вай як силсила мутрибаҳои машҳури Бағдодро тарбия намудааст. Данонир, Олия, Ҳабиба, Саломат ва дигар мутрибаҳо санъати мусиқӣ ва сурудхониро аз Атиқа омӯхтаанд.

*Эй ниҳоли борвар – шогирди ман,*
*Эй гули бишкуфта дар боғу чаман.*
*Дар радифи гуфтаи модар-падар,*
*Гуфтаи устод гир андар назар. (Номаълум)*

**Атиқа** чанд муддат барои омӯзиши мусиқӣ ба кишварҳои Аҷам сафар карда, роҳу равиши созу овози мардуми онро меомӯзад. Аз муқаллидони сабки аҷамӣ аст, ки арабҳо ӯро «Муқаллидулаҷамӣ» (пайрави аҷамиён) номидаанд:

*Донанд оқилони ҷаҳон, к-ин кабӯтарон,*
*Обу хӯриш ҳаме ҳама аз умри мо хӯранд. (Кисоӣ)*

Яъне ӯ яке аз давомдиҳандагони мусиқии қадимаи Аҷам дар Араб буд. Атиқа дар мусиқӣ пайравони зиёде дошт, аз мутрибони номӣ, Муслим ибни Маҳраз (асри IX) ӯро эҷодкорона тақлид мекард.

*Чун рафт кассир – он ҳунарвар,*
*З-он сайдгаҳ андаке фаротар.*

*Ороста дид маргзоре,*
*Аз боги биҳишт ёдгоре. (Ҷомӣ)*

Атиқаи ҳофиз дар Бағдод фавтидааст.

**Муслим ибни Маҳраз** сароянда ва навозандаи форс-тоҷик дар Макка зиндагӣ кардааст. Ӯ мусиқии арабро такмил ва ислоҳ кардааст. Чи тавре, ки бузургон гуфтаанд, «Мо хоки заминро ба осмон баровардаем». Дар ҳақиқат ин нобиғагон шеъру мусиқиро ба фалак-ул-афлок баровардаанд.

*Мо гарди вуҷуд аз адам ангехтаем,*
*Мо хоки замин бар осмон рехтаем.*
*(Фақир Муҳаммад Исҳоқ)*

*Ҳофиз, ту ин сухан зи кӣ омӯхтӣ, ки бахт,*
*Таъвиз[1] кард шеъри турову ба зар навишт. (Ҳофиз)*

**Саломат** номи аслиаш Ҷория буда мутрибаи машҳури асрҳоиV11-VIII мебошад. Ӯ ин ҳунарро аз Иброҳими Мавсилӣ омӯхта дар ҳунари рақс ҳамтое надоштааст.

*Эй бехабар, бикӯш, ки соҳибхабар шавӣ,*
*То роҳрав набошӣ, кай роҳбар шавӣ?*

*Мутриб, бисоз парда, ки кас бе аҷал намурд,*
*В-он, к-ӯ на ин тарона сарояд, хато кунад. (Ҳофиз)*

**Раққоса**

*Он чунон фаттону гиро,*
*Он чунон ларзону печон,*
*Он чунон зебою шево,*
*Он чунон ҷамъу парешон,*
*К-аз фиребой, кушоӣ уқдаи рози диламро,*
*Ёдам орӣ киштаамро, ҳосиламро. (Лоиқ)*

Дар қаламрави хилофат усули таронасароии эрониро хеле ривоҷ дод.

---

[1] Таъвиз – тӯмор.

**Ҳабиба бинти Абӯлмансур** (Ҳабоба) яке аз шогирдон ва пайравони Иброҳими Мавсилӣ дар асри VIII, мутриба ва раққосаи маъруфи эронӣ мебошад. Дар тамоми кишварҳои арабӣ мегашт ва ҳунарнамоӣ мекард. Ӯ бо усули «Тариқул-қадима» яъне сабки эронии «Тариқул-аҷамия» амал менамуд. Яке аз тарғибгарон ба шӯр овардан ва ҷорикунандагони ҳунари эронӣ дар мамолики араб буда, шогирдони зиёд низ тарбия кардааст.

*Тифл аз тарғибу тарҳиби падар*
*Рӯ сӯи мактаб намояд сар ба сар. (Румӣ)*

*Мутриб биёву замзамае чанд соз кун,*
*Оҳанг аз « Ироқ» ба сӯи «Ҳиҷоз» кун! (Савдо)*

*Ин умр ба боди навбаҳорон монад,*
*Ин айш ба абри кӯҳсорон монад.*
*Зинҳор чунон бизӣ, ки баъд аз мурдан,*
*Ангушти газиданӣ ба ёрон монад. (Аз «Китоб-ул-ғариб»)*

Пайравони ӯ Саломат ва Қамара буданд, ки дар шаҳрҳои марказии Хилофати Араб ва Андалусия ҳунарнамоӣ мекарданд. Ба пешрафти санъати мусиқӣ ва ҳаёти маданӣ саҳми арзандае гузоштаанд. Ҳабиба дар шаҳрҳои Макка, Ҳиҷоз, Ҳира низ ҳунарнамоӣ кардааст.

*Чу баргуфтӣ навои «мушкдона»,*
*Зи ромиш ҷон фидо кардӣ замона. (Низомӣ)*

*Чун оранзи ту моҳ набошад равшан,*
*Монанди рӯхат гул набувад дар гулшан. (Фирдавсӣ)*

*Дилро нигоҳи гарми ту парвона мекунад,*
*Оинаро рухи ту парихона мекунад. (Соиб)*

**Ситтии Заррин** қарни X-X1 мутрибаи маъруфи форс-тоҷик. Дар пайравии силсилаи «Хусравониён» силсилаи нави суруду оҳангҳо тасниф кард, ки бо номи «Мовароуннаҳрӣ» машҳур аст. Ӯ яке аз давомдиҳандагони мусиқии қадимаи Аҷам дар Араб буд, ки арабҳо ӯро «муқалийдулаҷамӣ» номидаанд.

*Дило мардонагӣ з-он зан биёмӯз,*
*Ба мотам шеваи шеван биёмӯз.*

* * *

*Ба сарват хубрафторӣ кӣ омӯхт?*
*Ба лаълат нағзгуфторӣ кӣ омӯх?*

* * *

*Ҳар кӣ бе устод кард оғози кор,*
*Кору бори ӯ надорад эътибор.*
*Домани устод гиру шод шав,*
*Муддате хидмат куну устод шав. (Ҳусайн Воизи Кошифӣ)*



**Ҷамила бинти Абдулваҳҳоб** сароянда, навозанда ва шоираи асри VIII. Дар Бағдод ба дунё омада, аз ҷавонӣ ба омӯзиши созу овоз ва рақс пардохтааст. Ӯ дар сурудхонӣ ва навозандагӣ яке аз пайравон ва идомадиҳандагони сабкҳои «Тариқ-ул-қадима» яъне сабки Эронӣ ва Хуросонию Мовароуннаҳрӣ (услуби аҷамӣ) буда, ашъори арабиро ба оҳангҳои маъмули ин сабкҳо медаровард. Ҷамила дар санъати мусиқии аҳди хилофат бештар ба хондани сурудҳои ирфонӣ, марсиявӣ ва тарбиявӣ шӯҳрат дошта, дар ин поя шогирдони зиёдеро ба камол расонидааст.

*Рӯи хушу овози хуш доранд ҳар як лаззате,*
*Бингар, ки лаззат чун бувад маҳбуби хушовозро. (Саъдӣ)*

Ҷамила сарвари дастаи ҳунарии занону духтарони мутрибаҳову раққосаҳо буд. Ва ба мисли ин ситораи дурахшон бисёр буданд…

Ин шоҳсутунҳои ҳунар натанҳо анъанаҳои баланди мусиқии Борбадро ба шеваи тоза такмилу идома додаанд, балки бо устодии худ дар вусъати шаклу навъҳои созию овозӣ шӯр дар дили аҳли олам ангехта ва дуд аз дилҳо баровардаанд.

*Муаллим устоди беҳтарин аст,*
*Сафобахшанда дар рӯи замин аст.*
*Диҳад илму адаб бар насли наврас,*
*Бузургии муаллим дар ҳамин аст.*

* * *

*Чун кунӣ дар ҳунаромӯзӣ рӯй,*
*Аввал аз хони адаб рӯзӣ ҷӯй.*

* * *

*Дор адаби дарси муаллим нигоҳ,*
*То нашавӣ таблаки таълимгоҳ. (Ҷомӣ)*

*Адаб омӯзу илм ҳосил кун,*
*То шавӣ дар ҷаҳон ту бигзида.*

*Эй навҳаваси илми дабистони маориф,*
*Ҷаҳде куну мешав ту сухандони маориф.*
*Ҷамъ аст маориф, ки шуда ҷамъ зи ирфон,*
*Шав баҳравар аз муфради*[1] *ирфони маориф.*
*Маърифате аз ҳақ бувадат мақсаду иқдом,*
*Ин ҷинс биёбӣ ту ба дӯкони маориф,*
*В-ар орзуи сарвату масъудии*[2] *дунё,*
*Бошад ҳавасат, ёбӣ зи эҳсони маориф.*
*Гар ҳар ду бувад мақсадад, эй маърифатогоҳ,*
*Ёбӣ, ба Худо бор зи ҳамёни маориф. (Маҳмуди Тарзӣ)*

* * *

*Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,*
*То бад-он базми касон афрӯзӣ.*

---

[1] Муфради – ҳар як
[2] Масъудӣ – хушбахтӣ

*Бо баду нек накӯкорӣ варз,*
*Шеваи ёриву ғамхорӣ варз.*
*Абр шав, абр, чу борон резӣ,*
*Бар гулу хас ҳама яксон резӣ. (Ҷомӣ)*

*Себарга бигуфт: «Дар замин сабза манам»,*
*Бунафша бигуфт: «Ҷавони пурғамза манам»!*
*Садбарг бигуфт: «Ту лофи беҳуда мазан,*
*Тоҷи сари ошиқони пурғамза манам»! (Аз халқ)*

Ҳаким Фирдавсӣ бонувони ромишгарро хеле муҳаққиқона васф кардааст. Аз ҷумла дар ҷое овардааст ки:

*Чунин гуфт он осиёбон ба зан,*
*Ки: - Эй зан, маро достоне бизан.*
*Ҳало чома пеш овар, эй чомагӯй,*
*Ту чанг овар, эй духтари моҳрӯй.*

Амир Хусрав ҳам бонувони мутрибаро дар як шеъраш бо як завқи саршор ба қалам медиҳад:

*Бирешимзан раҳи «Ушшоқ» мезад,*
*Сурудаш бар дили муштоқ мезад.*
*Навое сохт аз май тобгустар,*
*Басе аз «Ганҷи бодовард» хуштар.*
*Наворо ном «Шодурвон» ба раҳ бурд,*
*Ки он парда зи шодурвони шаҳ бурд.*

Ва боз шоири рангинбаёне бо як завқу шавқи баланд ин бонувони ҳунармандро таърифу тавсиф кардааст:

*Эй санами чангзан, чанг сабуктар бизан!*
*Пардаи мастон бисоз, роҳи қаландар бизан!*
*Хуш бувад инак сабӯҳ, хоса ба вақти баҳор,*
*Лашкари субҳ омаданд, майкадаро дар бизан!*

## РАҚҚОСАҲОИ МУМТОЗ



Ҳофизи Шерозӣ мисли дигар сухансароёни тоҷику форс рақсро аз зеботарин ҳаракоти мавзуни инсон, ки ба мусиқӣ қаробати қавӣ дорад, мепиндорад. Ӯ рақсро ифодакунандаи нафистарин ҳолоти руҳонӣ ва олитарину шоиронатарин ҳаракат, санъати рӯъёангез шуморида, парастору ситоишгари ин ҳунар аст:[1]

*Биафшон зулфу сӯфиро ба по, бозию рақс овар,*
*Ки аз ҳар руқъаи далқаш ҳазорон бут бияфшонӣ.*

Санъати хореографияи халқию касбии тоҷик анъанаҳои бой дорад. Халқ дар тӯли асрҳо ин ҳунари латифро аз насл ба насл ҳифз намуда, аз ҷиҳати ғоя характер ва бо ифодаҳои нафиси санъати хореографӣ сайқал дода то ба имрӯз оварда расонданд. Санъати рақсии тоҷик мисли дигар ҳунарҳои нафиси мусиқӣ, меъморӣ, амалӣ-ҳунармандӣ, тасвирӣ дар ҳамаи давру замонҳо ба афкори таърихию маданӣ фалсафии он дар алоқаи ҷудонашаванда буд. Дар нумӯъ ва ташаккули он устодони номии гузаштаамон, мисли Шакархонум, Фарида, Атиқа, Саломат, Ҷамила, Қуръонхони Самарқандӣ ва дигарон хизматҳои пурарзише карда ва санъати баланди иҷрокунандагии ононро муаррихону адибони тоҷик дар асарҳояшон бо як самимият қаламдод кардаанд.[2]

*Равиш он кун, ки доноён писанданд,*
*На оине, ки нодонон биханданд. (Амир Хусрав)*

*Биё мутриб андалеби зуҳур,*
*Сафират насими биҳишти ҳузур.*
*Парафшонии ранги гул соз ту,*
*Тапишҳои барги гуловоз ту.*
*Ки сози тараб пурназокат навоз,*
*Нафас гар ба мизробе ояд, баҷост. (Бедил)*

**Раққоса**

*Пое бикӯбад бар замин,*
*Дасте барорад бар фалак.*
*Чашмак занад чун ахтаре,*
*Гесӯ фишонад чун малак.*

---

[1] Аз китоби Маданияти мусиқии тоҷик дар асрҳои XIII-XIV.
[2] Аз маҷаллаи «Фарҳанг»,1991с.

*Хандиданош, болиданош, нозиданоша бинед.*
*Чархиданош, печиданош, ларзиданоша бинед. (Лоиқ)*

*Хаҳ-хаҳ, ба номи Эзид, он рӯи кист, ё раб,*
*Он сеҳру чашму он рух, он зулфу холу он лаб!*
*Дар васфи ҳусни он лаб ноҳидчанг мутриб,*
*Бо чархи ҳусни он рух Хуршед, бурҷи Кавкаб. (Анварӣ)*

*Он рӯи ҳур аст, ё боғи ризвон,*
*Қандили нур аст, ё моҳи тобон.*
*Маҷлис муаттар, аз равза хуштар,*
*Қумрӣ навогар, булбул ғазалхон.*
*Рӯи ту моро лоласту насрин,*
*Кӯи ту моро боғ асту бустон. (Носири Бухороӣ)*

*Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,*
*Ҳарчанд васфат мекунам, дар ҳусн аз он зеботарӣ.*
*(Амир Хусрави Деҳлавӣ)*

*Қоматаш дар бӯстони ҳусн дидам ҷилвагар,*
*Дар миёни навниҳолони чаман мумтоз буд. (Туғрал)*

*Васфи ҳуснат бо рақиби кӯрдил гуфтан чи суд?*
*Оина баҳри чӣ пеши чашми нобино ниҳам? (Ҷомӣ)*

Рақс ифшогари шӯри ботинӣ ба шумор меравад, зеро инсон бо шунидани савту навои ҷаззоб дар вуҷуди хеш ангезаеро эҳсос намуда, билохира ин эҳсосоти ботиниро ба воситаи ҳаракатҳои мавзуни дасту по, чашму абрӯ, лабу мӯю зулфу хол ва дигар узвҳои бадан зоҳир менамояд. Ҳарчанд дар назари аввал рақс саҳлу осон намояд ҳам, аммо танҳо раққос ё раққосаи асил метавонад моҳияти аслии онро ба бинандагон пешкаш намояд. Бояд қайд намуд, ки маҳорати рақсидан на танҳо ба омӯзиши он, балки ба сиришти азалии он низ вобастагӣ дорад. Чунонки Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ мефармояд:

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*
*Дасту по бе майл кай ҷунбон шавад?*
*Хору хас бе обу боде кай равад?*

Ҳунарманди ҳақиқӣ касест, ки санъатро барои завқи дили худ сайқал ва ривоҷ медиҳад, вагарна санъату ҳунаре, ки барои ба даст овардани ҷоҳу ҷалол бошад ба мисли ҳубоби рӯи обест, ки умри дароз намебинад. Айни замон миёни қавму миллатҳои гуногуни дунё шаклу намудҳои гуногуни рақс вуҷуд доранд, ки ҳар кадом ба тарзу услуби хоси худ фарқ дорад.



Тавлид ва дарки мазмуни рақс дар оламӣ тасаввуф тахайюлоти рангин, дунёи орзуҳои ширин ва эҳсосу фаҳми тафаккури баландро тақозо менамояд. Рақс ҳам мисли мусиқӣ дар эҳёи вуҷуди инсон нерӯе ба шумор меравад, ки ба офариниши дунё ва одам алоқамандии қавӣ дорад. Агар ин маъниро равшантар ифода созем, Худованд чун инсонро халқ намуд, ӯро ба воситаи ҷон, яъне мусиқӣ ба ҷунбиш овард ва ин ҷунбиш ё ҳаракати нахусти одамист.

Одам (а) худ рақсеро мемонд, то ҳол инсон онро дорост. Он нукта ҷолиб аст, ки миёни мусиқӣ ва рақс фосила вуҷуд надорад, зеро нахуст амри Эзид таъоло «Ҷони мусиқӣ даро дар тан» бошад, даромадани ҷон ба ҷисм ва ҷунбиши инсон, ки онро рақс номидем, низ иҷрои ин амр аст. Таври дигар навои мутриб ва ҳаракатҳои мавзуни раққос ё раққоса дар маҷмӯъ як амалест.

*Он дам, ки на Одам, на Ҳаво буд, на роз.*
*Асрори ҳақиқат ба шараф гашта маҷоз,*

*Худ гуфт, даро дар тан худ дода нидо,*
*Ин сирри ниҳонӣ ҳам аз ӯ ёфта фароз.*

*(Дарвешалии Чангӣ)*

*Мусиқиву рақсу оҳангу садо,*
*Одамиву рӯҳи аввал аз Худо.*

Чун ҳаракатро нерӯи ҳаёт қаламдод намудем, пас ҳаракати ҷумла олам рақсеро мемонад, ки таҳти навои мутриби Азалӣ иҷро мегардад. Ба ибораи дигар, чун Мутриб даст аз наво боздорад, ҳаракат, яъне рақс низ қатъ мегардад.

*Чун дона шуд афканда, баррусту дарахте шуд,*
*Ин рамз чу дарёбӣ, афканда шавӣ бо мо.*

*(Шамси Табрезӣ)*

Ваҷҳи ҷамоли Ҳақ ҷовидони боқист ва ин ҷамол дар тамоми нишонаҳои офариниши Ҳақ ҳувайдост. Чунонки Имом Ғаззолӣ гуфтааст: «Олами улвӣ олами ҳусну ҷамол аст. Ва асли ҳусну ҷамол таносуб аст ва ҳарчи мутаносиб аст, намудҳоест аз ҷамоли он олам, ки ҳар ҷамолу ҳусн ва таносуб, ки дар ин олами махсус аст, ҳама самараи ҳусну ҷамоли он олам аст».

Тамоми зебоӣ ва ҷозиба дар Ҳақ Таъоло аст ва аз Ҳақ Таъоло манша мегирад:

*Аҳади фард Эзиди мутаол,*
*Ҳам ҷамил асту ҳам муҳибби ҷамол.*
*В-агарат бар маҳалли ӯ назар аст,*
*Дон, ки дар вай аз он ҷамол асар аст. (Саноӣ)*

*Ман дӯстдори рӯи хушу мӯи дилкашам,*
*Мадҳуши чашми масту майи софи беғашам. (Ҳофиз)*

*Ошиқон гар назаре бар рухи зебо бинанд,*
*Рӯи мақсуд дар он оина пайдо бинанд.*
*Андар он оина мақсуди ҷаҳонӣ нигаранд,*
*Ҳар чӣ хоҳанд, дар он ҷумла ҳувайдо бинанд.*
*Нест ҷуз мазҳари зоташ бар ҳама мулки ҷаҳон,*
*Орифон ҷумла ҷаҳон дар рухи зебо бинанд. (Аҳмади Ҷомӣ)*

*Мо дар ду ҷаҳон ғайри Худо ёр надорем,*
*Мо ҷуз ғами ӯ ҳеҷ дигар кор надорем.*

*Мискину фақирем ба кошонаи дунё,*
*Бо неку бади ҳеҷ касе кор надорем…*
*Мо аҳли шаробему кабобему рубобем,*
*Бо хубу бади аҳли ҷаҳон кор надорем. (Румӣ)*

*Мо адамҳоем, ҳастиҳонамо,*
*Ту вуҷуди мутлақу ҳастии мо.*
*Мо кӣ бошем, эй ту моро ҷони ҷон,*
*То ки мо бошем бо ту дар миён. (Румӣ)*

*Қолабу ҷонанд дар ҳам ҳусну ишқ,*
*Гавҳару конанд бар ҳам ҳусну ишқ.*
*Аз азал ин ҳар ду ба ҳам будаанд,*
*Ҷуз ба ҳам ин роҳ нопаймудаанд. (Ҷомӣ)*

*Ба гарди ӯ нарасад хасм дар ҳунар ҳаргиз,*
*Насими уд кай ояд зи бехи уштурғоз. (Ибни Ямин)*
*Ман он пири кӯҳансолам, ки дар кор,*
*Ҷавонон аз ман омӯзанд ҳанҷор. (Убайди Зоконӣ)*

*Дар паси оина тӯтисифатам доштаанд,*
*Он чӣ устоди азал гуфт: «Бигӯ!» мегӯям. (Ҳофиз)*



## АБӮУСМОНИ САЪИД дувумин қофиласолори мусиқии Аҷаму Араб

*Устоди ҳунарварони олам,*
*Дар фанни ҳунарварӣ мусаллам.*
*(Хондамир)*

*Ай булбулу ай ҳазордастон,*
*Баргу сифати баҳор баргӯ. (Румӣ)*

Абӯусмон Саъид ибни Мусаҷҷаҳ (вафоташ 720) Оҳангҳо ва мусиқиёти ӯ бештар ба таври шифоҳӣ дар аксар аз кишварҳои исломӣ мунташир буд.

*Шифо зи гуфтаи шаккарфишони Ҳофиз ҷӯй,*
*Ки ҳоҷатат ба илоҷи гулобу қанд мабод. (Ҳофиз)*

Мусиқидон ва овозхони маъруфи форс-тоҷик, аз асирони ироқии Абдуллоҳ ибни Зубайр буд, ки ба Макка оварда буданд. Ва баъдан ба Эрон рафта, санъати мусиқиро то ба дараҷаи устодӣ фаро гирифт ва ба Ҳиҷоз баргашт ва сабки эрониро дар кишвари араб интишор дод. Мусиқии арабиро дар оҳангҳои эронӣ ворид карда инкишоф дод.

*Бе мураббӣ нашавад ҳеҷ касе соҳибном,*
*Сангро мекунад афлок ақиқи яманӣ. (Сайидо)*

*Эй дил ба ҷустуҷӯи ҳунар дар ҷаҳон бигард,*
*Бошад, ки овариш ба ҳар ҳилате ба даст.*
*Мард он бувад, ки дар гаҳу бегаҳ нишони илм*
*Ҷӯяд ба ҳар диёр зи ҳар ҳушёру маст.*
*Гар илм ёфт, сарвари ақрони хеш гашт,*
*В-ар мурд, узри ӯ бари асҳоб равшан аст. (Ибни Ямин)*

Абӯусмони Саъид яке аз асосгузорони мусиқии Аҷаму Араб дар асрҳои VII-VIII баъд аз Борбад аст. Дар Мадина аввалин мадрасаи мусиқӣ бунёд ниҳод.

**Қасидаи форсӣ**

*Бодо санои беҳад, он Раббул оламинро,*
*Ин гуна кард одам, аз лутф моъу тинро.*
*Бодо дуруд ҳар дам, бар он расули акрам,*
*К-аз шаръ дод барҳам, аз халқ куфру кинро.*
*Бодо ҳазор раҳмат, бар соҳибони ҳазрат,*
*Ҳар як шуда ба уммат, ҳодӣ раҳи яқинро.*
*Ё раб, бубахш бар мо, иззат ба дину дунё,*
*Гардем аҳли тақво, донем роҳи динро.*
*Оед, эй рафиқон, бар мактаб аз дилу ҷон,*
*Таҳсили илму ирфон фарз аст муслиминро.*
*(Муаллифи номаълум)*

*Мутрибам сармаст шуд, ангушт ба рақс мезанад,*
*Пардаи ушшоқро аз дил ба равнақ мезанад.*
*Рахт барбандед, ай ёрон, ки султони ду кавн,*
*Истода бар фарози арш, санҷақ мезанад… (Шамси Табрезӣ)*

*Агар ҳаст мард аз ҳунар баҳравар,*
*Ҳунар худ бигӯяд, на соҳибҳунар. (Саъдӣ)*

Муҳаққиқини қадим бар онанд, ки ӯ нахустин касест, ки мусиқии форсро ба Макка овардааст. Хуллас, ӯ нафарест, ки ба тавассути ӯ мусиқии форсӣ на танҳо дар кишварҳои арабӣ, балки дар саросари олами ислом мунташир шуд. Ба қавли мусиқидонони замонаш Абӯусмон дар овозхонӣ ҳанҷараи довудӣ дошта, мусиқии арабиро зимни оҳангҳои эронӣ ва румӣ такмил додааст.

Исҳоқи Мавсилӣ ба фаъолияти Абӯусмон баҳои баланд дода, ӯро нахустин касе медонад, ки мусиқии Форсро ба Макка овардааст. Муосири Исҳоқи Мавсилӣ – мусиқидони бузург Алӣ ибни Хишом низ фикри ӯро тақвият дода, ӯро нахустин касе шумоespecially ридааст, ки мусиқии арабиро ба сабки эрониҳо маъмул намудааст.

*Дило, аз илму ҳикмат ҷӯ тамомӣ,*
*Ки то гардӣ алам дар некномӣ.*
*Ки илм омад бари аҳли маонӣ,*
*Иборат аз ҳаёти ҷовидонӣ.*
*Ба назди он, ки з-ин маънӣ-ш барг аст,*
*Яқин, бори дарахти ҷаҳл марг аст.*
*Чунин гуфт он адиби ҳикматандӯз,*
*Бад-ин мантиқ сарои ҳикматомӯз.*
*Ки чун меҳри сипеҳри шаҳриёрӣ,*
*Алам барзад зи шарқи бахтиёрӣ. (Ассори Табрезӣ)*

*Фаромӯш макун ҳаққи устоди илм,*
*Ки бар ҳиммати ӯст бунёди илм.*
*Агар дар дилат меҳри устод нест,*
*Ба дасти умеди ту ҷуз бод нест.*

**Иброҳими Мавсилӣ** солҳои 732-803 зиндагӣ кардааст. Волидайнаш аз Араҷони форс буд. Аз мусиқидонон ва оҳангсозони забардасти эронӣ дар дарбори Ҳорунаррашид хунёгарӣ мекард.

Боз як **Иброҳими Мавсилии** дигар тахмин солҳои 771-849 зиндагӣ кардааст, ки муғанӣ ва мусиқишиноси бузург, шоир, луғатшинос ва устод дар илми калом буд.

*На шеър аст ин, ки Ҷомӣ месарояд,*
*Гирифторони дилро ҳасби ҳолест. (Ҷомӣ)*

*Маро аз шеър гуфтан нанг меояд, аз он Шоҳин,*
*Ки дорад ҳар ҳарифи ёва номи шоирӣ, ман ҳам. (Шоҳин)*

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ, руй ба ин ганҷ неҳ! (Рӯдакӣ)*

*Он луғати дил, ки баёни дил аст,*
*Тарҷиматаш ҳам ба забони дил аст. (Низомӣ)*

**Иброҳими Мавсилӣ** аз ҷумлаи такмилдиҳандагони асбоби мусиқии барбат буда, дар дарбори Ҳорунаррашид ва писари ӯ Маъмун фаъолият мекард ва миёни онон эътибор – ҳурмату эҳтироми азим дошт. Таснифоти зиёде доштааст, ки мутаасифона аз онҳо хабаре нест.

*Гоҳе аз барбат чу тифли хурдсол,*
*Дар канори худ ба захми гӯшмол.*
*Нолаҳои дарднок ангехтӣ,*
*Болиғонро аз мижа хун рехтӣ.*

**Абулаббоси Бахтиёр.** Абулаббоси Бахтиёр мутриб, сароянда, навозанда ва мусиқидони тоҷики, асри IX, зодгоҳаш Бухоро. Ҳамон ҷо зиндагӣ ва эҷод кардааст. Аз овони ҷавонӣ ба илми юнонию арабӣ рағбат зоҳир карда, дар муддати кӯтоҳе илмҳои давраашро аз худ намудааст. Абулаббоси Бахтиёр чун устоди барбат дар аҳди Сомониён шӯҳрати беандоза пайдо мекунад ва бо роҳбарии ӯ дар Бухоро мактаби мусиқӣ таъсис меёбад, ки дар он худ аз назарияву амалияи илми мусиқӣ дарс мегӯяд.

*Олами эҷод сайргоҳи ҷилваи аздод аст. (Бедил)*

*Мо дарахти дӯстӣ парвардаем,*
*Дӯстиро ҷо ба дилҳо кардаем.*
*Пас ту ҳам шоистаи даврон бишав,*
*Одамӣ зода туро, Инсон бишав!*

**Абулаббоси Бахтиёр** барои ин мактаб чандин асарҳои таълимӣ иншо намудааст ва илова ба китобҳои ҷудогонаи мусиқии Птолемей ва Иқлидус таълим додааст. Махсусан ба «ритмика» ва қонунҳои Аристоксен ва Никомах тафсир навишта-

аст, ки минбаъд Форобию Ибни Сино аз он баҳра бардоштаанд, вале, мутассифона, ин тафсир то ба мо нарасидааст.

*Зи юнониён арғанунзан басе,*
*Ки бурданд ҳуш аз дили ҳар касе. (Низомӣ)*

**Абулаббоси Бахтиёр** шогирдони бисёреро тарбия намудааст, ки устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷумлаи беҳатрин шогирдҳояшон будааст.

**Абулайюби Надимӣ** (қарни IX) мусиқишиноси боовоза, машшоқ ва овозхони маъруф. Дар Бағдод роҳбарии яке аз макотиби мусиқиро бар ӯҳда дошт. Шӯҳрати ӯ қариб, ки дар тамоми олами ислом мунташир буд. «Китоб-ун-нағам ва-л-иқоъ»-и ӯ дар назарияи мусиқии он замон бузург буд.

*... Эй донанда устод,*
*Чунон хоҳам, ки гардонӣ маро шод.*
*Муроди ман чунон аст, эй ҳунармард,*
*Ки букшоӣ дили ғамгинам аз дард.*
*Ба чобукдастию устодкорӣ,*
*Кунӣ дар кори ин қаср устуворӣ. (Низомӣ)*

*Эй ки пайвастӣ ту бо шеъру адаб,*
*Марҳабо бар даргаҳи созу тараб.*

**Аҳмад Абулаббос ибни Муҳаммад ибни Варвон** – табиби Сарахсӣ (ваф 899). Дар баробари аз акобири илми мухталиф донандаи илмҳои гуногун буданаш дар мусиқӣ ҳам камназир будааст. Се китоб дар илми мусиқӣ таълиф кардааст, ки як китоби ӯ то ба мо нарасидааст. Аммо ду китоби дигари ӯ, «Китоб-ул-мусиқӣ-л-кабир», «Китобул-мусиқӣ-с-сағир» дар олами илми мусиқӣ хеле маъруфанд.

*Ҷаҳд мекарду ганҷ мепардохт,*
*Чораи кори ҳар касе месохт. (Низомӣ)*

Бузургон хуб фармудаанд:

*Чу худ хӯрдаӣ барги пешинагон,*
*Дарахте пасояндагонро нишон.*

**Абӯтайийб ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир. (ваф. 913)**

Мусиқидони машҳури аҳди Сомониён. Дар назарияи мусиқӣ устоди беҳамто буд. Яке аз аввалин донишмандони бузург аст, ки мусиқиро ҳамчун илми махсус баён доштааст. Бисёр камбудҳои мусиқии Юнони қадимро маълум намуд. Мусиқии қадимаи эрониро дар мусиқии қарнҳои IX-X ба кор бурд ва омезишу такмил дод. Осораш «Одоб-ул-ғино», «Китоб-фӣ-нағам».

*Агар фазлу ҳунар бояд, ҳаме фазлу ҳунар дорӣ,*
*В-агар аслу гуҳар бояд, ҳаме аслу гуҳар дорӣ.*
*Ба ҳар коре тавон дорӣ, зи ҳар илме хабар дорӣ,*
*Зи молу мулки дунё, номи некӯ дӯсттар дорӣ.*
*Ҳама гуфтӣ накӯномӣ чу симу зар зи бар дорӣ,*
*Надонад кас, ки ту андар накӯномӣ чӣ сар дорӣ.*
*Зи номи бад ҳамеша хештанро дар ҳазар дорӣ,*
*Шаҳон расми дигар доранду ту расми дигар дорӣ?*
*Ба расми нек аз шоҳони гетӣ сар забар дорӣ,*
*Ҳама роҳу ниҳоду одати расми падар дорӣ. (Фаррухӣ)*

**Алии Бармакӣ** маъруф ба Ал-Бармакӣ. (ваф. 930). Мусиқишинос, машшоқ ва оҳангсози маъруфи форс-тоҷик. Дар дарбори Аббосиён ӯро сарвари мусиқидонони Бағдод медонистанд. Назарияи илмии пайравони сабки мусиқии Бағдодро, ки ба санъати мусиқии эрониён асос ёфта буд, дар асарҳояш такмил дода, заминаи устувори созҳо аз ҷумла танбӯри хуросонӣ, мовароуннаҳрӣ, барбат ва имконияти ғанӣ иҷрокунандагии онҳоро собит намуд. «Китоб-ун-нудамо» аз ӯст.

*Дар ба дар мегарду мерав кӯ ба кӯ,*
*Ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ. («Тӯҳфат-уз-зоирин»)*

*Сарат гардам, эй мутриби хушсуруд,*
*Бияфшор тарзахма бар хушкрӯд. (Шоҳин)*

**Шайх Аҳмади Ғаззолӣ.** Шайх Аҳмади Ғаззолии Тӯсӣ. (1049-1142). Бародари хурдии Имом Ғаззолист. Ӯ баъд аз фаро гирифтани улуми шаръӣ рӯ ба тасаввуф овард. Яке аз сӯфиёни машҳури замон шуд, ҳатто дар ин ҷода ӯро аз бародараш Имом Ғаззолӣ бартар донистаанд. Дар баробари ҳамаи ин на танҳо дар радифи бузургтарин мусиқишиноси форс-тоҷик, балки тамоми олами ис-

лом гузоштаанд. Назарияи мусиқиро такмил дода дар самои тасаввуф рақсро муҳим (мубоҳ), кори аҳаммиятнок, зарурӣ, лозим шумурда ошкор кард, ки ин мавриди ҳуҷуми маънавии мутаашарриа ва иддае аз равияҳои тасаввуфӣ қарор гирифт. Назарияи махсуси тасаввуфии ишқии ирфониро ба миён гузошт. Аз ӯ китобҳое ба мисли «Савонеҳ-ул-ушшоқ», «Лубоб-ул-эҳё», «Аз-захира фӣ ъилмил-басира», «Бавориқ-ул-илмоъ» дар илми самоъи тасаввуфӣ «Ат-таҷрид-фӣ-калимат-ит-тавҳид» ашъори форсӣ ва арабӣ боқӣ мондааст.

*Ба рақс чу гарм гардид сарви маҳваши ман,*
*Зи боди домани ӯ даргирифт оташи ман. (Биноӣ)*

*Одамизода агар дар тараб ояд чи аҷаб,*
*Сарв дар боғ ба рақс омадаву беду чанор. (Саъдӣ)*

*Наёяд осиё дар чарх бе рӯд,*
*Надорад рақс бе ромишгарон суд.*

*Аз самоъи булбулон ошуфта мебояд шудан,*
*Дар пайи бӯяш сари гулзор мебояд нишаст.*

*Ошиқонро аз наво андар самоъ овардаем,*
*Нолаҳои зор дар чангу рубоб афкандаем.*

*Бар шумо бод, ки чун базми тараб соз кунед,*
*Сӯзиши шамъи шабистони маро ёд кунед. (Аҳмади Ҷомӣ)*

**Камолиддин Абулфазоил маъруф ба Абдулқодири Гӯянда ё Мароғӣ ё Ҳофиз. (1353-1434)**

Шоир, мусиқидон ва сарояндаи бузурги тоҷик. Аз ҷумлаи бузургтарин устодони мусиқии назариявист. «Ҷомеъ-ул-илҳон», «Китоб-ул-мусиқӣ», «Мақосид-ул-илҳон», «Зубдат-ул-адвор», «Канз-ул-илҳон», «Шарҳи адвори Урмавӣ» аз асарҳои маъруфи ӯ дар илми мусиқист.

*Гоҳ бар ҳар маҷлиси айшу тараб,*
*Дар ҳузури турку тоҷику араб.*
*Гуфт: Абдулқодир, бинвоз уд,*
*Эй, ки мислат дар ҷаҳон ҳаргиз набуд.*

*Амал фармудаӣ, шоҳам, ба қавли ту амал созам,*
*Амал дар уд пардозам, шунав аз ҳалқам алҳонро.*
*Ба Абдулқодир аз Қодир шафо бахшад аҷаб набвад,*
*Чу ӯ таҳқиқ медонад, шафои хеш Қуръонро.*
*(Абдулқодири Гӯянда)*

Дар васфи ҳусну ҷамол ва овози хушу фораму дилкаши Абдулқодир чунин гуфта буданд:[1]

*Эй даҳонат зи лабу лаб зи даҳон ширинтар,*
*Ханда ширину сухан гуфтан аз он ширинтар.*

**Мирзоалии Чангӣ** – шоир, сароянда, мусиқидон, оҳангсози тоҷик.

*Бар овози чанг орамидан хуш аст,*
*Зи пирон насоеҳ шунидан хуш аст. (Бедил)*

Падари Дарвешалии Чангӣ. Зодгоҳаш Бухоро шеъру мусиқиро аз падар, ки марди донишманд буд, омӯхта, сипас баҳри такмили навозандагӣ назди Хоҷа Ҷаъфари Қонунии Самарқандӣ омӯзишро идома додааст. Ӯ аз асарҳои назарию амалӣ созу наворо аз бар намуда, дар навохтани чангу қонун, барбату танбӯр ва ғайра маҳорат пайдо мекунад.

*Мезад раги чангу хуни ҷонро мерехт,*
*Ё раб, раги чанг мезад ӯ ё раги ҷон?*

Ӯ ба чанг ихтирооти тоза ворид намуда, асарҳои махсусе эҷод кардааст, ки минбаъд чун дастури ҳунарандӯзӣ истифода мешаванд.

Мирзо Бедил барои ҳамин гуна ҳунармандони эҷодкор барҳақ фармудааст:

*Мутриби сози иқтидороҳанг,*
*Мезанад нағмаи дигар бар чанг.*
*Равнақи ҳуснаш аз чамансозӣ*
*Ҳамчу гулшан ба ҷӯши гулбозӣ.*
*Ғулғули табли ҷоҳ-нағмахурӯш,*
*Ҷӯши гарди ҳашам-баҳорофӯш. (Бедил)*

[1] Аз рисолаи Зайнулобиддин Маҳмуди Ҳусайнӣ.

Ҳамчунин «Нақш», «Амал», «Пешрав», «Савт», барин асарҳоро офаридааст, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон шӯҳрати калон доштаанд. Инчунин Мирзоалӣ ба писараш дар таълифи асари «Тӯҳфат-ус-сурур» кӯмак карда, ахбороти мусиқиву ҳасбиҳолии аҳли созу овозро такмил додааст. Ҳамчунин, ба ақидаи Дарвешалии Чангӣ, рисолае дар боби таҳаввулу такомули чанг низ таълиф намудааст. Дар шеъру шоирӣ ҳам ҷаҳд намуда, девони ашъор доштааст:

*Омӯхтӣ он чӣ бояд омӯхт,*
*З-ин бештарат нашояд омӯхт.*
*Махром дигар ба сӯи устод,*
*Сарве чу ту беҳ, ки бошад озод. (Амир Шайх Суҳайлӣ)*

**Мирзоотаҷони Танбӯрӣ** (1875-1935) дар Бухоро зиндагӣ кардааст. Сароянда, мутриб ва донандаи «Шашмақом». Дар ибтидо санъати навозандагиро пеши падараш ва ромишгарони шофиркомӣ ёд гирифта, сипас ба Бухоро рафта, аз Бобо Ҷалол, Бобо Ғиёс ва Ҳоҷӣ Абдураҳмон ин ҳунарро ба такмил расондааст. Аз тарафи олимону мусиқишиносон тасдиқ шудааст, ки мусиқии хушу форам рӯҳу илҳоми тоза мебахшад. Анъана ва сабки классикии санъати мақомхонӣ, алалхусус танбӯрнавозиро ҳамчун илми махсус меомӯхтанд. Мирзоотаҷони Танбӯрӣ махсусан дар навохтани танбӯр беҳамто буда, анъанаҳои беҳтарину пурназокати мактаби классикиро идома додааст.

*Танбӯри ман, барор овози пурҷӯш,*
*Маро эй дӯстон, ин дам кунед гӯш! (Халқӣ)*

*Чӣ танбӯр? Оҳи зи дил ҷастае,*
*Хароши ҷигар бар миён бастае.*
*Асарбахши кайфияти розҳо,*
*Зиёратгаҳи ҳусни овозҳо. (Бедил)*

*Нолаи танбӯру тори арғунун,*
*Мекашад дилро ба саҳрои ҷунун.*

Ӯ муаллими мактаби мусиқии шарқии Бухоро ва интихореаграфия ва мусиқии Самарқанд (1927-1932) буд. Ғазалҳои некӯ низ гуфтааст.

*Ғазал гуфтию дур сӯфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,*
*Ки бар назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро. (Ҳофиз)*

## АҲМАД ЗОҲИР



Навозанда, сароянда, оҳангсоз Аҳмад Зоҳир 14-уми июни соли 1946 дар шаҳри Кобул, дар оилаи корманди давлатӣ таваллуд ёфтааст. Падараш доктор Абдузоҳир аз паштузабонҳои вилояти Лағмон буд ва хеле барвақт ба Кобул омадааст.

Абдузоҳир баъдҳо ба вазифаи вазири тандурустӣ мерасад ва баъдан раиси Шӯрои Миллии Афғонистон таъйин мегардад. Аҳмад Зоҳир мактаб-литсейи Ҳабибияи Кобулро хатм кардааст. Баъд таҳсилашро дар дорулмуаллимини Кобул идома медиҳад. Сипас бо тавсияи падараш, ки дар он замон сафири Афғонистон дар Ҳиндустон буд ба ин кишвари афсонавӣ меравад ва чанд муддат дар он ҷо низ таҳсили илм мекунад. Баъди бозгашт ба Афғонистон Аҳмад Зоҳир чанд муддат дар раёсати «Афғонфилм» кор мекунад. Билохира вазифаро тарк гуфту пурра ба кори овозхонӣ гузашт. Дар муддати кӯтоҳ як гурӯҳи ҳунарие созмон медиҳад, ки он ба зудӣ тавонист маҳбубияти мардумро сазовор гардад.

*Овози хушаш муҳайиҷи шавқ,*
*Чокафкани ҷайби соҳиби завқ. (Ҷомӣ)*

Соли 1972 Аҳмад Зоҳир аввалин бор унвони фахрии «Хонандаи беҳтарини сол»-ро дар Афғонистон соҳиб шуд. Аз ҳамон дам шурӯъ карда то рӯзи маргаш ин унвони ифтихории хеле бонуфузи санъати овозхонии Афғонистонро мутахассисони соҳа ҳар сол танҳо ба ӯ лоиқ медонистанду халос. Баъди марги Аҳмад Зоҳир ин унвон дигар ба касе аз овозхонҳои афғонӣ дода нашудааст. Шояд дар таҳти ин маънӣ ҳикмате нуҳуфта бошад. Баъди Аҳмад Зоҳир дигар фарде дар Афғонистон натавонистааст ҳунари овозхониро ба пояи ӯ бирасонад.

## ВОҚЕАН ҶОИ Ӯ ХОЛИСТ, ХОЛӢ!

*Касро Худой бе ҳунаре мартабат надод,*
*Беҳуда ҳеҷ сел наёяд суи ғадир.*
*Аз кори хайр азми ту ҳаргиз нагашт боз,*
*Ҳаргиз зи роҳ бознагаштаст ҳеҷ тир.*
*Аз ҳашмати ту мулки маликро гузир нест,*
*Оре дарахтро бувад аз об ногузир. (Манучеҳрӣ)*

*Фарзонае бирафту зи рафтан-ш ҳар зиён,*
*Девонае бимонду зи мондан-ш ҳеҷ суд. (Лабибӣ)*

*Ҷояш акнун миёни мо холист,*
*Бурда ӯ созҳо ба пардаи хок. (Нафасбек Раҳмонӣ)*

Аҳмад Зоҳирро 14-июни соли 1979 дар дараи Соланг дар синни 33-солагӣ ба шаҳодат расонидаанд. Марги ӯ ҳазорҳо алоқамандону шефтагони садояшро дар сартосари ҷаҳон ба сӯг нишонд. Аммо дар ин байн шояд кам касоне донанд, ки рӯзи фоҷиа дар Кобул дар хонақоҳе, ки ибодатгоҳи аҳли тариқати чиштия ба ҳисоб мерафт, бошандагони он марги Аҳмад Зоҳирро талафоти бузурге барои муршид ва пайравони ин шохаи тасаввуф донистаанд.

## РАҲКУШОИ ШЕВАИ НАВ

*Хонақаҳ ҷое, ки ушшоқи фано,*
*Ишқ меварзанд бе шайду риё.*
*Хонақаҳ ҷое, ки масти ваҳдатанд,*
*Аз худӣ берун маҳви фитратанд.*
*Хонақаҳ ҷое, ки сӯзи созҳо,*
*Месарояд аз ду олам розҳо.*
*Ман намедонам, чаро имшаб, чаро,*
*Хонақаҳ хомӯшу бешӯру садо?*
*Ҳам зи най сӯзе намеояд ба гӯш,*
*Не зи чиштиён касе дорад хурӯш.*
*Бас сарозер аст ашки чиштиён,*
*Ҳамчу сел аз чашми ин соҳибдилон.*
*Мутрибон зору хароб уфтодаанд,*
*Чиштиён дар изтироб уфтодаанд.*

*Ашк чун фаввора аз чашмонашон,*
*Мерасад бар арсаи домонашон.*
*Гуфт мутриб бо дили ларзон чунин:*
*«Моҳи чиштиён ниҳон шуд дар замин».*
*Ман намедонам, чаро сози ғам аст,*
*Дар раги ҳар тор гӯӣ мотам аст. (Муаллифи номаълум)*

Муаллифи китоби «Султони қалбҳо» мегӯяд, қабл аз он, ки ҷасади Аҳмад Зоҳирро ба қабристони Шуҳадои Солиҳин бубаранд, даҳҳо ҳазор нафар ҳаводоронаш ҷанозаи ӯро дар масҷиди Пулихиштӣ хонданд.

Бори нахуст занони афғонӣ дар баробари мардон то ба қабристон аз паси тобути овозхони нотакрор раҳпаймоӣ намуданд ва касе онҳоро аз ин амал бознадошт. Аввалин маротиба пеш аз ба хок супоридани майит дар қабр садои савту мусиқӣ танинандоз мегардад. Аҳмад Зоҳир аз магнитафоне суруди:

*«Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид,*
*Дар баҳори равшан аз амвоҷи нур»-ро мехонад.*

Гиряву шӯре дар байни издиҳом барпо мешавад.

*Зоҳир бимурду ҳанҷарааш ҷовидона монд.*
*Ин захми марги ӯ ба ҳама қалбҳо нишона монд.*
(*Рӯъёҷони Доро)*

Гиряву нолаи мардуми ба водии хамӯшон омада, гиряи абри баҳоронро ба болои гули пажмурдае дар биёбон ба ёд меовард. Бале, ҳамчуноне ки борон наметавонад ба гули хазонгашта равон бубахшад, борони ашки мардум низ дигар қодир ба дубора ҷон бахшидан ба ин гули боғи ҳунар набуд.

*Аз қаъри гили сияҳ то авҷи зуҳал,*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.*
*Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,*
*Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал. (Сино)*

Овардаанд, ки чун Аристотолисро вафот наздик омад, писарро пеши худ хонд ва гуфт: «Эй писар, дар асрори улум ва дақоиқи ҳикмат умри худро базл кардам ва бисёр гиреҳҳо ба нури ҳикмат кушода гардонидам, валекин маргро ҳеҷ ҳилат надонистам.

*Агар сад кӯҳ бояд канд фӯлод,*
*Забун бошад ба дасти одамизод.*
*Чӣ чора, к-он банӣ – одам надонад,*
*Ба ҷуз мурдан, к-аз он бечора монад.*

Мавлавӣ мегӯяд:

*Чун қазо ояд, табиб аблаҳ шавад,*
*В-он даво дар нафъ ҳам гумраҳ шавад.*

Намози шом ҳамоно фаро мерасид, вале касе ҷуръат намекард, ки тани зебои Аҳмад Зоҳирро ба хоки сияҳ гузорад.

Чунон ки Умари Хайём гуфтааст:

*Ҳарчанд ки рӯю мӯи зебост маро,*
*Чун лола руху чу сарв болост маро,*
*Маълум нашуд, андар ин гулшани даҳр*
*Наққоши азал баҳри чӣ орост маро?*

Манучеҳрӣ дилнишин гуфтааст:

*Ҳам гавҳари тан*[1] *дорӣ ҳам гавҳари нисбат*[2]*.*
*Мушк аст дар он ҷо, ки бувад оҳуи тотор.*

Билохира ин расми аҷдодиро низ ба ҷо оварданд. Зани Аҳмад Зоҳир Фахрия он рӯз ба сабаби дарди фарзанд ва рӯзҳои дигар ба сабаби маълум – марги шавҳараш натавонист фиттаи шаби пеш аз марг тӯҳфакардаи Аҳмад Зоҳирро гӯш кунад. Рӯзҳо мегузаштанду ӯ ин корро намекард. Зеро намехост бовар кунад, ки шавҳари зебояш дунёву ӯро барои ҳамешагӣ падруд гуфтааст. Вале, чӣ кунад, ки ин ҳақиқат буд, ҳақиқати талх. Ва рӯзе фиттаро ба магнитафон гузошту онро чолон кард, Аҳмад Зоҳир суруди шаби пеш аз маргаш сабт намудаашро мехонд:

*Бароям гиря кун имшаб, ки танҳо имшабам бо ту,*
*Бароям гиря кун, фардо ба ҷуз ёде нахоҳад буд.*
*Ба рӯям бӯса зан имшаб, ки танҳо имшабам бо ту,*
*Ба ҷуз аз имшабам ин ҷо шаби дигар нахоҳад буд.*

---

[1] Ҷисм, бадан.
[2] Зот, асл, сиришт.

Оҳ, Худоҷон, наход ӯ медонист, ки фардо аз дунё мегузарад? Бале, ӯ чизеро медонист, эҳсос карда буд, вагарна чунин шеърро намегуфту намесуруд. Бале, ин шеъри худи Аҳмад Зоҳир буд.

Аҳмад Зоҳир 33 сол ва Борбади Марвазӣ 43-солӣ умр дидаанд.

Худованд барои зиндагӣ дар ин дунёи фонӣ ба онҳо ҳамин мӯҳлатро дода буд. Вале аз сӯи дигар, Парвардигори мутаол барояшон чунин вижагиҳову хислатҳои инсониро арзонӣ дошт, ки дар синни ҷавонӣ онҳо мардони оқилу доно ва ҳунармандони баркамолро мемонданд. Сурати зебо, садои бемисл, қобилияти дарк кардан, истеъдоди нотакрор, ақлу заковати воло, забони ширин, боз фаҳмишу идроки интихоби матни хубро ҳам барои сурудҳояшон ато карда буд.

*Қадри ту бигзашт аз дарки уқул,*
*Ақл андар шарҳи ту шуд булфузул. (Румӣ)*

*Туро шароити таълим бод чунон,*
*Ки ибтидо ба ту бошад уқули улоро. (Заҳири Форобӣ)*

Матнҳои суруду таронаҳояшонро худашон интихоб мекарданд. Онҳо донандаи хуби адабиёт, махсусан назми классик ва назми муосири форс-тоҷик буданд. Инҳо ҳама неъматҳое ҳастанд, ки Худованд инҳоро дар маҷмӯъ хеле кам ба бандагонаш медиҳад.

*Наравад ҳеҷ хато бар дилу андешаи ту,*
*К-аз хато дур туро зеҳну закои ту кунад. (Манучеҳрӣ)*

*Зи симои салоҳаш чеҳра пурнур,*
*Зи ахлоқи кироваш сина маъмур.*

Ин ситораҳои қутбнамо ба нишонаи шукрона аз ин неъматҳои додаи Худованд ба манфиати ҷомиа чунон ҳам ҷаҳду ҷадал намудаанд, ки баъди гузашташон асрҳо аз онҳову осори бебаҳои онҳо ба некӣ ёд хоҳанд кард.

*Неъмати дунёву неъматхора бин,*
*Ин-ш неъмат, ин-ш неъматхорагон. (Носири Хусрав)*

*Касе, к-ӯ некӣ андешад ба ҳар кас,*
*Ба некӣ дар ҷаҳон соҳибқирон аст. (Адиб Собир)*

*Номи неки рафтагон зоеъ макун,*
*То бимонад номи некат ёдгор. (Саъдӣ)*

Ба овозхони шаҳир Аҳмад Зоҳир ғайр аз Афғонистон, дар Эрону Покистон низ унвонҳои «Булбули шарқ», «Алмоси Машриқзамин»-ро дода буданд. Дар бораи чӣ миқдор суруду тарона боқӣ мондани Аҳмад Зоҳир маълумоти мушаххасе нест.

Тибқи он маълумоте, ки дар даст дорем, то ба имрӯз касе мушаххасан репертуари ӯро ҳисоб накардааст, ки дар он чӣ миқдор суруду тарона ҳаст. Фикрҳои тахминӣ хеле зиёданд. Аз 350-500-850-1000-ро дар бар мегирад. Дар барномаи радиои Афғонистон, ки ба муносибати 12-солагии рӯзи ба шаҳодат расидани Аҳмад Зоҳир дар таърихи 14 июни соли 1991 нашр шудааст, наттоқи радио дар хусуси 850 оҳангу тарона доштани ин нобиғаи олами мусиқӣ ҳарф мезад.

*Агар шоириро ту пеша гирифтӣ,*
*Яке низ бигрифт хунёгариро. (Носири Хусрав)*

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд. (Румӣ)*

– Овози хуб, матни хуб ва оҳанги хуб инҳо се омиле ҳастанд, ки дар якҷоягӣ ва ҳамбастагӣ суруди аълоро ба вуҷуд меоваранд ва он тарона ҳатман мақбули дилҳо мешавад, – мегуфт Аҳмад Зоҳир:[1]

*Хондани бедард аз афсурдагист,*
*Хондани бо дард аз дилбурдагист. (Румӣ)*

*Ҳар чӣ ҳаст авсофи одам бас ниҳон,*
*Мекунад аҳволу ақволаш баён. (Шоҳидӣ)*

«Аҳмад Зоҳир аз ҷумлаи овозхонҳои порсигӯест, ки аз ҳама бештар дар репертуари худ ғазалҳои орифони бузург Ҷалолиддини Балхию Саъдӣ, Ҳофизу Ҷомӣ ва дигаронро дар қолаби тарона ҷой дода, оҳанг баста сурудааст ва ба замми ин бо лаҳни фораму ҷаззобаш ашъори ин бузургонро фораму ҷаззобтар гардонидааст. Кист, ки ин шеърҳои орифонро дар овози Аҳмад

[1] Номи китобҳо «Султони қалбҳо» ва «Пайванди Аҳмад Зоҳир бо Мавлавӣ.

Зоҳир шунидаву ба ҳаяҷону изтироб наёмада бошад? Кист? Шунаванда аз сеҳри сухану садои пуршӯру пурлутфи сароянда ба ваҷд меояд ва беихтиёр ҳамроҳи вай ба тараннум мепардозад:

*Биёед, биёед, ки гулзор дамидаст.*
*Биёед, биёед, ки дилдор расидаст. (Румӣ)*



*Ҳамгардани[1] оҳувони саҳро,*
*Ҳамшевани[2] булбулони шайдо.*
*(Ҷомӣ)*

Ашъори Мавлоноро, ки Аҳмад Зоҳир ба оҳанг даровардаву хондааст, дар ҳама ҳол шунавандаро дар як ҳолати ғайри муқаррарӣ, бехудӣ, шӯру ҷазаба қарор медиҳад, чунки ҳам каломи шӯрангезу рӯҳбахши Мавлоно ва ҳам оҳангу садои сеҳрангези пуршӯру лабрези Аҳмад Зоҳирро дар ҳеҷ шоир ва ҳеҷ овозхоне пайдо кардан имконнопазир аст. Бо як сухан, ҳар ду беназиронанд: Ҳарду ҳам шӯридадилу ошиқанд. Яке дар олами сухан, дигаре дар овозхонӣ:[3]

*Магӯ, к-арбоби дил рафтанду шаҳри ишқ шуд холӣ,*
*Ҷаҳон пур Шамси Табрез аст, марде ку чу Мавлоно?*
*(Камоли Хуҷандӣ)*

*Бирафт Зоҳир аз миён, аммо,*
*Садояш дар миён монда.*
*Аз ӯ дар олами фонӣ,*
*Садои ҷовидон монда.*

[1] Ҳамшарик.
[2] Ҳамнола, ҳамовоз.
[3] Аз китоби «Ҷалолиддини Балхии Румӣ»-и Ҷамолиддин Саидзода.

*Ба овози хушаш мегуфт,*
*Ҳама рози дили моро.*
*Ба ҳар ҷоне қарин мекард,*
*Ғаму шодии дунёро. (Низом Қосим)*

Маълум аст, ки сарояндагони зиёде дар Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ба ғазалиёти шӯрофарини бузургон оҳанг баставу овозхонӣ кардаанд, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо ба дараҷаи Аҳмад Зоҳир натавонистаанд, ки мазмуну мӯҳтаво, шӯру шааф, сӯзу гудози ғазалҳои ин фарзонаҳоро ба гӯши сомеон бирасонанд, зеро Аҳмад Зоҳир бо як ҳунару шавқу завқ ва истеъдоду масъулияте, ки дар интихоби шеър ва овозхонӣ дошт, тавонист, ки шеъри бузургонро дар ҳамон сатҳи волое, ки Худовандашон офаридааст, оҳангрезӣ намуда, бихонад ва бад – ин тартиб байни сухани ишон ва мусиқии дилнишину форами мардуми Аҷам пуле бисозад, ки барои ҳамеша ва барои ҳамагон хидмат бинамояд. Шоирони мутасаввиф тавассути олами шеъру сухан, яъне маъонӣ дар қарнҳои пешин тӯғёни баҳри маоние ба шӯр овардаанд. Аҳмад Зоҳир амвоҷи ин баҳри пуртуғёнро дар замони муосир дар олами мусиқию овозхонӣ дар ҷунбиш овардааст. Шубҳае нест, ки Аҳмад Зоҳир эҳёгари каломи пурқимати ин фарзонаҳо буд:

*Боқиш бигӯ ту ҳам, зеро ки барои туст,*
*Дурҳои маонӣ, ки дар риштаи дам суфтам. (Румӣ)*

*Ҳеҷ мумкин нест дар гирдоби ин амвоҷи ғам,*
*Киштии мақсудро бе нохудо рафтан дар об. (Туғрал)*

Дар ҳоли ҳозир ба истинод ба маводе, ки дорем, – мегӯяд Султони Ҳамад, – метавонем бигӯем, ки Аҳмад Зоҳир аз эҷодиёти орифи тавоно Ҷалолиддини Балхӣ бештар аз 11 ғазалро ба оҳанг даровардааст, ки ҳар яке аз ин таронаҳо аз дигаре беҳтар аст. Аҳмад Зоҳир нахустин омотуре дар асри 20-ум буд, ки ишқу фалсафаи ирфониро ба 150 шеъру мусиқии Афғонистон даромехта ва ҷойгоҳи шоистаеро дар шеъру фарҳанги ҷомиа ва худ касб кард. Ӯ як шахси барҷаста буд, ки дар рушду паҳн шудани он дар мамлакатҳои форсизабон нақши равшан бозидааст.

«Агар Худо шуморо ёрӣ кунад, ҳеҷ кас бар шумо ғалаба нахоҳад кард. Ва агар шуморо хор дорад, чӣ касе аз он пас ёриатон хоҳад кард?» *(Сураи «Оли Имрон», ояти 160).*

Ҳанӯз аз оғози фаъолияти овозхониаш дар дили ӯ оташи ишқи Илоҳӣ фурӯзон будааст:

*Агар ишқ бошад гуноҳе, Илоҳӣ,*
*Саропо гуноҳам, Илоҳӣ, Илоҳӣ.*
*Нишон деҳ раҳи Қаъбаи ошиқонро,*
*Ба Маҷнуни гумкардароҳе, Илоҳӣ.*
*Ба майхона ҳам раҳ надоданд моро.*
*Куҷо рӯ кунад бепаноҳе, Илоҳӣ?*
*Маро субҳи рухсори оинарӯе,*
*Нишонда бар рӯзи сиёҳе, Илоҳӣ!*

Ё худ ин ғазали Хоҷуи Кирмониро дар маҳфиле, ки гоҳе аз лаҳзаҳои он самоъи дарвешон, вале асосан қавволихониро ба хотир меорад, такрор ба такрор ба як гурӯҳи ҳампешагонаш бо як шавқу шӯре мехонд, ки шунавандаро низ ба он муҳити ирфонӣ мекашад:

*Агар пинҳон бувад пайдо, ман он пайдои пинҳонам,*
*В-агар нодон бувад доно, ман он донои нодонам.*
*Ҳумои гулшани қудсам, на сайди донаву домам,*
*Тазарви боғи фирдавсам, на мурғи ин гулистонам.*
*Ман он ҳушёри сармастам, ки набвад бе қадаҳ дастам,*
*Нагӯям нестам, ҳастам, ба дил ҳам ину ҳам онам.*
*Сипеҳри меҳрро моҳам, ҷаҳони ишқро шоҳам,*
*Бутонро остин бӯсам, муғонро офарин хонам.*

*Агар ӯ соф Зоҳир буда бо зоҳирпарастоне,*
*Барои ман зи баъди Борбад ӯ Борбад буда.*
*Ҳама хунёгарони бодӣ андар пеши ӯ ҳеҷанд,*
*Бароям то абадҳои абад ӯ Борбад буда.*
*(Муҳаммадюсуфи Давронзод)*

*Ба ҳар маҷлис, ба ҳар зиндон, ба ҳар шодӣ, ба ҳар мотам,*
*Ба ҳар ҳолат, ки будам, бо ту будам, Меҳан, эй Меҳан!*
*(Абулқосим Лоҳутӣ)*

*Муборак, муборак,*
*Ҷумҳурии мо муборак.*
*Ҷавонон каф занед,*
*Бихонед, биболед, бигӯед.*
*Ҷумҳурии мо муборак!*
*Ҷумҳурии мо муборак!*

Ин таронаро Аҳмад Зоҳир бо як ҳиссиёти баланду таъсирбахш месароид.

*Мушки суда мерезад шаб ба домани Кобул,*
*Сабзаву суман резад кӯю барзани Кобул. (Зиё Қоризода)*

Шоираи хушсухан Рафоати Саидзода дар назираи ба ғазали шоири маъруфи афғон Зиё Қоризода «Мушки суда мерезад шаб ба домани Кобул» гуфтаи худ ҳолати ҳузнангези Кобулро ба риштаи тасвир дода, аз Аҳмад Зоҳир ёд мекунад:

*Охир ин чӣ ғавғое дар пироҳани Кобул,*
*Бишнавам ба гӯши дил оҳу шевани Кобул.*
*Пажмурда чашмаҳояш, садбаргу суманҳояш,*
*Хира гашта хуршеди партавафгани Кобул.*
*Ҳар лаҳза кашам фарёд, сад дод, Худоё, дод,*
*Ку Зоҳири зебои ғулғулфикани Кобул.*

*Оҳ, шояд ошиқонам нимашаб,*
*Гул ба рӯи гӯри ғамнокам ниҳанд. (Фурӯғи Фаррухзод)*

*Ай вафодори ҷаҳони ишқу роз,*
*Ай навопарварда булбул нағмасоз.*

*Ай навоят бозгӯи розҳо,*
*Ай ту ҷони мо навои созҳо.*

Кист Аҳмад Зоҳир, ки бо гузаштани беш аз 30 сол аз маргаш бо овардани танҳо ёде аз ӯ қалбҳо ба дард меоянду ашкҳо аз чашмони дӯстонаш чун қатраҳои борон ҷорӣ мешаванд? Ӯ чӣ гуна инсон буд? Ӯ чӣ ҳунаре дошт? Чӣ афсуне кардааст онҳоро, ки наметавонанд фаромӯшаш кунанд?

*Мешавад номи ҳунарманд пас аз марг баланд,*
*Дона сарсабз нашуд то ба таҳи хок нашуд. (Сайидо)*

Ба тарзи умум, имрӯз дар рӯи замин ягон тоҷик ё худ форсизабони каму беш аз фарҳанг бохабаре ёфт намешавад, ки надонад Аҳмад Зоҳир кист ва ё суруду оҳангҳои ӯро нашунида бошад. На танҳо форсизабонон, балки намояндагони дигар ақвому миллатҳо, ки дӯстори санъати овозхонии ҳақиқатан асилу воло ҳастанд,

имрӯз Аҳмад Зоҳирро хуб мешиносанд, сурудҳояшро замзама мекунанд.[1]

*Ба ҳар баҳор гул аз зери гил барорад сар,*
*Гуле бирафт, ки н-ояд ба сад баҳори дигар.*
*Гуле бирафт, к-аз имрӯз то ба домани ҳашр,*
*Гулоби ӯст, ки ҷорӣ бувад зи дидаи тар. (Қоонии Шерозӣ)*

*Барафрӯзад дили моро садои Аҳмади Зоҳир,*
*Бисӯзад ҳар дили ҷовид барои Аҳмад Зоҳир.*
*Бирафт ӯ аз миён, аммо садояш дар миён монда,*
*Аз ӯ дар олами фонӣ садои ҷовидон монда. (Низом Қосим)*

*Як гуле аз гулшани боғи ҷаҳон гум кардаам,*
*Булбули мастам, ки роҳи бӯстон гум кардаам.*
*Ғунчаи нашкуфтаам рафт аз ҷаҳон бо сад алам,*
*З-он бигирям дӯстон, ному нишон гум кардаам.*
*Дӯстон хун шуд дилам дар ғуссаи дарду фироқ,*
*Оҳу вовайло, ки ман рӯҳи равон гум кардаам.*
*(Таронаи халқӣ)*
*Онам, ки ба сеҳркории жарф,*
*Аз шӯъла тарош кардаам барф. (Файзӣ)*

Ба мисли ин чирадастҳо, чиразабонҳо, чирадилҳо ҳазорҳоанд ва ҳамаи онҳоро ин ҷо ном бурдан зарурат надорад. Ва фақат ҳаминро аз забони ин бузургони Худо мегӯем…

*Тариқи дарвешон зикр асту шукр. (Саъдӣ)*

*Лаъли ҷонбахшат, ки ёд аз оби ҳайвон медиҳад,*
*Зиндаро ҷон меситонад, мурдаро ҷон медиҳад. (Ҳилолӣ)*

*Гарчи ёрон фориғанд аз ёди ман,*
*Аз ман эшонро ҳазорон ёд бод! (Ҳофиз)*

*Абри раҳмат нисори эшон бод,*
*Лутфи ҷовид ёри эшон бод! (Ҳилолӣ)*

[1] Аз китоби «Султони қалбҳо» ва «Пайванди Аҳмади Зохир бо Мавлавӣ».

Ҳамаи ин ситораҳои қутбнамо намирандаанд, аз он сабаб, ки ин ҳунари ҷовидонаи онҳо, оҳангу садои ҷонафзои онҳо номи онҳоро абадулабад зиндаву пойдор нигоҳ медорад.

*Эй нӯши ҷонафзои ту чун неъмати ҳаёт,*
*В-эй васли дилрабои ту чун давлати шабоб. (Анварӣ)*

*Ба қасди касби ғино ганҷу зар талаб чӣ кунам,*
*Чу бо тавонгарии дил ғанӣ зи ганҷу зарам. (Ҷомӣ)*

*Навои булбулат, эй гул, куҷо писанд афтад,*
*Ки гӯшу ҳуш ба мурғони ҳарзагӯ дорӣ? (Ҳофиз)*

*Чу ботил сароянд, магмор гӯш,*
*Чу бесатр бинӣ, басират бипӯш. (Саъдӣ)*

*Ҳар кас, ки суханҳои азизон накунад гӯш,*
*Бисёр бихояд сари ангушти надомат. (Убайди Зоконӣ)*

*Суруду лаҳн ҳам бояд ба миқдор,*
*Ки чун бисёр шуд, акс оварад бор. (Хусрави Деҳлавӣ)*

*Шамъи тарабам, вале чу биншастам ҳеҷ,*
*Ман ҷоми ҷамам, вале чу бишкастам, ҳеҷ. (Хайём)*

*Ман киям, к-андешаи ту ҳамнафас бошад маро,*
*Ё таманнои висоли чун ту кас бошад маро.*
*Ҳар замон дилро ба уммеди висолат хуш кунам,*
*Боз гӯям: – На, чӣ ҷои ин ҳавас бошад маро.*
*Чун хаёли хоки поятро набинад чашми ман,*
*Бар висоли рӯи ту кай дастрас бошад маро. (Саноӣ)*

*Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод!*
*Ёд бод! Он рӯзгорон ёд бод!*
*Комам аз талхии ғам чун заҳр гашт,*
*Бонги нӯши бодахорон ёд бод!*
*Мубтало гаштам дар ин доми бало,*
*Кӯшиши он ҳақгузорон ёд бод! (Ҳофиз)*

Аз давраҳои қадим барои ниёгони халқи тоҷик омӯзиши созу овоз, мусиқӣ яке аз қисмҳои муҳимми тарбияи бадеии санъати нафиса (нозук, писандида) ба шумор меравад. Омӯзиши мусиқӣ, хусусан дар аҳди Сосониён (солҳои 224-651), равнақ ёфта буд. Яке аз калонтарин мактаби мусиқӣ дар музофоти Тайсафун таҳти роҳбарии бастакори касбӣ, сароянда, навозанда ва шоири забардасти форс-тоҷик, – Борбад амал мекард, ки дар он баробари омӯзиши назарияи мусиқии эронӣ инчунин, мусиқии юнонию ҳиндӣ омӯхта мешуд ва аввалин дастурҳои назарию амалӣ низ дар ин давра мураттабу тадвин мешуданд. Минбаъд доираи таълими мусиқӣ чун ҳунар ва илми махсус дар давраи хилофати араб дар таълимгоҳҳои Бухоро, Самарқанд, Рай ва дигар маҳалҳо амал менамуд, ки дастпарварони он ба шаҳрҳои Макка, Мадина, Бағдод, Мавсил, Асибила рафта мактабҳои нави мусиқиро таъсис додаанд.

*Рӯи иродат матоб аз дари мактаб,*
*То ки шавӣ комёб аз дари мактаб.*
*Тӯшаи диниву ҳам зарурати дунё,*
*Рав ба суҳулат биёб аз дари мактаб. (С. Айнӣ)*

*Мактаб бувад, ки мӯҷиби илм асту ақлу ҳуш,*
*Мактаб бувад, ки боз кунад чашму фикру ҳуш.*
*Мактаб бувад, ки тарбияву ақл аз ӯ бувад,*
*Мактаб бувад, ки бартариву фазл аз ӯ бувад.*
*(Маҳмуди Тарзӣ)*

Дар аҳди Сомониён мактаби калону машҳури мусиқие дар Самарқанду Бухоро таъсис ёфт, ки ба он устоди номвари мусиқӣ Абулаббоси Бахтиёр сарварӣ мекард. Дар ин мактаб ӯ асосҳои назарию амалии мусиқии аҳди Борбадро аз нав барқарор намуда, анъанаҳои мусиқии Ҳиндустон ва дигар кишварҳоро меомӯзонд. Баъдтар дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Исфаҳон, Шероз, Деҳлӣ ва дигар марказҳои илму маданият калонтарин мактабҳои мусиқӣ таъсис ёфтанд, ки ба онҳо Амир Хусрав, Абдулқодири Гӯянда, Маҳмуди Ҳусайнӣ, Устод Шодӣ, Кавкабии Бухороӣ, Мирзоалии Чангӣ, Дарвешалии Чангӣ ва дигарон сарварӣ мекарданд. То кунун таълиму тарбияву анъанаҳои пешиниён давом ёфта истодааст. «Дувоздаҳмақом», «Шашмақом», «Фалак», «Гурӯғлисароӣ»..

## РИВОҶ ЁФТАНИ САНЪАТИ ОВОЗХОНӢ ВА МУСИҚИШИНОСИИ ТОҶИК ДАР ҚАРНҲОИ XX – XXI

Дар нимаи дуюми қарни XX ва аввалҳои қарни XXI санъати овозхонию навозандагӣ ва рақсии тоҷик рӯ ба тараққӣ ниҳод. Санъаткорони тоҷик тавонистаанд бо ҳунари волои худ ба ҷаҳониён санъати миллии тоҷикро муарифӣ намоянд. Аз ҷумла, шахсиятҳои шинохта: Акашариф Ҷӯраев, Ҳикмат Ризо, Ғаффор Валаматзода, Аҳмад Бобоқулов, Тӯҳфа Фозилова, Шоиста Мулоҷонова, Ҳанифа Мавлонова, Ҷӯрабек Муродов, Малика Собирова, Малика Қаландарова, Боймуҳаммад Ниёзов, Абдулло Назриев, Одина Ҳошимов, Зафар Нозимов, Тағоймурод Хушвақтов, Дӯстмурод Алиев, Қурбоналӣ Раҳмонов, Саидқул Билолов, Давлатманд Холов, Файзалӣ Ҳасанов, Муқаддас Набиева, Тоҷиддин Муҳиддинов, Сурайё Қосимова ва дигарон хизматҳои шоиста намудаанд, чунонки шоир гӯяд:

*Эй ки овозаи овози ту дар гӯши ҷаҳон,*
*Диҳад оҳанги ту аз нағмаи Довуд нишон.*



Аз ҷавонон: Бунафша Шокирова, Хайринисо Ватанова, Артур Қаландаров. Файзулло Каримов, Шоҳрух Юнусов, Манижа Давлатова, Меҳринигори Рустам, Нозияи Кароматулло, Нигора Холова, Шабнами Тоҷиддин.

*Ёр омаду ёри дилнавоз омад боз,*
*Баҳри дили хаста чорасоз омад боз. (Ҳилолӣ)*

Навозандаҳои моҳир Ҷумъа Раҷабов, Абдураззоқ Абдуҳалимов, Баҳром Қодиров ва аз дафзанҳо (доиразанҳо) Аъло Аълоев, Саттор Фозилов ва дигаронро метавон ном бурд.

*Бо мутрибаи чу моҳи тобон,*
*Чанги тару хушк месарояд. (Анварӣ)*

Гулчеҳра Содиқова, Хосият Ортиқова, Мастона Эргашева, Моҳрухсор Сафиева, Майсара Дилдорова, Нигина Рауфова, Лола Азизова, Бунафша Муқимова, Зебунисо Нурова барин даҳҳо нафар бонувони хушсадо дар пешрафту инкишофи ҳунари сарояндагӣ ҳиссаи арзанда мегузоранд. Маҳз ин чеҳраҳои шинохтаи санъат тавонистанд, ки бо рангорангию гуногунмавзӯии барномаҳои ҳунарии худ дар пешрафти фарҳанги миллии кишварамон саҳмгузорӣ намоянд.

Соҳибистиқлолии мамлакат ба рушди бемайлони санъати миллӣ мусоидат намуд. Ҳамасола бо ибтикори Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон даҳҳо чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор мегарданд, ки ба рушди рӯзафзуни санъат мусоидат менамоянд. Баъди соҳибистиқлолӣ робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳои олам хеле густариш ёфт.

## ХОТИМА

Замину осмону сайёраҳо гардиш мекунанду сайри ҷовидонии худро идома медиҳанд ва ин ситораҳои барҷастаи асрҳо ва маҳбуби наслҳо ҳамроҳи ин гардиши азим ба осору ашъори ҷозибу ҳунарҳои некашон ба сӯи абадият пеш мераванд.

*Касе, ки ёри вафодори меҳрубон дорад,*
*Саодати абаду умри ҷовидон дорад. (Хусрави Деҳлавӣ)*

*Ба ҳақи ҷалоли ҳайбат, ба ҳақи ҷамолу қурбат,*
*Ки ба дил вазифаи ту абадан муқаддар омад.*
*(Шамси Табрезӣ)*

Ҳамаи онҳое, ки дар равнақи илму фарҳанги миллӣ нақше гузоштаанд, бо ин амали неки худ дар лавҳи дилу хотирҳо ҷовидонӣ хоҳанд монд. Мавлоно Ҷомӣ барҳақ фармудааст:

*Гар намондаст ҷисмашон зинда,*
*Номашон зиндаасту поянда.*

Бузургони илму хирад фармудаанд, ки пайваста калимот ба самъи ризо дар гӯш гиред, зеро каломи бузургон аст ва бад–он кор бандед.

*Чу бишнавӣ сухани аҳли дил, магӯ, ки хатост,*
*Суханшинос наӣ, ҷони ман, хато ин ҷост. (Ҳофиз)*

*Ту, ки ҳаргиз сухани аҳли сухан нашнидӣ,*
*Чун сухансозу суханфаҳму сухандон шудаӣ. (Соиб)*

*Дар замона сухансарой шудам,*
*Тани гуфторро баҳой шудам. (Саноӣ)*

*Илми табиат, он илми чизҳоест, ки ба ҳис таааллуқ доранд ва дар ҷунбишу гардишанд. (Ибни Сино).*

*Чӣ ҷунбиш аст, ки беаввал асту беохир,*
*Чӣ гардиш аст, ки бемақтаъ асту бемабдаъ. (Анварӣ)*

*З-овардани ман набуд гардунро суд,*
*В-аз бурдани ман ба иззу ҷоҳаш нафузуд.*
*В-аз ҳеҷ касе низ ду гӯшам нашунуд,*
*К-овардану бурдани ман аз баҳри чӣ буд. (Умари Хайём)*

*Тиҳӣ кардам хазоин дар баҳоят,*
*Матоъи ақлу дин кардам фидоят.*

*Ин аст ҳар чӣ медонистем аз устодон ва аз бузургон ба мо расида ва дар китобҳо ва аз сирати бузургон ба чашми хеш мушоҳида кардаем, дар ин китоб мухтасар ёд кардем, то ки мустаиддон аз он баҳравар гарданд. (Убайди Зоконӣ)*

# Ташнаи илм



*Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,*
*Қулфкушои ҳама дарҳост илм. (Ҷомӣ)*

*Илм аст баҳри ақлу зако сайқали ҷило,*
*Бе илм ақл монда чу як гунги бесадо.*
*(Маҳмуди Тарзӣ)*

Ҳар як шахс то илмро ба даст наорад ба орзу ва ҳавасҳои худ ба хубӣ расида наметавонад. Роҳи маърифати инсонӣ фақат ба воситаи илм боз мегардад.

*«Илм барҳамдиҳандаи заҳри зиндагӣ ва нурбахши наҷот аст».*
*«Илм нури ақл аст»*
*«Нури ақл дониш аст».*

Нахустин ваҳйҳое, ки ба пайғамбар ҳазрати Муҳаммад (с) омадаанд, бо калимаи «икраъ», яъне «бихон» (илм, фарҳанг) оғоз меёбанд. (Сураи «Алақ», ояти 1-5)

Пайғамбар фармудаанд:

1. «Ҳикматро дар ҳар куҷо ва дар дасти ҳар кас дидед фаро гиред».
2. «Донишро биҷӯед ва агар лозим бошад, то Чин сафар кунед».
3. «Хоби олим беҳтар аст аз 70-сола ибодати аввом».
4. «Агар илм дар сурайё бошад хам, мардуми форс онро дармеёбанд».
5. «Аз гаҳвора то гӯр илм биёмӯзед».
6. «Талабул ъилми фаризатун ило кулли муслимин». –

*«Талаби илм фарз аст ба кулли мусулмонҳо».*

*«Қиматтарини ганҷ дониш ва калиди он китоб аст».*

*Бувад бе музду миннат устоде,*
*Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде.*
*Надиме, мағздоре, пӯстпӯше,*
*Ба сирри кор гӯёе, хамӯше.*
*Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,*
*Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дурр. (Ҷомӣ)*

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ*
*Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест. (Ҷомӣ)*

*Тан ба ҷон зиндаасту ҷон зинда ба илм,*
*Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст. (Носири Хусрав)*

*Буй агар нест, тафовут накунад гул аз хор,*
*Илм агар нест, зи ҳайвон набувад фарқи башар.*

*Марди беилм чист? Ҳайвоне.*
*Ҷисми беҷон чу нақши айвоне.*
*На зи атвори дунявӣ воқиф,*
*На бар асрори ухравӣ ориф.*
*На хабар аз ҳақоиқи мавҷуд,*
*На асар аз дақоиқи мақсуд.*
*На зи воҷиб хабар, на аз мумкин,*
*Дарки инҳош амри номумкин.*
*Қалби беилмро ҳаёте нест,*
*Қолиби ҷаҳлро суботе нест. (Мавлоно Биноӣ)*

*Чист илм? Аз ҳаво раҳонанда,*
*Соҳибашро ба ҳақ расонанда.*
*Ҳар кӣ бе илм рафт дар раҳи Ҳақ,*
*Хонадаш ақл кофари мутлақ. (Саноӣ)*

*Солико, бе илми зоҳир по манеҳ,андар тариқ,*
*Марди омӣ кай кунад тафриқаи манъу ҷавоз. (Ҷунунӣ)*

*Олами илм оламест фарох,*
*Баҳ-баҳ онро, ки шуд дар ӯ густох. (Саноӣ)*

*«То бувад ҷон даруни тан зинҳор,*
*З-иктисоби улум даст мадор!*
*Ба тани хастаю ба мӯи сафед,*
*З-иктисоби фунун машав навмед!*
*Пирию заъфро баҳона масоз,*
*Бош дар касби илм дар такутоз!*
*То ба он дам, ки бар наёмад ҷон,*
*Тарки касби камол ҳаст зиён». (Мавлоно Биноӣ)*

*Роҳати рӯҳ аз азоби ҷаҳл дар илм аст аз он-к,*
*Ҷуз ба илм аз ҷони кас райҳони роҳат нашкуфид.*
*(Носири Хусрав)*

*Чу дар баҳре сухан ронам, барорам гавҳари олам,*
*Чу дар кони хирад оям, намоям ҷавҳари инсон!*
*(Носири Хисрав)*

*Бошад зарур баҳри ватан мактаби инос,*
*Зеро зукур ниму дигар ним шуд инос.*
*Шуд мактаби бадояти одоти ҳар валад,*
*Оғӯши пурлатофати бошафқати инос.*
*Пас ҳар зане ки илму адаб дораду камол*
*Бо шир илмро ба валад медиҳад инос.*
*Таълими илм баҳри занон фарзтар бувад,*
*Зеро ки ҳаст модари навъи башар инос.*
*Ҳар модаре ки илму камолу адаб надошт,*
*Тифле ки шир дод, шавад камтар аз инос.*
*Мактаб зи баҳри навъи занон омада зарур,*
*Таълими илм фарз бувад баҳри ҳар инос.*
*Маҳмуд, то ба кай ғами марду занон хурӣ,*
*Ту дар зукур хайр чӣ дидӣ, ки дар инос! (Маҳмуди Тарзӣ)*

*Ҳар кас зи некбахтон, з-ин тозарас дарахтон,*
*Дар сояе нишинад, ё меваe бичинад.*
*Он беҳ, ки пеш гирад ойини ҳақгузорӣ,*
*Роҳи карам супорад, роҳи дуъо гузинад. (Ҷомӣ)*

*Бо он ки сухан ба лутф об аст,*
*Кам гуфтани он сухан савоб аст.*
*Об арчӣ ҳама зулол хезад,*
*Аз хӯрдани пур малол хезад.*
*Кам гӯю гузида гӯй чун дурр,*
*То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур.*
*Як даста гули димоғпарвар,*
*Аз хирмани сад гиёҳ беҳтар. (Шайх Низомӣ)*

*Ҳар тоифае зи ман гумоне доранд,*
*Ман з-они худам, ҳар он чӣ ҳастам, ҳастам.*
*(Умари Хайём)*

*Ман агар хорам, агар гул, чаманорое ҳаст,*
*К-аз ҳамон даст, ки мепарварадам, мерӯям. (Ҳофиз)*

*Сухан ба назди сухандон баробари ҷон аст,*
*Ҳадиси нек ба ҷон гар харанд, арзон аст. (Маҷди Хофӣ)*

*БОБИ ДУЮМ*



# САМОЪ ДАР ТАСАВВУФ

*Дар вақти самоъ сӯфиёнро*
*Аз арш расад хурӯши дигар.*
*Ту сурати ин самоъ бишнав,*
*К-ишон доранд гӯши дигар.*
*(«Девони Кабир»)*

*Ай азиз! Ин қадар бидон, ки самоъ пайкест аз олами қудс.*

*Пеши мо пайке, ки орад муждаи иқболи ёр,*
*Номи он пайки муборак, некпай хоҳем кард.*
*(Камоли Хуҷандӣ)*
*Биё, мутриб, эй андалеби зуҳур,*
*Сафират насими биҳишти ҳузур. (Бедил)*

*Самоъ ороми ҷони зиндагон аст,*
*Касе донад, ки ӯро ҷони ҷон аст. («Девони Кабир»)*

*Самоъ чист? Зи пинҳониёни дил пайғом,*
*Дили ғариб биёбад зи номашон ором.*
*Шукуфта гардад аз ин бод шохаҳои хирад,*
*Кушода гардад аз ин захма дар вуҷуд масом.*
*(«Девони Кабир»)*
*Созад Исрофил рӯзе ноларо,*
*Ҷон диҳад пӯсидаи садсоларо.*
*Анбиёро дар дарун ҳам нағмаҳост,*
*Толибонро з-он ҳаёти бебаҳост.*
*Нашнавад он нағмаҳоро гӯши ҳис,*
*К-аз ситамҳо гӯши ҳис бошад наҷис. («Маснавӣ»)*

*Ҳар кас ба забоне сифати ишқи ту гӯяд,*
*Сӯфӣ ба суруди найю мутриб ба тарона. (Хаёлии Бухороӣ)*

*Ту нақши нақшбандонро чӣ донӣ,*
*Ту шакли пайкари ҷонро чӣ донӣ?*
*Ту худ менашнавӣ бонги дуҳулро,*
*Рамузи сирри пинҳоро чӣ донӣ? («Девони Кабир»)*

Ба қавли Мавлои Рум самоъ ҳолати бехабарист аз ду ҷаҳон:

*Бурун зи ҳар ду ҷаҳонӣ, чу дар самоъ ойӣ,*
*Бурун зи ҳар ду ҷаҳон аст ин ҷаҳони самоъ.*
*Агарчи бом баланд аст, боми ҳафтуми чарх,*
*Гузаштааст аз ин бом нардбони самоъ. («Девони Кабир»)*

Ва он сирру асроре, ки Худованд дар ниҳоди Одам гузоштааст, бо таъсири самоъ бедор мешавад ва зуҳур мекунад.

*Гар бигӯям шаммае з-он нағмаҳо,*
*Ҷонҳо сар бар зананд аз дахмаҳо. («Маснавӣ»)*

*Аз ҳазорон дар яке гирад самоъ,*
*З-он, ки ҳар кас маҳрами пайғом нест.*

*То насӯзад, барнаояд бӯи уд,*
*Пухта донад, к-ин сухан бо хом нест. (Саъдӣ)*

*Талқини дарси аҳли назар як ишорат аст,*
*Кардам ишоратеву мукаррар*[1] *намекунам. (Ҳофиз)*

Маълумоти мухтасар дар бораи чанде аз ҷараёнҳои тариқат:
1. Тариқати нақшбандия.
2. Тариқати чиштия.
3. Тариқати мавлавия.
4. Тариқати қодирия.
5. Тариқати сӯҳравардия ва ғайра.

Асосгузори тариқати нақшбандия, – **Шайх Баҳоуддини Нақшбанд** (1318-1389) мебошад.

*Ҳар кас, ки тариқи нақшбандон дорад,*
*Нақши ду ҷаҳон ба лавҳ мебигзорад.*
*Ихфои тариқ дар малоҳат ҷӯяд,*
*Ночор ҳар он ки рӯ бад-эшон дорад.*
*(Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд)*

Нақшбандия яке аз ҷараёнҳои маъруфу сернуфузи тасаввуф мебошад, ки ибтидои асри XIV зуҳур кардааст. Нақшбандияро хоҷагон низ мегӯянд. Баҳоуддин Муҳаммад ибни Муҳаммади Бухороӣ дар деҳаи Орифони Бухоро дар оилаи тоҷик ба дунё омадааст. Ин тариқат, тарафдори зикри «хуфия» ҳастанд. Шиори асосии ин тариқат: «Даст ба кору дил ба ёр» аст.

Дар тарғибу ташвиқи таълимоти нақшбандия хизматҳои шахсияти маъруфи ислом Мавлоно Яъқуби Чархӣ (вафоташ 1447), Хоҷа Аҳрори Валӣ (1404 – 1490), Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ бисёр калон аст. Инҳо халифаҳои Мавлоно Яъқуби Чархӣ буданд.

---
[1] Такрор.

Тариқати Чиштия яке аз шохаҳои ҷараёни мазҳабиву фалсафии тасаввуф мебошад. Асосгузори ин тариқат хоҷа Абӯисҳоқи Шомии Чиштӣ мебошад, ки дар бораи зисту зиндагии ӯ дар сарчашмаҳо чандон маълумоти зиёд нест. Баъди сари Хоҷа Абӯисҳоқи Шомии Чиштӣ ҷонишинаш Хоҷа Абӯ Аҳмади Абдол (вафоташ 966) будааст. Ҳамин тариқ, яке паси дигаре ин тариқатро роҳбарӣ мекунанд. Ва аммо танҳо дар замони Хоҷа Муиниддин Ҳасани Чиштӣ ин тариқат машҳур мешавад ва алоқамандону пайравони зиёд пайдо мекунад.

Хоҷа Муиниддин Ҳасани Чиштӣ соли 1136 дар деҳаи Чишти Шарифи вилояти Ҳироти Афғонистон чашм ба дунё кушодааст. Ва соли 1236 дар шаҳри Аҷмири Ҳиндустон ин дунёи фониро тарк мекунад. Дар болои дарвозаи хонақоҳи ӯ якчанд матн сабт гардидааст:

*Манзари рӯкаши айвони биҳишт аст ин ҷо,*
*Ҳадақаи чашми милку қолаби хишт аст ин ҷо.*
*Дар азал ҳар чӣ, ки шуд сабт ба лавҳи маҳфуз,*
*Хоҷа бар санг дари хеш навиштаст ин ҷо.*
*Пой аз сар куну оҳиста рав, оҳиста хиром,*
*Орифо, хобгаҳи Хоҷаи Чишт аст ин ҷо.*

*(Аз китоби «Санг ҳам диле дорад»)*

Румӣ бар зиёрати бузургон рафтан ва чӣ миқдор фазилат доштани онро чунин баён кардааст.

*Зикри ӯ ҷое чу шаҳду шакар аст,*
*Тавфи дарбораш чу ҳаҷҷи акбар аст. (Румӣ)*

*Чун хок шавам, гар гузарӣ сӯи мазорам,*
*Бӯи ҷигари сӯхта ёбӣ зи ғуборам.. (Ҷомӣ)*

*Ниҳӣ по гар ту бар ин остона,*
*Бубин аз Носири Хусрав нишона.*

*(Катибаи Чашмаи Носир дар наздикии Хоруғ)*

*Гиёҳи ҳинд ҳама уд гашту дору гашт,*
*Зи баҳри он, ки ту ҳар сол андар ӯ гузарӣ. (Унсурӣ)*

*Қадам фаҳмида бардор ар зи хокам бигзарӣ рӯзе,*
*Ки ҳамрози Сулаймонам, агарчанде ки чун мӯрам.*

*(Аҳмади Дониш)*

Давомдиҳандагони афкори ин тариқат дар бораи баъзе хусусиятҳои фарққунандаи он назар ба дигар шохаҳои тасаввуф, аз қабили: ба рақсу самоъ майли зиёд доштани аҳли ин ҷараён огоҳӣ медиҳанд. Яке аз омилҳое, ки дар дилу ҳисси ориф ҷазаба ва шӯру ҳаяҷон бармеангезад, овози мусиқӣ ва суруду таронаест, ки онро дар тасаввуф самоъ мегӯянд. Чунон ки маълум аст, самоъ калимаи арабӣ буда, аз масдари «самаъа» гирифта шуда, маънояш «шунидан, гӯш кардан» ва ё он чизеро, ки мешунаванд мебошад. Самоъ ба шӯру шавқ, ба завқу ваҷд омадан аст. Калимаи Самоъ дар адабиёти пеш аз исломии араб ба маънои тарона хеле зиёд истифода шудааст. Дар тасаввуф бошад, базми сӯфиёну дарвешонро, ки дар он бо истифода аз олоти гуногуни мусиқӣ шеър мегӯянду тарона мехонанд ва бо ин васила ба Ҳақ мепайванданд, самоъ меноманд.

*Мурғи рӯҳро завқ омад парру бол,*
*Кай расӣ бе завқ, дар базми висол.*
*Мазҳаби завқ, аз ҳама болотар аст,*
*Завқро дарёб, эй яздонпараст! (Гулшани асрор)*

*Ҷон вақти самоъ бӯйи дилдор барад,*
*Ҳолат ба саропардаи асрор барад.*
*Ин замзама маркабест магар рӯҳи туро,*
*Бардораду хуш ба манзили ёр барад.*

Суфиён самоъро «ғизои рӯҳ» меҳисобанд.

*Чи хӯш бошад оҳанги нарми ҳазин,*
*Ба гӯши ҳарифони масти сабӯҳ.*
*Беҳ аз рӯи зебост овози хуш,*
*Ки он ҳаззи нафс асту ин қути рӯҳ. (Шайх Саъдӣ)*

*Пас ғизои ошиқон омад самоъ,*
*Ки дар ӯ бошад хаёлу иҷтимоъ.*
*Қуввате гирад хаёлоти замир,*
*Балки сурат гардад аз бонги сафир.*
*(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)*

Чунон ки гуфтем, аз ақоид ва афкори аҳли ирфон, ки дар китобҳои назарӣ ва тавзеҳӣ аз орифони бузург омадааст, асосан аз

эҳсоси қалбӣ ва ваҷду ҷазаботи рӯҳиву нафсӣ сарчашма гирифтааст. Ҳолате, ки ба соликон ва орифон рӯх медиҳад, ҳарчанд натиҷаи муҷоҳадӣ ва риёзати онҳост, аммо ин ҳолат на аз омили берунӣ, балки дар қалб ва нафси соликону орифон бидуни ихтиёри онҳо ворид мегардад. Аммо дар рӯҳу ҳолати ориф ва солик омилҳои хориҷӣ низ бетаъсир набудааст. Чунин омил ва оризаҳои хориҷии он эҳсос ва қувваҳои рӯҳоние, ки дар ниҳоди ориф ва солик ҳаст ва ваҷду ҳаяҷон меоранд, дар онҳо хурӯше бармеангезанд. Чунончи зебоӣ ва ҳусне, ки дар олам ва одам мавҷуд аст, низ дар дили ориф ҷунбиши ҳиссу ҷазабаи рӯҳро ба вуҷуд меорад. Чунон, ки Имом Ғаззолӣ гуфтааст: «Олами улвӣ олами ҳусну ҷамол аст. Ва асли ҳусну ҷамол таносуб аст ва ҳар чӣ мутаносиб аст, намудҳоест аз ҷамоли он олам, ки ҳар ҷамолу ҳусн ва таносуб, ки дар ин олами махсус аст, ҳама самараи ҳусну ҷамоли он олам аст».

*Ишқ дар олам набудӣ, гар набудӣ рӯи зебо,*
*В-арна гул будӣ, нахондӣ булбуле бар шохсоре. (Саъдӣ)*

*Қолабу ҷонанд ба ҳам ҳусну ишқ,*
*Гавҳару конанд ба ҳам ҳусну ишқ.*
*Аз азал ин ҳар ду ба ҳам будаанд,*
*Ҷуз ба ҳам ин роҳ на паймудаанд.*
*Ҳастии мо ҳаст зи пайвандашон,*
*Нест кушоди ҳама ҷуз бандашон. (Ҷомӣ)*

*Рӯи зебо марҳами дилҳои хаста аст ва калиди дарҳои баста.*
*(Саъдӣ)*

Инак, ҳамин рӯи зебое, ки ориф ва солик дар ин олам дар рӯҳи маҳбуб ва маҳбуба мебинад, дар дилу нафси ӯ як эҳсоси ошиқонае нисбат ба зебоии маҷозии улвӣ ва идеалӣ ба вуҷуд меорад. Ба ибораи равшан гӯем, ҳамин ҳусну зебоии оризӣ ва хориҷист, ки дар дили ориф эҳсоси шӯрангезе нисбат ба маҳбуб ва маъбуди олами улвӣ бармеангезад.

*Эй суратат нишони Худованди акбар аст,*
*Зоти Худой бин, ки ба сурат мусаввар аст.*
*Ҳусну ҷамоли ту ҳама авсофи эзидист,*
*Эй сурати ту маънии Аллоҳу Акбар аст.*
*Дар коинот ҳусни рухаш ҷилва медиҳад,*
*Эй ҳусни ту ба сурату маънӣ баробар аст. (Аҳмади Ҷомӣ)*



Мисли ҳамин овози хӯш, оҳанги хуше, ки ориф ва солик дар хориҷ аз ҷои дигар мешунавад, низ дар ӯ эҳсоси ҷаззобе метавонад ба вуҷуд орад. Ин овози хориҷӣ метавонад хонишу садои ҷонварон ё шарфаи шаршара, ё дарёҳо, ё садои мусиқӣ бошад, ё овози мутрибе, ё ҳатто қироати шеър. Ба ҳамин андоза Овози тиловати Қуръон низ дар дили ориф ва солик як шӯрише метавонад бедор кунад.

Аҳли тасаввуф дар хонишу садои ҷонварону ҷӯйборон низ як оҳангу лаҳнеро мешуниданд, ки тамоми сирру асрори ҳақ ошкор мешудааст Мавлоно Ҷомӣ дар «Сибқат-ул-аброр» овардааст:

*Эй дар ин хобгаҳи бехаборон,*
*Бехабар хуфта чу кӯрону карон.*
*Сар баровар, ки дар ин пардасарой,*
*Мерасад бонги сурур аз ҳама ҷой.*
*Булбул аз минбари гул нағманавоз,*
*Қумрӣ аз сарви сиҳӣ замзамасоз,*
*Фохта чанбари даф карда зи тавқ,*
*Аз наво гашта ҷалоилзани шавқ.*
*Лаҳни қаввол шуда савмиагир,*
*На мурид аз дами ӯ ҷаста на пир,*
*Мутриб аз мастабаи дурдкашон,*
*Дода аз манзили мақсуд нишон.*
*Боди най бар дили мастони сабӯҳ,*
*Фатҳ карда ҳама абвоби футӯҳ.*
*Уди хомӯш зи як молиши гӯш,*
*Кӯдакосост баровардa хурӯш.*
*Чанг бо ақл раҳи чанг зада,*
*Раҳи сад дил ба як оҳанг зада.*
*Толиби косашикаста зи шароб,*
*Ба яке коса шуда масти рубоб.*
*Пири роҳиб шуда ноқусзанон,*
*Навбате миқраа бар кӯсзанон.*
*Чарх дар чарх аз ин бонгу наво,*
*Кӯҳ дар рақс аз ин савту садо.*

Амир Хусрави Деҳлавӣ манзараи табиати баҳорро чунин ба қалам додааст:

*Зи боди баҳорӣ ҳаво мушкбӯй,*
*Арӯси ҷаҳон з-оби гул шуста рӯй.*
*Бисоти гул аз сабза гулшан шуда,*
*Чароғи гул аз бод равшан шуда.*
*Бунафша сари зулфро хам зада,*
*Гираҳ дар сари ғунча маҳкам зада.*
*Шуда сурхгул мунфариш бӯстон,*
*Ба саҳро бурун омада дӯстон.*
*Ба ҳар шох мурғ арғунун сохта,*
*Ба ҳар нағма гулбун сар андохта.*

Хоҷа Маҳмудбой аз нигоҳи тасаввуф баҳору хониши парандаҳо (яъне булбулу қумрӣ, тӯтиву кабк)-ро моҳирона васф намудааст, ки намунаҳояшонро овардан хеле бамаврид аст:

*Вазид аз бӯстон боди баҳорон,*
*Расид овози хуш аз обшорон.*
*Замину боғ шуд чун сабза зебо,*
*Чу бар сабза расида оби борон.*
*Хуш он кас, к-ӯ дар ин фаслу дар ин аҳд,*
*Равад дар бӯстон бо дӯстдорон.*
*Кунад такрори дарси хеш аз саъй,*
*Ба пои сарву тарфи ҷӯйборон.*
*Худовандо, Илоҳо, Кирдгоро!*
*Диҳӣ илму амал бо ҷумла ёрон.*

Дар шеъри дигар ӯ чунин овардааст:

*Омад баҳору омад шодӣ дили ҳазинро,*
*Дебои сабз густард сабза ҳама заминро.*
*Бингар ба лолаву гул, бишнав навои булбул,*
*Бе ихтиёр гӯӣ бар Эзид офаринро.*
*Бигзар ба тарфи гулшан, бингар ба сарву савсан,*
*К-аз тарҳи хубу аҳсан мансух карда чинро.*
*Хуррам дили касоне дар инчунин замоне,*
*Созанд хуш баёне дарси улуму динро.*

Манучеҳрӣ дар ташбибе бӯстонро дар Наврӯзи пурнигор дида, баъзе зебоиҳои онро ёд намуда, дар тавсифи мурғон аз ҷумла тӯтӣ, ҳудҳуд ва қумрӣ бо тавсифи наву пурмазмун чунин гуфтааст:



*Мурғони забонгирифта яксар боз,*
*Бикшода забони румию ибрӣ.*
*Як мурғ суруди порсӣ гӯяд,*
*Як мурғ суруди мовароуннаҳрӣ.*
*Дар замҷара шуд чу мутрибон булбул,*
*Дар замзама шуд чу мӯъбадон қумрӣ.*
*Дар домани кӯҳ кабк шабгирон,*
*Даррафт ба ҳам ба рақс бо қудрӣ.*
*Бар пар алафе кашиду натвонист,*
*Хамида кашид алаф зи бесабрӣ.*
*Тӯтӣ ба ҳадису қисса андар шуд,*
*Бо мардуми рустоию шаҳрӣ.*
*Пироҳанаке буриду шалворе,*

*Аз байрами сурху аз гули ҳумрӣ.*
*Пироҳанаке беостин лекин,*
*Шалвор чу остини Бумрӣ.*
*Ҳудҳуд чу канизакест душиза,*
*Бо зулфи Аёзу дидаи фахрӣ.*
*Бар фарқ задаст шонае мушкин,*
*Бе гесуяке дароз аз ғумрӣ.*
*Бар шохи дарахти арғувон булбул,*
*Монад ба ҷамил чу муаммари узрӣ.*
*Бе вазни арӯз баҳрҳо гӯяд,*
*Шоир набувад бад-ин накӯшеърӣ. (Манучеҳрӣ)*

Нахустин ваҳйе, ки ба Муҳаммад (с) омадааст, аз калимаи «иқраъ», яъне бихон оғоз меёбад. Ин калима аз решаи «қараа» буда, «Қуръон»-ро дар назар дорад. Қуръон маънояш ба овози баланд хондан, қироъат кардан мебошад. Пайғамбари Худо ҳазрати Муҳаммад (с) «Алфурқон» номидааст, ки маънои ҷудо ва фарқ карданро дорад.

Одатан Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ҳам қироати шеърро бо овози баланд мекард. Оҳанги шеър ба ӯ ҷазабаи улвӣ мебахшид. Дар пеши назари рӯҳаш чархи гардун бо ҳама ҳастияш зуҳур менамуд.

Дар кӯчаву растаҳо ба ҳолати самоъ рафтани сӯфиёну дарвешон низ як ҳолати муқаррарист. Муаллифи «Маноқиб-ул-орифин» Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ ҳолати ба самоъ рафтани ҳазрати Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро дар гузари Заркӯбони шаҳри Қуния чунин тасвир кардааст:

Рӯзе ҳазрати Мавлоно, ки машҳури оламиён шуда буд, дар ғалаботи – (ғалаба) шӯру шавқи самоъ аз ҳавлии Заркӯбони шаҳр мегузаштанд. Магар овози (нағмаи) тиқ-тиқи зарби эшон ба самъи муборакашон расида буд, ки аз хушии он зарб шӯру шавқи аҷибе дар Мавлоно зоҳир шуд ва ба чарх даромад. Ҳамон лаҳза шайх (Салоҳиддини Заркӯб)-ро аз олами ғайб илҳом шуд: «Берун ой, ки Мавлоно дар чарх аст ва мардуми бисёре гирдогирди ӯ ҳалқа баста». Шайх наъразанон аз дукони худ берун ҷаст ва сар дар қадами Мавлоно ниҳода, бехуд шуд. Ҳазрати Мавлоно ӯро дар чарх, бар рӯй ва мӯйи муборакашон бӯсаҳо медод ва навозиш мефармуд. Шайх, ки аз ғояти риёзат ва муҷоҳидати қавӣ заъиф гашта буд, аз ҳазраташ амон хост, ки «маро тоқати самоъи Мавлоно нест» ва ҳамоно ба шогирдони дӯкон ишорат мекард, ки то фориғ шудани

ҳазрати Мавлоно аз самоъ аслан ист накунанд ва даст аз зарб во надоранд»:

*Яке ганҷе падид омад дар ин дӯкони заркӯбӣ,*
*Зиҳӣ сурат, зиҳӣ маънӣ, зиҳӣ хубӣ, зиҳӣ хубӣ.*
*Зиҳӣ бозори заркӯбон, зиҳӣ асрори яъқубон,*
*Ки ҷони Юсуф аз ишқаш барорад шӯри яъқубӣ.*
*Зи ишқи ӯ дусад Лайлӣ чу Маҷнун банд медаррад,*
*К-аз ин оташ забун ояд сабуриҳои айюбӣ.*

Чунонки маълум аст, самоъ дар пеши уламои мутаккаламин – донандаи аҳкому аркони дин мамнӯъ ва шунидани он раво нест. Аммо аҳли ирфон самоъро раво ва ба қавли онҳо мубоҳ донистаанд ва дар таййи ин далел барои исботи фикри худ чунин далеле меоранд, ки ончи аз тарафи Ҳақ Таъоло дар ниҳоди одам як сирри ниҳонӣ гузошта шудааст, бо таъсири самоъ бедор мешавад ва зуҳур мекунад:

*Ай ҳайф, ки пеши кар занӣ танбӯре,*
*Ё Юсуф ҳамхона шавад бо кӯре.*
*Ё қанд ниҳӣ дар даҳани ранҷуре,*
*Ё ҷуфт шавад муханнасе бо ҳуре. (Румӣ)*

*Гар бигӯям шаммае з-он нағмаҳо,*
*Ҷонҳо сар барзананд аз дахмаҳо.*
*Гӯшро наздик кун, к-он дур нест,*
*Лек нақли он ба ту дастур нест.*
*Ҳин, ки Исрофили вақтанд авлиё,*
*Мурдаро з-эшон ҳаёт асту намо.*
*Ҷони ҳар як мурдае аз гӯри тан,*
*Барҷаҳад з-овозашон андар кафан. («Маснавӣ»)*

*Моро ба ту сиррест, ки кас маҳрами он нест,*
*Гар сар биравад сирри ту бо кас накушоем. (Румӣ)*

«Бидон, ки Эзид Таъолоро сиррест дар дили одамӣ, ки онро чунон пӯшидааст мисли оташ дар оҳану санг. Ва чунонки ба захми оҳан бар санг он сирри оташ ошкоро гардад ва ба саҳро афтад, ҳамчунин самоъӣ овози хуши мавзун гавҳари дилро биҷунбонад ва дар он чизе пайдо оварад бе он ки одамро дар он

ихтиёре бошад…» Зикри пири чангӣ ва баҳси Афлотун бо Арастуро бо ин варақҳо то алф бикун такрор.

*Суханпардози ин кошонаи роз*
*Чунин берун диҳад аз парда овоз.*

*Гар туро ҳосил шавад як зарра тоб,*
*Ту даруни соя бинӣ офтоб.*
*Гар шавӣ ту маҳрами асрори ғайб,*
*Ҳосил ояд мар туро ин фатҳи боб.*
*Соя бе хуршеди тобон кай шавад,*
*Соя бингар ки шуд хуршедтоб. (Аҳмади Ҷомӣ)*

«Самоъ» дар тасаввуф ҳолати шавқу завқи Сӯфиёнро ҳангоми хондани зикр гӯянд, ки пайваста ба суруду мусиқӣ ва рақс сурат мегирад. Самоъ яке аз муассиртарин воситаҳои ба ваҷд овардан, бехуд намудани сӯфиён ҳисоб мешуд. Ҳадафи он сайқал додани рӯҳу ба дараҷаи камоли маънавӣ расонидани ориф буд, ки дар ҳоли самоъ тамоми ҳушу ёди сӯфӣ ба зикри ҳақ банд мешуд.[1]

*Дар олами гил ганҷи ниҳонӣ моем,*
*Дорандаи мулки ҷовидонӣ моем.*
*Чун зулмати обу гилро бигзаштем,*
*Ҳам Хизру ҳам оби зиндагонӣ моем. (Румӣ)*

*Дар асл яке будаст ҷони ману ту,*
*Пайдои ману туву ниҳони ману ту. («Девони Кабир»)*

«Ба ҳар кӣ хоҳад ҳикмат ато кунад. Ва ба ҳар кӣ ҳикмат ато шудааст, некии фаровон дода шудааст». (сураи «Бақара», ояти 269).

«Дар китобҳои назарӣ ва тавзеҳу тавҷеҳоти орифони бузург чунин омадааст»:

Самоъ дар маҳфилу маҷлиси орифон ҳанӯз дар оғози пайдоиши тасаввуф расм будааст. Гувоҳи ин чандин нақл ва гуфтаҳоест, ки дар васфу тавсифи самоъ аз орифони асрҳои нахуст дар тазкираву китобҳои урафо овардаанд.

Аз ҷумла Зунуни Мисрӣ гуфта: «Самоъ вориди ҳақ аст, ки

[1] Талаб Саттор, «Фалак», Нашриёти «Душанбе-2004».

дилҳо бад-ӯ барангезад (ба шӯру ҳаяҷон ояд). Ва ба талаби вай ҳарис аз ҳад зиёд талаб кардан, ки онро ба ҳақ шунавад, ба ҳақ роҳ ёбад ва ҳар ки ба нафс шунавад (яъне барои оромиши лаззат, дилхушии ҷон шунавад), дар зандиқа афтад» (касоне ки худро зоҳиран мусулмон мешуморанд, ботинан кофиранд).

Ҳарчанд мусиқӣ ва самоъ барои инсон барангезандаи шӯру мастист, лек бояд зикр намуд, ки шунидани мусиқӣ барои мардум дигар ҳолатест ва самоъи суфиён дигар ҳолат: Бо шунидани савту навои дилкаш мардум ҳарчанд дар вуҷуди хеш ҳолати шодиву сурурро дарёбанд, аммо аз ҳолате ки бидуни ихтиёр дар ботини суфиён зуҳур мешавад, бехабаранд. Масалан, ҳарчанд раққос ва ё раққоса аз шунидани мусиқии дилангез ба шӯру завқ оянд ҳам, лек ҳисси зоҳирии худро дороянд, аммо суфиён дар ҳолати самоъ (бехудӣ) аз идора намудани ҳисси зоҳирии худ фориғанд.

*Биё, биё, ки туӣ ҷони ҷони ҷони самоъ,*
*Биё, ки сарви равонӣ ба бӯстони самоъ.*
*Биё, ки чун ту набудасту ҳам нахоҳад буд,*
*Биё, ки чун ту надидаст дидагони самоъ.*
*Биё, ки чашмаи хуршед зери сояи туст,*
*Ҳазор Зуҳра ту дорӣ ба осмони самоъ.*
*Самоъ шукри ту гӯяд ба сад забони фасеҳ,*
*Яке ду нуқта бигӯям ман аз забони самоъ.*
*Бурун зи ҳар ду ҷаҳонӣ, ту дар самоъ ойӣ,*
*Бурун зи ҳар ду ҷаҳон аст ин ҷаҳони самоъ.*
*Агарчи бом баланд аст, боми ҳафтуми чарх,*
*Гузаштааст аз ин бом нардбони самоъ.*
*Ба зери пой бикӯбед, ҳарчи ғайри вай аст,*
*Самоъ аз они шумову, шумо аз они самоъ.*

*(«Девони Кабир»)*

Таъсир ва вусъати самоъ дар тасаввуф аз он даврае сар шуд, ки ин ҷараён аз Ғарб, яъне аз заминаи арабӣ ба Шарқ, ба заминаи эронӣ гузаштааст. Маҷлиси яке аз шайхони бузурги тасаввуф Абӯсаиди Абулхайр бе самоъу рақс намегузаштааст. Худи Шайх қавволон ва сарояндаҳое дошт, ки дар мачлиси самоъ шеърҳо мехонданду месуруданд. Самоъро на ҳамаи орифон меписандиданд. Дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридаддини Аттор омадааст: ҳангоме ки шайх Абӯсаиди Абулхайр дар маҷлиси Абдулҳасани Харақонӣ ба меҳмонӣ меояд, баъди сӯҳбатҳои ширину гуфторҳои

орифона аз ӯ иҷозат мепурсад, ки маҷлиси рақсу самоъро шурӯъ бикунад. Абулҳасани Харақонӣ иҷозат медиҳад, вале мегӯяд: «Моро парвои самоъ нест, лекин бо розигии ту ин бишнавем». Пас қавволон ба дастмолиши созу наво ғазале хонданд. Шайх дар ҳама умр пеш аз ин як навбат самоъ накарда буд. Пас шайх Абӯсаид гуфт: «Эй шайх, вақт аст, ки бархезӣ!» шайх бархост ва се бор остин биҷунбонид (афшонид) ва ҳафт бор қадам бар замин зад. Ҷумлаи девори хонақоҳ бар мувофиқати ӯ дар ҷунбиш омаданд. Шайх Абӯсаид гуфт:

«Ё шайх, бас кун, ки биноҳо хароб шаванд!».

*Самоъ аз баҳри ҷони беқарор аст,*
*Сабук барҷаҳ, чӣ ҷои интизор аст.*
*Машин ин ҷо ту бо андешаи хеш,*
*Агар мардӣ, бирав он ҷо, ки ёр аст.*
*Магӯ бошад, ки ӯ моро нахоҳад,*
*Ки марди ташнаро бо ин чӣ кор аст?*
*Ки парвона наяндешад зи оташ,*
*Ки ҷони ишқро андеша ор аст. («Девони Кабир»)*

Пас гуфт; «Ба иззати Худой, ки осмону замин бар мувофиқати ту дар рақс оянд». Шайх Абдулҳасан гуфт: «Самоъ касеро мусаллам (раво, дуруст) аст, ки аз замин то арш ҳамаро кушода бинад ва аз зер то таҳт-ус-суро».

*Ориферост ин самоъ ҳалол,*
*Ки бувад воқиф аз ҳақиқати ҳол. (Авҳадии Мароғӣ)*

Пас асҳобро гуфт: «Агар шуморо гӯянд, ки ин рақс чаро мекунед, бигӯед: бар мувофиқати қавме, ки бархостаанд ва ишон инчунин бошанд»:

*Ба ишқ агар бирасӣ, бе шароб маст шавӣ,*
*Чунон ки бе дафу най худ ба худ усул кунӣ.*
*(Мулло Ташбеҳӣ)*

*Мо масти шароби ҷоми ишқем,*
*Бадмастии мо маъфӣ на аз шароб аст. (Махфӣ)*

*Рақсе кунед, эй орифон, чархе занед, эй мунсифон,*
*Дар давлати шоҳи ҷаҳон, он шоҳи ҷонафзои мо.*

Аз ин маълум мешавад, ки ҳарчанд дар маҷлисҳои Харақонӣ рақсу самоъ ҷорӣ набуд, аммо дар маҳфилҳои шайхони дигари Хуросону Мовароуннаҳр ин урфу одат хеле шоеъ будааст. Нақлу ривоятҳое, ки аз зиндагӣ ва суханони Абӯсаид хеле ва хеле бисёр оварда мешавад, дар маҷлисҳои ин шайх қавволону сурудхонон (ҳофизон) бисёр будаанд. Ва дар ин маврид шеъру таронаҳои муносиб мегуфтанду месуруданд. Дар ҳузури чунин шайхи бузургу бонуфузе мисли шайх Харақонӣ ба рақсу самоъ даромадани шайх Абӯсаид ва муридони ӯ аз он баёнгар аст, ки ин расму оин дар Хуросон хеле шоеъ буда ва ба ин маҷлиси сӯфиён бе рақсу самоъ як мафҳили нотамом ва бенур мегардидааст. Шайх Абулҳасани Харақонӣ асосгузори тасаввуфи Хуросону Мовароунаҳр буд. Шайх Абулҳасани Харақонӣ эҳсоси бузурги қалбӣ ва ишқи дилангези орифонаро тамҳид мекард ва сӯфиро аз «сӯзу гудозандагони» оламиён ҳисобидааст.

*Бемор чӣ пурсӣ, ту ки бемор нагаштӣ,*
*Тимор чӣ донӣ, ту ки тимор надидӣ.*
*(Амир Хусрави Деҳлавӣ)*

*Эй маҷлисиён, сӯзи дили Ҳофизи мискин,*
*Аз шамъ бипурсед, ки дар сӯзу гудоз аст. (Ҳофиз)*

*Шаб чист? Чароғи ҷовидонӣ,*
*Ё шуъълаи шамъи онҷаҳонӣ.*
*Шаб бурқаи атласи сиёҳ аст,*
*Бар чеҳраи шоҳиди маонӣ.*
*Дар нури шаб аст нури маъно,*
*Ҷон ҳаст шароби «лантаронӣ».*
*Бо ошиқи ашкрези шабхез,*
*Шаброст карашмаи ниҳонӣ.*
*Шаб чист, ба қавли Пири Ансор,*
*Сарчашмаи оби зиндагонӣ. (Абдуллоҳи Ансорӣ)*

*Шаб аз мутриб, ки дил хуш бод вайро,*
*Шунидан нолаи ҷонсӯзи найро. (Ҳофиз)*

Самоъ дар асрҳои баъдӣ дар маҷлису маҳфилҳои орифони бузург яке аз расму оинҳои асосӣ гардид. Чунин маҷлисҳо махсусан дар ҷомеаи орифону соликони Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ пай-

васта бо шӯру шавқу ҷазабаҳои рӯҳониву дилангез барпо мешуд. Дар ин маҷлисҳо орифон бо мусиқиву овозхонӣ шеърҳо месуруданд, рақсҳо мекарданд.

Самоъи орифон асбоби дилхушӣ ва маъракаоройӣ набуд. Самоъу рақс баёнгари эҳсоси баланди қалб ва равшангари синаҳои сӯхтаи сӯфиён буд. Самоъ як ҳолати рӯҳӣ ва қалбие буд, ки дар он баъзе аз орифон дар ҳоли мушоҳада меафтоданд ва ҳамон таҷаллии партави зоти илоҳиро медиданд. Баробари ҳамин, ин ҳолате буд, ки ориф ва солик дар он тазкияи нафс ва хулқи худро медид.[1]

*Мутрибе, к-аз вай ҷахон шуд пуртараб,*
*Руста з-овозаш хаёлоти аҷаб.*
*Аз навояш мурғи дил паррон шудӣ,*
*В-аз садояш ҳуши ҷон ҳайрон шудӣ. («Маснавӣ»)*

Имом Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» чунин зикр кардааст:

«Ва кас бошад аз эшон, ки дар миёни самоъ ӯро мукошифот (яъне ҳоли мушоҳада) падид ояд ва бо вай лутфҳо равад, ки беруни самоъ набувад (яъне берун аз самоъ чунин воқеъ нагардад). Ва он аҳволи латиф, ки аз олами ғайб ба эшон пайвастан гирад ба сабаби самоъ, онро ваҷд гӯянд. Ва бошад, ки эшон дар самоъ чунон поку софе шавад, ки нуқра дар оташ ниҳӣ. Ва он самоъ оташ дар дил афканад ва ҳама кудуратҳо аз дил бибарад». Аз ин гуфтаи Имом Ғаззолӣ бармеояд, ки ҳолати аз самоъ ба вуқӯъ ояндаро ваҷд меномидаанд. Ва ин ҳолати ваҷд на ба ихтиёри солик, балки ба омили хориҷ аз ӯ ҳосил мегардад.

*Гар зи сирри маърифат огаҳ шавӣ,*
*Лафз бигзорӣ, сӯи маънӣ равӣ.*

*Шифои дарди дилҳо гашт ирфон,*
*Зи ирфон равшан омад ҷовидон ҷон.*
*Насиҳат бишнав, ар талх ояд аз ёр,*
*Ки дар охир ба ширинӣ расад кор. (Носири Хусрав)*

---

[1] Китобҳои «Тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик», «Пайванди Аҳмад Зоҳир бо Мавлавӣ», «Маданияти мусиқии тоҷик» дар асрҳои XIII-XIV», «Фалак ва анъанаҳои бадеии мардумони Осиёи Марказӣ», «Тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI-XVII» ва маҷаллаи «Адаб», 1991 сол истифода шуданд.

Орифон дар мусиқӣ, дар навои асбоби мусиқӣ дар лаҳни суруду таронаҳо оташеро медиданд, ки он дилҳои бедори онҳоро ба шавқи мушоҳадаи дидори ёр, рӯҳи онҳоро аз ин олами сифлӣ ба дунёи улвӣ, осмонӣ, ба қурби ҳамнишинии ҳазрати Илоҳӣ мебурдааст. Аз ин чост, ки Мавлоно Румӣ гуфтааст:

*Оташ аст ин бонги ною нест бод,*
*Ҳар ки ин оташ надорад, нест бод!*
*Нури мардон Машриқу Мағриб гирифт,*
*Осмонҳо саҷда карданд аз шигифт. (Маснавӣ)*

Дар тасаввуф асосан дар ду тариқат чиштия ва мавлавия самоъро ҳамчун василаи расидан ба ҳақ тарғибу ташвиқ мекунанд ва беш аз дигарон истифода мебаранд. Дар тариқати Қодирия аз он сарфи назар мекунанд. Пири Иноятхон дар китоби худ «Мистицизм звука» ривоятеро меорад, ки тибқи он асосгузори тариқати қодирия Имом Хоҷа Абдулқодири Гелонӣ, ки бо номи Ғавсулаъзам низ маъруф аст, боре аз Бағдод ба зиёрати асосгузори тариқати чиштия Хоҷа Муиниддин Ҳасан ба Аҷмири Ҳиндустон меравад. Ҳангоме ки лаҳзаи ҳарвақтаи самоъ фаро мерасад, Хоҷа Муиниддин Ҳасан ва пайравонаш ба эҳтироми меҳмони худ, ки нисбати самоъ назари манфӣ дошт, аз ташкили базми самоъ худдорӣ мекунанд. Вале дар ҳамин вақт ғайричашмдошт, ҳама олоти мусиқӣ худ аз худ ба навозиш медароянд. Ин ҳолатро дида, Хоҷа Абдулқодири Гелонӣ ба Хоҷа Муиниддин Ҳасани Чиштӣ мегуяд:

«Агарчӣ дин манъ мекунад самоъро, вале ин барои дигарон аст, на барои ту».

Мавлоно дар нолаи наю рубобу чангу уду танбӯру дигару дигар як ҷаҳон маънии ирфонию илоҳиро ошкор мекард:

*Бархезу бизан яке навое,*
*Бар ёди висоли дилрабое.*
*Ҳин, вақти сабоҳ шуд, футӯҳе,*
*Ҳин, вақти дуъост, ассалое.*
*Бикшо сари ҳунби хусравонӣ,*
*То халқ зананд дасту пое.*
*Сад гун гиреҳ аст бар дилу нест,*
*Ҷуз бодаи ҷон гираҳкушое.*
*Аз ҷой бубар ба як қинина,*

*Онро, ки қарор нест ҷое.*
*Ҷуз дашти адам қароргаҳ нест,*
*Чун нест вуҷудро вафое.*
*Бар суфраи хок таррае нест,*
*Ҳар сӯй зи чист жожҳое?*
*Олам мурдору омма чун саг,*
*Кӣ дид зи дасти саг сахое?*
*Соқӣ, дардеҳ сало, ки чун ту,*
*Ҷонро бинадид ҷонфизое.*
*Мо чун мису оҳанем собит,*
*Дар ҳайрати чун ту кимиёе.*
*Дар мағз фикан ту ҳуй-ҳуе,*
*В-аз халқ барор ҳой-ҳойе.*
*То рӯҳ зи мастию харобӣ,*
*Нашносад ҳаҷв аз саное.*
*З-ин бода чу маст шуд Фалотун,*
*Нашносад дард аз давое.*
*Дурдӣ деҳу ақлро чунон кун,*
*К-ӯ дурд надонад аз сафое.*
*Бар нотиқӣ мантиқе фурӯ рез,*
*Аз ҷоми сабӯҳиён атое.*
*То дам назанад, дигар наҷӯяд,*
*Занбили фатири ҳар гадое.*
*Хомуш, ки туро мусаллам омад,*
*Бархостан аз адам бақое.*



Аҳли ирфон самоъ ва рақсро раво ва ба қавли онҳо мубоҳ донистаанд. Яке аз онҳо имом Муҳаммад Ғаззолӣ дар китобҳои «Ахлоқи Ғаззолӣ» ё «Калиди маърифат» ва дар китоби «Эҳё-улулум-ид-дин» ва «Кимиёи саодат»-и худ шарҳ ва баён кардааст.

Шайх Аҳмади Ғаззолӣ – бародари хурдии Имом Ғаззолӣ назарияи мусиқиро такмил дод, дар самоъи тасаввуф рақсро муҳим, лозим, зарур, воҷиб, аҳаммиятнок эълон кард.

Амир Хусрав мусиқиро зодаи хирад ва бузургтарин мояи фитрати инсонӣ пиндоштааст. Ҳазрати Мавлоно сирри лаззати самоъро дар «Маснавӣ», вақте ки Одам дар биҳишт буд, чунин баён кардааст:

*Мо ҳама авлоди Одам будаем,*
*Дар биҳишт он нағмаҳо бишнудаем.*
*Гарчи дар мо рехт обу гил шаке,*
*Ёдамон ояд аз онҳо андаке.*
*Лек чун омехт бо хоки караб,*
*Кай диҳад ин зеру ин бам он тараб.*
*Мӯъминон гӯянд к-осори биҳишт,*
*Нағз гардонид ҳар овози зишт. (Румӣ)*

*Ҳеҷ медонӣ чӣ мегӯяд рубоб,*
*З-ашки чашму аз ҷигарҳои кабоб.*
*Пӯстеам дур монда ман зи гӯшт,*
*Чун нанолам дар фироқу дар азоб?!*
*Чӯб ҳам гӯяд: будам ман шохи сабз,*
*Зини ман бишкасту буррид он рикоб.*
*Мо ғарибони фироқем, эй шаҳон,*
*Бишнавед аз мо «илаллоҳ алмаоб».*
*Ҳам зи Ҳақ растем аввал дар ҷаҳон,*
*Ҳам бад-ӯ вомеравем аз инқилоб.*
*Бонги мо ҳамчун ҷарас дар корвон,*
*Ё чу раъде вақти сайрони саҳоб.*
*Эй мусофир дил манеҳ бар манзиле,*
*Ки шавӣ хаста ба гоҳи иҷтизоб.*

Мавлоно ба таънаи мухолифонаш ин ғазалро навиштааст. Ва дар нолаи рубоб, ки онҳо манъаш кардаанд, як ҷаҳон маънии ирфонию илоҳӣ гузоштааст. Ҳам дар навои рубоб ва ҳам дар самоъу мусиқии орифон Мавлоно як садои ғайбӣ ва нидои самовӣ мешунид, ки онро, ба қавли вай, танҳо сӯфиёне, ки аз ин ҷаҳон риштаи

алоиқ буридаанд, гӯш карда метавонанд. Дар ин ҷо ҳам, чунонки дар таълимоти ирфонӣ мебинем, на сурати зоҳирии мусиқӣ, балки маънии ботинии он манзур аст. Ӯ дар як ғазалаш гуфтааст:[1]

*Дорад дарвеш нӯши дигар,*
*В-андар сару чашм ҳуши дигар.*
*Дар вақти самоъ сӯфиёнро*
*Аз арш расад хурӯши дигар.*
*Ту сурати ин самоъ бишнав,*
*К-ишон доранд гӯши дигар…*

*Ҳама бинанд на ин сунъ, ки ман мебинам,*
*Ҳама хонанд на ин нақш, ки ман мехонам. (Саъдӣ)*

## Васфу тавсифи самоъ ва ақоиду афкори аҳли орифон

*Хирасар то кай занӣ ҳамчун занон лофи дурӯғ,*
*Ночашида шарбати васлу надида дарди ишқ. (Саноӣ)*

*Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,*
*Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.*
*(Саъдӣ)*

*Ишқи ту шаробест, ки сӯзад дилу ҷонро,*
*Ҷуз ошиқи шӯрида нанӯшид кас онро.*
*З-ин бода касе, то нашавад маст, надонад,*
*Аҳволи дили ошиқи ошуфтаравонро.*
*Султони саропардаи ишқаш чу назар кард,*
*Афрӯхт ба нури рухи худ ҷумла ҷаҳонро. (Румӣ)*

*Хезед, ошиқон, нафасе шӯру шар кунем,*
*В-аз ҳою ҳу ҷаҳон ҳама зеру забар кунем.*
*Аз тоби сина оташе андар ҷигар занем,*
*В-аз оби дида синаи тафсида тар кунем.*
*Наъра зи ҷон занем ҳама рӯз то ба шаб,*
*Нола зи дарди дил ҳама шаб то саҳар кунем. (Ироқӣ)*

[1] Р.Ҳодизода.Ҷалолиддини Румӣ,

*Самоъ ороми ҷони зиндагон аст,*
*Касе донад, ки ӯро ҷони ҷон аст.*
*Касе хоҳад, ки ӯ бедор гардад,*
*Ки ӯ хуфта миёни бӯстон аст.*
*Валек, он к-ӯ ба зиндон хуфта бошад,*
*Агар бедор гардад, дар зиён аст.*
*Самоъ онҷой бикнем, ки арӯсист,*
*На дар мотам, ки он ҷои фиғон аст.*
*Касе, к-ӯ ҷавҳари худро надидаст,*
*Касе, к-он моҳ аз чашмаш ниҳон аст.*
*Чунин касро самоъу даф чӣ бояд?*
*Самоъ аз баҳри васли дилситон аст.*
*Касонеро, ки рӯшон сӯи қибласт,*
*Самоъ дар ин ҷаҳону он ҷаҳон аст.*
*Хусусан ҳалқае, к-андар самоъанд,*
*Ҳамегарданду Каъба дар миён аст. («Девони Кабир»)*

Шайх вақто ки омодаи сафар шуд, васият кард: «Маро на ба гиряву нола, балки бо чангу тарона ба гӯр бигузоред»

*Шайх фармуд дар ҷанозаи ман,*
*Дуҳул ореду кӯс бо дафзан.*
*Сӯи кӯям баред рақскунон,*
*Хушу шодону масту дастафшон.*
*То бидонанд, к-авлиёи Худо,*
*Шоду хандон раванд сӯи бақо.*
*Маргашон айшу ишрату сур аст,*
*Ҷояшон хулди адни пурҳур аст.*
*Инчунин марг бо самоъ х(в) аш аст,*
*Чун рафиқаш нигори хубу каш аст.*
*Ҳама аз ҷону дил васиятро,*
*Бишуниданд бе риё ба сафо. (Аз «Валаднома»)*

*Ба рӯзи маргам, эй ёрон, насозед нолаю афғон,*
*Биёред барбату мутриб, навозед чанги хушалҳон[1]...*
*Ба гирди тобутам созед ғарибон, бекасон, рақсе,*
*Дарeғу ҳасрату афсӯс наво созед дастафшон.*

[1] Хушалҳон – хушовоз, хушоҳанг, хушхон

*Нагӯед зоҳиди худбин, барои таъзиям он рӯз,*
*Бихонед осии мискин, фақиру ошиқи риндон..*
*(Орифаи Қамархони Хуҷандӣ)*

*Эй бародар, гар раҳи сурат равӣ,*
*То қиёмат бӯи маънӣ нашнавӣ.*
*Ҷони ҷовидон агар хоҳӣ, бихон,*
*«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ.*
*(Қосими Анвор «Анис-ул –орифин»)*

*«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ,*
*Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ (Ҷомӣ)*

*Ҷавоно, гӯш кун ин гуфтаи пир,*
*Ки додам бо ту аз пистони ҷон шир. (Мавлавии Ҷунунӣ)*

Мавлоно Ҷомӣ ҳамроҳи муридон дар маҷлиси самоъ ин суруди Хоҷа Ҳофизро гӯш мекарданд:

*Гадои майкадаам, лек вақти мастӣ бин,*
*Ки ноз бар фалаку ҳукм бар ситора кунам.*
*Агар зи лаъли лаби ёр бӯсае ёбам,*
*Ҷавон шавам зи сару зиндагӣ дубора кунам.*
*Зи бода хӯрдани пинҳон малул шуд Ҳофиз,*
*Ба бонги барбату най розаш ошкора кунам.*

Аввал суруди ҳофиз ва баъд садои ғижжак қатъ гардид. Ҷомӣ, аз афташ, аз нағмаи дилхароши ғижжак бештар мутаассир шуд, ки баъди фурсате сукут ба сухан омад: «Самоъ-мусиқиро беҳуда забони дил нагуфтаанд, дар ҳақиқат нағмаи хубу ҷаззоб дилро ба тапиш ва эҳсосотро ба ваҷд оварда чун мазҳари покӣ занги замири касро мезудояд, ҷое ки қалам қодир нест, мусиқӣ кор медиҳад, мисли ишқ латифу аз чашм ниҳон».

Ғижжакӣ аз ин суханҳо рӯҳ гирифта боз устодонатар ба навохтан пардохт. Яке аз ҳозирин ғазали Ҷомиро дар васфи ҳамин ғижжакӣ, ки соле чанд пештар навишта шуда буд, ба хондан сар кард:[1]

*Садои он ғижжакам кушту шакли он ғижжакӣ,*
*Ки шӯри маҷлиси ушшоқ шуд зи пурнамакӣ.*

---

[1] Аълохон Афсаҳзод. «Абдураҳмони Ҷомӣ». саҳ. 156.

Баъдҳо мавлоно Ҷомӣ аз ҳама корҳо даст кашида, узлатнишиниро пеша мекунад. Ҳоло ҷои тоату ибодатро шеъру мусиқӣ, ҷои риёзатро рақсу тарона гирифт. Ин рубоӣ ҳолати дар он рӯзҳо доштаи шоирро шоҳидӣ мекунад:

*Ҳастам зи алоиқи ҷаҳон озода,*
*Дорам ҳама асбоби тараб омода.*
*Ашъор-надиму касби дониш-маъшуқ,*
*Дафтар – дафу килк – най, сиёҳӣ – бода.*

Мавлоно Ҷаллиддини Румӣ ҳам чунин ҳолати худро хеле устодона ба риштаи тасвир кашида:

*Дар даст ҳамеша мусҳафам буд,*
*Аз ишқ гирифтаам чағона.*
*Андар даҳане, ки буд тасбеҳ,*
*Шеър асту дубайтию тарона.*

Пири тариқат Шайх Саъдӣ алайҳирраҳма чунин баён карда:

*Ҳама қабилаи ман олимони дин буданд,*
*Маро муаллими ишқи ту шоирӣ омӯхт.*

Носири Бухорӣ чунин баён мекунад:

*Ман аввал раҳбари ислом будам,*
*Дар охир қавли мутриб роҳи ман зад.*

Дар шеъри дигараш:

*Пеш аз ин роҳбари аҳли саодат будам,*
*Роҳбарам савти муғаннию майи рангин шуд.*

Шайх Низомӣ чунин гуфтааст:

*Ҳар чӣ ҳаст аз дақиқҳои нуҷум,*
*Ба якояк нуҳуфтаҳои улум.*
*Хондаму ҳар варақ, ки меҷустам,*
*Чун туро ёфтам варақ шустам.*

*БОБИ СЕЮМ*



# ШОИРИ АСИЛ ВА ШЕЪРИ АСИЛ

*Сухандонон сухан дӯшиза гуфтанд,*
*Сухан бигзор, марворид суфтанд. (Низомӣ)*

*Мо зи Қуръон баргузида мағзро,*
*Пӯстро назди хасон андохтем. (Девони Шамс)*

*Шоир бояд ки салимулфитрат, азимулфикрат, саҳеҳуттабъ, дақиқунназар бошад. (Низомии Арӯзӣ).*

Шоирони асил аз назари орифон бештар дорои хислатҳои латифанд.

*Латифи карамгустари корсоз,*
*Ки дорои хулқ асту донои роз. (Саъдӣ)*

*Диҳам аз дил бурун рози ниҳонро,*
*Бихандонам, бигирёнам ҷаҳонро.*

Шайх ҳаким Низомии Ганҷавӣ дар «Махзан-ул-асрор» ҳадди камоли шеър ва шоириро (орифони шоирро) чунин васф кардааст:

*Пешу паси баст сафи авлиё,*
*Пас шуаро омаду пеш анбиё.*
*Ин ду назар маҳрами як дӯстанд,*
*Ин ду чу мағз, он дигарон пӯстанд.*
*Шеър туро сидранишонӣ диҳад,*
*Салтанати мулки маонӣ диҳад.*

*Мо, ки сухан бар сухан афгандаем,*
*Мурдаи ӯему бад-ӯ зиндаем.*
*Сарддамон оташ аз ӯ ёфтанд,*
*Гармравон об аз ӯ ёфтанд. (Низомӣ)*

*К-эй маҳрами ҳалқаи ғуломӣ,*
*Ҷодусухани ҷаҳон Низомӣ!*

*Наср ҳамчун назм рангомез нест,*
*Ҳеҷ бо ӯ нақши рангомез нест.*
*Назм пеш аз наср бошад омгир,*
*Назми хосангезу хосу омгир.*
*Назм беҳ аз наср назди хубтабъ,*
*Завқ меёбад зи назми хубтабъ.*
*Назм душвор аст, доно созадаш,*
*Назм он бошад, ки доно созадаш.*
*Аз Низомӣ ҳиммате дархостам,*
*Рост омад оқибат дархостам. (Котибии Гуршезӣ)*

*Шеър обест зи сарчашмаи дил,*
*Сари чашма шуда олудаи гил.*
*Гар на сарчашма зи гил пок шавад,*
*Чӣ аҷаб з-об, ки гилнок шавад.*
*Боядат дар сухан осудагие,*
*Пок кун дил зи ҳар олудагие. (Ҷомӣ)*

*Зи шеърам хомаро шаккарзабон кун,*
*Зи атрам номаро анбарфишон кун. (Ҷомӣ)*

Мавлоно Камолиддин Биноӣ назмро таъриф ва тавсиф намуда, изҳори хушҳолӣ мекунад, ки вай намояндаи назм аст.

*Назм нури чароғи инсонист,*
*Гули хушбӯи боғи инсонист.*
*Ҳар ки з-ин шӯъла бошад афсурда,*
*Ҳаст шамъи ҳаёти ӯ мурда.*
*В-онки бӯе набурд аз ин гули тар,*
*Ҳаст нахли ҳаёти ӯ бебар.*
*Лафзи хуш чун зи назм ёбад зеб,*
*Барад аз ҷони аҳли фаҳм шикеб.*
*Маънӣ андар либоси назм дарун,*
*Менамояд чу дилбари мавзун.*
*Маънии хуш ба назми шакаррез,*
*Тоза барги гулест шаҳдомез.*
*Шуд муқавво чу гулшакар ба мизоҷ,*
*Дили беморро аз ӯст илоҷ.*
*Аз сухандонӣ он, ки бошад дур,*
*Бошад ӯро табиати ранҷур.*
*В-он, ки ӯро дили сухандонист,*
*Хуш саҳеҳ-ул-мизоҷ инсонест.*
*Шукр кун, шукр кун, Биноӣ, шукр,*
*Дор пайваста шукрро бар зукр.*
*Гар ба хони сухан шитофтаӣ,*
*Бахше аз хони назм ёфтаӣ.*

Тавре ки маълум аст, ғазал яке аз қадимитарин ашколи ғиноӣ буда, аз даврони куҳан дар назми форсӣ-тоҷикӣ мавқеи бузург дошт. Шайх Озари Тӯсӣ (ваф. 1461) дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» роҷеъ ба ғазал чунин фармудааст:

«Аз ҷинси ҷавоҳири фунуни шеърия ҳеҷ ришта латифтар ва ҷавҳаре шарифтар аз риштаи ҷавҳари ғазал нест.

*Аз фунуни шеър фанни беҳтарин омад ғазал,*
*Чун накӯруён, ки дар сурат беҳанд аз ҷинси инс.*

Соҳибони ин ҳирфа ҳама азизулвуҷуду оламгир ва шаҳрошӯбу турфатабъ ва танассуҷгӯю нодиратуттавр бошанд».[1]

*Меваву гул аз маъонӣ созам ҳама,*
*В-аз лафзҳои хуб дарахтон кунам.*
*Чун абр рӯи саҳро бӯстон кунад,*
*Ман низ рӯи дафтар бӯстон кунам.*
*Дар маҷлиси мунозира бо оқилон,*
*Аз нуқтаҳои худ гулафшон кунам.*

*Шӯрадарахтест шеъри ман, ки хирадро,*
*Нуктаву маънӣ бар ӯ шукуфаву бор аст.*
*(Ҳаким Носири Хусрав)*

*Манам он шоири соҳир, ки ба афсуни сухан,*
*Аз наи килк ҳама шаҳду шакар меборам. (Ҳофиз)*

*Ҳамнишини занбӯрам, хона пурасал дорам,*
*Тарбиятгари айшам, нӯш дар бағал дорам. (Сайидо)*

*Некхоҳон диҳанд панд, валек*
*Некбахтон буванд пандпазир. (Саъдӣ)*

*Бигуфтам ҳама гуфтани сарбасар,*
*Ту жарф андар ин пандномa нигар. (Дақиқӣ)*

*Ба дарёи жарф он, ки ҷӯяд садаф,*
*Бибояд-ш ҷон барниҳодан ба каф. (Асадӣ)*

Бархе аз шоирон дар ғазалсароӣ устоданд, бархе дар тавсифи табиат моҳиранд, баъзе дар хамоса чирадастанд. Гурӯҳе дар мавъизаву пандгӯӣ, вале ҳар як аз ин гурӯҳҳо дар заминаи дигар оҷизу нотавон ё бебаҳра аз забардастию маҳоратанд.

[1] Аз китоби «Сайре дар ғазалиёти Ироқӣ».

Масалан: Манучеҳрӣ дар ин ғазалаш бисёр ҷолиб баён кардааст:

*На ҳама ҳикмат Худо андар яке шоир ниҳод,*
*На ҳама бӯе бувад дар нофи оҳу мушки Чин,*
*Шоире ташбиб донад, шоире ташбеҳу мадҳ,*
*Мутрибе «Қолус» донад, мутрибе шаккартавин.*

Ҳофиз дар ғазали ирфонӣ бо нозукбинии бисёр олӣ шеър гуфтааст:

*Мазраи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав,*
*Ёдам аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав.*

ва ё

*Ба рӯзи воқеа тобути мо зи сарв кунед,*
*Ки меравам ба доғи баландболое.*

Саъдӣ дар панду мавъиза авҷ мегирад.

*Барги айше ба гӯри хеш фирист,*
*Кас наёрад зи пас, ту пеш фирист.*

Аз ҳамин чанд намунаи ашъори бузургони форсигӯ ба хубӣ метавон фаҳмид, ки на ҳар шоир дар як ҷо ва дар як майдон тактозӣ карда ва бар дигарон таваффур ёфтааст. Ба ҳамин ҷиҳат, муқоисаи ҳеҷ як бо дигаре саҳеҳ нест ва наметавон гуфт, ки Ҳофиз бартар аз Фирдавсӣ ва ё Саъдӣ беҳтар аз Мавлавӣ месарояд. Ҳангоме ки аз Алӣ(р) мепурсанд, беҳтарин шоири араб кист? Мефармояд:

«Ҳамоно шоирон дар як майдон асп натохтаанд, то маълум шавад кадоме аз онҳо беҳтаранд».

Одамӣ, ки тан ба ризои Ҳақ диҳад, ҳар чӣ бихоҳад, ба ӯ мерасад. Худованд хосагонашро, ҳарчанд нохондаву нанвишта бошад ҳам, ба қуллаҳои баланди маърифату ҳикматҳояш мерасонад.

*Нигори ман, ки ба мактаб нарафту хат нанавишт,*
*Ба ғамза масъалаомӯзи сад мударрис шуд. (Ҳофиз)*

*Туро бар хайли хубон сарварӣ дод,*
*Ба лутф аз оби ҳайвон бартарӣ дод. (Ҷомӣ)*

*Гар нахондам фоилотун, фоилот,*
*Шеър мегӯям беҳ аз оби ҳаёт. (Ҳайдари Ҳиравӣ)*

Ин нобиғагон тавонистаанд чунин асарҳои ҷовидонаю илҳомбахшанда эҷод кунанд, ки баъд аз қарнҳо ашкҳоро ҷорию дилҳоро мабҳут кунад. Ба гуфти Ҳофиз:

*«Сари зулфи суханро бо қалам шона заданд»,*

*Кош аз пайи сад ҳазор сол аз дили хок,*
*Чун сабза умеди бардамидан будӣ! (Хайём)*

*Монанди об дар гулу райҳон равон шудем,*
*То аз замини ташна зи мо бардамад гиёҳ. (Шамси Табрезӣ)*

*Аз ҳаво мавҷи реша берун дод,*
*То кунад нахли тозае эҷод. (Бедил)*

*Одамӣ махфист дар зери забон,*
*Ин забон пардаст бар даргоҳи ҷон.*
*Чунки боде пардаро дарҳам кашид,*
*Сирри саҳни хона шуд бар мо падид.*
*З-ин қибал фармуд Аҳмад дар мақол:*
*«Дар забон пинҳон бувад ҳусни риҷол». (Румӣ)*

Сабаби баландмазмунию ҳеҷ гоҳ кӯҳнаву беэътибор нашудани эҷодиёти ин бузургони Худо (орифон) он аст, ки мағз андар мағзи асарҳои онҳо ҳама илҳомоту ҳадиси қудсӣ ва латоифи ҳикамию нукоти Қуръонӣ аст![1]

*Муниси ҷону дили ман чист?Тасбеҳу Қуръон,*
*Хоки пои хотири ман чист? Ашъору хатаб.*
*(Носири Хусрав)*
*Бозича мадон ту, хоҷа, моро,*
*Мо аз сифати ҷамоли ӯем.*
*То кӯйи сифоти Ӯ гирифтем,*
*Нашнохт касе, ки дар чӣ кӯйем. (Ироқӣ)*

[1] Аз китоби «Ирфон»-и Ҳофизи Муртазо Мутаҳҳарӣ.



«Маснавии Маънавӣ»-и Мавлонои Рум ганҷи шойгонест, ки дар таърихи тамаддуни башарӣ мақому арзиши хосса касб кардааст. Ба гуфти Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ дар ин асари гаронмоя зиёда аз 1280 мавзӯи муҳим ва беш аз 2200 оёти Қуръонӣ ва зиёда аз 750 ҳадиси набавӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. «Маснавии Маънавӣ» ба ҳамаи суолҳо ва ниёзҳои инсонӣ посух мегӯяд.[1]

*Ман чӣ гӯям васфи он олиҷаноб,*
*Нест пайғамбар, вале дорад китоб:*
*«Маснавии Маънавӣ»-и Мавлавӣ,*
*Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.*

*(Ҷомӣ)*

Худи Мавлоно Ҷалолиддин ҳам маонии ботинии зиёд ва асрору андешаҳои дарунбадарунро таҷассум намуда абёти «Маснавӣ»-ро зикр карда, ин хусусияти онро ба Қуръон монанд менамояд:

*Ҳамчу Қуръон, к-ӯ ба маънӣ ҳафттӯст,*
*Хосрову омро матъам дар ӯст.*

*Румӣ, сухани куфр нагуфтасту нагӯяд, мункир нашаведаш,*
*Кофир бувад он кас, ки ба инкор ба ромад, аз дӯзахиён шуд*

*(Румӣ)*

*«Маснавӣ» дар шаъни он олиҷаноб,*
*Шоҳиде кофист то явмулҳисоб…*

*Тарҷумаи Қуръон китоби «Маснавӣ»-ст,*
*Маънии Қуръон каломи Мавлавист. (Қутбиддини Ориф)*

*Надидам хуштар аз шеъри ту, Ҳофиз,*
*Ба Қуръоне, ки андар сина дорӣ. (Ҳофиз)*

*Зи ҳофизони ҷаҳон кас чу банда ҷамъ накард,*
*Латоифи ҳикамӣ бо нукоти қуръонӣ.*

---

[1] Аз китоби «Офтоби маърифат»-и Алии Муҳаммадии Хуросонӣ.

*Ишқат расад ба фарёд, гар худ ба сони Ҳофиз,*
*Қуръон зи бар бихонӣ бо чордаҳ ривоят. (Ҳофизи Шерозӣ)*

Дуктур Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсиро баҳои баланд дода мегӯяд: «Ман беш аз 240 маврид аз таъсири сареҳ ва қатъии Қуръон ва ҳадис дар асари Фирдавсӣ ёддошт дорам»[1]

*«Шоҳнома» ҳаст беиғроқ Қуръони Аҷам,*
*Рутбаи донои Тӯсӣ рутбаи пайғамбарист*
*(Маликушшуаро Баҳор)*



*Касе дар боби Фирдавсӣ чӣ гӯяд,*
*Кӣ ӯ рамзест аз сирри Илоҳӣ.*
*Ба «Шоҳнома» назар кун,*
*то бубинӣ,*
*Равон оби ҳаёт андар сиёҳӣ.*
*(Зариҳиддини Форёбӣ)*

Ҳар қадаре, ки рӯ ба осору афкори бузургони классик биёрӣ, бештар ғановати маънавӣ – ғизои рӯҳӣ пайдо мекунӣ.

Чашми зоҳирбин бесарусомонии риндонро мебинад ва аз ганҷи саодате ки Худо ба ишон додааст, хабар надорад.[2]

*Ҷумлаи ҳар малоҳатам, пайрави ҳар фасоҳатам,*
*Илми ладунии баён ҳаст дар ин забони ман. (Румӣ)*

*Гар ба кошонаи риндон қадаме хоҳӣ зад,*
*Нуқли шеъри шакарину май беғаш дорам.*

*Дар сафолин косаи риндон ба хорӣ мангаред,*
*К-ин ҳарифон хидмати ҷоми ҷаҳонбин кардаанд. (Ҳофиз)*

*Мо гуле аз бӯстони ҷаннатем,*
*Қатраи дарёи мавҷи раҳматем. (Носири Бухороӣ)*

[1] Аз китоби Шайх Абулқосими Гургонӣ.
[2] Аз маҷаллаи «Сафинаи умед», соли 2001.

*Ба як дам оламеро зинда созем,*
*В-аз он пас то абад поянда созем. (Ҳилолӣ)*

Алӣ ибни Усмони Ҳуҷвирӣ ба муқобили мункирони тасаввуф мегӯяд, ки «Инкори тасаввуф – инкори кулли шариати пайғамбар бошад». Чунон ки Мавлоно мефармояд:

*Ақли ҷузвӣ, ишқро мункир бувад,*
*Гарчи бинмояд, ки соҳибсир бувад.*

Шоири рангинбаёне бо як завқу шавқи баланд гуфтааст:

*Дар маслахи ишқ ҷуз накӯро накушанд,*
*Лоғарсифатони зиштрӯро накушанд.*
*Гар ошиқи содиқӣ, зи куштан маҳарос,*
*Мурдор бувад ҳар он, ки ӯро накушанд...*

* * *

*Тоза андар баҳори Ҳақ сӯфист,*
*Сарв дар ҷӯйбори Ҳақ сӯфист.*
*Марди сӯфӣ тасаллуфӣ набувад,*
*Худ тасаввуф такаллуфӣ набувад.*
*Сӯфиёне ки аҳли асроранд,*
*Дар дили нору дар сари доранд.*
*(«Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ)*

*Он ҳамегӯяд имрӯз маро баддин,*
*Ки ба ҷуз ном надонанд зи мусулмонӣ. (Носири Хусрав)*

Риндон шамъи оташ ба ҷон гирифтаи олам ва нигаҳбони зиндагии башаранд.

*Ганҷинаи асрори илоҳӣ моем,*
*Баҳри дурари номутаноҳӣ моем.*
*Бигрифта зи моҳ то ба моҳӣ моем,*
*Бинишаста ба тахти подшоҳӣ моем. (Румӣ)*

Ин ҷозибае, ки орифон доранд ва мардум дорои орову ақоид ва салиқаҳои мухталиф ба ӯ иродат доранд, ҳама аз асари риндӣ ва риндона шеър гуфтани онҳост.

*Дар гулистон туӣ чун булбули сармасти наво,*
*Мезанад наъра ба гул, аҳли сухан то бинанд. (Аҳмади Ҷомӣ)*

Риндон аз ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас, ба ҷуз аз Ҳақ, наметарсанд. Ҳатто, ҳавли рӯзи қиёматро аз дил мезудоянд.

*Пиёла бар кафи ман банд,то саҳаргаҳи ҳашр,*
*Ба май зи дил бибарам ҳавли рӯзи растохез.(номаълум)*

*Ишқ, ки рақси фалак аз нури ӯст,*
*Хони суханро намак аз шӯри ӯст. (Ҷомӣ)*

*Ҳарчи мегӯям, ба қадри фаҳми туст,*
*Мурдам андар фаҳмиши дарки дуруст.*
*Беш аз ин бо халқ гуфтан рӯй нест,*
*Баҳрро ғунҷоиш андар ҷӯй нест.*
*Баъд аз ин гар шарҳ гӯям, аблаҳист,*
*З-он ки фаҳми ин варои огаҳист.*
*Гӯши хар бифрӯшу дигар гӯш хар,*
*К-ин суханро дарнаёбад гӯши хар. («Маснавӣ»)*

Инҳо оқилону ҳакимони бонуфузтарини давру замонҳо буданд. Агар пайғамбарону авлиёву орифон – ҳамаи инҳо як ҳунарманд мебуданд, наметавонистанд чунин кореро анҷом диҳанд. Як ҳунарманд, ҳарчӣ фасеҳ бошад, муҳол аст битавонад дуъои «кумайл» халқ кунад. Фақат он шахсе метавонад, ки рӯҳаш рӯҳи сӯхта ва ирфону маърифатноку мутаассир бошад.[1]

*Чу донишвар ин дурри маънӣ бисуфт,*
*Бигуфт ин, к-аз он беҳ муҳол аст гуфт. (Саъдӣ)*

*Шеъри Ҳофиз ҳама байтулғазали маърифат аст,*
*Офарин бар нафаси дилкашу лутфи суханаш. (Ҳофиз)*

*Зиндагӣ маънӣ надорад бе камоли маърифат,*
*Одамиро маърифат шаҳбози дунё мекунад.*
*(«Анвори Суҳайлӣ»)*

[1] Аз китоби «Ирфони Ҳофиз»-и Муртазо Мутаҳҳарӣ, саҳ. 27.

*Чашм бар нусхаҳои кӯҳна бидӯз,*
*Маърифат тозадафтар аст пирӯз. (Бедил)*

*Мансури Ҳаллоҷ – он наҳанги дарё,*
*К- аз пунбаи тан донаи ҷон кард ҷудо.*
*Рӯзе, ки аналҳақ ба забон меовард,*
*Мансур куҷо буд? Худо буд, Худо. (Абӯсаиди Абулхайр)*

*Гарчи Қуръон аз лаби пайғамбар аст,*
*Ҳар ки гӯяд: ҳақ нагуфт ӯ, кофар аст. («Маснавӣ»)*

*Аналҳақ кашфи асрор аст мутлақ,*
*Ба ҷуз Ҳақ кист то гӯяд аналҳақ.*
*(Шайх Маҳмуди Шабистарӣ)*

*Чу бар забони Ироқӣ ҳадиси ишқ равад,*
*Бар ӯ магир, ки он дам на они ӯст забон. (Ироқӣ)*

*Он лӯъбати зебои ман, худ дар дили шайдои ман,*
*Сози «аналҳақ» мезанад, он гаҳ ба дорам мекашад.*
*(Илоҳии Қумшаӣ)*

*Чу ин гавҳарам буд аз он баҳри жарф,*
*Муқаррар нарондам дар он баҳр ҳарф. (Дақиқӣ)*

*Сухан ваҳй аст, мо арши баринем,*
*Сухан сеҳр аст, мо сеҳрофаринем. (Ҳилолӣ)*

*Ки мо ҳар як ба хубӣ беназирем,*
*Сипеҳри ҳуснро моҳи мунирем. (Ҷомӣ)*

*Одамӣ дурри дурҷи арконист,*
*Нутқ дурри буруҷи инсонист. (Биноӣ)*

*Худ Саноӣ чи бас накӯ гуфтаст,*
*Дурри маънӣ, нигар, ки ӯ суфтаст. (Аттор)*

*Ин сухан тӯҳфаест раббонӣ,*
*Рамзи асрорҳои рӯҳонӣ.*
*Ин сухан з-осмон баландтар аст.*
*То нагӯӣ, ки назми мухтасар аст,*

*Лафзи ӯ шарҳи рамзу асрор аст,*
*Рамзи ӯ шамъи рӯҳи аброр аст,*
*Ту чӣ донӣ, чӣ хуни дил хӯрдам,*
*То ман инро ба назм овардам.*
*Дар ҷаҳон з-ин сухан бад-ин оин,*
*Комилу нағзу шоҳиду ширин*
*Ҷуз Саноӣ дигар нагуфт касе,*
*Инчунин гавҳаре насуфт касе,*
*Ҳаст маънии андаруни ҳиҷоб,*
*Чун арӯсе зи мушк баста ниқоб. (Саноӣ)*

*Гиромӣ чу молу қавӣ чун ҷибол,*
*Накӯ чун ҷавонию хуш чун ҷамол. (Носири Хусрав)*

Шоири асил мекӯшад, ки дарди бедармони худ, ҳамзамонон ва инсониятро баён кунад. Ҷидду ҷаҳд мекунад, заҳмат мекашад, ҷӯстуҷӯ менамояд, чун занбӯри асал аз гулҳои гуногуни илму маърифати башарӣ асал ҷамъоварӣ мекунад, ширaи ин гулҳоро дар шакли пораҳои шеърӣ ба мардум пешкаш менамояд.[1]



[1] «Гурез аз Хайём», – Душанбе, нашр, «Нодир», с. 2002

*То бар ҳадафи фалак задам тири сухан,*
*Аз ҳалқа гусаста гашт занҷири сухан.*
*Таъми суханам ҳамчу асал хоҳад буд,*
*Табъам чу шакар фиканд дар шири сухан. (Хоқонӣ)*

Чун қоида, шоири асил ҳамеша қурбонии кӯрзавқии мардуми авом аст…чаро ки авом ҳамеша аз асли масъала ғофил мемонанд ва фирефтаи зарқу барқи шоирнамоён мегарданд.

*Аз пайи радду қабули омма худро хар масоз,*
*З-он ки набвад кори омма ҷуз харию хархарӣ. (Саноӣ)*

*Нодон чӣ донад он, ки сухандон ба гоҳи назм,*
*Ҷонро гудохтаасту аз он шеър сохтаст.*
*Мубхал, ки ҳаққи назм надонад шинохтан,*
*Миқдори шеъру ҳаққи сано кай шинохтаст.*
*(Собири Тирмизӣ)*

*– Сурхзанбӯре бар магаси асал зӯр овард, то вайро тӯъмаи худ созад. Ба зорӣ даромад ки:*

*– Бо вуҷуди ин ҳама шаҳду асал маро чӣ қадру маҳал, ки онро бигзорӣ ва ба ман рағбат орӣ?*

*– Занбӯр гуфт:*

*«Агар он шаҳд аст, ту шаҳдро конӣ ва агар он асал аст, ту сарчашмаи онӣ». (Ҷомӣ)*

Шеъри асил кадом аст? Шеъри асил дорои мазмуни фалсафӣ мебошад. Кадом фалсафа? Фалсафаи зиндагӣ. Ин фалсафа чист, инсон кист? Олам чист? Мо аз куҷо омадаем? Дар куҷо ҳастем? Чӣ гуна бояд бошем? Чӣ бояд бикунем? Оқибат ба куҷо меравем? Сарнавишти ҳар яки мо чӣ хоҳад буд? Шоирони асили ҳамаи қавму миллатҳо кӯшидаанд, ки ба ин саволҳо ҷавоби қонеъкунанда пайдо намоянд.[1]

*Эй кош, бидонаме, ки ман кистаме.*
*Саргашта ба олам аз паи чистаме,*
*Гар муқбилам, осудаву хуш зистаме.*
*В-арна, ба ҳазор дида бигристаме! (Сино)*

---

[1] Аз китобҳои «Инсон дар Қуръон»-и Муртазо Мутаҳҳарӣ саҳ.77-83; 92-100; 173-197 ва «Гурез аз Хайём»-и Комил Бекзода.

Ҳазор сол осмон ва ахтаронро дар мадор ва сайр ба шебу боло ҷон бояд кандан, то аз ин осиёбак донае чун Умари Хайём берун уфтад ва аз ин ҳафт шаҳри пойболо ва ҳафт деҳи сарнишеб як қофиласолори дониш чун ман дарояд. *(Ҳаким Умари Хайём)*

*Гар ман зи майи муғона мастам, ҳастам,*
*В-ар ошиқу ринду бутпарастам, ҳастам.*
*Ҳар кас ба хаёли худ гумоне дорад,*
*Ман худ донам, ҳар он чӣ ҳастам, ҳастам. (Хаём)*

*Ҳикмати Синову ҷоми Ҳофизу Хайём ҳам*
*Баҳри таскини дили мо ҷуз тасалло беш нест*

*Моем, ки бунёди аҷал канда бисозем,*
*В-аз умри абад олами поянда бисозем.*
*Азму ҳадафи аҳли ҷаҳон аст, ки рӯзе,*
*Хайём, туро бо дигарон зинда бисозем! (Комил Бекзода)*

*Онон, ки ба кори ақл дармекӯшанд,*
*Беҳуда бувад, ки гови нар меҷӯшанд.*
*Он беҳ, ки либоси аблаҳӣ дарпӯшанд,*
*К-имрӯз ба ақл тарра мебифӯрушанд. (Умари Хайём)*

Ҳарчанд инсоният дар тӯли қарнҳо – ҳазорсолаҳост, ки ба касби маърифати илоҳӣ машғул аст, аммо ба қавли орифону мутафаккирон инсони нокомил қодир нест, то ба қуллаи баланди маърифати илоҳӣ бирасад. Таърих гувоҳ аст, ки ҳазорон донишмандону мутфаккирон бо вуҷуди ба мартабаҳои олӣ расиданашон, боз ҳам дар назди ҳикмати илоҳӣ изҳори оҷизӣ намудаанд. Аз ҷумла, дар ҳадиси паямбари ислом омадааст: « Мо арафнока ҳаққу маърифатика» (Худоё, Мо ба маърифати ту илм пайдо накардем). Вале орифони ҳақ сар бар афлок зада, аз ҳақиқати хеш сухан гуфтаанд, чунончи Бӯязид мегӯяд: «Субҳонӣ, мо аъзаму шоънӣ» (Покам ман, мартабаи ман чӣ бузург аст).

Мавлонои Рум аз номи Бӯязид мегӯяд:

*Нест андар ҷуббаам илло Худо,*
*Чанд ҷӯӣ дар замину дар само.*

Расули акрам фармудааст, ки: «Ман арафа нафсаҳу, фақад арафа раббаҳу» (Ҳар ки худро шинохт, Худои худро мешиносад).

Таҷрибаи ирфонӣ фаротар аз илми қилу қол (гуфтугӯ, баҳс, кашмакаш) аст. Онро наметавон бо баҳсу фаҳм ба ҷое бурд. Танҳо дар ворид шудан ба ҳолати сукру ҷазаба метавон онро дарбар гирифт. Мансури Ҳаллоҷ мегӯяд: «Илми ман басе бузургтар аз он аст, ки назар онро дарбар гирад, донае зарифтар ва фишурдатар аз он дорад, ки фоҳимаи башар (махлуқи ҷисмонӣ) битавонад онро таҳлил кунад.

Парвардигори мутаол барои мардуми ориф олами рангину дилпазир, идроку эҳсосот ва ҳикмату маърифат додааст, ки пайваста аз он баҳравар мегардаду роҳи фардои худро мунаввар месозад.

*Ба нури дил кунад сайри муҳити маърифат ориф,*
*Чароғи роҳ бошад чашми мино нохудоёнро. (Шавкат)*

*Раҳи ақл ҷуз печ дар печ нест,*
*Бари орифон ҷуз Худо ҳеҷ нест. (Саъдӣ)*

*Кӣ гуфт, ки он зиндаи ҷовид бимурд?*
*Кӣ гуфт, ки офтоби уммед бимурд? (Румӣ)*

*Ба як дам оламеро зинда созем,*
*В-аз он пас то абад поянда созем. (Ҳилолӣ)*

*Гар намондаст ҷисмашон зинда,*
*Номашон зинда аст поянда. (Ҷомӣ)*

*Мо раҳбари риндони хароботи муғонем,*
*Мо муршиди пирони муноҷоти ҷаҳонем.*
*Мо роҳнамои ҳама динем ба таҳқиқ,*
*Мо коркушои ҳама пирону ҷавонем.*
*Мо мақсаду мақсуди ҷаҳонем дар ин ҷо,*
*Мо толибу матлуби заминему замонем. (Аҳмади Ҷамӣ)*

*Ман зоҳири нестиву ҳастӣ донам,*
*Ман ботини ҳар фарозу пастӣ донам.*
*Бо ин ҳама аз дониши худ шармам бод,*
*Гар мартабае варои мастӣ донам.*

*Ҳуш дор, ки рӯзгор шӯрангез аст,*
*Эмин манишин, ки теғи даврон тез аст.*

*Дар коми ту гар замона лафзина ниҳод*
*Зинҳор, фурӯ мабар, ки заҳромез аст. (Хайём)*

*Бо мо ту ҳар он чӣ гӯӣ, аз кин гӯӣ,*
*Пайваста маро мулҳиду бедин гӯӣ:*
*Ман худ муқирам бад-он чӣ гӯӣ, лекин,*
*Инсоф бидеҳ, туро расад, к-ин гӯӣ?! (Умари Хайём)*

*Сухани беғараз аз бандаи мухлис бишнав,*
*Эй ки манзури бузургони ҳақиқат бинӣ! (Ҳофиз)*

*Касеро, ки сирри ҳақиқат аён шуд,*
*Маҷози сифоти вай аз вай ниҳон шуд.*
*Нишон он бувад бар вуҷуди ҳақиқат,*
*Ки номи вай аз нестӣ бенишон шуд.*
*Басо кас, ки дар нестӣ касб карданд,*
*Гумонҳо яқин шуд, яқинҳо гумон шуд. (Саноӣ)*

*Ба чашми ақл назар мекунам ямину ясор,*
*Зи шоирӣ батар андар ҷаҳон надидам кор.*
*Ҳамеша бинӣ ту ӯро зи фикрҳои дақиқ,*
*Димоғтираву дилхираву равонафгор.*
*Ҷигар бисӯзад то маъние ба даст орад,*
*Ки бар маҳак, афозил бувад тамоми ёр.*
*(Камолиддини Исфаҳонӣ)*

*Ҳарфе, ки аз ӯ диле кушояд,*
*Аз ҳар қаламе бурун наёяд.*

*Чу хоҳӣ, то ки ёбӣ донишу ҳуш,*
*Макун панди ҳакимонро фаромуш.*

*Хоҳӣ, ки тавонӣ дурри маънӣ суфтан,*
*Дар хонаи дил ғубори ғафлат руфтан.*
*Чун ҳосили одамӣ дар ин дайри дудар,*
*Ҷуз хуни дилу додани ҷон нест дигар. (Хайём)*

*Ҳосили умрам се сухан беш нест:*
*Хом будам, пухта шудам, сӯхтам. (Румӣ)*

*Он чӣ дар ин доира савту садост,*
*Пардаи ороиши ҳамди Худост. (Бедил)*

*Паём кард маро бомдод баҳри асал,*
*Ки мавҷ-мавҷи асалбин ба чашми халқ ғазал.*
*Ба рӯзадор наёяд зи об ҷуз бонге,*
*Валек оқибат он бонг ҳам расад ба амал.*
*Самоъ шарфаи об асту ташнагон дар рақс,*
*Ҳаёт ёбӣ аз ин бонги «об ақалла ақал».*
*Бигӯяд об: «Зи ман рустаӣ, ба ман ойӣ,*
*Ба охир он ҷо ойӣ, ки будаӣ аввал».*
*Ба ҷону сар, ки аз ин об бар сар ар резад.*
*Ҳазор турра бибӯяд зи мушк бар сари кал.*
*Шаробхор, ки н-омехт бо шароб ин об,*
*Кашад хумор паёпай, ту бош лотаъҷал.*
*(«Девони Кабир»)*

Шоири асил он аст, ки аз қаъри дарё дурр барорад, шеъру назмҳои комёб ба наслҳои оянда боқӣ монад.

*Банда сухан тоза кард, он чи куҳан дошт суст,*
*К-он ҳама删 хармӯҳра буд, в-ин ҳама дурри самин.*
*(Хоқонӣ)*

*Низомӣ, ки дар ришта гавҳар кашид,*
*Қалам дидаҳоро қалам даркашид. (Низомӣ)*

*Урфӣ, дури носуфта дар ин баҳр басе ҳаст.*
*Ангор, ки сад дурри гуҳар суфтаму рафтам. (Урфӣ)*

*Сухан аз арши дил зуҳур кунад,*
*Ки ба ҳар дил расад, қабул кунад.*
*Турфа бадрест бокамол сухан,*
*Офтобест, безавол сухан. (Мавлоно Биноӣ)*

*Шеърҳои маро ба бенамакӣ,*
*Айб кардӣ, раво бувад, шояд.*
*Шеъри ман ҳамчу шаккару шаҳд аст,*
*Андар инҳо намак на хуш ояд. (Рашидии Самарқандӣ)*

*Чун ман на дуре ба қаъри Уммон бошад,*
*Чун ман на гуле ба тарфи бӯстон бошад. (Шоҳин)*

*Байте, ки зи ҳар қасида хондӣ,*
*Хун аз дили мустамеъ чакондӣ. (Саъдӣ)*

*Бар замине, ки нишоне зи кафи пои ту буд,*
*Солҳо саҷдагаҳи ахли назар хоҳад буд. (Хоҷа Ҳофиз)*

*Ба ғайри сабза напӯшад касе мазори маро,*
*Ки қабрпӯши ғарибон ҳамин гиёҳ бас аст. («Ҷаҳоноро»)*

*Арзи сухани хуб хирадмандон донанд,*
*К-аз хотири худ реги биёбон бишуморанд.*
*Мушк аст сухан, нофаи ӯ – хотири доно,*
*Маънӣ бувад он мушк, ки аз нофа бароранд.*
*Мар ҷоҳилро набвад андозаи олим,*
*Сад мурғи яла қимати як боз надоранд. (Носири Хусрав)*

*Шеъри ман, Ҷомӣ, баёни ишқу хун хӯрдан бувад,*
*Ин на девони ғазал девони аъмоли ман аст. (Ҷомӣ)*

*Мо насиҳат ба ҷои худ кардем,*
*Рӯзгоре дар ин ба сар бурдем.*
*Гар наёяд ба гӯши рағбати кас,*
*Бар расулон паём бошаду бас. (Саъдӣ)*

*Гар насими Юсуфам пайдо шавад,*
*Ҳар ки нобино бувад, бино шавад.*
*Эй дил, аз дарё чаро танҳо шудӣ,*
*Аз чунин дарё касе танҳо шавад?*
*Моҳие, к-аз баҳр дар хушкӣ фитод,*
*Метапад то зудтар он ҷо шавад.*
*Гар касе гӯяд, ки пеши баҳри ишқ*
*Дил чаро шӯридаву шайдо шавад?*
*Ту ҷавобаш деҳ, ки андар шавқи баҳр,*
*Қатра беосору нопайдо шавад.*
*Ҳам ҷавобаш деҳ, ки андар офтоб,*
*Зарра саргардону нопарво шавад. (Румӣ)*

Аз ин рӯ, шоири ҳақиққӣ, шоире, ки саропо ҷустуҷӯ ва мунодии орзуҳои неки инсонист, дар назди миллат масъулияти зиёде ба дӯш дорад ва дар таълиму тарбияи ҷомиъа давомдиҳандаи кори пайғамбарон мебошад.[1]

*Фитрати шоир саропо ҷустуҷӯст,*
*Холиқу Парвардигори орзуст.*
*Шоир андар синаи миллат чу дил,*
*Миллати бешоире – анбори гил.*
*Шеърро мақсуд агар одамгарист,*
*Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист. (Иқболи Лоҳурӣ)*

Ҳамчунин орифи бузург Ҷалолиддини Румӣ талқин менамояд, ки суханро зебо, ширин ва бодалел, мантиқӣ бояд дарҷ кард, чаро ки алфози салису ширин дармону дархури ому хос аст:

*Ончунонаш шарҳ кун андар калом,*
*Ки аз он ҳам баҳра ёбад ақли ом.*
*Нотиқи комил чу хонпоше бувад,*
*Хонаш аз ҳар гунаи оше бувад.*
*Ки намонад ҳеҷ меҳмон бенаво,*
*Ҳар касе ёбад ғизои худ ҷудо.*

*Ҳамчу Қуръон, ки ба маънӣ ҳафттӯст,*
*Хосрову омро матъам дар ӯст.*

Ё ки:

*Лафзҳову номҳо чун домҳост,*
*Лафзи ширин реги оби умри мост.*
*Ҳаст он рег, эй писар, марди Худо,*
*К-ӯ ба Ҳақ пайваст в-аз худ шуд ҷудо. (Румӣ)*
*Ба эшон ҳар чӣ гуфт аз роҳи дин гуфт,*
*Пайи рафъи шак асрори яқин гуфт.*

*Дилаш баҳрест з-асрори илоҳӣ,*
*Аз ӯ як қатра аз маҳ то ба моҳӣ.*

*Бехирадонро зи наҷибон чӣ ноз*
*Хар чӣ кунад бо шутурон по дароз? (Хусрави Деҳлавӣ)*

---

[1] Аз китоби «Офтоби маърифат».

*Фалак бар мардуми нодон диҳад зимоми мурод*
*Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас! (Ҳофиз)*

*Як рама ношиёни шеърхарош,*
*Хештанро шумурда шеъртарош. (Саноӣ)*

Фахрии Румонӣ изҳор мекунад, ки одамони бехирад на ба воситаи фазлу ҳунар, балки бо пулу чиз ва сарват соҳиби мартабаи баланд мегарданд.

Шоир ана ҳамин гуна касонро дар рубоии зерин сахт мазаммат карда, чунин гуфтааст:

*Ҳар гову харе, ки соҳиби дунё шуд,*
*Ӯро ба ҷаҳон номи накӯ пайдо шуд.*
*Норафта ба мактабу нофаҳмида сухан,*
*Аз каҷравии замона домулло шуд.*

Ҳаким Саноӣ низ доир ба ин масъала абёти зебое дорад:

*Ҳама маҳбуси шаҳвату ҳасаданд,*
*Толиби қуту қуввати ҷасаданд.*
*Майли инҳо ба турраҳот бувад,*
*Феълашон бадтарин сифот бувад.*
*Н-аз тариқат касе асар дорад,*
*Н-аз ҳақиқат диле хабар дорад.*
*Чун туро ин сухан футӯҳ омад,*
*Ошиқонро ғизои рӯҳ омад.*
*Назди он к-ӯ муҳаббате дорад,*
*Ин сухан қадру иззате дорад.*
*Ки зи шарҳаш забон бувад қосир,*
*Нарасад дар ниҳояташ хотир.*
*Орифон к-ин сухан фурӯ хонанд,*
*Ҳар чӣ ҷуз ҳақ бувад, барафшонанд*
*Қимати ин сухан касе донад,*
*Ки ҳамин нақши маърифат хонад.*
*Зи баъди мо на ғазал, на қасида мемонад,*
*Зи хомаҳо ду-се ашки чакида мемонад. (Бедил)*

*Ҳама девони одамирӯянд,*
*Ҳама ғӯлони бераҳапӯянд. (Саноӣ)*

*Ин сир на зи ҳар саре тавон ёфт,*
*То нури яқин киро ниҳоданд.*
*Ҳар кас, ки ба сурат одамӣ шуд,*
*Хосияти одамаш надоданд. (Саид Алии Ҳамадонӣ)*

*Чун басе иблиси одамрӯй ҳаст,*
*Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст. (Мавлавӣ)*

## БАЁНИ СУХАН ВА ДАРАҶОТИ ОН

Нависандагон ва мутафаккирони гузашта дар арзиш ва манзалати сухан бисёр навиштаанд. Онҳо суханро на фақат ҳамчун як хосияте, ки инсонро аз тамоми мавҷудоти табиат боло мегузорад, васф кардаанд, балки онро ҳамчун қуввае, ки ба василаи он ақли инсонӣ тамоми розу пӯшидаҳои табиатро ифода намудааст, ситоиш намудаанд. Низомии Ганҷавӣ дар «Махзан-ул-асрор» дар ситоиши шоирони ориф (классик), дар манзалати сухан чунин навиштааст[1]:



*Ҷунбиши аввал, ки қалам баргирифт,*
*Ҳарфи нахустин зи сухан даргирифт.*
*Пардаи хилват, ки барандохтанд,*
*Ҷилваи аввал ба сухан сохтанд…*
*Чун қалам омода шуд оғоз кард,*
*Чашми ҷаҳонро ба сухан боз кард.*
*Мо, ки сухан бар сухан афгандаем,*
*Мурдаи ӯему бад-ӯ зиндаем.*

*То сухан набвад чароғи маҷлиси ёдоварӣ,*
*Баъди хомӯшӣ зи хотирҳо фаромӯшем мо.*
*(З. Ҷавҳаризода)*

Бадриддин Ҳилолӣ шоири лирик ва ғазалсаро суханро чунин васф кардааст:

*Сухан сардафтари девони ишқ аст,*
*Сухан ганҷинаи султони ишқ аст.*
*Зи дил файзе, ки ҷӯӣ, ҷуз баён нест,*
*Забони теғ чун теғи забон нест.*

---

[1] Аз рӯзномаи «Муаллимон» соли 1983.

*Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,*
*Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.*
*Сухан сарчашмаи дарёи ишқ аст,*
*Сухан сармояи савдои ишқ аст*
*Ки гар бар сафҳаи олам набудӣ,*
*Нишон аз оламу одам набудӣ.*
*Кӣ ҳоли рафтаву оянда гуфтӣ,*
*Кӣ чандин маънии поянда гуфтӣ...*
*Кӣ мутрибро нишотангез кардӣ,*
*Ҳазор оташ ба як дам тез кардӣ.*
*Сухан ваҳй аст, мо арши баринем,*
*Сухан сеҳр аст, мо сеҳрофаринем.*
*Чӣ ҷои сеҳру эъҷози Масеҳ аст,*
*Ҳаёти мо зи гуфтори фасеҳ аст.*
*Ба як дам оламеро зинда созем,*
*В-аз он пас то абад поянда созем.*
*Касе худ бесухан чун зинда монад,*
*Дар иқлими бақо поянда монад?*
*Хусусан ман, ки ҷони ман ҳамин аст,*
*Ҳаёти ҷовидони ман ҳамин аст.*
*Зи дурри назм бошад гуфтугӯям,*
*Зи баҳри шеър бошад обрӯям.*
*Ҳамон беҳтар, ки бо ин дурфишонӣ*
*Шавам ғаввоси дарёи маонӣ.*
*Бурун орам аз ин баҳри гиромӣ,*
*Дуре чун гавҳари баҳри Низомӣ.*
*Ки аз гардиш хирад беҳуш гардад,*
*Зи сар то по хирад ҳам гӯш гардад.*
*Биёроям ба хилватхонаи фикр,*
*Арӯси назмро чун шоҳиди бикр...*

## ДАР ТАЪРИФИ СУХАН

*Гавҳари ҳуққаи даҳон сухан аст,*
*Ҷавҳари ханҷари забон сухан аст.*
*Гар набудӣ сухан, чӣ гуфтӣ кас?*
*Дурри маънӣ чӣ гуна суфтӣ кас?*
*Сирри касро касе чӣ донистӣ?*
*Роз гуфтан куҷо тавонистӣ?*
*Ин сухан гар на дар миён будӣ,*

*Одамӣ низ безабон будӣ!*
*Сухани хуш ҳаёти ҷону тан аст,*
*Дами Исо гувоҳи ин сухан аст.*
*Нуқтадоне дури сухан суфтаст,*
*Сухане чанд дар сухан гуфтаст.*
*Ки сухан з-осмон фуруд омад,*
*Сухан аз гунбади кабуд омад.*
*Гар будӣ гавҳаре вараи сухан,*
*Он фуруд омадӣ ба ҷои сухан.*
*Рост аст ин сухан, дар ин чӣ шак аст?!*
*Балки ҷояш ҳамеша бар фалак аст.*
*На сухан дар даҳон бурун ояд,*
*Ки сухан аз сухан бурун ояд…*
*Эй хирад, аз сухан ривоят кун,*
*Ба забони қалам ҳикоят кун.*
*В-эй қалам, соате забон бикшой!*
*Ҳуққаи мушкро даҳон бикшой!*
*Воқифӣ аз сафедию сияҳӣ,*
*Дар сиёҳӣ даро, ки Хизри раҳӣ.*
*Гарчи аз теғи ман қалам шудаӣ.*
*Ба сухан дар ҷаҳон алам шудаӣ.*
*Ту ба гуфтор шаккарин самарӣ,*
*Ту қалам нестӣ, ки найшакарӣ!*
*Чун ту нозукниҳол дигар нест,*
*Ҳама ангуштҳо баробар нест!*
*Мулки маънӣ аз они туст ҳама,*
*Ин қаламрав туроcт яққалама.*
*Шоҳи маънӣ туӣ, алам бардор,*
*Сӯи мулки сухан қадам бардор.*
*Ёд кун сеҳрофаринонро!*
*Нуқтадонону хурдабинонро!*
*Ки ҳама махзани сухан буданд,*
*Роздони наву куҳан буданд.*
*Абри раҳмат нисори эшон бод.*
*Лутфи ҷовид ёри эшон бод! (Ҳилолӣ)*

*Гӯш шав ҷумлаву сухан бишнав,*
*Бари ҳар як ба ҷои худ бидарав.*
*Манфиат аз сухан зи дониш дон,*
*На зи таҳрири мову хониш дон.*

*Сухан аз баҳри оқил омаду бас,*
*Беш аз ин худ намонд ҷои нафас. (Ҳаким Саноӣ)*

*Чу дар баҳре сухан ронам, барорам гавҳари олам,*
*Чу дар кони хирад оям, намоям ҷавҳари инсон!*

*Шеъри Ҳуҷҷат боядат хондан ҳаме, гар орзуст,*
*Назми хубу вазни азбу, лафзи хушшу маънавӣ.*
*(Носири Хусрав)*

*Роҳату ранҷ чун бувад гузарон,*
*Ранҷ каш баҳри роҳати дигарон.*
*З-он ки бошад ба мазраи уммед,*
*Ранҷи ту тухми роҳати ҷовид. (Ҷомӣ)*

*Гул ҳамин панҷ рӯзу шаш бошад,*
*В-ин «Гулистон» ҳамеша хуш бошад. (Саъдӣ)*

*Магар ин номаи ман дер монад,*
*Пас аз ман, то касе онро бихонад.*
*Маро ёд оварад, з-Эзид бихоҳад,*
*Зи дарду меҳнату ранҷам бикоҳад.*
*Ҳар он, к-аз номаи ман шод гардад,*
*Набояд, к-ин бар ӯ чун ёд гардад.*
*Бар ӯ воҷиб, ки моро ёд дорад,*
*Равони мо замоне шод дорад. (Майсарӣ)*

*Чу шамъ баҳри сухан хешро гудохтаам,*
*Димоғ сӯхтаам, фикри пухта сохтаам.*
*(Самандари Тирмизӣ)*

*Агар ганҷи ҳикмат ҳамебоядат,*
*Ба ҷуз ганҷковӣ намешоядат. (Ҷомӣ)*

*Дар ба дар мегарду мерав кӯ ба кӯ*
*Ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ. (Тӯҳфат-уз-зоирин)*

*Биё то мӯниси ҳам, ёри ҳам, ғамхори ҳам бошем,*
*Биё дамсози ҳам, ганҷинаи асрори ҳам бошем.*
*(Файзи Кошонӣ)*

*Биё имрӯз қадри ҳам бидонем,*
*Ки то фардо зи якдигар намонем. (Мавлонои Рум)*

# АБӮАБДУЛЛОҲ РӮДАКӢ ВА ИЛМИ МУСИҚӢ

*Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,*
*Бода андоз, к-ӯ суруд андохт. (Рӯдакӣ)*

Рӯдакӣ – шоир асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик, сароянда, навозанда, оҳангсоз ва ихтироъкори сози уд.

Дар ҳафтсолагӣ Қуръонро азёд кардааст. Аз хурдӣ баробари ақли расо, зеҳни гиро ва хотираи тавонову овози хуш ва савти дилкашаш атрофиёну ҳамдеҳагони худ ва деҳоти дигари зодгоҳашро мафтун мекард. Ба ин сабаб ӯ аз пайи сайқали ҳунари мутрибии худ афтод. Ва даставвал аз созандагону навозандагони халқӣ сабақ гирифт. Сипас барои такмили дониш ба Бухоро рафт.

Дар Бухоро Рӯдакӣ таҳти тарбияи устоди ҳунари мусиқӣ Абулаббоси Бахтиёр навохтани уду руд, барбату чанг ва найро машқ карда, камол ёфт ва ба дараҷаи устодӣ расид. Рӯдакӣ дар ибтидо ҳамчун ҷавонмарди соҳибистеъдод дар манзили деҳқонон (заминдорони давлатманд) ба сарояндагӣ, навозандагӣ ва шоирӣ машғул гардида, вақти худро бештар дар маҷлисҳо ва маҳфилҳои адабию илмӣ мегузаронд. Рӯдакиро аввал ба Самарқанд, ба дарбори Сомониён дар аҳди ҳукмронии Наср ибни Аҳмад (ҳук. 865-892) бурданд. Сипас вай бо даъвати вазир Абулфазли Балъамӣ (с. 892-938) ба Бухоро ба хидмати Аҳмади Сомонӣ омад. Ӯро ҳамчун шоир, мутриб ва сарояндаи дилошӯб даъват карда оварда буданд. Абулфазли Балъамӣ, ки аз мураббиёни Рӯдакӣ буд, «Дар Аҷаму Араб ӯро бемислу монанд мешуморид». Ӯро офаридгор овози хуш ва савте дилкаш дода буд. Ӯ шеър мегуфту суханони худро бо навои чангу барбат дилпазиртар менамуд, ба хонандаю шунавандагонаш завқу лаззат мебахшид. Бинобар ин шеъру навоҳояшро дар тамоми Хуросон даст ба даст, даҳон ба даҳон месуруданду менавохтанд. Бузургии қудрату офаридагории шеъру навозандагӣ ва тавоноии ӯро аз як байт ва ҳатто аз як мисрааш пай бурдан мумкин аст. Суханони Рӯдакӣ бо санъати баланд, мазмуни олӣ, оҳанги мумтоз ва мантиқи матини худ дилҳоро зуд тасхир намуда, шӯру шавқро бармеангезонад. Далелҳои зиёди таърихӣ аз таъсири фавқуллодаи шеъру навоҳои Рӯдакӣ гувоҳӣ медиҳанд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» дар бораи таърихи Наср ибни Аҳмади Сомонӣ менависад, ки замоне Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ба Бодғис ном манзиле дар Ҳирот омад. Обу ҳавои хуш ва меваҳои фаровони он ҷо подшоҳро чунон

сармаст кард, ки чаҳор сол дар Бодғис бимонд, шаҳри Бухоро ва тахтгоҳи худро фаромӯш кард.

Дарбориён ва сарлашкарон ба танг омаданд, аз Рӯдакӣ, ки дар он сафар ҳамроҳ буд, мадад ҷустанд, то ин ки ба таъсири сарояндагии вай подшоҳ ба Ватан, Бухоро бозгардад. Рӯдакӣ қабул кард. Вақте ки подшоҳ сабӯҳӣ яъне наҳорӣ мекард, ба наздаш омад ва ба ҷои худ нишаст, чанг баргирифт ва дар ҳавои «Ушшоқ» ин қасидаро оғоз намуд:



*Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*
*Реги Омӯ бо дуруштиҳои ӯ,*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст,*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*
*Эй Бухоро шод бошу дер зӣ,*
*Мир наздат шодмон ояд ҳаме.*
*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.*
*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.*

Подшоҳ аз шунидани ин шеър ва мутрибию овози ҷаззобу дилошӯби Рӯдакӣ чунон ба шӯру шавқ омад, ки бе мӯза аз тахт фуруд омада ба асп савор шуда ба ҷониби Бухоро руй ниҳод. Ин ривоят қудрати таъсири сухан ва созу навову ҷаззобии овози Рӯдакиро, ки зебоиҳои ҷӯи Мӯлиён ва Бухороро ба ёд оварда, подшоҳро ҳамроҳи худ то ба ватан расонидааст, нишон медиҳад.

Вале ҳикояи мазкурро Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин овардааст:

Амирро шаҳри Бухоро, ки тахтгоҳи аслии давлат ва бузургони ҳазрати салтанатро чун ватан, маскан ва обу замин аз қадимулайём дар Бухоро буд, аз таваққуф дар Ҳирот малул шуданд. Ва ба ҳеҷ ҳила Амир қасди Бухоро намекард. Охируламр мадад аз устод Рӯдакӣ ҷустанд, то амирро дар маҷлиси унс бар азамати Бухоро завқманд кунад ва моли бисёре устодро ваъда доданд.

*Шуд он замон, ки ӯ унси родмардон буд,*
*Шуд он замон, ки ӯ пешкори мирон буд. (Рӯдакӣ)*

Устод дар ҳавои «ушшоқ» қасидаи «Бӯи ҷӯи мӯлиён»-ро оғоз намуд: Оқилонро ин ҳикоят ба хотир аҷаб, менамояд, ки ин назмест сода ва аз саноеъ ва бадоеъ ва матонат холӣ. Чӣ агар дар ин рӯзгор (яъне асри XV) суханваре ин навъ сухан дар маҷлиси султонону амирон арз кунад, сазовори инкори ҳампешагон шавад. Аммо мешояд, ки устодро дар торҳои мусиқӣ вуқуфи тамом буда, қавле ва таснифе сохта бошад ва бо оҳангу нағмаву sози пуршуру ҷаззоб ин шеърро арза карда ва дар маҳали қабул афтода бошад. Алқисса, устодро инкор нашояд кард ба маҳзи ин сухан, балки ӯро дар фанҳои илму фазоил вуқуф (огоҳ) аст ва аз қисматҳои шеър қасида ва маснавиро накӯ мегӯяд. Ва устод Рӯдакӣ азиммушшаън ва мақбули хосу ом буда.[1]

## НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ ВА ИЛМИ МУСИҚӢ

*Низомӣ куву назми дилкушояш,*
*Такаллуфҳои табъи нуктазояш.*
*Ғазалҳои Низомиро ғизолон,*
*Зада бар захмаҳои чанг нолон. (Низомӣ)*

Низомии Ганҷавӣ ҳамчун шоир фаъолияташро аз сурудани ашъори лирикӣ оғоз кардааст таълифи ғазалу қасидаро вай ҳангоми навиштани достонҳо низ қатъ накардааст. Дар охири умр ӯ аз шеърҳои лирикии худ девоне тартиб дод, ки қасидаю ғазалҳо

[1] Аз китоби Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Гузиниши матн, нигориши дебочаву тавзеҳот аз М. Ансорӣ ва А. Худойдод

ва қитъаю рубоиҳои ӯро фаро мегирифт. Тазкиранигор Давлатшоҳи Самарқандӣ с. 1487 ҳаҷми девони Низомиро 20 ҳазор байт гуфтааст. Девони Низомӣ дар замони зиндагиаш на танҳо дар байни аҳли адаб, балки дар байни мутрибону оҳангсозон низ маълум буд. Чунончӣ худи шоир ҳам дар қисми хотимавии достони «Хусрав ва Ширин» овардааст. Истеъдоди баланди шоир дар сурудани ашъори ғиноӣ аз рӯи таълифоташ хеле равшан пеши назар меояд.

Низомии Ганҷавӣ ишқро мояи ҳастию офариниш ва қувваи ҷозибаи пешбаранда шумурда, таъкид менамояд, ки маҳз ишқ моҳияту сиришти инсониро муайян карда, хислати ӯро ташаккул медиҳад.

*Ошиқон ҳарчанд муштоқи ҷамоли дилбаранд,*
*Дилбарон бар ошиқон аз ошиқон ошиқтаранд.*
*Ишқ менозад ба ҳусну ҳусн менозад ба ишқ,*
*Оре-оре ин ду маънӣ ошиқи якдигаранд. (Ҳилолӣ)*

*Кӯшиши ошиқи бечора ба ҷое нарасад,*
*Агар аз ҷониби маъшуқ набошад кашише.(Номаълум)*

*Мактаби таълими ушшоқ оташ аст,*
*Ман шабу рӯз андаруни мактабам. (Румӣ)*

*Ишқро дар мадраса таълим нест,*
*К-он чунон илм аз байёни дигар аст. (Аҳмади Ҷомӣ)*

*Ишқи ҷонон оташ асту ақл дуд,*
*Ишқ омад, даргурезад ақл зуд. (Мирсаид Алии Ҳамадонӣ)*

Низомии Ганҷавӣ аз шоирони мактаби адабии хос мебошад. Шоири инсондӯст ва халқпарвари бузург Низомии Ганҷавӣ бо осори гаронбаҳояш дар ганҷинаи маданияти ҷаҳонӣ саҳми калон гузоштааст. Ӯ бо азамату афкори баланд ва қувваи сухансароии худ дар сафи классикони адабиёти ҷаҳон – Ҳомеру Афлотун, Аристофану Рӯдакию Фирдавсӣ, Данте, Саъдию Шекспир, Пушкину Толстой ва дигарон қарор дорад.

Инсон ба ду намуди ғизо эҳтёҷ дорад: Яке ғизои моддӣ – хӯрдан ва ошомидан, дигар ғизои маънавӣ – аз суханони пурмаънию мусиқии форам баҳра гирифтан.

*Муғаннӣ, «Раҳи бостонӣ» бизан,*
*Мугона «Навои муғонӣ» бизан.*
*Мани бенаворо ба он як наво,*
*Гиромӣ куну гармтар кун ҳаво. (Низомӣ)*

*Ба ишқ агар бирасӣ, бе шароб маст шавӣ,*
*Чунонки бе дафу най худ ба худ усул кунӣ. (Мулло Беҳӣ)*



## АСРОРИ ОЛАМИ ИШҚ: ПИРИ МАЪНАВӢ. МУҲАММАД ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ ВА ИЛМИ МУСИҚӢ

Аз нобиғагони назми классики форсу тоҷик буда, дар арсаи суханварӣ ҳамчун офарандаи беҳамтои мамлакати ишқу зебоӣ шинохта шудааст. Маснади ин суханофарини базми ишқ ба дараҷае рафеъ ва шӯри каломи ҷаҳонофаринаш он қадар сеҳрангез аст, ки номаш мояи орзу ва шеъраш боиси базму тараб будааст. Писараш Султон Валад соли 1226 таваллуд ёфта ӯ ҳам мисли падараш дар рақсу самоъ дилбастагии беҳамто дошта аз худ ашъори ширини пуршӯри лирикии орифона ёдгор гузоштааст.

Румӣ инсонро бузургтарин мӯъҷизаи офариниш шумурда ягонагию иттифоқ ва иттиҳоду ҳамбастагии онҳоро талқин ва тарғиб намудааст. Барои ӯ яҳудию ҳиндӣ, насронию мусалмон як буданд. Ҷозибаи умумиҷаҳонии ишқро манбаи асосии ҳастӣ ва мояи зиндагӣ мешуморид.Мероси адабии Ҷалолиддини Румӣ хеле пурсамар ва рангоранг аст. Шайхи аҳли тариқат Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ҳангоми саёҳати 40-солаи худ ба шаҳри Мавлоно

расид ва дар мавзее, ки миёнаи он Хонақоҳи Мавлоно масофате буд, фуруд омад ва рӯзе дар тараддуди он шуд, ки ба тариқи ӯ ғазале бисарояд. Ин мисраъ бигуфт:[1]

*Сармаст агар дарой, олам ба ҳам барояд…*

Ва роҳи сухан бар вай баста гашт ва мисраи дуввумро ба назм натавонист овард. Пас дар маҷлиси самоъ ба хизмати Мавлоно расид. Аввалин сухане, ки бар забони Мавлоно гузашт ин буд:

*Сармаст агар дарой, олам ба ҳам барояд,*
*Хоки вуҷуди моро гард аз адам барояд.*

Ва шайх Саъдӣ донист, ки он чӣ Мавлоно мегӯяд, аз ғалабаи ҳол аст ва ақидати ӯ ба сафои ботини вай бияфзуд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ навиштааст:

Гӯянд дар хонақоҳи Мавлоно сутуне буд, чун ғарқи баҳри муҳаббат шудӣ, даст дар он сутун задӣ ва ба чарх омадӣ ва ашъори пуршӯр мегуфт ва мардум он ашъорро менавиштанд. Шубҳае нест, ки бештар аз ғазалҳои дилошӯб ва диққатангези Мавлоно дар маҷлисҳои рақсу самоъ кафзанию пойкӯбӣ, дар зери навҳаи тарабангези дафу чангу рубоб дар сӯҳбати муносибу дӯстони мувофиқ суруда шудаанд. Аз ин ҷост, ки аз онҳо ҳамеша нағмаи зиндагӣ, сурур ва тарабу хушӣ ба гӯшу ҳуш мерасад. Аз ҳамин ҷост, ки аксари ғазалҳои ӯ ҷанбаи ғаноӣ ва мусиқӣ доранд. Ҷалолиддини Румӣ барои мухлисони худ, ки бештар ба рақсу тарона мегузаштанд ғазалҳои ошиқонаи пуршӯру ҳаяҷон менавишт ва ин ғазалҳо дар он маҷлисҳо бо созу оҳанг хонда мешуданд. Масалан, дар як ғазалаш ба саволи самоъ чист? Чунин ҷавоби равшану возеҳ медиҳад:

*Самоъ чист? Зи пинҳониёни дил пайғом,*
*Дили ғариб биёбад зи номашон ором.*
*Шукуфта гардад аз ин бод шохаҳои хирад,*
*Кушода гардад аз ин захма дар вуҷуд масом.*
*Саҳар расад зи нидои хурӯси рӯҳонӣ,*
*Зафар расад зи садои нағораи Баҳром.*
*Ҳаловате аҷиб дар бадан падид ояд,*

[1] Аз китоби «Девони Кабир», ҷилди аввал. Соли 1992

*Ки аз наю лаби мутриб шакар расид ба ком.*
*Ҳазор каждуми ғамро кунун бин кушта,*
*Ҳазор даври фараҳ бин миёни мо бечом.*
*Зи ҳар тараф бичаҳад беқарор Яқубе,*
*Ки бӯи пираҳани юсуфӣ биёфт машом.*

Мавлоно таомули дар маҷолис ромиши най ва рубобро раво донистааст:

*Рубоб машраби ишқ асту мӯниси асҳоб,*
*Ки абрро арабон ном кардаанд рабоб.*
*Чунон-к абр сақои гулу гулистон аст,*
*Рубоб қути замир асту соқии албоб.*
*Дар оташе ба даме шӯълаҳо барафрӯзад,*
*Ба ҷуз ғубор нахезад чу дардамӣ ба туроб.*
*Рубоб даъвати боз аст, сӯи шаҳ боз о,*
*Ба табл бознаёяд, ба сӯи шоҳ ғуроб.*
*Кушоиши гираҳи мушкилоти ушшоқ аст,*
*Чу мушкилеш набошад, чӣ дархур аст ҷавоб?!*

Қавитарин дилбастагиаш дар ҷаҳон навои рубоб буд. Аз ҳамин ғоят ӯ шеър эҷод менамуд, ки маъниро комилтар ошкор намояд, чунки сухани парешон ҳаргиз маънoро пурра намеғунҷонад. Ҳеҷ чиз ба ҷуз ромишу арғушт дар олам нерӯи дар рӯҳи инсон ниҳонро озодӣ нахоҳад бахшид. Ӯ мудом ба толибилмонаш гузашт мекард, ки мунoқишаи уламо аглаб миёни мардум тафриқа бор меорад, вале арғушт ва навозиш чизе беҳамтост дар дунё, ки тавҳиди байни одамро тавзеҳ менамояд. [1]

*Ҳеҷ медонӣ чӣ мегӯяд рубоб?*
*З-ашки чашму в-аз ҷигарҳои кабоб.*
*Турку румию араб гар ошиқ аст,*
*Ҳамзабони ӯст ин бонги савоб.*

Абулҳасани Харақонӣ эҳсоси бузурги қалбӣ ва ишқи дилангези орифонаро тамҳид мекард ва сӯфиро аз «Сӯзу гудозандагони» оламиён ҳисобидааст. Самоъу рақсро баёнгари эҳсоси баланди қалб ва равшангари синаҳои сӯхтаи сӯфиён медонистааст.

Қутбиддин Бахтиёри Кокӣ, роҳбари тариқати чиштия, дар

[1] Аз китоби «Рӯзгори одамони наҷиб»

вақти аз қавволон шунидани ин байти ғазали шайх Аҳмади Ҷомӣ, ба ҳолати иғмо (кома) меравад:

*Куштагони ханҷари таслимро,*
*Ҳар замон аз ғайб ҷоне дигар аст.*

Ва дигар ба ҳуш наомада аз дунё чашм мепӯшад. (соли 1237).

Султон Валад ривоят кардааст, ки рӯзе аз падарам пурсиданд, ки дар нағмаи рубоб чӣ шигифтиҳост, ки ӯ он қадар аз навохтани он маст мегардад?

Мавлоно ҷавоб гуфтанд, ки: «Мо аз он овози дарвозаи биҳиштро мешунавем». Дар он маҳфил Саид Шарофиддин аз ҳазрати Мавлоно суол карданд: мо низ овози рубобро мешунавем, лек чаро гарм намегардем ва ба шӯр намеоем? Мавлоно гуфтанд: «Он чӣ мо мешунавем, садои боз шудани дарвозаи биҳишт аст ва он чӣ ту мешунавӣ садои баста шудани он».

Соиби Табрезӣ ба ин маънӣ мегӯяд:

*Ҳувалғафур зи ҷӯши шароб мешунавам,*
*Садои боби биҳишт аз рубоб мешунавам.*
*Тафовут аст миёни шунидани ману ту,*
*Ту бастани дару ман фатҳи боб мешунавам.*

*Раҳи девонагон оқил чӣ донад?*
*Сафои сӯфиён ғофил чӣ донад?*
*Ҳама ҳаққему ҳақро ҳақ шиносад,*
*Ҳақоиқ ноҳақу ботил чӣ донад?*
*Ман аз дил сирри дил мегӯям, аммо,*
*Рамузи сирри дил бедил чӣ донад? (Аҳмади Ҷомӣ)*

Басо ғариб аст, ки сӯфии фақеҳ (падари Ҷалоллиддини Румӣ) бо хашму ғазаб муқобили ромишгарон қиём мекард. 230 сол қабл аз ӯ шайхи мукаррам Абӯсаид Абулхайр (968-1042) ва қариб 180 сол қабл Аҳмади Ҷомӣ (1050-1142). Ва 70 сол қабл Хоҷа Муиниддин Чиштӣ дар шаҳри Чишти вилояти Ҳироти Афғонистон таваллуд шуда, (1136-1236) дар Аҷмири Ҳиндустон вафот ёфтааст. Ва бисёр дигарон маҷлисҳои рақсу самоъ-мусиқӣ ва овозхонии бо шӯру шавқ барпо мекарданд. Ҳар кадом дар замони зисти худ ва дар ин маҷлисҳо ғазалҳои пуршӯру пурҳаяҷон мехонданд, месуруданд. Бо чангу наю уду рубоб бо оҳангҳои мусиқӣ

таронасароиҳо мекарданд. Чунин рафтору тарзи зиндагонии онҳо боиси норизомандӣ ва ихтилофи аҳли дин мегардид.



*Барои ту фидо кардем ҷонҳо,*
*Кашида баҳри ту захми забонҳо.*
*Шунида таънаҳои ҳамчу оташ,*
*Расида тири корӣ з-он камонҳо.*
*Агар дилро бурун орем пешат,*
*Бубахшоӣ бар он пурхун нишонҳо.*
*Агар душман туро аз ман баде гуфт,*
*Маҳо, душман чӣ гӯяд, ҷуз чунонҳо.*
*Биё, ай офтоби ҷумла хубон,*
*Ки дар лутфи ту хандад лаъли конҳо.*
*Ки бе ту суди мо ҷумла зиён аст,*
*Ки гардад суд бо будат зиёнҳо.*
*Гумони ӯ бишусташ заҳри қотил,*
*Ки дар қанди ту дорад бадгумонҳо.*

Масалан, Мавлавӣ аз моҷарои рубоб ба чӣ тӯҳмату бадгӯиҳое рӯбарӯ шуд ва бо чӣ хатарҳои азим гирифтор шуд.

*Лофи дониш мезанӣ, худро намедонӣ, чӣ суд?*
*Даъвии дил мекунию ғофил аз ҷонӣ, чӣ суд? (Мавлавӣ)*

Ӯ дар нолаи рубоб, ки онҳо манъаш карданд, як ҷаҳон маънии ирфонию илоҳӣ медидааст (мушоҳида мекардааст).Ҳам дар навои рубоб ва ҳам дар самоъу мусиқии орифона Мавлоно як садои ғайбӣ ва нидои самовӣ мешунид, ки онро, ба қавли вай, танҳо сӯфиёне, ки аз ин ҷаҳон риштаи алоиқ буридаанд, гӯш карда метавонанд. Дар ин ҷо ҳам, чунонки дар таълимоти ирфонӣ мебинем, на сурати зоҳирии мусиқӣ, балки маънии ботинии он манзур аст. Ӯ дар ғазалҳояш гуфтааст:

*Дорад дарвеш нӯши дигар,*
*В-андар сару чашм ҳуши дигар.*
*Дар вақти самоъ сӯфиёнро,*
*Аз арш расад хурӯши дигар.*

*Ту сурати ин самоъ бишнав,*
*К-ишон доранд гӯши дигар.*

*Ту нақши нақшбандонро чӣ донӣ,*
*Ту шакли пайкари ҷонро чӣ донӣ?*
*Ту худ менашнавӣ бонги дуҳулро,*
*Рамузи сирри пинҳонро чӣ донӣ?*
*Ҳанӯз аз кофи куфрат худ хабар нест,*
*Ҳақоиқҳои имонро чӣ донӣ?*

*На оташҳои моро тарҷумоне,*
*На асрори дили моро забоне.*
*Бараҳна шуд зи сад парда дилу ишқ,*
*Нишаста ду ба ду, ҷоневу ҷоне.*
*Миёни ҳарду гар Ҷибрил ояд,*
*Набошад з-оташаш як дам амоне.*
*Ба ҳар лаҳза висол андар висолӣ,*
*Ба ҳар сӯе аён андар аёне.*
*Бибинӣ ту чӣ султонони маънӣ,*
*Ба гӯшаи бомашон чун посбоне.*
*Сиришти васли Яздон кӯҳи Тур аст,*
*Дар он кон тоб н-орад як замоне.*
*Агар сад ақли кул барҳам бубандӣ,*
*Нагардад бомашонро нардбоне. («Девони Кабир»)*

*Пири Рум, он соҳиби зикри ҷамил,*
*Зарби ӯро сатвати зарби Халил.*

Ва дар ғазали дигараш Мавлоно самоъро ба набард-ҷанг ташбеҳ медиҳад, ки дар он набард мулки ишқро бояд тасхир (ром, фармонбардор) кард:

*Самоъ аз баҳри ҷони беқарор аст,*
*Сабук барҷаҳ, чи ҷои интизор аст.*
*Машин ин ҷо ту бо андешаи хеш,*
*Агар мардӣ, бирав он ҷо ки ёр аст.*
*Чу марди ҷанги бонги табл бишнид,*
*Дар он соат ҳазор андар ҳазор аст.*
*Шунидӣ табл, баркаш зуд шамшер,*
*Ки ҷони ту ғилофи Зулфиқор аст.*

*Бизан шамшеру мулки ишқ бистон,*
*Ки мулки ишқ мулки пойдор аст.*

*Зи гӯри ман агар гандум барояд,*
*Аз он гар нон пазӣ, мастӣ физояд.*
*Хамиру нон ба девона гарояд,*
*Танӯраш байти мастона сарояд.*
*Агар бар гӯри ман оӣ зиёрат,*
*Туро хар пуштаам рақсон намояд.*
*Маё бе даф ба гӯри ман, бародар,*
*Ки дар базми Худо ғамгин нашояд.*
*Занах барбаставу дар гӯр хуфта,*
*Даҳон афюну нуқли ёр хояд.*
*Бидаррӣ з-он кафан, бар сина бандӣ,*
*Харoботе зи ҷаннат дар кушояд.*
*Зи ҳар сӯ бонги чангу чанги мастон,*
*Зи ҳар коре бало бадкор зояд.*
*Маро ҳақ аз майи ишқ офаридаст,*
*Ҳамон ишқам агар маргам бисояд.*
*Манам сармасту асли ман майи ишқ,*
*Бигӯ, аз май ба ҷуз мастӣ чӣ ояд.*
*Ба бурҷи рӯҳи Шамсиддини Табрез,*
*Бипаррад рӯҳи ман, як дам наояд. («Маснавӣ»)*

*Баъд аз вафот турбати мо дар замин маҷӯ,*
*Дар синаҳои мардуми ориф макони мост. (Ҳофиз)*

Ӯ ба ғазалхонию ракс маҷлиси самоъро гармтар медошт ва гӯш ба фарёди дигарон намедод, чунонки қавволон ва сурудгӯён ва навозандагони чангу рубоб аз кор мерафтанд. Вале Мавлоно ҳамчунон чарх мезад ва шӯрҳои аҷаб мекард. Ва ҳамин рақсу самоъҳои Мавлавиро фарзандаш Султон Валад бад-ин тариқ шарҳ медиҳад:[1]

*Нест инро ниҳоят он султон,*
*Бозгӯ, чун шуд аз фироқу чӣ сон?*
*Рӯзу шаб дар самоъ рақсон шуд,*
*Бар замин ҳамчу чарх гардон шуд.*
*Бонгу афғони ӯ ба арш расид,*
*Нолаашро бузургу хурд шунид.*

[1] Аз китоби Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно. Саҳ. 119.

*Симу зарро ба мутрибон медод,*
*Ҳар чӣ будаш зи хонумон, медод.*
*Як замон бе самоъу рақс набуд,*
*Рӯзу шаб лаҳзае намеосуд.*
*То ҳаде, ки намонд қавволе,*
*Ки зи гуфтан намонд чун лоле.*

*Ҳамашонро гулӯ гирифт аз бонг,*
*Ҷумла безор гашта аз зару донг.*
*Ғулғул афтод андар хонаву шаҳр,*
*Шаҳр чӣ, балки дар замонаву даҳр.*

*Ин илми мусиқӣ бари ман чун шаҳодат аст,*
*Чун мӯъминам, шаҳодату имонам орзуст.*

*Ҷумлаи аҷзои хок рӯҳ шуду ҷони пок,*
*Олами хокаш махон, мояи иксир хон.*

*Дилам имрӯз хуйи ёр дорад,*
*Ҳавои рӯи чун гулзор дорад.*
*Ки товус он тараф пар мефишонад,*
*Ки булбул он тараф такрор дорад.*
*Садои ной он ҷо нукта гӯяд,*
*Навои чанг бас асрор дорад.*
*Пагаҳ бархез фардо, сӯи ӯ рав,*
*Ки ӯ ошиқ чу ман бисёр дорад.*

*Ту бишкан чанги моро, ай муъалло,*
*Ҳазорон чанги дигар ҳаст ин ҷо!*
*Чу мо дар чанги ишқ андар фитодем,*
*Чӣ кам ояд бари мо чангу сурно!*
*Рубобу чанги олам гар бисӯзад,*
*Басе чангии пинҳонест, ёро!*
*Тарангу тантанаш рафта ба гардун,*
*Агарчи н-ояд он дар гӯши асмо!*
*Чароғу шамъи олам гар бимирад,*
*Чӣ ғам чун сангу оҳан ҳаст барҷо!*
*Ба рӯи баҳр хошок аст ағонӣ,*
*Наёяд гавҳаре бар рӯи дарё!*
*Валекин лутфи хошок аз гуҳар дон,*
*Ки акси акси барқи ӯст бар мо!*

*Агонӣ ҷумла фаръи шавқи васлест,*
*Баробар нест фаръу асл асло!*
*Даҳон барбанду бикшо равзани дил,*
*Аз он раҳ бош бо арвоҳ гӯё!*

*Дар боғ маҷлисе чи ниҳод Офаридгор,*
*Мурғон чу мутрибон бисароянд офарин.*
*Он мири мутрибон, ки варо ном булбул аст,*
*Мастанду ошиқи гул аз он аст хушҳанин.*
*Гӯяд ба кабк фохта, к-охир куҷо будед,*
*Гӯяд: – «Бад-он тараф, ки макон набваду макин».*
*Шоҳин ба боз гӯяд, к-ин сайдҳои хуб,*
*Кӣ сайд кард аз адам, овард бар замин.*
*Як ҷавқ гулрухону дигар ҷавқ навхатон,*
*К-андар ҳиҷоби ғайб кироманду котибин.*
*Мо чанд суратем язаквор омада,*
*Нак мерасанд лашкари хубон аз он камин.*
*Юсуфрухон расанд зи Канъони он ҷаҳон,*
*Ширинлабон расанд зи дарёи ангубин.*
*Нак номашон расид ба хурмову найшакар,*
*В-он нор дона-донаву бе ҳеҷ дона бин.*
*Ай водие, ки себ дар он рангу бӯй ёфт,*
*Мағзи турунҷ низ муаттар шуду самин.*
*Ангур дер омад, зеро пиёда буд,*
*Дер ову пухта о, ки туӣ фитна, ай маҳин!*
*Ай охирин сабиқу аё хатми меваҳо,*
*В-ай чанг дарзада ту ба ҳаблаллаҳи матин!*
*Шириният аҷоибу талхи-т худ мапурс,*
*Чун ақл к-аз вай асту шару хайру куфру дин.*

*Аз шабнами ишқ, хоки одам гил шуд,*
*Сад фитнаву шӯр, дар ҷаҳон ҳосил шуд.*
*Чун наштари ишқ, бар раги рӯҳ заданд,*
*Як қатраи хун чакиду номаш дил шуд.*
*(Муаллифаш номаълум)*

*Ба кӯйи дил фурӯ рафтам замоне,*
*Ҳамеҷустам зи ҳоли дил нишоне.*
*Ки то чун аст аҳволи дили ман,*
*Ки аз вай дар фиғон дидам ҷаҳоне.*

*Зи гуфтори ҳакимон боз ҷустам,*
*Ба ҳар водиву шаҳре достоне.*
*Ҳама аз дасти дил фарёд карданд,*
*Фитодам з-ин ҳадис андар гумоне.*
*Зи ақли худ сафар кардам сӯии дил,*
*Надидам ҳеҷ холӣ з-ӯ маконе.*
*Миёни орифу маъруф ин дил,*
*Ҳамегардад ба сони тарҷумоне.*
*Худовандони дил донанд, дил чист,*
*Чӣ донад қадри дил ҳар беравоне.*
*Зи даргоҳи Худо ёбӣ дилу бас,*
*Наёбӣ аз фалонию фалоне.*
*Наёбӣ дил ҷуз аз ҷаббори олам,*
*Шаҳиди ҳар нишону бенишоне.*

*Мутрибо нармак бизан, то рӯҳ бозояд ба тан,*
*Чун занӣ бар номи Шамсиддини Табрезӣ бизан.*
*Як шабе то рӯз дафро ту бизан бар номи ӯ,*
*То бубинӣ мурдагон рақсон шуда андар кафан.*
*(«Девони Кабир»)*

*Дар паси оина тӯтисифатам доштаанд,*
*Он чӣ устоди азал гуфт: бигӯ! Мегӯям.*[1] *(Ҳофиз)*

## ШАЙХ САЪДИИ ШЕРОЗӢ ВА ИЛМИ МУСИҚӢ

Саъдӣ, бешубҳа аз бузургтарин ғазалсароёни лирики адабиёти классикии форсу тоҷик аст. Ӯ таҷриба ва анъанаҳои гузаштагони худро эҷодкорона такмил дода, зеботарин ва комилтарин намунаи ғазалро офарид ва дар осмони ғазали асри XIII ҳамчун ситораи фурӯзон дурахшид. Вай бо суханони сӯзнокаш ба қавли олими ҳинд Шиблии Нуъмонӣ «оташ дар тамоми Эрон барангехт». Худи Саъдӣ ҳам гуфтааст:

*Эй гули хушбӯй, агар сад қарн боз ояд баҳор,*
*Мисли ман дигар набинӣ булбули хушгӯйро.*

[1] Аз китобҳои «Рӯзгори одамони наҷиб»-и Радий Фиш, «Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно», «Ҳикоёти Маснавии Маънавӣ»-и Аҳмад Нафисӣ, «Ҷалолиддини Румӣ»-и Расул Ҳодизода ва «Тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик», «Мунтахаботи ғазалиёт» ва «Девони Кабир».

Бе сабаб нест, ки бисёр донишмандону гузаштагони шеъру адаб дар асарҳояшон ӯро устоди ғазал, булбули ширинсухан, офтоби осмони шеъру сухан номидаанд.

Яке аз шоирони ҳамзамон, ки дар як аср бо ӯ ба сар бурдааст, Ато Бакон мебошад, ки чунин байте дорад:

*Аз Саъдии машҳурсухан шеъри равон ҷӯй,*
*К-ӯ каъбаи фазл асту дилаш чашмаи Замзам.*

Аммо дигар аз устодони ғазал чун Ҳофиз ӯро ҳамчун устоди бузурги ғазал эътироф намуда, дар тавсифи ӯ «устоди ғазал Саъдист пеши ҳама кас...» гуфтааст.

Одам, аз нуқтаи назари Саъдӣ, ҳамон вақт ба маънои пуррааш одам шуда метавонад, ки тамоми хислатҳои неки инсониро доро бошад. Нишони одамият маҳз дар фаҳмида тавонистани моҳияти ҳақиқии одам зоҳир мегардад. Ғазалиёти Саъдӣ, ки намунаи баланди лирикаи ишқу зебоӣ мебошад, дар айни замон маънии амиқи иҷтимоӣ низ доранд. Чунки лирика бо эҳсосоти умуми инсонӣ омезиш ёфта, рӯҳи одами замонашро инъикос намуда, ба талаботҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва эстетикии он аср ҷавоб додааст.

Дар Бағдод мадрасаҳои зиёде мавҷуд бошад ҳам, машҳуртарини онҳо дар он замон, мадрасаи Низомия буд, ки онро соли 1067 Хоҷа Низомул мулки Тӯсии машҳур (1017-1092) таъсис карда будааст. Саъдӣ дар ин мадраса таҳсил карда, дар айёми таҳсил ба тасаввуфу дарвешӣ низ мароқ зоҳир намуда, чанде ба омӯхтани таълимоти орифи маъруф Абдулқодири Гелонӣ (ваф. 1127) машғул будааст.

Инчунин Саъдӣ дар «Гулистон» дар бораи Шайх Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ (ваф. 1234) ва таълимоти ӯ бо иродатмандӣ сухан ронда, ҳамроҳи вай сафари ҳаҷ карданашро хабар додааст. Ба ин тариқ, Саъдӣ ҳануз дар айёми таҳсили мадраса аз равияҳои асосии тасаввуфу ирфон бохабар шуда буд. Мегӯянд, ки бештар аз даҳ маротиба аз самтҳои гуногун ба зиёрати хонаи Каъба рафтааст. Саъдӣ дар мадрасаи Низомия улуми маъмули замонаи худ, аз ҷумла улуми адабия, забони арабӣ, калом, фиқҳ, тафсир, ҳикмат, мусиқӣ ва ғайраро ба хубӣ омӯхтааст. Ҳангоми таҳсил Саъдӣ бо фаросату заковат ва хушзеҳниву қуввати хотира дар байни дигар муҳассилин фарқ мекард. Дар маҷлисҳои баҳс ва ё дар ҳавзаи дарс бо фасоҳати сухан, матонати далелҳо ва диққати андеша устодону донишҷӯёнро дар ҳайрат

мегузошт. Ба ҳусни такаллум, зеҳни тез ва бурроии фикрии ӯ дигар талабагони мадраса рашк мебурданд. Саъдӣ ҳамчун донишҷӯи пешқадам дар мадрасаи Низомия маош ҳам мегирифт. Ӯ забони арабиро ба дараҷаи аъло аз худ карда буд. Ва бо ин забон дар байни арабҳо ваъз мегуфт ва мунозираҳои илмӣ мекард. Саъдӣ баъди хатми мадраса ба нияти дидани оламу шинохтани одам аз Бағдод роҳи сафарро пеш гирифта муддати 40 сол мамлакатҳои бештари ҷаҳони дар замони худаш машҳурро сайру саёҳат кардааст ва бештарин ҳикояҳои ӯ саргузаштҳои сафариаш мебошанд. Аз ҳикояҳои Саъдӣ бармеояд, ки ҳатто Вахши Тоҷикистон ҳам аз сайёҳатҳои ӯ берун намонда будааст. Ӯ дар як ҳикояи худ Вахшро ба унвони хоки Вахш ёд карда мегӯяд.

*Шунидам, ки дар хоки Вахш аз меҳон,*
*Яке буд дар кунҷи хилват ниҳон.*

Ё дар ҷои дигар чунин гуфтааст:

*Шунидам, ки бигрист донои Вахш,*
*Ки: Ё раб, мар ин мардро тавба бахш.*

Шайх Саъдӣ баъди саёҳати 40-сола ба Ватан баргашт ва то охири умр дар Шероз зист. Эътиқодмандонаш барои ӯ дар наздикии шаҳри Шероз, дар домани кӯҳе хонақоҳе бунёд карданд, ки алҳол ҳам мақбараи ӯ дар ҳамон ҷост.

Ғазалҳои Саъдӣ дар маҷлисҳои ваҷду самоъ бештар аз ашъори дигарон суруда мешуд ва мақбули хотирҳо мегардид.

*Бигӯй мутриби ёрон ба ёр замзамае,*
*Бинол булбули мастон, ки бас хушовозӣ.*

Саъдӣ ба қолаби пешиниён ва муосирон ҷони тоза бахшида, онро хушоҳанг ва дилпазир гардондааст. Саъдӣ аз ҳини таҳсил дар мадраса ба сулуки риндону дарвешон гароида ва то ба охири умр дар маҷлисҳои рақсу самоъи онон ширкат меварзид. Дар ин гуна маҷлисҳо, ки аҳли он дар зери нағмаи шӯхи дафу чанг нолаи дилнавози наю рубоб бо дастафшонию пойкубӣ ва сармастиву бехудӣ шабҳоро ба рӯз меоварданд.

*Ҳалол аст рақсе, ки бар ёди ӯст,*
*Ки ҳар остин-ш ҷоне дар ӯст.*

Ё ин ки:

*Шунидам, ки дар лаҳни хунёгаре,*
*Ба рақс андаромад парипайкаре.*

Шоирони он қавм дар ҳини гармию ворастагӣ ба ваҷду ҳол ба ҳавои рақсу самоъ ғазалҳои шӯрангезу пурҳаяҷон мегуфтанд. Ҳазрати Шайх Саъдӣ ҳам чанд ғазал дар маҷлисҳои самоъ гуфтаанд:[1]

*Эй сарвболои сиҳӣ,*
*к-аз сурати ҳол огаҳӣ,*
*В-аз ҳар кӣ дар олам беҳӣ*
*мо низ ҳам бад нестем.*
*Гуфтӣ: ба ранги ман*
*гуле ҳаргиз набинад булбуле,*
*Оре, накӯ гуфтӣ, вале мо*
*низ ҳам бад нестем.*
*То чанд гӯӣ, мову бас,*
*кӯтаҳ кун эй раънову бас,*
*На худ туӣ зебову бас,*
*мо низ ҳам бад нестем.*
*Гуфтӣ, ки чу ман дар замӣ*
*дигар набошад одамӣ,*
*Эй ҷону лутфи мардумӣ,*
*мо низ ҳам бад нестем.*
*Гар гулшани хушбӯ туӣ*
*в-ар булбули хушгӯ туӣ,*
*В-ар дар ҷаҳон некӯ туӣ,*
*мо низ ҳам бад нестем.*
*Гар ту ба ҳусн афсонаӣ,*
*ё гавҳари якдонаӣ,*
*Аз мо чаро бегонаӣ?*
*Мо низ ҳам бад нестем.*



Пири тариқат Саъдӣ алайҳирраҳма мусиқӣ ва рақсро бо ҳикояву қитъаҳо, ғазалҳову дубайтиҳо чунин баён кардааст[2]:

Машҳур аст, ки ҳар вақт сарбозони араб дар роҳ сурудхонӣ ё

[1] Аз китобҳои «Мунтахаби ғазалиёт», «Куллиёт», ҷилди якум ва мухтасари «Бӯстон» с.1945

[2] «Гулистон», «Бӯстон», «Куллиёт»

найнавозӣ кунанд, мувофиқи нағмаҳои онҳо шутурони онҳо ҳам ба ҷӯш омада рақс ва бозӣ мекардаанд. Шоир мазмуни ин байтро аз ҳамон ҳадис гирифтааст.

*Набинӣ шутур бар навои араб,*
*Ки чунаш ба рақс андар орад тараб?*
*Шутурро чу шӯру тараб дар сар аст,*
*Агар одамиро набошад, хар аст.*

*Шакарлаб ҷавоне най омӯхтӣ,*
*Ки дилҳо дар оташ чу най сӯхтӣ.*
*Падар борҳо бонг бар вай задӣ,*
*Ба тундию оташ дар он най задӣ.*
*Шабе бар навои писар гӯш кард,*
*Самоаш парешону мадҳуш кард.*
*Ҳаме гуфт бар чеҳра афганда хай*[1]*,*
*Ки: оташ ба ман дар зад ин бонги най!*

Қитъа:

*Назар кардам ба чашми ақлу тадбир,*
*Надидам беҳ зи хомӯшӣ хисоле*[2]*.*
*Нагӯям лаб бубанду дида бардӯз,*
*Валекин ҳар мақомеро мақоле.*
*Замоне баҳси илму дарси танзил*[3]*,*
*Ки бошад нафси инсонро камоле.*
*Замоне шеъру шатранҷу латоиф,*
*Ки хотирро бувад дафъи малоле.*
*Чи хуш бошад оҳанги нарми ҳазин,*
*Ба гӯши ҳарифони масти сабӯҳ.*
*Беҳ аз рӯи зебост овози хуш,*
*Ки он ҳаззи нафс асту ин қути рӯҳ.*

**Ҳикоят**

Ёд дорам, ки шабе дар корвоне ҳама шаб рафта будаму саҳаргаҳ канори бешае хуфта. Шӯридае, ки дар он сафар ҳамроҳи мо буд, наърае баровард ва роҳи биёбон гирифту як нафас ором наёфт.

---

[1] Хай – арақи бадан.
[2] Хисол – ҷамъи хислат, одат.
[3] Танзил – Қуръон.

Чун рӯз шуд гуфтамаш:

– Он чӣ ҳолат буд?

Гуфт:

– Булбулонро дидам, ки ба нолиш даромада буданд аз дарахту кабкон аз кӯҳу ғукон дар об ва баҳоим аз беша. Андеша кардам, ки мурувват набошад, ҳама дар тасбеҳу ман ба ғафлат хуфта.

*Дӯш мурғе ба субҳ менолид,*
*Ақлу сабрам бибурду тоқату ҳуш.*
*Яке аз дӯстони мухлисро,*
*Магар овози ман расид ба гӯш.*
*Гуфт: «Бовар надошт, ки туро*
*Бонги мурғе чунин кунад мадҳуш».*
*Гуфтам:*
*– Ин шарти одамият нест,*
*Мурғ тасбеҳгӯю ман хомӯш.*

**Ҳикоят**

Вақте дар сафари Ҳиҷоз тоифаи ҷавонони соҳибдил ҳамдами ман буданду ҳамқадам. Вақтҳо замзамае бикарданди ва байте муҳаққиқона бигуфтанди. Обиде дар сабил мункири ҳоли дарвешон буду бехабар аз дарди эшон, то бирасидем ба хайли бани Ҳилол. Кӯдаке сиёҳ аз хайи араб бадар омаду овозе баровард, ки мурғ аз ҳаво даровард. Уштури обидро дидам, ки ба рақс даромаду обидро бияндохт ва бирафт. Гуфтам:

– Эй шайх, самоъ дар ҳайвон асар карду туро ҳамчунон тафовут намекунад?!

*Дони, чӣ гуфт моро он булбули саҳарӣ?*
*«Ту худ чи одамӣ, к-аз ишқ бехабарӣ?!*
*Уштур ба шеъри араб дар ҳолат асту тараб,*
*Гар завқ нест туро, кажтабъ ҷонварӣ».*

* * *

*Ва инда ҳубуби-н-ношироти ало-л-ҳамо,*
*Тамалу ғусуну-л-бони ло ал-ҳазару-с-салду.*

Тарҷумаи байт:

Бо вазиши бодҳое, ки дар марғзор мевазанд, шоххҳои дарахтон сар хам мекунанд, вале санги хоро чунин намешавад, яъне сар хам намекунад.

*Ба зикраш ҳар чӣ бинӣ, дар хурӯш аст,*
*Диле донад дар ин маънӣ, ки гӯш аст,*
*На булбул бар гулаш тасбеҳхонест,*
*Ки ҳар хоре ба тасбеҳаш забонест.*

Абёт аз «Ғазалҳо»-и шайхи аҳли тариқат Саъдии Шерозӣ

*1. Вақти тараб хуш ёфтам он дилбари таннозро,*
*Соқӣ биёр, он ҷоми май, мутриб бизан он созро.*
*Имшаб, ки базми орифон аз шамъи рӯят равшан аст,*
*Оҳиста, то набвад хабар риндони шоҳидбозро.*
*Рӯи хушу овози хуш доранд ҳар як лаззате,*
*Бингар, ки лаззат чун бувад маҳбуби хушовозро.*

*2. Хуштар аз айёми ишқ айём нест,*
*Бомдоди ошиқонро шом нест.*
*Мутрибон рафтанду сӯфӣ дар самоъ,*
*Ишқро оғоз ҳаст, анҷом нест.*
*Коми ҳар ҷӯяндаеро охирест,*
*Орифонро мунтаҳои ком нест.*
*Аз ҳазорон дар яке гирад самоъ,*
*Зи он, ки ҳар кас маҳрами пайғом нест.*
*Ошноён раҳ бад-ин маънӣ баранд,*
*Дар сарои хос бори ом нест.*
*То насӯзад, барнаёяд бӯи уд,*
*Пухта донад, к-ин сухан бо хом нест.*
*Ҳар касеро номи маъшуқе, ки ҳаст,*
*Мебарад, маъшуқи моро ном нест.*
*Сарвро бо ҷумла зебоӣ, ки ҳаст,*
*Пеши андоми ту ҳеҷ андом нест.*
*Мастӣ аз ман пурсу шӯри ошиқӣ,*
*В-он куҷо донад, ки дурдошом нест.*
*Боди субҳу хоки Шероз оташест,*
*Ҳар киро дар вай гирифт, ором нест.*

*3. Ин мутриб аз куҷост, ки баргуфт номи дӯст,*
*Бо ҷону ҷома базм кунам бар паёми дӯст.*
*Дил зинда мешавад ба умеди вафои ёр,*
*Ҷон рақс мекунад ба самои каломи дӯст.*

## АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ МУСИҚИШИНОС ВА ОҲАНГСОЗИ МАШРИҚЗАМИН

*Мутрибе мегуфт Хусравро, ки Эй ганҷи сухан,*
*Илми мусиқӣ зи ҷинси назм некӯтар бувад.*

Дар асри XV шоҳзодаи Темури Мирзо Байсунғархон (ваф. 1477) дар роҳи ҷамъоварӣ намудани осори Хусрави Деҳлавӣ кӯшиши зиёд карда, ду ҳазор байт ва ғазалиёти шоирро дарёфт кардааст, ки онҳо дар девони вай сабт нагардидаанд. Бинобар ин ӯ фароҳам овардани ашъори Хусрави Деҳлавиро кори имконнопазир дониста, аз идома додани ҷустуҷӯи худ даст мекашад.

Хусрави Деҳлавӣ ба масъалаҳои таърихию тасаввуф санъатҳои бадеӣ ва инчунин фанни мусиқӣ як қатор китобу рисолаҳои пурқимат таълиф намудааст. Ӯ ҳамчун шоири лирик шӯҳрат ёфтааст.

Амир Хусрав баробари устоду суханвари бузург будан дар илми мусиқӣ вуқуфи тамом дошта… дар навозандагию овозхонӣ ҳунарвари беқарина будааст.

**Лирик** – юнонӣ буда номи асбоби мусиқӣ аст. Гӯяндаи навъҳои шеърии рубобӣ, ғиноӣ, лирикӣ мебошад. Дар мероси адабии Хусрави Деҳлавӣ осори лирикӣ, мавқеи аз ҳама баландтарро ишғол менамояд ва ӯ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик пеш аз ҳама шӯҳрат ёфтааст. Хусрави Деҳлавӣ дар навъҳои гуногуни шеъри лирикӣ ашъори гаронбаҳо ва ниҳоят зиёд боқӣ гузоштааст. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ӯ нахустин шоире мебошад, ки панҷ девони ашъор тартиб дода, ба ҳар кадоми онҳо шеърҳои дар давраҳои муайяни ҳаёт эҷодкардаашро ворид сохт ва ба ҳар яке аз онҳо мувофиқи давраҳои зиндагиаш унвони махсус гузошт.

Ғазалҳои Хусрави Деҳлавӣ бисёр содаю равон, хушоҳанг, рангоранг, латифу гуворо мебошанд. Бесабаб нест, ки онҳо ба «Шашмақом» дохил гардидаанд. Баъзе ғазалҳояш бо оҳангҳои халқии тоҷикӣ низ суруда мешаванд. Хусрави Деҳлавӣ дар роҳи инкишофи мусиқии назарӣ ва амалӣ саҳми ба назар намоён гузоштааст.

Ӯ дар баробари оҳангҳои мусиқии Осиёи Миёна ва Афғонистону Эрон мусиқии Ҳиндро низ хеле хуб омӯхта, оид ба мусиқии назарӣ се рисола таълиф намудааст. Хусрави Деҳлавӣ дар асоси тартиб додану пайваст намудани оҳангҳои мусиқии ҳиндӣ бо оҳангҳои мусиқии Осиёи Миёна ва Афғонистону Эрон як силсила савту оҳангҳои нави дилнишин офаридааст.

«Ман – гуфтааст Ҷавоҳирлаъл Нерӯ, мисоли дигареро намедонам, ки сурудҳое, ки 700 сол пеш аз ин эҷод шудаанд, то кунун дар миёни мардум ба ин андоза шӯҳрату эҳтиром дошта бошанд, ва бидуни ягон тағийроте суруда шаванд». Ихтироъкори оҳангҳои мусиқии «Муҷир», «Созгорӣ», «Ушшоқӣ», «Мувофиқӣ», «Фарғона», «Тарона», «Хаёл», «Нигор», «Шоҳона» ва ғайра Амир Хусрав мебошад.

*Мир Хусрав – Хусравӣ мулки сухан,*
*Он муҳити фазлу дарёи камол.*
*Булбули дастонсарои беқарин,*
*Тӯтии шаккармақоли бемисол. (Ҳасани Бурҷӣ)*



Яке аз муридони бовафову наздики Низомиддини Авлиё шоири тавонои форс-тоҷик ихтироъкор ва такмилдиҳандаи созҳои дар ҷаҳон машҳур, дилрабо, сарангӣ, таблаву сетор Амир Хусрави Деҳлавӣ буд.[1]

## ХОҶА ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ ВА ИЛМИ МУСИҚӢ

Дар «Соқинома»-аш навозандагону сарояндагонро хеле устодона ба риштаи назм кашида баён кардааст.

[1] Аз китоби «Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик».

Ҳофиз ба ғайр аз санъати шоирӣ аз мусиқию овозхонӣ низ баҳраи фаровон доштааст. Яке аз далелҳо он аст, ки шеърҳои ӯро нисбат ба дигар шоирон беҳтар ва хубтар ба оҳанг дароварда месароянд. Дигар ин ки Ҳофиз дар бисёр шеърҳояш ба мусиқидонӣ ва овози форам доштани худ низ ишорат кардааст.[1]

*Зи чанги Зӯҳра шунидам, ки субҳидам мегуфт,*
*Ғуломи Ҳофизи хушлаҳҷаю хушовозам.*

Нағмаҳои мусиқӣ бо ғазалиёти Ҳофиз ҳамоҳангии комил доранд ва шунавандаро хоҳу нохоҳ ба дуёни рангорангу беканори шоир мебаранд. Мо медонем, ки яке аз сабабҳои тахаллуси Ҳофиз гирифтанаш дар он буд, ки Қуръонро ҳифз карда буд ва дигар ин ки шоир мусиқидону овозхон, сарояндаи ашъори тавъам бо мусиқӣ будааст ва дар асри ӯ овозхон ва касеро, ки шеърро ба оҳанги мусиқӣ месароидааст, Ҳофиз меномидаанд. Доктор Заринкӯб дар китоби «Аз кӯчаи риндон» ва тадқиқгарони дигар ба ин матолиб ишора мекунанд.

Чунонки мебинем, имрӯз ҳам дар Тоҷикистон овозхонҳо ва онҳоеро, ки ашъорро бо мусиқӣ месароянд, ҳофиз мегӯем ва шояд ин унвони пурифтихор ёдгорӣ бошад, ки аз шоири барҷастаи Шарқ то кунун боқӣ мондааст.

Равшан аст, ки рақс ҳам аз мусиқӣ ҷудо нест ва дар шеъри Ҳофиз рақси соқӣ, рақси моҳу ситораҳо, пойкӯбию дастафшонии риндон ба ёр дида мешавад. Ҳофиз яке аз бузургтарин лирикҳои тамоми давраҳо ва тамоми халқҳост.

*Ишқат расад ба фарёд, в-ар худ ба сони Ҳофиз,*
*Қуръон зи бар бихонӣ дар чордаҳ ривоят.*

*Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм, бар Ҳофиз,*
*Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст.*

*Зи шеъри Ҳофизи Шероз мегӯянду мерақсанд,*
*Сияҳчашмони Кашмириву туркони Самарқандӣ.*
*Чу дар даст аст руде хуш, бизан мутриб, суруде хуш,*
*Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем.*

---

[1] Аз китоби адабиёти тоҷик, синфи 8 Ш.Ҳусейнзода.

*Дар завоёи тарабхонаи Ҷамшеди фалак,*
*Арғунун соз кунад Зӯҳра ба оҳанги самоъ.*

Абёти зер аз «Соқинома»-и Хоҷа Ҳофиз аз «Куллиёт»-и шоир оварда шудаанд.

*Сари фитна дорад дигар рӯзгор,*
*Ману мастию фитнаи чашми ёр.*
*Биё соқӣ он май, ки ҳол оварад,*
*Фароғат физояд, камол оварад.*
*Бидеҳ, то бигӯям ба овози най,*
*Ки Ҷамшед кай буду Ковус кай?*
*Ки Ҳофиз чу мастона созад суруд,*
*Зи чархаш диҳад Зӯҳра[1] овози руд.*
*Муғаннӣ, куҷоӣ ба гулбонги руд,*
*Ба ёд оварӣ Хусравонӣ суруд.*
*Ки то ваҷдро корсозӣ кунам,*
*Ба рақс ояму хирқа бозӣ кунам.*
*Муғаннӣ, бизан он навоин суруд,*
*Бигӯ бо ҳарифон ба овози руд.*
*Маро бар адӯ оқибат фурсат аст,*
*Ки аз осмон муждаи нусрат аст.*
*Муғаннӣ, навои тараб соз кун,*
*Ба қавлу ғазал қисса оғоз кун.*
*Равони бузургон зи худ шод кун*
*Зи Парвизу аз Борбад ёд кун.*
*Муғаннӣ, аз он парда нақше биёр*
*Бибин, то чӣ гуфт аз дарун пардадор.*
*Чунон баркаш овози хунёгарӣ,*
*Ки ноҳиди чангӣ ба рақс оварӣ.*
*Раҳе зан, ки суфӣ ба ҳолат равад,*
*Ба мастӣ зи васлаш ҳаловат равад.*
*Муғаннӣ, дафу чангро соз деҳ,*
*Ба оини хуш нағма овоз деҳ.*
*Фиреби ҷаҳон қиссаи равшан аст,*
*Бибин, то чӣ зояд шаб, обистан аст.*

---

[1] Зӯҳра – тобону дурахшон. Сайёраи Зӯҳраро мутрибаи фалак ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс, хушию хурсандӣ мешумурданд. Саёраи Аторудро муаллими фалак меномиданд.

*Зи тасбеҳу хирқа малулам мудом,*
*Ба ман раҳм кун ҳардуро вассалом!*
*Зи назми Низомӣ, ки чархи куҳан,*
*Надорад чу ӯ ҳеҷ зебосухан.*
*Биёрам ба тазмин се байти матин,*
*Ки назди хирад беҳ зи дурри самин*[1].
*Аз он бештар, к-оварӣ дар замир,*
*Вилоятситон бошу офоқгир!*
*Муғаннӣ, бизан чанг дар арғунун,*
*Бибар аз дилам фикри дунёи дун.*
*Магар хотирам ёбад осоише,*
*Чу набвад зи ғам бо вай олоише.*
*Ба мастон навиди суруде фирист,*
*Ба ёрони рафта дуруде фирист.*
*Шунидам, ки чун ғам расонад газанд,*
*Хурӯшидани даф бувад судманд.*
*Муғаннӣ куҷоӣ, ки вақти гул аст,*
*Зи булбул чаманҳо пур аз ғул-ғул аст.*
*Ҳамон беҳ, ки хунам ба ҷуш оварӣ,*
*Даме чангро дар хурӯш оварӣ.*
*Муғаннӣ, биё уд бар соз кун,*
*Навоин навое нав оғоз кун!*
*Муғаннӣ, зи ашъори ман як ғазал,*
*Ба оҳанги чанг овар андар амал.*
*Биё, бар ҷаҳон дил манеҳ, зинҳор*
*Касе бар сари пул надорад қарор.*

## ТАЛАБИ МАЪРИФАТ

*Шабе дар базми шавқи масти оҳанг,*
*Ки соқӣ ишқ буду бода найранг,*
*Димоғи ноз арзи нашъа медид,*
*Тамошо бар сари ҳам шиша мечид.*
*Хаёл аз нашъаи улфатпарастӣ.*
*Ба сар мезад гули сад ранг мастӣ.*

[1] Самин – пурқимат.

*Тасаввур то нигоҳе тез мекард,*
*Таҳайюр соғаре лабрез мекард.*
*Дил аз кайфияти найранги ин мул,*
*Чу мино дар тапидан дошт қул-қул.*
*Шаҳ аз сарҷӯши шавқи бехудисоз*
*Димоғе дошт масти соғари роз.*
*Табе дар набзи ҳоли хеш меёфт,*
*Диле дар сина масти реш меёфт.*
*Ҳама гулзору ранге дар миён на,*
*Ҳама захму хаданге бар нишон на.*
*Дил аз ҳар доғ оташхонае дошт,*
*Нафас дар ҳар тапиш девонае дошт.*
*Чу бошад ваҷди шавқ оинапардоз,*
*Ҳама тимсол гардад сурати роз.*
*Ҷаҳон ашкест бетоби давидан,*
*Намедонам куҷо хоҳад расидан?*
*Манозил сар ба роҳи матлабе ҳаст,*
*Мақосид гармии набзи табе ҳаст.*
*Чу нақши худ балое нест дар пеш,*
*Касе, ё раб, мабод оинаи хеш.*
*Шуруъи хеш агар набвад, адам нест,*
*Ба айби нестӣ кас муттаҳам нест.*
*Вале он ҷо, ки ҳусни бениёзист,*
*Таҷаллӣ пардаи оинасозист.*
*Ба ғафлат гар на худро ғайр созад,*
*Муҳаббат бо кӣ дигар ишқ бозад?*
*Дар ин ғафлат чӣ миқдор огаҳиҳост,*
*Чӣ манзилҳо, ки вақфи гумраҳиҳост (Бедил)*

**КАЙФИЯТИ ДАФ**

*Биё, мутриб, эй шӯхии рози дил,*
*Хурӯши ҷунунпардаи сози дил.*
*Лабат оташи шӯълаҳои хамӯш,*
*Навоят чароғи шабистони ҳӯш.(Бедил)*

## ҚУРЪОН ВА ШОИРӢ



Дар Қуръони карим» Худои таборак ва таъоло дар, сураи «Луқмон», ояи 6 мефармояд:

Баъзе аз мардум харидори суханони беҳудаанд, то ба нодонӣ мардумро аз роҳи Худо гумроҳ кунанд ва Қуръонро ба масхара мегиранд. Насиби инон азобе ҳаст хоркунанда.

Ва дар сураи «Шуъаро» («Шоирон», ояҳои 224-227) фармудааст:

Ва гумроҳон аз пайи шоирон меравонд, оё надидаӣ, ки шоирон дар ҳар водие саргаштаанд. Ва чизҳо мегӯянд, ки худ амал намекунанд. Магар онон, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд ва Худоро фаровон ёд кардаанд.

Ин нобиғаҳо ба ояи магар онон, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд ва Худоро фаровон ёд кардаанд, часпиданд, ҳамчун дастовез қарор додаанд.

*Мо гадоёни хайли[1] имонем,*
*Ба сари мулки ишқ султонем.*
*Гаҳ чу Мӯсо Калим ба кӯҳи Тур,*
*Гаҳ бари Тӯри фақр Имронем. (Аҳмади Ҷомӣ)*

*Гузинам Қуръон асту дини Муҳаммад,*
*Ҳамин буд азеро гузини Муҳаммад.*

*Яқинам, ки ман ҳар дувонро биварзам,*
*Яқинам шавад чун яқини Муҳаммад.*

---

[1] Пайравон, қавм, гурӯҳ.

*Калиди биҳишту далели наъимам,*
*Ҳисори ҳасин чист? Дини Муҳаммад! (Носири Хусрав)*

*Мо оинаи ҷаҳоннамоем,*
*Мо нури ҷамоли Кибриёем ,*
*Мавҷуд ҷуз аз вуҷуди мо нест,*
*Дар ҳарчӣ нигаҳ кунӣ ту, моем. (Аҳмади Ҷомӣ)*

*Дар сафолин косаи риндон ба хорӣ мангаред,*
*К-ин ҳарифон хидмати ҷоми ҷаҳонбин кардаанд.*
*(Хоҷа Ҳофизӣ)*

*Қадам фаҳмида бардор ар зи хокам бигзарӣ рӯзе,*
*Ки ҳамрози Сулаймонам, агарчанде ки чун мӯрам.*
*(Шайх Аҳмади Дониш)*

Ҳақиқати шеър суханони қофияву мафъила ва санои лафзию маънавӣ ва мазмунсозӣ нест, балки дар шеърҳои ин нобиғагон ҳама колбад-ҷон, мағз аст. Ва ба таъбири Мавлоно тан-тан аст, ки дар санҷидани ашъор барои нишон додани вазн ба кор мебурданд:

*Тан-танашро аз лаби шаккаршикан,*
*Чун Масеҳо ҷон баровардӣ ба тан. (Румӣ)*

*Беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,*
*Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст.*

*Набинад дида з-ин сон шеъри дилбанд,*
*Ки бошад зевари ӯ ҳикмату панд.*
*Баҳояш ҳаст мулки ҷовидонӣ,*
*Ту мафрӯшаш ба зарру сим коне. (Ҳаким Носири Хусрав)*

*Раҳ чунон рав, ки раҳравон рафтанд. (Мумтоз)*

*Шеъри ман шеър асту шеъри дигарон ҳам шеър, лек,*
*Завқи найшаккар куҷо ёбад мазоқ аз бӯрё.*

*Ҳосил аз ёқуту марҷон бознашносад фалак,*
*Ҷавҳарӣ донад ба ҳадди хеш ҳар якро баҳо.*
*Ин сухан бар кӯҳ агар хонам ва иқболат зи кӯҳ,*
*Сад ҳазор аҳсант бархезад ба ҷои ҳар садо.*
*(Салмони Соваҷӣ)*

Қуръон он шоиронеро маззамат мекунад, ки аз барои дунё подшоҳону ҳокимон, шоҳзодагону сарлашкарон, вазирону амалдорон ва дарбориёни бонуфузро таърифу тавсиф мекарданду иғво бармеангехтанд:

*Ба даст оҳани тафта кардан хамир,*
*Беҳ аз даст бар сина пеши амир. (Саъдӣ)*

*Эй ёватирози нохирадманд,*
*Гӯӣ суханони ҳарза то чанд?*
*Андозаи хешро нигаҳ дор,*
*Оини хирад зи даст магзор.*
*Барбанд аз ин фасона лабро,*
*Бикшо дари махзани адабро. (Мумтоз)*

*Худ ту медонӣ, наям аз шоирони чоплус,*
*К-аз барои сим бинмоям касеро пойбӯс.*
*Ё расонам чархи ресиро ба чархи обнус,*
*Ман намегӯям туӣ даргоҳи ҳиҷо ҳамчу Тус.*
*Лек гӯям гар ба қонун муҷрии қонун шавӣ,*
*Баҳману Кайхусраву Ҷамшеду Афридун шавӣ.*

*Ҳар хома нагуфт нокасонро тавсиф,*
*Ҳар нома накард хоинонро таъриф.*
*Он хома зи пофишории зулм шикаст,*
*Он нома ба дасти золимон шуд тавқиф. (Фаррухии Яздӣ)*

Намояндагони адабиёти дарборӣ бештар дар эҷодиёти худ манфиатҳои сиёсию иҷтимоии синфи ҳукмронро ҳимоя карда, бо суханони муболиғаомези пуч кирдорҳои аҳмақонаи онҳоро ситоиш мекарданд.

Ҷомӣ аз дасти ҳамин зайл шоирони нолоиқ хор гардидани пешаи шеъру шоириро дида, афсӯсу надомат мехӯрад ва онҳоро сахт накӯҳиш мекунад:

*Кист шоир кунун яке мудбир,*
*Ки надонад зи ҷаҳл ҳир аз бирр.*
*Ҳиммати ӯ хасису табъ лаъим,*
*Ҳама офоқро ҳарифу надим.*
*Рӯзу шаб кӯ ба кӯю ҷой ба ҷой,*

*Медавад чун сагони сӯхтапой.*
*Афканад хешро ба макру дурӯғ,*
*Пеши он ҷамъ чун магас дар дӯғ.*
*Гашта з-ин гуна ҳиссату ибром,*
*Шеър мазлуму шоирон бадном.*

Шоири ориф Саноӣ чунин баён мекунад:
*Эй Саноӣ, чу шаър додат бор,*
*Даст аз ин шоирию шеър бидор.*
*Сухани шоирон ҳама ғамз аст,*
*Нуктаи анбиё ҳама рамз аст.*

Шеъри авлиё ҳама тафсир аст аз сирри Қуръон… Шеъри осмонӣ, ки шарҳи авсофи ҷамолу ҷалоли Илоҳӣ ва даъвати халқ ба иқлими ишқу маърифат ва сифати волои инсонӣ аст, пайваста мавриди ситоиши бузургони дин ва орифони соҳибяқин буда, ки онро аз назари моҳият ҳамҷинси ваҳӣ ва аз ҳайси мартабат наздиктарин ба каломи илоҳӣ донистаанд. Абӯсаиди Абдулхайр, Аҳмади Ҷомӣ, Мавлонои Румӣ ва дигарон муқаррар ашъорашонро дар маҳсули лаҳзаҳои бехудиву масти маънӣ ва иттисол ба олами ваҳдат муаррифӣ карда ва худро дар маҷлисҳои самоъ дар сурудани он беихтиёр донистаанд.

*Инон магар зи раҳмати маҳз офаридаанд?*
*К-ороми ҷону мӯниси дил, нури дидаанд.*
*Лутф оятест дар ҳақи эшону кибру ноз.*
*Пироҳанест бар қади эшон буридаанд.*
*Ризвон магар даричаи фирдавс боз кард.*
*К-ин ҳуриён ба соҳати дунё хазидаанд.*
*(Муаллиф номаълум)*
*Мо гуле аз бӯстони ҷаннатем,*
*Қатраи дарёи мавҷи раҳматем. (Носири Бухороӣ)*

*Гӯяд Камол фар-фар сад шеъри тар ба як шаб,*
*Лекин ба васфи рӯят ҳар як ғазал ба моҳе.*
*(Камоли Хуҷандӣ)*

Шоирӣ ҳолати фитрии ин нобиғон буда ва шеър аз забони онҳо мисли оби равон аз чашмаи пуртуғён метаровид ва дилҳои ошиқони шӯридаро масту мафтун мегардонид.

Румӣ чунин мегӯяд:

*Румӣ, – он оинаи ҳусни адаб,*
*Бо камоли дилбарӣ бикшод лаб.*
*Гуфт: марде, шоире аз Ховар аст,*
*Шоире ё соҳире аз Ховар аст.*
*Фикри ӯ борику ҷонаш дардманд,*
*Шеъри ӯ дар Ховарон сӯзе фиканд.*

## ШЕЪР, МУСИҚӢ ВА РАҚС

*Назар кардам ба чашми ақлу тадбир,*
*Надидам беҳ зи хомӯшӣ хисоле.*
*Нагӯям лаб бубанду дида бардӯз,*
*Валекин ҳар мақомеро мақоле.*
*Замоне баҳси илму дарси танзил,*
*Ки бошад нафси инсонро камоле.*
*Замоне шеъру шатранҷу латоиф,*
*Ки хотирро бувад дафъи малоле.*
*Чи хуш бошад оҳанги нарми ҳазин,*
*Ба гӯши ҳарифони масти сабӯҳ.*
*Беҳ аз рӯи зебост овози хуш,*
*Ки он ҳаззи нафс асту ин қути рӯҳ. (Саъдии Шерозӣ)*

*Зи дурри назм бошад гуфтугӯям,*
*Зи баҳри шеър бошад обрӯям. (Ҳилолӣ)*

*Диламро нолаи сурной бояд,*
*К-аз он сурной буйи ёр ояд.*
*Ба ҷон хоҳам, ки нолам ошиқона,*
*К-аз он нола ҷамоли ҷон намояд. (Шамси Табрезӣ)*

*Ба раққосе чу дар чарх, он маҳ соҳибқирон омад,*
*Ба чархаш офарин гӯён малоик з-осмон омад.*
*(Дарвешалии Чангӣ)*

## Ш Е Ъ Р

Шеър – тило, марворид аст.

*Бедил, аз ҳар мисраам мавҷи назокат мечакад,*
*Кардаам рангин ба хуни сайди лоғар теғро. (Бедил)*

*Назм нури чароғи инсонист,*
*Гули хушбӯи боғи инсонист.*
*Ҳар кӣ з-ин шӯъла бошад афсурда,*
*Ҳаст шамъи ҳаёти ӯ мурда. (Биноӣ)*

Лекин:

*То қадри зар физояд,*
*Заргар ҳунар физояд.*
*Зевар агар дурахшад,*
*Ҳусни зиёда бахшад.*

### Мусиқӣ зебу зинат, зевар ва ороиши шеър

*Сухан қулфи дили ҳар хурдадон аст,*
*Вале санъат суханро ҷони ҷон аст. (Шайх Аттор)*

*Биё, эй орифи мутриб, чӣ бошад гар зи хушхуӣ,*
*Чу шеъро нур афшонӣ в-аз он ашъор баргуӣ? (Румӣ)*

*Ҳамон беҳ, ки хунам ба ҷуш оварӣ,*
*Даме чангро дар хурӯш оварӣ. (Ҳофиз)*

*Биё, эй шакарҳарфи тӯтинаво,*
*Ки бе нағма талх аст оби бақо. (Бедил)*

Рақс ин ифшогари тамоми сиру асрори олам:
*Бубин дар рақс аз рақтайлисонон,*
*Ридои нур бар олам фишонон.*

*Навое соз, эй мутриб, ки мастон дар хӯруш оянд,*
*Ки мӯҳтоҷи дами суранд ин афсурдақолабҳо. (Сайидо)*



Шеъру мусиқӣ ва рақс – падидаи маънавӣ – ҳолати ваҷди рӯҳӣ, тӯҳфа ва воситаи ба мақсад расидан, сабаб мебошад, ки маънавиёти олами фикрӣ ва рӯҳии башар ба воситаи он ифода мегардад. Ҳамаи ҳунарҳои башарӣ воситаанд. Воситаи кӯмак кардан ба инсон ва осон намудани зиндагии инсонӣ. Шеър дар асли луғат ҳикмат аст, илм аст, дониш аст, сухан аст.

*Ба олам шоирон соҳибзабонанд,*
*Зи лутфи хеш гавҳар мефишонанд. (Мавлонои Балхӣ)*

*Мутриб аз мастабаи дурдкашон,*
*Доданд аз манзили мақсуд нишон. (Ҷомӣ)*

*Шоирӣ ҳам ба масал деҳқонист,*
*Шеър бунёди ҳама маснадҳост.*
*Шеър тухмест, ки сабзад дар дил,*
*Шеър меҳроби ҳама миллатҳост. (Лоиқ Шералӣ)*

Ҳадиси пайғамбар аст: «Инна минаш-шеъри ла ҳикматан», баъзе ашъор ҳам ҳикмат аст. Мақсади асосии шеъргӯии ин авлиё, сӯфиён, шайхон тамоми мақсади сӯфияро ба роҳи суханони мавзун санҷида, баркашида, нозуку пурмазмуну бо мантиқ таълим бидиҳанд. Ин гуна ашъорро дар адабиётшиносии мо шеъри таълимӣ гуфтаанд. Ва онҳо ҳеҷ вақт даъвои шоирӣ, яъне ба мақсади амирону ашрофонро мадҳу санною латифагӯӣ накардаанд:

*Сухани шоирон ҳама ғамз аст,*
*Нуктаи анбиё ҳама рамз аст…*

*Байти ман байт нест, иқлим аст,*
*Ҳазли ман ҳазл нест, таълим аст. (Ҳаким Саноӣ)*

*З-ин накӯтар сухан нагӯяд кас,*
*То ба ҳашр ин сухан ҷаҳонро бас.*
*Он ки бошад суханшиносу ҳаким,*
*Ҳамчу Қуръон варо кунад таъзим. (Ҳаким Саноӣ)*

*Мар маро бар роҳи пайғамбар шинос,*
*Шоирам нашнос, агарчӣ шоирам.*

*Ман чун забон ба қавл бигардонам,*
*Андар сухан падид шавад ҷоне. (Носири Хусрав)*

*Ту махонаш шеър, агар хонандаӣ,*
*Раҳ ба маънӣ бар, агар донандаӣ.*

*Гар тафовут бошад, андак нақлро,*
*Кач̣ наояд марди соҳибақлро. (Шайх Аттор)*

*Шоирӣ ҷузъест аз пайғамбарӣ,*
*Ҷоҳилонаш куфр хонанд аз харӣ. (Аттор)*

*Мо зи Қуръон баргузида, мағзро,*
*Пӯстро назди хасон андохтем. (Шамси Табрезӣ)*

*Шеър чӣ бошад бари ман, то ки аз он лоф занам,*
*Ҳаст маро фанни дигар, ғайри фунуни шуаро. (Румӣ)*

*«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ,*
*Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ. (Ҷомӣ)*

*Шеърам чу об дар ҳама олам равон, хуш аст,*
*В-аз Порс меравад ба Хуросон сафинае. (Саъдӣ)*

*Забонамро ба зикри худ кушодӣ,*
*Диламро завқи ёди хеш додӣ, (Саъдӣ)*

*Аз Саъдии машҳурсухан шеъри равон ҷӯй,*
*К-ӯ Каъбаи фазл асту дилаш чашмаи Замзам.*
*(Ардашери Бобакон)*

*Шеър назми баланди Фирдавсист,*
*Рост гӯӣ, таронаи Қудсист.*
*(Муҳаммад Ҳусейни Шаҳриёр)*

Шеър ва сухани пурмазмун ба ташбеҳ чун дурест, ки онро шоирон аз умқи баҳри бекарони маънӣ бурун меоранд. То он ки мисрае, байте, ғазале рӯи коғаз биояд, оламро хаёлан тай мезананд ва лаҳзаҳои ҳассосу хотирмон ва пандомӯзу ибратбахш пеши рӯ оварда бо сухани зебову калимоти дилкаш ба риштаи тасвир мекашад. Ҳамин ҳолату руҳияи шоир, ки тасвир лаҳзае аз рӯзгори мост, хонандаро мутаасир месозад.

*Шеър донӣ чист? Марвориде аз дарёи ақл,*
*Шоир он афсунгаре, к-ин турфа марворид суфт…*

*Шеър он бошад, ки хезад аз дилу ҷӯшад, зи лаб,*
*Боз дар дилҳо нишинад ҳар куҷо гуше шунуфт.*
*(Маликушшуаро Баҳор)*

*Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,*
*Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор. (Фирдавсӣ)*

*Даме бо шоирон бо шеъри рангин,*
*Сухан мегуфту мегардид гулчин. (Ҳозиқ)*

*Ман навиштам, сарф кардам рӯзгор,*
*Ман намонам, хат бимонад ёдгор.*
*Ҳар, кӣ хонад нусхаи хатти маро,*
*Ёд орад дар дуъои худ маро.*
*(Муҳаммад Юсуф, устоди хати настаълиқ, асри XVIII)*

*Навиштам ман дар ин девори хона,*
*Бимонад аз мани мискин нишона.*
*Агар гӯянд, ки ин мискин куҷо рафт,*
*Бигӯ бигрехт аз дасти замона. (Халқ)*

Шеъру рақсу мусиқӣ – ҳар се ба якдигар омехтаанд, васли якдигаранд, сирре нуҳуфта!

*Асрори ҷаҳон, чунонки дар дафтари мост,*
*Гуфтан натавон, ки он ваболи сари мост.*

*Чун нест дар ин мардуми нодон аҳде,*
*Натвон гуфтан ҳар он чӣ дар хотири мост.*
*(Умари Хайём)*

*Сирри ман аз нолаи ман дур нест,*
*Лек касро диди ҷон дастур нест.*
*Сир пинҳон аст андар зеру бам,*
*Фош агар гӯям, ҷаҳон барҳам занам. («Маснавӣ»)*

*Ҳарчанд шавад дилат зи хомӯшӣ хун,*
*Зинҳор magӯ ба ҳеҷ кас рози дарун.*

*Онро, ки бувад мағзи хирад, хомӯш аст,*
*Аз косаи сар наёяд овоз бурун. (Ғании Кашмирӣ)*

*Палангону шерони омӯхта,*
*Ба занҷири заррин даҳон дӯхта. (Фирдавсӣ)*

*Ҳар киро асрори ҳақ омӯхтанд,*
*Мӯҳр карданду даҳонаш дӯхтанд. (Румӣ)*

*Гуфт он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд,*
*Ҷурмаш он буд, ки асрор ҳувайдо мекард. (Хоҷа Ҳофиз)*

*Сайр кардӣ нӯҳ фалак дар дам,*
*Ҳар чӣ будӣ ба арсаи олам.*
*На каромат ба кас аён кардӣ,*
*В-аз ҳама халқ рӯ ниҳон кардӣ.*
*Шабу рӯзаш ба худ ҳузур будӣ,*
*Пой то фарқ маҳзи нур будӣ. (Муаллифи номаълум)*



«Мусиқидон бояд адабиёт шинос ва шоир бояд мусиқидон бошад.»

*Овози рубоби мо барояд,*
*Булбул ба чаман ба мо сарояд.*
*Шоир, навозанда, сароянда. Сайдали Вализода*

# *БОБИ ЧОРУМ*



# ИНСОН – ТОҶ-УЛ-МАХЛУҚОТ ДАР КАЙҲОН

*Подшоҳии худ куҷо донӣ?*
*Нақши берунӣ дар куҷо хонӣ?*
*Ҳарду олам даруни синаи туст,*
*Осмону замин хазинаи туст. (Ҳаким Саноӣ)*

## «ДАР ВАСФИ ИНСОН»

Ҳаким Умари Хаём, Ҳаким Саноӣ, Мавлоно Румӣ, Мавлоно Биноӣ, Ҳаким Носири Хисрав ва дигарон вассофи рӯзгори нодиру нотакрори одамӣ буда, ӯро аз байтушшарафи ҳастӣ ҷой медиҳанд:



Умари Хаём офариниши инсонро чунин васф кардааст:

*Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,*
*Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем.*
*Ин доираи ҷаҳон чу ангуштарӣ аст,*
*Бе ҳеҷ шакке нақши нигинаш моем.*

Ва дар рубоии дигар:

*Нақшест, ки бар вуҷуди мо рехтаӣ,*
*Сад булъаҷабӣ зи мо барангехтаӣ.*
*Ман з-он беҳ аз ин наметавонам будан,*
*К-аз буда маро бад-ин сифат рехтаӣ.*

Манучеҳрӣ ҳам басе зебо гуфтааст:

*Ҳам гавҳари тан дорӣ, ҳам гавҳари нисбат,*
*Мушк аст дар он ҷо ки бувад оҳуи тотор.*
*Ёқут набошад аҷаб аз маъдани ёқут,*
*Гулбарг набошад аҷаб андар маҳи озор*[1].

Ҳаким Саноӣ бошад, мақсуд аз хилқати инсонро чунин баён кардааст:

*Дарнигар, то кӣ офарид туро,*
*Аз барои чӣ баргузид туро!*
*Хок будӣ – туро мукаррам кард,*
*З-он пасат ҷилваи ду олам кард.*
*Аз ҳама меҳтар офарид туро,*
*Ҳар чӣ ҳаст, аз ҳама гузид туро.*
*Дар назар аз ҳама латифтарӣ,*
*Ба сифат аз ҳама шарифтарӣ.*
*Хубтар аз ту нақшбанди азал,*
*Ҳеҷ нақше набаст дар аввал.*
*Қудраташ беҳтарин сифат ба ту дод,*
*Шарафи нури маърифат ба ту дод.*
*Гавҳари мардумӣ шиори ту кард,*
*Караму лутфи худ нисори ту кард.*
*Ботинатро ба лутфи худ парвард,*
*Зоҳират қиблаи малоик кард.*
*...Торуми осмону рӯи замин,*
*Аз барои ту сохтаст чунин.*
*Фарши ғабро барои ту густард,*
*Чархи фирӯза соябони ту кард.*
*Офариниш ҳама ғуломи туанд,*
*Аз пайи қуввати қавоми туанд,*
*Ҳикмату фитнату қиёсату илм,*
*Ҳиммату сирату мурувату ҳилм.*

---

[1] Маҳи баҳор.

*Дар вуҷуди ту ҷумла мавҷуд аст,*
*В-ин ҳама лутфу ҷуд маъбуд аст.*
*Сифати ту ба қадри он ки тӯӣ,*
*Натавон гуфт ончунон ки тӯӣ.*

Осори Мавлонои Рум саросар аз худшиносии инсон иборат аст:

*Ту зи «каррамно» бани Одам шаҳӣ.*
*Ҳам ба дарё: ҳам ба хушкӣ по ниҳӣ.*
*Ки «Ҳамалноҳум ало баҳрӣ» ба ҷон,*
*Аз «Ҳамалноҳум алабар» пеш рон.*
*Мар малоикро суи баҳр роҳ нест,*
*Ҷинси ҳайвон ҳам зи баҳр огоҳ нест.*
*Ту ба тан ҳайвон, ба ҷонӣ аз малак,*
*Ту равӣ ҳам бар замин, ҳам бар фалак.*

*Дар ҷони ту ҷонест биҷӯ он ҷонро,*
*Дар куҳи танат дуррест биҷӯ он конро.*
*Суфии раванда гар ту он меҷуйи,*
*Берун ту маҷӯ зи худ биҷӯ ту онро.*

Мавлоно Биноӣ ҳам чунин абёти дилнишин доранд:

*Эй зи меҳрат баландтар поя!*
*Чанд бошӣ фитода дар соя?*
*Ту зи худ ғофилӣ, ки асли ту кист,*
*Ҷинси ту аз куҷову фазли ту чист.*
*Молики мулкро халифа туӣ,*
*Қитъаи кавнро латифа туӣ.*
*Орифи моякуни покон – ту,*
*Поктар аз тамоми покон – ту.*
*Зоҳиран олами сағирӣ ту,*
*Ботинан олами кабирӣ ту*
*Софдил ҳамчун оби ҳайвонӣ,*
*Оби ҳайвон туӣ, агар донӣ,*
*Маркази доироти соира – ту,*
*Нуқтаи иттисоли доира – ту.*
*Дар ҳақиқат тӯӣ ҳақиқату бас,*
*Дар ҳақиқат намерасад ба ту кас…*
*Ҳам ба сурат туӣ тилисмнамой,*
*Ҳам ба маънӣ туӣ тилисмкушой.*

*Аз ҳақоиқ, чи ҷавҳару чи араз,*
*Нест арзи ҳақиқати ту ғараз.*
*Дар ҳақиқат азимшонӣ ту,*
*Ки ба шаъни дигар намонӣ ту…*
*Ҳам ҳалиф ҳам халифазода туӣ,*
*Ҳар чӣ гӯям, аз он зиёда туӣ…*
*Маъданӣ баҳрӣ зебу зинати туст,*
*В-аз пайи хӯрданат наботат руст…*
*Гар туюранд, сайди тири туанд,*
*В-ар вуҳушанд қайди тири туанд.*
*Ҷоми ишқу ақл ғайри ту нест,*
*Ҳеҷ соир ҳарифи сайри ту нест.*
*Туӣ авроқи ақлро хоно,*
*Туӣ асрори ишқро доно.*
*Васфи зоти ту аз ҳад афзун аст,*
*З-инҳисори адод берун аст.*
*Ман надонам, ки аз ту беҳтар чист,*
*В-андар ин арса аз ту меҳтар кист…*
*Эй ба садри фалак фиканда асос!*
*Садри худ бину қадри худ бишнос…*

Ҳаким Носири Хусрав бошад ишора ба «рӯҳи инсонӣ»-ро дар «Рӯшноинома»-аш бо як шакли зеботарину дилнишин чунин баён кардааст:

*Чу худро менадонӣ кистӣ ту,*
*Бигӯ, то дар ҷаҳон бар чистӣ ту?*
*Туӣ ё ӯ, бигӯ охир, чӣ номӣ,*
*Танӣ ё ҷон, бигӯ охир, кадомӣ?*
*Ту ин ришу сару сиблат, ки бинӣ,*
*Ту пиндорӣ туӣ, не, не, на инӣ!*
*Тилисми банду зиндонӣ ту аст ин,*
*Бирав, чашми хирад бикшою худ бин.*
*Ту сурат нестӣ, маънӣ талаб кун,*
*Назар дар ҷисму ҷони булаҷаб кун.*
*Зиҳӣ нодон, ки худро ҷисм хонӣ,*
*Раҳо кун ин сухан, зеро ки ҷонӣ!*
*Туӣ ҷони сухангӯи ҳақиқӣ,*
*Ки бо Рӯҳулқудус доим рафиқӣ…*
*Сифатҳоят сифатҳои худоист,*
*Туро ин рӯшанӣ з-он рӯшаноист…*

*Агар даъво кунам ҳаққо ки ҷоест,*
*Ба маънӣ Носири Хусрав худоест...*

* * *

*Заррае гар дарди ирфон бошадат,*
*Ин суханҳо хуштар аз ҷон бошадат.*
*Гавҳари уммони дард аст ин сухан,*
*Раҳбари мардони мард аст ин сухан. (Қосими Анвор)*

«Парвардигорат ба фариштагон гуфт: «Ман башареро аз гил меофаринам. Чун тамомаш кардам ва дар он аз Рӯҳи худ дамидам, ҳама саҷдааш кунед!» (Сураи Сод, ояти 71-72.)

Дар сураи «Саҷда» ояти 9 чунин омадааст: «Он гоҳ болои ӯ рост кард ва аз Рӯҳи худ дар он бидамид ва бароятон гӯшу чашмҳо ва дилҳо офарид». Дар ояти 8 бошад «сипас насли ӯро аз усораи (шираи) оби бемиқдоре падид овард».

Шуарои мутасаввиф дар ғазалҳояшон мазмуни оятҳои Қуръонро ба тавҷеҳ ва завқу фаҳми худ қабул карда ба либоси шеър медароварданд. Бобо Тоҳири Кухӣ қиссаи офариниши одамро, ки даромадани рӯҳ ба колбуди одам аст бо ин байтҳо баён намудааст (Сураи Ҳиҷр, ояти 29):

*Ҳақ дамид андар дами одам нафас,*
*З-ин ҷиҳат одам ба Ҳақ шуд ҳамнафас.*
*Аз малоик сирри одамро нуҳуфт,*
*Кай занад Ҳақ пеши номаҳрам нафас.*

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бошад ин маъниро чунин ба қалам додааст:

*Эй дӯст, туро ба ҳар макон меҷустам,*
*Ҳар дам хабарат аз ину он меҷустам.*
*Дидам ба ту хешро, ту худ ман будӣ,*
*Хиҷлатзадаам к-аз ту нишон меҷустам.*

* * *

*Он ҷони ҷаҳон, ки зоти ҷононаи мост,*
*Оташзадаи сӯхта кошонаи мост.*
*Андар талабаш гирди ҷаҳон гардидам,*
*Охир дидам, ки ёр дар хонаи мост. (Хайём)*

*Эй дар даруни ҷонаму ҷон аз ту бехабар,*
*В-аз ту ҷаҳон пур асту ҷаҳон аз ту бехабар.*
*(Шайх Аттор)*
*Ин сухан шир аст дар пистони ҷон,*
*Бе кашанда хуш намегардад равон. («Маснавӣ»)*

Инъикоси мавзӯи даромадани рӯҳ ба тани одам дар эҷодиёти суханварони гузашта хеле доманадор мебошад. Махсусан, тавассути мусиқӣ ворид гардидани рӯҳро суханварон хеле зиёд қаламдод кардаанд, ки ин аз муносибати наздики калому савт шаҳодат медиҳад.

*Муғаннӣ, бисоз аз дами ҷонфизой,*
*Калиде, ки шуд ганҷи гавҳаркушой.*
*Бар ин дар магар чун калид оварӣ,*
*Аз ӯ ганҷи гавҳар падид оварӣ. (Низомӣ)*

*Нӯҳ туӣ, рӯҳ тӯӣ, фотеҳу мафтӯҳ туӣ,*
*Синаи машрӯҳ туӣ, бар дари асрор маро.*
*Нур туӣ, сур туӣ, давлати Мансур туӣ,*
*Мурғи куҳи Тур туӣ, хаста ба минқор маро. (Румӣ)*

*Най ҳарифи ҳар кӣ аз ёре бурид,*
*Пардаҳояш пардаҳои мо дарид.*
*Най ҳадиси роҳи пурхун мекунад,*
*Қиссаҳои ишқи Маҷнун мекунад.*
*Пас, ғизои ошиқон омад самоъ,*
*Ёд орад аз замони иштимоъ. (Мавлавӣ)*

*Ончунонаш шаҳр кун андар калом,*
*Ки аз он баҳра биёбад ақли ом.*
*Нотиқи комил чу хонбошӣ бувад*
*Хон-ш пур ҳар гунаи оше бувад,*
*Ки намонад ҳеҷ меҳмон бенаво,*
*Ҳар касе ёбад ғизои худ ҷудо.*
*Ҳамчу Қуръон, ки ба маънӣ ҳафт туст*
*Хосрову омро матъам дар ӯст. (Румӣ)*

Рӯҳи одамӣ бо чор ҳамноҷинс (модда) дар як қафаси тан зиндонӣ шуд. Ин чор ҳамноҷинс хоку обу боду оташ аст ва ҳар

кадом мехоҳад ба асли худ баргардад ва рӯҳ (ҷон) ҳам мехоҳад бар олами асли худ, ки рӯҳи кулл аст, боз гардад.

*Муғаннӣ, ту имшаб бар овози чанг,*
*Халосам деҳ аз ранҷи ин роҳи танг.*
*Магар чун шавад роҳ бар ман фарох,*
*Барам рахт берун аз ин санглох.*

*Муғаннӣ, раҳи ромиши ҷон бисоз,*
*Навозиш кунам з-он раҳи дилнавоз.*
*Чунон зан наво аз яке то ба сад,*
*Ки дар базми Хусрав задӣ Борбад. (Низомӣ)*

Дар ин замина чор (ҳамноҷинс) ин нобиғони фасеҳу балиғ хеле олӣ гуфтаанд.

Ҳаким Умари Хаём чунин васф карданд:

*Аз оташу боду обу хокем ҳама,*
*Дар олами кавн дар ҳалокем ҳама.*
*То тан бо мост, дар мағокем ҳама,*
*Чун тан биравад, равони покем ҳама.*

Аҳмади Ҷомӣ бошад бисёр ҳам рангину дилошӯб баён кардааст:

*Не зи хоку зи боду не з-оташ,*
*То бидонӣ, на ину не онем.*
*Маҳрами сирри ломаъолоем,*
*Олами нуктаи Худо донем.*
*Подшоҳем мо ба мулки фақр,*
*Гарчи мо аз азал ба зиндонем.*
*Юсуфи мулки Мисри лоҳутем,*
*Баҳри нон омада ба Қанъонем.*
*Мурғаконем аз нишемани қудс,*
*Ки дар ин доми даҳр меҳмонем.*

Мавлоло Ҷалолиддини Румӣ чунин фармудааст:

*З-ин бадан андар азобӣ, эй башар,*
*Мурғи рӯҳат баста бо ҷинсе дигар.*

*Рӯҳ боз асту табоеъ зоғҳо,*
*Дорад аз зоғону ҷуғдон доғҳо.*
*Ҳар касе, ки дур мон аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгор васли хеш.*

Ва дар абёти дигар чунин овардааст:

*Рӯзҳо фикри ман ин асту ҳама шаб суханам,*
*Ки чаро ғофил аз аҳволи дили хештанам.*
*Зи куҷо омадаам, омаданам баҳри чӣ буд,*
*Ба куҷо меравам, охир на намои ватанам.*
*Мурғи боғи малакутам, наям аз олами хок,*
*Чанд рӯза қафасе сохтаанд аз баданам.*
*Ман ба худ н-омадам ин ҷо, ки ба худ бозравам,*
*Он ки овард маро, боз барад то ватанам. (Румӣ)*

Ҳазрати Хоҷа Ҳофиз чунин баён кардааст:

*Чунин қафас на сазои чу ман хушалҳонест,*
*Равам ба равзаи ризвон, ки мурғи он чаманам.*

Мавлоно Ҷомӣ ҳам чунин васф кардаанд:

*Дило, то кай дар ин кохи маҷозӣ,*
*Кунӣ монанди тифлон хокбозӣ?*
*Туӣ он дастпарвар мурғи густох,*
*Ки будат ошён берун аз ин кох.*
*Чаро з-он ошён бегона гаштӣ?*
*Чу дунон мурғи ин вайрона гаштӣ.*
*Халилосо дам аз мулки яқин зан,*
*Навои лоуҳиб-ул-офилин зан.*

Низомӣ дар рӯзҳои охири умраш мутрибҳоро мегуфт:

*Муғаннӣ, раҳи ромиш овар падид,*
*Ки ғам шуд ба поёну шодӣ расид.*
*Раванда раҳе зан,ки бар рӯди соз,*
*Чу умри шаҳ он роҳ бошад дароз.*

## «НОЛАИ НАЙ»



Ин бузургони Худо нолаи найю чанг ва садои дутору уд, рубобу таблу дигару дигарро ба монанди нола ва фиғони инсони дардманду ғарибу ҷудо аз ватануфтода медонистанд.

*Раги соз яксар забони дил аст,*
*Дафу чангу най тарҷумони дил аст. (Бедил)*

Най:

*Аввал ӯ устухони одам буд,*
*Нолаи ӯ аз ин сабаб гиpocт.*
*Ки ба сӯзонию таболудӣ,*
*Нолаи устухони одамҳост. (Лоиқ)*

Чи гунае, ки инсон дар ин дунё ғарибу мусофир аст ана ҳамин тавр наю тору дафу рубобу дигару дигар ҳам дар ин дунё мусо-

фиру ғарибанд, ки аз найистон бурида шуда ва аз ёрони худ ҷудо мондаанд. Ин бузургон ин нолаю фиғонро бо ҳастии вуҷудашон ҳис мекарданд:

*Даф имрӯз оинаи розҳост,*
*Гиребондарӣ барқи овозҳост. (Бедил)*

*Дилбари чангӣ, зи сози дилбарӣ оҳанг сохт,*
*Риштаи ҷони ман аз ҳам канду тори чанг сохт.*
*(Восифӣ)*

*Дарди дилро агар намебинӣ,*
*Бишнав аз чанг нолаву зорӣ.*
*Нолаи ною чанг ҳамдил ҳаст,*
*Ҳоли дилро ту бин, ки дил дорӣ.*
*Даст бар ҳарфи бедиле чӣ ниҳӣ,*
*Ҳарфро дар миён чӣ меорӣ?!*
*( «Девони Кабир»)*

Урафо баҳси бисёр ширине доранд мансуб ба ғурбати инсон. Ва ин ғурбатро чунин васф кардаанд:

*Майлам ба шароби ноб бошад доим,*
*Гӯшам ба наю рубоб бошад доим.*
*Гар хоки маро кӯзагарон кӯза кунанд,*
*Он кӯза пур аз шароб бошад доим. (Умари Хайём)*

*Аллаҳ, Аллаҳ, чунки ориф гуфт май,*
*Пеши ориф кай бувад маълум шай.*
*Фаҳми ту чун бодаи шайтон бувад,*
*Кай туро фаҳми майи Раҳмон бувад. (Румӣ)*

*Нолаи най зи дард холӣ нест,*
*Шавқаш аз рӯи зард холӣ нест. (Ҳаким Саноӣ)*



*Рубобу чанг ба бонги баланд мегӯяд,*
*Ки гӯшу ҳуш ба пайғоми аҳли роз кунед! (Хоҷа Ҳофиз)*

*Най ҳоли дилам ягон-ягон мегӯяд,*
*В-он роз, ки доштам, ниҳон мегӯяд.*
*Розе, ки ба сад забон баён натвон кард,*
*Аз най бишунав, ки бе забон мегӯяд. (Ҳумоми Табрезӣ)*

*Навои най навиди васл дода,*
*Ба ҷон аз вай умеди васл зода.*

*Чист медонӣ садои чангу уд,*
*Анта ҳасбӣ, анта раббӣ, ё вадуд. (Аҳмади Дониш)*

Дар ин замина Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ хеле барҷаста гуфтаанд. Аслан дебочаи «Маснавӣ» бо нолаи ғурбати инсон, ки бо «Ҳикояти най» оғоз мешавад, сахт бо мусиқӣ пайвандӣ дорад ва бо як шӯру завқу ҳаяҷон суруда шудааст. Ҳамин аст, ки он бо овози ҳунарманди машҳур – устод Маҳваш чунон муассиру дилпазир садо медиҳад, ки гӯё қиёмат барпо мекунад. Камтар шеъре метавонад чунин сеҳрангезу мӯъҷизаосо садо бидиҳад.

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*
*Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*
*К-аз найистон то маро бибридаанд,*
*Аз нафирам марду зан нолидаанд.*
*Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,*
*То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ,*
*Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Бозҷӯяд рӯзгори васли хеш.*
*Ман ба ҳар ҷамъияте нолон шудам,*
*Ҷуфти хушҳолону бадҳолон шудам.*
*Оташ аст ин бонги ною нест бод,*
*Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод.*

Чӣ тамсили олиест, ин нолаи най, ин нолае, ки ба қавли ӯ шӯр дар ҳама ҷаҳон фиканда ва ҳамаро ба табъи ҳаракат ва тарабу ҳаяҷон меоварад. Нолаи чист? Нолаи ғурбат аст, нолаи шавқ аст, нолаи ҳиҷрон аст, нолаи майл ба бозгашт аст.

Нолаи найи Мавлоно Румӣ – руҷӯъ кардан бо инқилоб аз олами ҷамодию наботӣ ва ҳайвонӣ ба олами (ҷаннӣ) башарӣ аст. Ва дар сур дамидани Исрофил[1] ба амри Ҳақ – руҷӯъ кардан бо инқилоб аз олами башарию малакӣ ба олами адам аст:

[1] Қуръон сураи «Ёсин», ояти 51

*Омадаем аз ғайб аввал дар ҷаҳон,*
*Ҳам бад-ӯ дармеравем аз инқилоб. (Шамси Табрезӣ)*

*Боз сӯи ҳақтаоло меравам,*
*Боз сӯи лову илло меравам.*
*Пар шикаста ин души мо ба ишқ,*
*Боз сӯи зоти якто меравам.*
*Нест мавҷуде ба ҷуз зоти худой,*
*З-он ба сӯи раббиилло меравам. (Аҳмадӣ Ҷомӣ)*

*Он савт ки хастаро даво мебахшад,*
*Бо аҳли яқин сӯзи Худо мебахшад.*
*Оҳанги ҳаётбахши ӯ ҳамчу Масеҳ*
*Бо аҳли фано шавқу сафо мебахшад.*
*(Дарвешалии Чангӣ)*

*Созад Исрофил рӯзе ноларо,*
*Ҷон диҳад пӯсидаи садсоларо*[1] *(Маснавӣ)*

*Шағабҳои шайпур аз оҳанги тез,*
*Чу сури Сирофил дар растахез. (Низомӣ)*

*Бо ҳашр занем шӯри дигар,*
*Бо сур дамем сури дигар. (Шоҳин)*

*Ба оҷизнавоӣ зи най кам наем,*
*Наво муфти шавқ аст, мо ҳам наем.*
*Бинозам ба ин пайкари нағмаҷон,*
*К-аз ӯ нағма мағзест дар устухон.*
*Ҳумое, ки сайди ҷаҳон кардааст,*
*Дар ин устухон ошён кардааст. (Бедил)*

Ин дебочаи «Маснавӣ» шоҳкориест, аммо агар инсон румузи ирфониро бидонад. Танҳо инсон ба воситаи тафаккури баланди ирфонӣ метавонад риштапайванди ин муамморо дарёбад.

*Ту нақши нақшбандонро чӣ донӣ?*
*Ту шакли пайкари ҷонро чӣ донӣ?*

---

[1] Қуръон сураи «Ёсин», ояти 51.

*Ту худ менашнавӣ, бонги дуҳулро,*
*Рамузи сирри пинҳонро чӣ донӣ?*
*Ҳанӯз аз кофи куфрат худ хабар нест,*
*Ҳақоиқҳои имонро чӣ донӣ?*
*Ҳанӯзат хор дар пой аст, биншин,*
*Ту сарсабзии бустонро чӣ донӣ?*
*Ту номе кардаӣ инрову онро,*
*Аз ин нагзаштаӣ онро чӣ донӣ?*
*Чӣ суратҳост мар бесуратонро,*
*Ту суратҳои эшонро чӣ донӣ?*
*Занах кам зан, ки андар чоҳи нафсӣ,*
*Ту он чоҳи занахдонро чӣ донӣ?*
*Дарахти сабз донад қадри борон,*
*Ту хушкӣ, қадри боронро чӣ донӣ?*
*Сияҳкорӣ макун бо боз чун зоғ,*
*Ту бозӣ, чатри султонро чӣ донӣ?*
*Сулаймонӣ накардӣ дар раҳи ишқ,*
*Забони ҷумла мурғонро чӣ донӣ?*
*Нигаҳбонест ҳозир бар ту султон,*
*Ту ҳайвонӣ, нигаҳбонро чӣ донӣ?*
*Туро дар чарх овардаст моҳӣ,*
*Ту моҳи чархи гардонро чӣ донӣ?*
*Таҷаллӣ кард ин дам Шамси Табрез,*
*Ту девӣ, нури Раҳмонро чӣ донӣ? (Мавлоно)*

*Хурӯши рубобу ҳавоҳои ной,*
*Раҳи чангу дастони барбатсарой.*
*Ҳаме омад аз беша ҳар сӯ фароз,*
*На гӯянда пайдо, на дастоннавоз.*
*Ту гуфтӣ ҳама беша базми парист,*
*Дарахташ ба ҳар сӯ ба ромишгарист.*
*Чунон ҳар замон бонг бархостӣ,*
*Ки майхораро орзу хостӣ.*
*Дили паҳлавон хира шуд з-он хурӯш,*
*Ба ҳар гӯшае гашту бинҳод гӯш.*
*На кас диду на мурғу деву парӣ,*
*На камтар шуд он ромишгарӣ.*
*Зи маллоҳ аз он бонг пурсид боз,*
*Надонад кас ин гуфт пайдову роз.*
*Ҳамон ҷо шаби тира бар дашту роғ,*
*Яке равшанӣ дид ҳамчун чароғ. (Асадии Тӯсӣ)*

*Парда барандохт зи рози нуҳуфт,*
*В-он чӣ ниҳон дошт дар он парда гуфт.*
*(Хусрави Деҳлавӣ)*

*Натвон ба қолу қил зи-арбоби ҳол шуд,*
*Мунъим намешавад касе аз гуфтугӯи ганҷ. (Соиб)*

*Мансубакушои арсаи роз,*
*Маҳҷубанишини пардаи роз.*

*Дӯстони Худо Худо набошанд,*
*Лекин зи Худо ҷудо набошанд.*
*Ин тоифа теғи обдоранд,*
*Ҷон аз тани беадаб бароранд. (Румӣ)*

*Рози даруни парда зи риндони маст пурс,*
*К-ин ҳол нест зоҳиди олимақомро. (Ҳофиз)*

*Ҳақро машумар ҷудо аз олам, зеро-к,*
*Олам ҳама дар Ҳақ асту Ҳақ дар олам. (Ҷомӣ)*

*Ҷомӣ даруни хирқаи худ ёфт дӯстро,*
*З-он рӯ кашид пой ба домону сар ба ҷайб.*

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ПАЙДОИШИ СИЛСИЛАИМАВҶУДОТ:

Мувофиқи таълимоти аҳли тасаввуф, дар бораи ҳастӣ, яъне силсилаи мавҷудот пеш аз ҳама воҷиб – ул-вучуд, баъд аз он ақли кулл, баъд аз он нафси кулл, баъд аз он олами аркон(чаҳор унсур: хок, бод, оташ, об), пас аз он олами набот (растанӣ), баъди он олами ҳайвонӣ ва пас аз он олами инсоният, ё худ ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омадааст[1].

*Аввал ӯ буду коинот набуд,*
*Ёфт з-ӯ ҷумла коинот вуҷуд.*
*Охир ӯ монаду намонад кас,*
*Кунҳи ӯро ҳаме надонад кас.*

[1] «Офтоби маърифат» саҳ 19.

*Аз ҳама дар сифоту зот ҷудо,*
*Лайса шайъин ка-мислиҳу абадо. (Ҷомӣ)*

*Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон-ҷумла бадан,*
*Аҷноси малоика-ҳавоси ин тан,*
*Аҷрому аносиру маволид-аъзо,*
*Тавҳид ҳамин асту дигарҳо-ҳама фан. (Сино)*

*Дар кавну макон нест аён ҷуз як нур,*
*Зоҳир шуда он нур ба анвори зуҳур.*
*Ҳақ нуру танаввуи зуҳураш олам,*
*Тавҳид ҳамин аст, дигар ваҳму ғурур.*

## «ЛО МАВҶУДА ИЛЛОҲУ»
## (Нест мавҷуде ба ҷуз зоти Худой)

Худованд вуҷудест, аз ҳар назар бепоёну комил ва ҳеҷ гуна эҳтиёҷу ниёзе дар зоти лоязолаш нест. Фахриддини Гургонӣ дар васфи Худованд мегӯяд:

*На битавонад мар-Ӯро чашм дидан,*
*Ба андеша дар Ӯ натвон расидан.*
*Нашояд васфи Ӯ гуфтан, ки чун аст,*
*Ки аз ташбеҳу аз васф Ӯ бурун аст.*

Дар ҷои дигар мегӯяд:

*Чу ин нома бихонӣ, эй сухандон,*
*Гуноҳи ман бихоҳ аз пок Яздон.*
*Бигӯ: Ё раб, биёмурз ин ҷавонро,*
*Ки гуфтаст ин нигорин достонро.*

Фаридуддини Аттор дар достони «Асрорнома»-и хеш пайдоиши силсилаи мавҷудот ва ҳастии иҷтимоии олами инсонро чунин тасвир кардааст.

*Маодин мағзи аркон аст, лекин,*
*Набот аст, он гаҳе мағзи маодин.*
*В-аз ӯ мағзи набот афтода ҳайвон,*
*В-аз он пас мағзи ҳайвон гашт инсон.*

*Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,*
*Одамӣ ҳам пеш аз он, к-одам шавад бӯзина буд. (Бедил)*

Ҷалолуддини Рӯмӣ бошад, дар бораи ин назария чунин ибрози ақида кардааст..

*Омада аввал ба иқлими чамод,*
*Аз ҷамодӣ дар наботӣ уфтод.*
*Солҳо андар наботӣ умр кард,*
*Аз ҷамодӣ ёд н-овард аз набард.*
*В-аз наботӣ чун ба ҳайвон уфтод,*
*Н-омадаш ҳоли наботӣ ҳеҷ ёд.*
*Боз ҳайвонӣ суи инсонияш,*
*Мекашад он холиқе, ки донияш.*

*Замонро[1] аввалин батн ин замӣ[2] буд,*
*Ҷаҳонро охирин батн одамӣ буд. (Низомӣ)*

Корҳои Парвардигор, ҳикматҳоест ва чизе беҳуда барқарор надоштааст.

*Ман накардам халқ то суде кунам,*
*Балки то бар бандагон ҷуде кунам. (Румӣ)*

*«Ва мо осмону замин ва он чӣ миёни он ду аст,*
*беҳуда наофаридаем». (Сураи «Сод», ояи 27.)*

Пас дар офариниши инсон натиҷаву ҳадафе аст, ки ба худи инсон боз мегардад ва бо як мутолиаи дақиқ рӯшан мешавад, ки ин манзуру ҳадаф чизе ҷӯз такомул нест.

## ГУФТОР ДАР ИЗҲОРИ ФАЗИЛАТИ КАМОЛИ ИНСОНӢ

Тавзеҳи ин мутолиа дар мавҷудоти мухталифи ҷаҳон ин мавзӯъро ба мо мефаҳмонад, ки мавҷудоти ин ҷаҳон тибқи барномаи хосе ба сӯи камол ҳаракат менамояд. Яъне аз суратҳои ноқистар ба суратҳои комилтаре дармеоянд, инсон ҳам ки ҷузъе

[1] Замон – бордоршавӣ, ҳаёт, ҷон, пайдоиш.
[2] Замӣ - хок, гил.

аз ин дастгоҳ, яъне гули сари сабади мавҷудот аст таркибёфтаи ин қонун мебошад ва ӯ низ аз суратҳои ноқистар ба сӯи камолот сайр менамояд.

*Ҳарчанд масканам ба замин аст рӯзу шаб,*
*Бар чархи ҳафтӯм аст маҷоли сафар маро..*
*(Носири Хусрав)*

*Комиле гар хок гирад, зар шавад,*
*Ноқис ар зар бурд, хокистар шавад. (Румӣ)*

Худованд дар ниҳоди ӯ истеъдодҳои фаровоне қарор дода ва васоилу шароити лозим барои парвариши ин истеъдод гузоридадаст ва ҳамон тавре ки инсон бо истифода аз ин истеъдодҳо метавонад дар ҷанбаҳои моддӣ ба тараққиёти шигифтангезе ноил гардад дар ҷанбаҳои маънавии имон, ахлоқ, илм ва корҳои нек низ метавонад, тараққиёти фавқулодае бинамояд.

*Дар касби камол боядат ҷаҳд,*
*Дар беҳталабӣ ба сар барӣ аҳд.*
*Гирдоби талаб васеу давр аст,*
*Дарёи улум давру ғавр аст.*
*Қонеъ нашавӣ ба ҳар чӣ ёбӣ,*
*Аз хуб ба хубтар шитобӣ. (Ҷомӣ)*

*Илм, к-аз ту туро набистонад,*
*Ҷаҳл аз он илм беҳ бувад бисёр. (Саноӣ)*

*Эй бародар, қисса чун паймонаест,*
*Маънӣ андар вай ба сони донаест.*
*Донаи маънӣ бигирад марди ақл,*
*Нангарад паймонаро гар гашт нақл. (Румӣ)*

Бинобар ин, ҳадафи Парвардигор аз офариниши инсон сайри такомули вай мебошад ва барои ин манзур бояд худро бишносему бидонем, чӣ нерӯҳое дар ниҳоди мо нуҳуфтааст ва чӣ гуна бояд онҳоро ба кор бурд, то ба такомулу тараққиёти маънавӣ ноил гардем.

*Мӯр бошад ҳамеша дар тагу тоз,*
*Мард бошад чу боз дар парвоз. (Саноӣ)*

*Ба як ҷазба, агар ошиқ занад бол,*
*Ба он ҷо кай расад зоҳид ба сад сол.*

*(Муаллифаш номаълум)*

*Растам зи хаёли хомбозӣ*
*Бастам сари кори пухтасозӣ. (Шоҳин)*

*Зоҳидон дар ҳаваси тубову андешаи ҷаннат,*
*Ман дар он ғам, ки чӣ сон қомату рухсори ту бинам?*

*(Ҷомӣ)*

*Ҷомӣ раҳи ҳудо, ба Худо, ғайри ишқ нест,*
*Гуфтем: «вассалому ало-тобеъ-ул-ҳудо».*

*Хуршеди сипеҳри безаволӣ ишқ аст,*
*Мурғи чамани хуҷистафолӣ ишқ аст.*
*Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,*
*Ҳар гаҳ ки бимирию нанолӣ, ишқ аст. (Хайём)*

Аҳли ирфон ақидаи хешро дар хусуси маҳз шакли назарӣ иброз намудаанд. Махсусан ақидаи муштараки Аттору Румӣ роҷеъ ба ҳастӣ ҳар дуи онҳо, ҳамчун барҷастатарин намояндагони тасаввуф роҷеъ ба назарияи ваҳдати вуҷуд аст, ки ягонагии Худо, табиат ва инсонро таъкид мекунад. Тибқи ин таълимот оламу инсон бо тамоми гуногунрангии худ асос ва ҷавҳари ягона дорад ва он ҷавҳари илоҳӣ мебошад, ки дар ашёи гуногунранг ҳар дам бо ашколи мухталиф пайдо мешаванд. Вале моҳияту мағзи онро ҳамон рӯҳи илоҳӣ ташкил медиҳад. Ба қавли Аттор:

*Қудс зоҳир шуд ба як чизе қавӣ,*
*В-эй аҷаб он буд ҷони маънавӣ*

«Ҳароина, Мо одамиро офаридем ва аз васвасаҳои нафси ӯ огоҳ ҳастем, зеро аз раги гарданаш ба ӯ наздиктарем». Сураи Қоф, ояти 16.

Дар бораи пайванди ақидагии ин ду ситораи тобони осмони ирфон роҷеъ ба шинохт ҳаминро бояд таъқид кунем, ки ҳардуи онҳо дар хусуси назарияи маърифат ба мисли соири намояндагони ин таълимот ба ҳадиси қудсӣ «ман ганҷи пинҳон будам ва дӯст доштам хостам, ки дониста шавам ва офаридам халқро»[1] такя мекунад

[1] Аз китоби «Офтоби маърифат» саҳ. 22 ва «Қуръон» ва «Табиат» с. 84.

Имрӯз мехоҳад, ки пайванд ва асолати шеъру мусиқиро бо мо ошкор кунад.

*Зи раббул изза андархост Довуд,*
*Ки ҳиммат чист? К-омад халқ мавҷуд.*
*Хитоб омад, ки: То ин ганҷи пинҳон,*
*Ки ин моем бишиносанд эшон.*

*Ошиқо, рав дида аз сангу дил аз фӯлод соз,*
*К-аз сӯи дилбар баромад ишқбозӣ тоз-тоз.*
*Ишқ бозидан чунон шатранҷ бозидан бувад,*
*Ошиқо, гар дил набозӣ, даст сӯи ӯ маёз.*
*Дил ба ҷои шоҳ бошад в-ин дигар андомҳо,*
*Сохта чун лашкари шатранҷ якдигар фароз.*
*(Манучеҳрӣ)*
*Ту бо ман он замон пайвастӣ, эй ҷон,*
*Ки бар қаддам либоси худ буридӣ.*
*Аз он дам боз гаштӣ ошиқи ман,*
*Ки дар ман рӯи хуби худ бидидӣ. (Ироқӣ)*

*Гар лаззати дӯстӣ набудӣ,*
*Не мард шудӣ падиду на зан. (Румӣ)*

Ва ҳадиси дигар бад-ин мазмун: Худованд хитоб ба Муҳаммад (с) фармуд: «Агар ишқи ту намебуд нӯҳ табақаи осмон, оламу ин қадар боғу бустону чашмаҳою себаргаҳоро ва гардиши рӯзгорро халқ намекардам. Ва ҳатто Худо будани худро ҳам ошкор намекардам».[1] Олам набуду ишқ буд. Ишқ ғояти хилқат ва мадори вуҷуди одамист, чаро ки рӯҳи инсон бозгашт ва иттисол ба мабдаъ ва маншаи аслии хешро меҷӯяд, аз ин рӯ дар талаби ҳаққ ба роҳи ишқ мепӯяд.

Дар «Маснавӣ» дар мақоми Пайғамбари акрам омадааст.

*Бо Муҳаммад буд ишқи пок ҷуфт.*
*Баҳри ишқи ӯ Худо «Лавлок» гуфт.*
*Мунтаҳо дар ишқ чун ӯ буд фард,*
*Пас ҳам ӯро з-анбиё таъсис кард.*

[1] Аз китоби «Фиҳи мо фиҳӣ». Саҳ. 250 ва «Ирфони Ҳофиз». саҳ. 96-98 ва «Сафири Хуршед», саҳ.193.

Ҳаким Асадии Тӯсӣ чунин васфу баён кардааст:

*Сано бод бар ҷони Пайғамбараш,*
*Муҳаммад фиристодаву беҳтараш.*
*Ки буд бар дари дини Яздон калид,*
*Ҷаҳон яксар аз баҳри ӯ шуд падид.*
*Бад-ӯ дод Додор Пайғоми Хеш,*
*Бипайваст бо номи Ӯ номи Хеш.*

Манучеҳрӣ дар як қасидааш чунин гуфтааст:

*Ман раҳӣ*[1] *то бизиям, мадҳу санои ту кунам,*
*Шараф онро биафзояд, ки санои ту кунад.*

Аввалин шуда Худои Таъоло ба нури ҳабибаш ҳазрати Муҳаммад (с) ишқ бастааст ва ҳамин ишқ буд, ки оламро ба вуҷуд овард, на илму ақл ва бо нирӯи ишқ бозмегардад.

*Лаззати ҳастӣ намудӣ нестро,*
*Ошиқи худ карда будӣ нестро.*

*Ҷузъҳоро рӯйҳо сӯи кул аст,*
*Булбулонро ишқ бо рӯи гул аст.*
*Он чӣ аз дарё ба дарё меравад,*
*Аз ҳамон ҷо к-омад, он ҷо меравад. (Румӣ)*

*Ҳақро машумар ҷудо зи олам, зеро-к,*
*Олам ҳама дар Ҳақ асту Ҳақ дар олам. (Ҷомӣ)*

Бояд гуфт, ки пеш аз он, ки солики роҳи ҳақиқат ба шинохти Худо бирасад, аввал бояд, ки худро бишносад, зеро бе худшиносӣ худошиносӣ муҳол аст. Аҳли тасаввуф, ҳар бор дар ин бора сухан ронанд, ҳадиси дигари қудсӣ:[2]

«Ҳар ки худро шинохт Худоро мешиносад»-ро ба ёд меоранд. Равшантар баён кунем Худошиносӣ танҳо баъди худшиносӣ даст медиҳад.

---

[1] Мани мусофир.
[2] «Офтоби маърифат»., саҳ..22. ва «Тасаввуф», саҳ. 36.

Ва Ҷалолиддини Румӣ ин маъниро чунин баён мекунад:

*«Чун Худо Моро барои ин фарохт,*
*Ки ба мо битвон ҳақикатро шинохт».*

Мавлоно Ҷомӣ мефармояд:

*Хост, то бинад ба чашми мо ҷамоли хешро,*
*Лоҷарам, ҷо дар саводи дидаи мо кард ишқ.*

## ТАҚАДДУМИ ИШҚ БАР ОЛАМ

*Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,*
*Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад. (Ҳофиз)*

*Қолабу ҷонанд ба ҳам ҳусну ишқ,*
*Гавҳару конанд ба ҳам ҳусну ишқ.*
*Аз азал ин ҳар ду ба ҳам будаанд,*
*Ҷуз ба ҳам ин роҳ напаймудаанд.*
*Ҳастии мо ҳаст зи пайвандашон,*
*Нест кушоди ҳама ҷуз бандашон. (Ҷомӣ)*

*Мо адамҳоем, ҳастиҳо – намо,*
*Ту – вуҷуди мутлақу ҳастии мо.*
*Мо кӣ бошем, эй ту моро ҷони ҷон,*
*То ки мо бошем бо ту дар миён. (Румӣ)*

Ду ҳадиси набавӣ ба ин мазмун:
«Аввал чизе ки Худованд халқ фармуд, нури зоти ман буд».
«Аввал чизе ки Худованд халк фармуд ақл буд».

Лизо Мавлоно Муҳаммад (с)-ро ақли куллу ақли аввал меноманду гоҳ махзари ишқи том ва ба тамом муарифӣ мекунад.

*Он чӣ аввал шуд бурун аз ҷайби ғайб,*
*Буд нури поки ӯ бе ҳеҷ райб.*
*Баъд аз он нури мутлақ зад алам,*
*Гашт аршу курсию лавҳу қалам.*



Дар китобҳои урафо, аз ҷумла китоби «Ал-инсон-ул-комил» – асари Азизиддини Насафӣ омадааст: Ҷумлаи Коинот туфайли инсон ва ҷумлаи одамиён туфайли инсони комил ҳаст шудаанду сояи ӯянд, магар он, ки дар сайри такомулӣ бо мисоли худ бипайванданду аз соягӣ боз раҳанд».

*Зи «Аҳмад» то «Аҳад» як мим фарқ аст,*
*Ҷаҳоне андар он як мим ғарқ аст. («Гулшани роз»)*

Урафо камоли инсонро дар ин медонанд, ки инсон ба тамоми ҳақиқати вуҷудаш сайр кунад ба суи Ҳақ, то ба қавли инҳо бирасад ба Ҳақ.[1]

*Чашми сар нақши ину он бинад,*
*В-он чӣ сирр аст, чашми ҷон бинад. (Саноӣ)*

*Ба чашми ниҳонбин ниҳон бин ҷаҳонро,*
*Ки чашми аёнӣ набинад ниҳонро. (Носири Хусрав)*

* * *

*Мардум Худо шунида, валекин надидаанд,*
*Мо дидаем он, чи халоиқ шунидаанд.*
*Руи Худо ба чашми Худо бин, ки орифон,*
*Бешак Худойро ба ҳамин чашм дидаанд.*
*Ҳар сурате, ки дидаанд, маънӣ ҷамоли уст,*
*Бар мо ҳиҷоби сурату маънӣ даридаанд.*
*Олам зуҳури ҷилваи ёр асту ҷоҳилон*
*Дар ҷустуҷӯи ёр ба олам давидаанд.*
*Онон, ки орифанд ба асрори мӯсавӣ ,*
*Аз ҳар дарахт бонги «анал-ҳақ» шунидаанд.*
*Ҳақ воҳид асту ҷилваи ӯро шарик нест,*
*Дар коинот нафхаи воҳид дамидаанд,*
*Қавме, ки гуфтаанд: ҳақиқат падид нест,*
*Дар ҳайратам, ки ғайри ҳақиқат чӣ дидаанд.*
*(Фуоди Кирмонӣ. Аз китоби «Баёзи нақшбанд»)*

*Дар ҷаҳон беҳуда меҷустам туро,*
*Худ ту дар ҷони Ироқӣ будаӣ. (Ироқӣ)*

*Дар ин раҳ гар ба тарки худ бипӯӣ,*
*Бубинӣ, к-он чӣ меҷӯйӣ худ ӯӣ.*
*Ту ҷониву чунон донӣ, ки ҷисмӣ,*
*Ту дарёиву пиндорӣ, ки ҷӯӣ.*
*Тӯӣ дар ҷумла олам ошкоро,*
*Ҷаҳон оинаи тусту ту ӯӣ.*
*Намедонам чу бахри бекаронӣ,*
*Чаро пайваста дар банди сабӯӣ?*

[1] Аз китоби «Ваҳӣ ва нубуват» ва «Инсон дар Қуръон»-и Муртазо Мутаҳҳарӣ.

*Ба саҳро бингарам, саҳро ту бинам,*
*Ба дарё бингарам, дарё ту бинам.*
*Ба ҳар ҷо бингарам, кӯҳу дару дашт,*
*Нишон аз рӯи зебои ту бинам. (Ироқӣ)*

*Олам ҳама пур ҷилваи ёр аст, валекин,*
*Чашме, ки бувад қобили дидор, надорем. (Фаррухӣ)*

*Кош бинанд худобехабарон ҳусни туро,*
*То бидонанд, ки моро чӣ худое будааст! (Ҳилолӣ)*

*Ҳоҷати мутрибу май нест, ту бурқаъ бикушо,*
*Ки ба рақс оварадам оташи рӯят чу сипанд. (Ҳофиз)*

*Дар ҳақиқат дигаре нест, Худоем ҳама,*
*Лек дар фаҳмиши як нукта ҷудоем ҳама. (Шайх Баҳоӣ)*

*Сарриштаи рӯзи офариниш ,*
*Дидан натавон ба чашми биниш. (Низомӣ)*

*Кошифи сиррему кори мо ҳамин,*
*К-ин ниҳонҳоро барорем аз замин. (Румӣ)*

*Ин сухан оростан беҳосил аст,*
*Барнаёяд он чӣ дар қаъри дил аст.*
*Гарчи ман сад нукта гуфтам беҳиҷоб,*
*Нуктае дорам, ки н-ояд дар китоб.*
*Гар бигӯям мешавад печидатар,*
*Ҳарфу савт ӯро кунад пӯшидатар. (Иқбол)*

*– Ишқу ошиқӣ роҳи душвори камолоти рӯҳӣ аст;*
*– Ишқу муҳаббат аз мавзӯъҳои безаволест;*
*– Ишқ пайвастани рӯҳ бо нур аст;*
*– Ишқ оғози ҳастист.*

*З-ин сипас то ҳаме сухан ронанд,*
*Ҳукамои замона ин хонанд.*
*То бино кардаам чунин шаҳре,*
*Мисли ин кас надида дар даҳре. (Ҳаким Саноӣ)*

*Қадам фаҳмида бардор ар зи хокам,бигзарӣ рӯзе,*
*Ки ҳамрози Сулаймонам, агарчанде, ки чун мӯрам.*
*(Аҳмади Дониш)*

*Дар ҳама коре сабур в-аз ҳама айбе нафур,*
*Колбади ту зи нур, колбади мо зи лод.*
*(Манучеҳрӣ)*

*Агар ранҷи маро кӯҳ озмояд,*
*Ба ҷои об аз ӯ ҷуз хун наояд. (Фахриддини Гургонӣ)*

*Ба лутфи худ ҷафои ман биёмурз,*
*Хато кардам, хатои ман биёмурз. (Ҷомӣ)*

Ин тамсили Румиро бишнав ва аз бало маҳарос!

Нахӯдро бонуи хона дар деги хӯрок мерезад, ҷӯшиш ӯро болою поин мекунад, нахӯд ба кадбону мегӯяд: – Ту, ки маро харидаӣ, моли ту ҳастам. Дигар чаро меҷӯшониям?

Кадбону мегӯяд:

*З-он наҷӯшонам, ки макруҳи манӣ,*
*Балки то гирӣ ту завқи чошнӣ!*

То туро наҷӯшонам, маза пайдо намекунӣ ва хӯрданбоб намешавӣ!

Нахӯд гуфт: – Агар чунин аст, чӣ қадар мехоҳӣ, биҷӯшон. Кафгир ба сарам бизан, то пухта шавам ва шоистаи дастархони ту гардам!

*Ҳамчу пилам, бар сарам зан захму доғ,*
*То набинам хоби Ҳиндустону боғ.*[1]

Бояд ошиқ худро таслими Ҳақ кунад:

*Бимир эй дӯст, қабл аз марг агарчӣ зиндагӣ хоҳӣ,*
*Ки Идрис аз чунин мурдан биҳиштӣ гашт пеш аз мо.*
*(Саноӣ)*

[1] Аз китобти Ҳикоёти «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Румӣ. Аҳмад Нафисӣ.

*Ту ҳама кардӣ, намурдӣ, зиндаӣ,*
*Ҳин бимир, ар ёри ҷонбозандаӣ! (Румӣ)*

Дар таронаи гандум манзара тамоман дигар аст. Гандум ба забон омада нола мекунад. Нола мекунад аз он ки чӣ сон пастиву баландиҳои умрро паси сар карда, аз ҷавонӣ ба пирӣ мерасад. Чӣ сон азобаш доданд, ба кучҳо афтод, чӣ кард ва оқибат баъди азобҳову ҳамнафаси оташи сӯзон гаштан нон шуд ва шоистаи ҳар дастархон гашт.[1]

Инсон ҳам ба манзилаи ҳамин тамсилҳост:

**Назм**
**Гуфт гандум саргузашти худ чунин:**

*Будам аввал гандуми боғи биҳишт,*
*Руста аз обу гили анбарсиришт,*
*Ногаҳ уфтодам ба анбори ҷаҳон,*
*Борҳо дар чоҳ гардидам ниҳон.*
*Баъд аз он дар хоки зорам коштанд,*
*Бе анису мӯнисам бигзоштанд.*
*Нола мекардам, ки «Эй Парвардигор,*
*Раҳмате бифристу аз хокам барор».*
*Ҳақ ба лутфам рӯзии дигар бидод,*
*В-аз навам фирӯзии дигар бидод.*
*Саркашӣ оғоз кардам аз ғурур,*
*Дилбарӣ мекардам аз наздику дур.*
*Боди тунде бар сари сабзам вазид.*
*Шуд ҷавонӣ, навбати пирӣ расид.*
*Сар ҷудо кард аз танам деҳқон ба дос,*
*Коҳ пошидам, бипӯшидам палос.*
*Поймоли гов гаштам ногаҳон,*
*То шудам алқисса дар бори харон.*
*Гаҳ муқайяд дар буни анбон шудам,*
*Гоҳ дар ғирбол саргардон шудам,*
*Бар сарам гардид санги осиёб,*
*То баромад гардам аз ҷони хароб.*
*Муштҳо хӯрдам ба ҳангоми хамир,*
*То ниҳодам пой берун аз фатир.*

[1] Аз китоби дарсии «Забони тоҷикӣ», синфи 10, (соли 2000)

*Баъд аз он дар оташи сӯзон шудам,*
*Нон шудам, шоистаи ҳар хон шудам.*
*(Ҷамолиддин Абӯисҳоқи Шерозӣ)*

*Чанд бошам дар ҳавояш заррапаймои ҳазиз,*
*Дар қиёс ороиши тамсил истиқро кунам. (Шоҳин)*

Забони ишқ забони баёну сареҳ гуфтанӣ нест, фақат бо рамз бояд гуфта шавад. Ба қавли Мавлавӣ забони мурғон (мантиқ-ут-тайр) аст.

*Солҳо шуд роз медорам нигоҳ,*
*Деги мардон солҳо ояд ба ҷӯш. (Қосими Анвор)*

*То хун нахӯрӣ, ҷон наканӣ панҷоҳ сол,*
*Аз қол туро раҳ нанамоянд ба ҳол.*
*(Давлатшоҳи Самарқандӣ)*

*Дар кори ишқ фикри Фалотун намерасад,*
*Илм дигар, ҳисоб дигар, рой дигар аст.*
*(Неъматхони Олӣ)*

*Ҳар кӣ ӯ бедортар, пурдардтар,*
*Ҳар кӣ ӯ огоҳтар, рухзардтар. (Румӣ)*

*То намирӣ нест ҷон кандан тамом,*
*Бе камоли нардбон н-ой ба бом.*
*На чунон марге, ки дар гӯре равӣ,*
*Марги табдилӣ, ки дар нуре равӣ.*
*Баҳри ин гуфт он Расули хушпаём,*
*Рамзи муту қабла мавти ё кором.*
*Ҳамчунонки мурдаам ман қабла мавт,*
*З-он тараф овардаам ин симу савт. («Маснавӣ»)*

*Марги пеш аз марг ин аст, эй фатто (ҷавон),*
*Инчунин фармуд моро Мустафо.*
*«Гуфт: ҳамаатон бимиред, пеш аз он ки,*
*Марг наомада фитнаҳои шуморо бикушад». (Маснавӣ)*

*Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард,*
*Хуш он кас, к-ӯ ҷавонмардӣ ба ҷон кард.*
*Ба ҷон чун эҳтиёҷи ёр бишнохт,*
*Ҳаёти худ фидои ҷони ӯ сохт. (Ҷомӣ)*

## КАМОЛИДДИН БИНОӢ
## ДАР МАСЪАЛАИ ҶАВОНМАРДӢ

Инсон бояд на ба хотири манфиати шахсӣ, балки ба хотири манфиат расонидан ба дигарон зиндагӣ кунад, аз роҳати худ гузашта бошад.

Шахси карампеша дар ҳоҷатбарории мардум бояд ҳеҷ чизро, ҳатто ҳаёти худро дареғ надорад. Биноӣ вобаста ба ин масъала аз ҳикоёти ҷавонмарди Ҳотами Тай ҳикояте меорад. Мазмуни мухтасари ҳикоят ин аст:

Подшоҳе аз ҳукмронони араб аз ҷавонмардӣ, ҳоҷатбарорӣ бо муҳаббати зиёди мардум соҳиб шудани Ҳотам ба рашк омада, дар фикри нест кардани Ҳотам мешавад. Мақсади ӯ ин будааст ки пас аз нест кардани Ҳотам худаш роҳи ӯро пеш гирифта, ба некӯкорӣ шӯҳрат пайдо кунад ва муҳаббати халқро ба худ кашад. Вай арабе-ро ба пеши худ ҷеғ зада, ин хидматро ба ӯ супорид ва ба ивази қатли Ҳотам ба ӯ даҳ ҳазор дирҳам ваъда мекунад ва чунин мегӯяд:

*«Арабе ғаллабони саҳроӣ,*
*Шуда дар ҷуд Ҳотами Тоӣ.*
*Ҳар ки номаш барад, накӯ гӯяд,*
*Ҳама кас зикри хайри ӯ гӯяд.*
*Рашки ӯ оташам ба ҷон задааст,*
*Шӯъла дар ҷони нотавон задааст.*
*Теғ бардору рав ба маскани ӯ,*
*Сари ӯро ҷудо кун аз тани ӯ.*
*Гар расонӣ ба ман сари Ҳотам,*
*Диҳамат то ба даҳ ҳазор дирам».*

Араб ин хизматро қабул намуда, ба роҳ медарояд. Вақте ки ба қабилаи Той мерасад, ихтифоқан ӯ аввалин одамеро, ки дучор мешавад, Ҳотам будааст. Вай аз ӯ Ҳотамро мепурсад. Ҳотам мақсади ин арабро пай бурда, ба ӯ мегӯяд ки ман ҳозирам туро роҳбарӣ намуда ба ҳузури Ҳотам барам. Араб аз шунидани ин сухан хушҳол мешавад, ҳарду ба роҳ медароянд. Ҳангоме ки дар як гӯшаи саҳро ба ҷои хилват мерасанд, Ҳотам теғи дасти худро ба он араб дода бо одоб ба замин менишинад ва амр мекунад ки сари ӯро аз тан ҷудо карда бо худ барад ва бо мақсадаш ноил гардад:

*Ҳамраҳаш буд дар биёбоне,*
*Ки набуд он ба ҷуз ду тан ҷоне.*

*Теғи хунрези худ ба дасти араб,*
*Доду биншаст пеши ӯ ба адаб,*
*Ки «Бизан теғро ба гардани ман!*
*Сари Ҳотам ҷудо кун аз тани ман.*
*Манам он Ҳотаме, ки мегӯӣ,*
*В-ин сар аст он саре, ки меҷӯӣ.*
*Сарам афкан, ки бе сарам наравӣ,*
*То тиҳидаст аз барам наравӣ.*
*Араб аз кори худ пушаймон шуд,*
*Аз каф андохт теғу гирён шуд».*

Араб аз Ҳотам узр мехоҳад ва бо ӯ видоъ намуда, ба пеши подшоҳ равон мегардад.Подшоҳ мебинад ки араб бо дасти хушк ба пеши ӯ меояд. Баъд аз наздик шудан аз вай ҳақиқати масъаларо мепурсад. Араб сурати воқиаро, чи навъе ки рӯй дода буд, баён мекунад. Подшоҳ ба ин ҷавонмардии Ҳотам таҳсину офарин намуда, дар бораи душвории шарти ҷавонмардӣ – аҳли карам шудан чунин мегӯяд:

*Шоҳ гуфто, ки ҳаққӣ ӯст карам,*
*Ростиро, аз ӯ накӯст карам.*
*Ман тавонам, ки симу зар бахшам,*
*Кай зи даст оядам, ки сар бахшам. (Биноӣ)*

*Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард,*
*Хуш он кас, к-ӯ ҷавонмардӣ ба ҷон кард. (Ҷомӣ)*

Ба ин тариқа, шарти аввалини карам – ҷавонмардӣ аз нуқтаи назари Биноӣ дар бахшидани зар ва инъом набуда, балки дар он будааст, ки шахси ба ин сифат соҳибшаванда, дар масъалаи баровардани ҳоҷати мардум ҳаёти худро низ дареғ надорад.

*То нест нагардӣ, раҳи ҳастат надиҳанд,*
*Ин мартаба бо ҳиммати пастат надиҳанд.*
*Чун шамъ қарори сӯхтан то надиҳӣ,*
*Саррриштаи равшанӣ ба дастат надиҳанд.*

Шарти дуввуми аҳли карам шудан ин аст, ки бояд кас маҳз ба одамони мӯҳтоҷ кумак расонида дар роҳи бартараф намудани эҳтиёҷи онҳо кӯшиш намояд:

*На карам сарф кардани дирам аст,*
*Ҳар чӣ бо мустаҳиқ расад, карам аст.*

*Карам он аст, ҳар чӣ битавонӣ,*
*Мустаҳиқро диҳӣ ба осонӣ.*

Дар сураи «Зилзол» оятҳои 7-8 чунин омадааст: «Ҳар кас ба миқдори заррае некӯӣ кунад, ба яқин онро хоҳад дид ва ҳар кас ба миқдори заррае бадӣ кунад, ба яқин онро хоҳад дид».

Шарти охирини карам он аст, ки бояд кас навъе кунад ки ҳама – баду нек аз ӯ хурсанд ва розӣ бошанд.

*Ҳаббазо он ки хӯи хуш дорад,*
*На чу бадхулқ рӯ туруш дорад.*
*Карда аз зиштии мақол ҳазар,*
*Дар ҳама феъли эътидол сипар.*
*Карда аз қавлу феъли худ исқот,*
*Нуқси тафриту зиллати ифрот.*
*Бошад аз рӯи ҳикматаш ҳама кор,*
*Баста бар кори худ дари инкор.*
*Ҳама хайру салоҳ-кирдораш,*
*Ҳама сидқу савоб – гуфтораш. (Мавлоно Биноӣ)*

*Зи ту футувввату аз меҳтарон дуруду салом,*
*Зи ту мурувввату аз кеҳтарон дуову сано. (Муиззӣ)*

*Дидаи дил аз футувват равшан аст,*
*Равзаи ҷон аз футувват гулшан аст.*
*Гар бувад илми футувват бар сарат,*
*Ҳар замон бахшад сафои дигарат.*

«Бидонед, ки зиндагонии дунё ҷуз бозӣ, саргармӣ, зевару тафохӯр ва мусобиқа дар зиёд кардани сарвату фарзанд чизе нест» Сураи «Ҳадид», ояти 20 ва сураи «Шуъаро», ояти 88. Аз китоби «Қуръон ва табиат», саҳ. 77.

*Талаби молро ниҳоят нест,*
*В-ин талабро камолу ғоят нест.*
*Нест осуда марди дунёдор,*
*Хуш баросою даст аз ӯ бардор.*
*Ҳар киро бурд майли мол аз даст,*
*Дигар осудагӣ хаёл набаст.*
*То сараш дар лаҳад нафарсояд,*
*Пойи ӯ аз талаб наёсояд. (Биноӣ)*

Мақсад аз ташкили оила, зиёд кардани насли инсонист.

*Бо ҳалоли худ он, ки сӯҳбат сохт,*
*Нияти заръ карду тухм андохт. (Биноӣ)*

Биноӣ зарари ҳирсро тасвир карда истода. оид ба манфиати қаноат қитъаи зерини устоди худро бо чунин роҳ дохил кардааст:[1]

*Қитъае ёдам омад аз устод,*
*Ки равонаш ғариқи раҳмат бод:*
*Кимиёе кунам туро таълим,*
*Ки дар иксиру дар саноат нест.*
*Рав қаноат гузин, ки дар олам,*
*Кимиёе беҳ аз қаноат нест. (Биноӣ)*

**Инсон тоҷ-ул-махлуқот аст.**

*Ту ба тан ҳайвон, ба ҷонӣ аз малак,*
*Ту равӣ, ҳам бар замин, ҳам бар фалак. (Румӣ)*



[1] Аз китоби «Биноӣ»-и Абдулғанӣ Мирзоев, соли 1957.

Инсон, ки гули сари сабади мавҷудот аст, аз суратҳои ноқистар ба сӯи камолот сайр мекунад ва ин сайр аз маъодин ва хок оғоз гаштааст, чунонки Қуръон мефармояд: «Худованд офариниши инсонро аз хок оғоз фармуд» (Сураи «Саҷда», ояи 7).

*Ҷумлаи аҷзои хок рӯҳ шуду ҷони пок,*
*Олами хокаш махон, мояи иксир хон. (Румӣ)*

Ва пас аз даврони ҷамодӣ, наботӣ ва ҳайвонӣ ба сурати кунунӣ расида ва акнун бояд донист, ки такомули инсон ба ин ҷо хотима намепазирад, балки ин такомул ҳамчунон идома дорад, то дар ҷаҳони дигар ба Парвардигор мунтаҳӣ гардад![1]

*Сад силсила дар миён ниҳад пой,*
*Лекин ҳама мунтаҳӣ ба як ҷой. (Ҷомӣ)*

*Расад одамӣ ба ҷое, ки ба ҷуз Худо набинад,*
*Бинигар, ки то чӣ ҳадд аст мақоми одамият!*
*(Саъдӣ)*

*Ҳарчанд фироқи ман кашидӣ ,*
*Инак, ба висоли ман расидӣ. (Шоҳин)*

*Ман рахт ба сӯи ломакон бурдам,*
*Рафтам суи бому нардбон бурдам. (Румӣ)*

*Аз ҷамодӣ мурдаму номӣ шудам,*
*В-аз намо мурдам, зи ҳайвон сар задам.*
*Мурдам аз ҳайвонию одам шудам,*
*Пас чӣ тарсам, кай зи мурдан кам шудам?*
*Бори дигар гар бимирам аз башар,*
*То барорам аз малоик болу пар.*
*В-аз малак ҳам боядам ҷустан руҷӯъ,*
*Кулли шайъин ҳолик илло ваҷҳуҳу.*
*Пас адам гардам, адам чун арғунун*[2]*,*
*Гӯядам, к-инно илайҳи роҷиъун. (Мавлавӣ)*

---

[1] «Қуръон ва табиат», саҳ. 174 – 175
[2] Арғунун – Асбоби мусиқӣ.

## РОЗИ МАРГ

Худованд дар Қуръон мефармояд:

«Ай мардум! Аз Худо битарсед ва ҳар кас бингарад, ки барои фардояш чӣ фиристодааст». (Яъне барои мунтаҳӣ шудан ба парвардигори худ). (Сураи «Ҳашр», ояи 18)

*Ҳар бад, ки мекунӣ, мапиндор, к-он бадӣ,*
*Даврон фурӯ гузораду гардун раҳо кунад:*
*Қарз аст корҳои бадат назди рӯзгор,*
*Як рӯз агар ба умри ту монад, адо кунад!*

Ва дар сураи «Анфол», ояи 37 фармудааст: «То Худо нопокро аз пок ҷудо созад ва нопокҳоро ба рӯи ҳам анбошта ва он гаҳ ҷумлагиро дар ҷаҳаннам дароварад».

Ҳеҷ кас аз ҳоли дигаре хабар надорад, одамон якдигарро гумроҳ медонанд ва худро ба роҳи рост ҳақ, дуруст меҳисобанд. Аммо Худост, ки:

*Гавҳари ҳар як ҳувайдо мекунад,*
*Ҷинс аз ноҷинс пайдо мекунад. (Мавлавӣ)*

Масъалаи марг аз замони пеш боз зеҳни башарро ба худ машғул дошта ва инсон ҳамеша дар фикру хаёли он будааст, ки бидонад:

Барои чӣ ба ин дунё омада ва барои чӣ мемирад?

Дар замони Мӯсо (а) низ ин масъала, масъалаи мунозира будааст. Рӯзе он ҳазрат дар кӯҳи Тур андаруни муноҷот бо Парвардигор арза дошт: «Худовандо! Ин чӣ сиррест, ки мураттаб (соҳиби рутба ва мақом) мавҷудоте меофаринӣ ва сипас онҳоро вайрон месозӣ?»[1]

*Гуфт Мӯсо: Эй Худованди ҳисоб!*
*Халқ кардӣ, боз чун кардӣ хароб?*
*Нарру мода, халқ кардӣ ҷонфизо,*
*В-он гаҳе вайрон кунӣ онро чаро? («Маснавӣ»)*

Умари Хайём ҳам дар як рубоиаш чунин баён кардааст:

---

[1] Аз китоби «Қуръон ва табиат», саҳ. 82-83.

*Ҷомест, ки ақл офарин мезанадаш,*
*Сад бӯса зи меҳр бар ҷабин мезанадаш,*
*Ин кӯзагари даҳр чунин ҷоми латиф,*
*Месозаду боз бар замин мезанадаш.*

Худованд дар ҷавоб фармуд:

Ай Мӯсо! Барои ин ки ба рози ин мавзӯъ пай барӣ, дар замин дона бияфшон ва ба обёрии он ҳиммат гумор:

Мӯсиё, тухме бикор андар замин,
*То ту худ ҳам во диҳӣ, инсоф – ин.*

Мӯсо муддате ба кишти гандум пардохт ва обёриву нигаҳдории онро ба ӯҳда гирифт, то ин ки кишташ ба самар расид…

*Чунки Мӯсо кишту шуд кишташ тамом,*
*Хӯшаҳояш ёфт хубиву низом.*
*Дос бигрифту мар онҳоро бурид,*
*Пас нидо аз ғайб дар гӯшаш расид:*
*Кӣ чаро киште кунию парварӣ,*
*Чун камоле ёфт, онро мебурӣ?*
*Гуфт: ё раб, з-он кунам вайрону паст,*
*Ки дар ин ҷо дона ҳасту коҳ ҳаст.*
*Дона лоиқ нест дар анбори коҳ,*
*Коҳ дар анбори гандум ҳам табоҳ!*
*Нест ҳикмат ин дуро омехтан,*
*Фарқ воҷиб мекунад дар бехтан.*
*Гуфт: ин дониш зи кӣ омӯхтӣ?*
*Нури ин шамъ аз куҷо афрӯхтӣ?*
*Гуфт: тамйизам ту додӣ, ай Худо,*
*Гуфт: пас тамйиз чун набвад маро!*
*Дар халоиқ рӯҳҳои пок ҳаст,*
*Рӯҳҳои тираи гилнок ҳаст.*
*«Ин садафҳо нест дар як мартаба,*
*Дар яке дурр асту дар дигар шабаҳ».*
*Воҷиб аст изҳори ин неку табоҳ,*
*Ҳамчунон к-изҳори гандумҳо зи коҳ.*
*Баҳри изҳор аст ин халқи ҷаҳон,*
*То намонад ганҷу ҳикматҳо ниҳон.*
*Кунту канзан гуфт маҳфиян шунав,*
*Ҷавҳари худ гум макун, изҳор шав. («Маснавӣ»)*

*Ту мағзи оламӣ, з-он дар миёнӣ,*
*Бидон худро, ки ту ҷони ҷаҳонӣ.*
*(Маҳмуди Шабистарӣ)*

*Эй бартар омада ту зи абнои рӯзгор,*
*Эй карда рӯзгор ба ҷоҳи ту ифтихор.*
*Даври сипеҳр чун ту назода баландқадр,*
*Чашми ситора чун ту надида бузургвор.*
*Ҳикмат ҷаҳоннаварду сахоят хазинабахш,*
*Азмат ситораҷунбишу ҳазмат заминқарор*
*(Муаллифаш номаълум)*

*Ту ахтари осмонниҳодӣ,*
*Ҳам гавҳару ҳам гуҳарнажодӣ. (Файзӣ)*

*Ҳар кас, ки вуҷуди худро ба ҳақиқат бишносад,*
*Ӯро мақоми маърифат беш равшан шавад.*
*(Маҷмаъ-ул-ансоб)*

*Аслу насаби ту, эй накӯфар,*
*Ҳаст аз ҳамаи араб накӯтар. (Ҳилолӣ)*

*Таърих ва таҷрибаи гузаштагон манбаи маърифат аст.*
*(Алӣ ибни Абӯтолиб)*

*Чун Билол аз заъф шуд ҳамчун ҳилол,*
*Ранги марг афтод дар рӯйи Билол. (Румӣ)*

Вақте, ки марг ба ҳазрати Билол наздик мешавад ҳамсараш нолиду гуфт: Эй вой! Марг ба суроғи ту меояд! Билол гуфт: Чӣ донӣ, пас аз марг чӣ ҷаҳоне интизори ту аст. Ҳамсараш гуфт: Ту меравӣ ва фарзандону хешонро мегузорӣ ва танҳо мешавӣ! Билол гуфт: Хушо, ки ҷони ман аз зиндони тан раҳо мешавад.[1]

*Гуфт: на, на балки имшаб ҷони ман,*
*Мерасад худ аз ғарибӣ дар ватан.*
*Гуфт: рӯятро куҷо бинем мо?*
*Гуфт: андар ҳалқаи хоси Худо!*

---

[1] Аз китоби ҳикоёти «Маснавии маънавӣ». Аҳмад Нафисӣ саҳ.15

*Ҳалқаи хосаш ба ту пайвастааст,*
*Гар назар боло кунӣ, на сӯи паст. (Румӣ)*

Дар байти дигар:

*Ман гадо будам дар ин хона чу чоҳ,*
*Шоҳ гаштам, қаср бояд баҳри шоҳ.*

Одамӣ, ки тан ба ризои ҳақ диҳад, ҳар чӣ бихоҳад ба ӯ мерасад. Чунин кас имонаш барои ишқи Биҳишт ё тарси Ҷаҳаннам нест:

*Баҳри Яздон мезияд, не баҳри ганҷ,*
*Баҳри Яздон мемурад н-аз хавфу ранҷ. («Маснавӣ»)*

*Ганҷи махфӣ кунун намоён шуд,*
*Мақсади коинот урён шуд. (Бедил)*

*Медонам, ки то касеро корд ба устухон нарасад,*
*маргро ба зиндагӣ намегузинад. («Чор дарвеш»)*

Аз нуқтаи назари бузургон зиндагии инсони бемаърифат агар маргро монад, пас марги мардуми соҳиб маърифат идомаи зиндагист. Ҳамин аст ки устодони каломи бадеъ дар эҷодиёти хеш бештар марг, яъне зиндагии ҷовидро бо хушиву меҳрубонӣ истиқбол намуданро ҳидоят кардаанд. Ҳарчанд марги ҷисмонӣ барои шахси бемаърифат ҳиссиёти тарсу ҳаросро бедор созад, барои инсони комил раҳоиву наҷот аз ҳаёти ҳазарон бор такроршуда мебошад. Мансури Ҳаллоҷ маргро нестии мутлақ намедонист, балки онро таваллуде дигар мешинохт. Маргро василаи дидор ва пайвастан ба маъшуқ, «меъроҷи мардон» медонист. Бузургон наҷоти хешро бо мусиқиву сурур истиқбол гирифтаанд.

Мо ҳам аз даргоҳи Худовандӣ умеди онро дорем, ки қалбҳоямонро бо нури маърифат мунавар намояд ва маргро чун зиндагии ҷовид эҳсос намоем. Чунки марг ҳам идомае аз зиндагист пас бо савту тарона ва чангу чағона пазируфтани он тамандной дили мост, зеро шоир барҳақ фармудааст:

*Ба рӯзи маргам, эй ёрон, насозед нолаю афғон,*
*Биёред барботу мутриб, навозед чанги хушилҳон…*
*Ба гирди тобутам созед ғарибон, бекасон рақсе,*
*Дареғу ҳасрату афсӯс наво созед дастафшон.*

## ҶОНУ ТАН

*Ай, ки аз ин тангнафас мепарӣ,*
*Рахт ба болои фалак мебарӣ.*
*Зиндагии тоза бибин баъд аз ин,*
*Чанд аз ин зиндагии сарсарӣ!?*
*Дар ҳаваси муштарият умр рафт,*
*Моҳ бибину бираҳ аз муштарӣ.*
*Далқи шабушнок дарандохтӣ,*
*Ҷони бараҳнашуда худ хуштарӣ.*
*Дар ивази далқ тани чормех,*
*Бофтаанд аз сифатат шуштарӣ.*
*Ҷомаи ин ҷисм ғуломона буд,*
*Гир кунун пероҳани меҳтарӣ.*
*Марг ҳаёт асту ҳаёт аст марг,*
*Акс намояд назари кофарӣ.*
*Ҷумлаи ҷонҳо, ки аз ин тан шуданд,*
*Ҳайю ниҳонанд кунун чун парӣ.*
*Гашт савори фараси ғайб ҷон,*
*Боз раҳид аз хару аз хархарӣ.*
*Сӯхт дар ин охури дунё дилат,*
*Баҳри вуҷӯҳии ҷав ин лоғарӣ. («Девони Кабир»)*

## ҶОНУ ТАН

*Чунин дон, ки ҷон бартарин гавҳар аст,*
*На з-ин гетӣ аз гетии дигар аст.*
*Дурахшанда шамъест аз ҷои пок,*
*Фитода дар ин жарф тори мағок.*
*Яке нури бунёди тобандагӣ,*
*Надид ор бедорию зиндагӣ.*
*На ором ҷӯиву на ҷунбишпазир,*
*На аз ҷой беруну не ҷойгир.*
*Сипеҳру замин бастаи банди ӯст,*
*Ҷаҳон истода ба пайванди ӯст.*
*Ниҳон аз нигор аст, лек ошкор,*
*Ҳаме бар гара гуна-гуна нигор.*
*Кунад дар ниҳон, ҳар чӣ рой оядаш,*
*Расад бе замол ҳар куҷо шоядаш.*
*Бубинад ва дидан варо рӯй нест,*

*Кашад кӯҳу ҳамсанг як мӯй нест.*
*Тан ӯро ба кирдори ҷома-ст рост,*
*Ки гар бифканад в-ар бипӯшад, равост.*
*Ба ҷон бин гиромӣ тани хештан,*
*Чу ҷома, ки бошад гиромӣ ба тан.*
*Танат хонае дон ба боғи дарун,*
*Чароғаш равон, зиндагонӣ сутун.*
*Фурӯ ҳишта з-ин хона занҷир чор,*
*Чароғ андар ӯ баста қандилвор.*
*Ҳар он гаҳ, ки занҷир шуд сустбанд,*
*Зи ҳар гӯша ногаҳ бихезад газанд.*
*Шавад хона вайрону пажмурда боғ,*
*Бияфтад сутуну бимирад чароғ.*
*Аз он баъд пайкар ба гавҳар супурд,*
*Ҳамон пешаш ояд, к-аз эдар бибурд.*
*Чу дарёст гетӣ, тан ӯро канор,*
*Бар ин жарф дарёст ҷонро гузор.*
*Ба рафтан раҳаш нест зи ҷои хеш,*
*Магар киштиву тӯша созад зи пеш.*
*Мапиндор ҷонро, ки гардад начиз,*
*Ки ҳаргиз начиз ӯ нагардад ба низ.*
*Габоҳӣ ба чизе расад ногузир,*
*Ки бошад ба гавҳар табаҳнопазир.*
*Сухангӯи ҷон ҷовидон буданист,*
*Нагирад табоҳӣ, на фарсуданист.*
*Аз ин ду бурун несташ сарнабишт,*
*Агар дӯзахи ҷовидон, гар биҳишт. (Асадии Тӯсӣ)*

## ҶОНУ ТАН

*Ай қафас бишкаставу хаста зи банд,*
*Пас бикушодӣ, ба куҷо меравӣ?*
*Сар зи кафан барзану моро бигӯ,*
*К-аз ватани хеш чаро меравӣ?*
*Не ғалатам ория буд, не ватан,*
*Сӯи ватангоҳи бақо меравӣ.*
*Чун зи қазо даъвату фармон расид,*
*Дар пайи сарҳанги қазо меравӣ.*
*Ё ки зи ҷаннат насиме расид,*
*Дар пайи ризвони ризо меравӣ.*

*Ё зи таҷаллии ҷалоли қадим,*
*Музтарибу бесару по меравӣ.*
*Ё зи шуооти ҷамоли Худо,*
*Масти мулоқоти лиқо меравӣ.*
*Ё зи буни хумми ҷаҳон ҳамчу дурд,*
*Соф шудӣ, сӯи ало меравӣ.*
*Ё ба сифоте, ки хамӯшон кунанд,*
*Хомушу махфию хафо меравӣ. («Девони Кабир»)*

Ин буд моҷарои такомули башар ва ҳадафи Офаридгор аз офариниши инсон. Ва ҳадаф аз ин офариниш ин будааст, ки худро ба дараҷаи олии камолот бирасонад… то дар ҷаҳони дигар ба ҷавори Парвардигор бипайвандад.

*Аз он бо тӯ мегӯям ин моҷаро,*
*Ки дарди диламро ту донӣ даво. (Хоҷу)*

*Моҷаро кам куну боз о, ки маро мардуми чашм,*
*Хирқа аз сар бадар оварду ба шукрона бисӯхт. (Ҳофиз)*

*Силсилаи мӯи дӯст ҳалқаи доми балост,*
*Ҳар кӣ дар ин ҳалқа нест, фориғ аз ин моҷарост.*
*(Саъдӣ)*

*То накунад дӯст назар, зоеъ аст,*
*Сайъи ману ҷаҳди ману кӯши ман. (Низорӣ)*

*Ҳар кӣ ранҷе дид, ганҷе шуд падид,*
*Ҳар кӣ ҷидде кард, дар ҷаддӣ расид. (Румӣ)*

*Ҳеҷ кас розе, ки ман гӯям, нагуфт,*
*Ҳамчу фикри ман дурри маънӣ насуфт. (Иқбол)*

*Чу ин гавҳарам буд аз он баҳри жарф,*
*Муқаррар нарондам дар он баҳр ҳарф. (Дақиқӣ)*

*Ин мутриб аз куҷост, ки баргуфт номи дӯст,*
*То ҷону ҷома базл кунам бар паёми дӯст.*

*Дил зинда мешавад бар умеди вафои ёр,*
*Ҷон рақс мекунад ба самои каломи дӯст.*

*Умрҳо дар пайи мақсуд ба ҷон гардидем,*
*Дӯст дар хонаву мо гирди ҷаҳон гардидем.*
*Худ саропардаи қадраш зи макон берун буд,*
*Он ки мо дар талабаш ҷумла макон гардидем.*
*Ҳамчу булбул ҳама шаб наъразанон то Хуршед,*
*Рӯй бинмуд, чу хаффош ниҳон гардидем. (Шайх Саъдӣ)*

## ИНСОНИ КОМИЛ ДАР КИТОБИ «САФИРИ ХУРШЕД – ҲУСАЙНИ МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ»-И ҶАМШЕДИ АЗИМПУР

Акнун бубинем, ки инсони комил кист ва чӣ вазифаеро дар ин ҷаҳон ба дӯш дорад? Инсони комил касест, ки ботинаш бо нури муқаддаси илоҳӣ равшан шудааст. Мутаассифона имрӯз бештари донишмандон ва аҳли таҳқиқ дар бораи Инсони комил мавриди назари орифони мо диди дуруст надоранд. Аз назари эшон, Инсони комиле, ки орифон мегӯянд, гӯё марде гӯшанишин аст, иртиботе бо ҷомеа надорад, худаш ҳасту рӯъёҳои сӯфиёнааш. Ба ин маънӣ, ки ин даста аз донишмандон ва муҳаққиқон миёни зоҳид ва орифи комил фарқе надидаанд ва ба андешаи мо назарашон дуруст нест. Инсони комиле, ки орифони мо (ҳиндиву эронӣ) аз ӯ сухан мегӯянд ва худ намунаи ӯянд, комил аст аз ҳар назар, ороста ба пиндору гуфтору рафтори нек, огоҳ аст аз ҳоли худ ва аз ҳоли ҷаҳон ва ҷаҳониён. Ин Инсони комил танҳо дар фикри наҷоти худ нест, пайваста дар миёни мардум ва хостори хайри умум аст, чаро ки «Ирфони ростин дар савдои халқ аст». (Ибораи дуктур Ҳусайн Илоҳии Қумшаӣ).

Азизуддини Насафӣ гӯяд: Бидон, ки Инсони комил он аст, ки ӯро чаҳор чиз ба камол бошад: ақволи нек ва афъоли нек ва ахлоқи нек ва маориф. Ай дарвеш, ҷумлаи соликон, ки дар сулуканд дар миёнанд ва кори соликон ин аст, ки ин чаҳор чизро ба камол расонанд. Ҳар кӣ ин чаҳор чизро ба камол расонид, ба камоли худ расид. Ва дар мулку малакут ва ҷабарут ҳеҷ чиз бар вай пӯшида намондааст. Ай дарвеш, Инсони комил баъд аз шинохт ва лиқои Худой ҳеҷ коре баробари он надид ва ҳеҷ тоат беҳтар аз он надонист, ки роҳат ба халқ расонад…

Вақте ки инсонҳо вориди боварҳо ва эътиқодоти ҳамдигар мешудаанд, андешаҳои якдигарро мутолиа мекарданд медиданд, ки чӣ гуна ҳама ба сӯи як асл, ба сӯи як ҳақиқат равонаанд, ҳамаи

китобҳои муқаддас ҳамон як ҳақиқатро (худшиносӣ ва худошиносиро) бозгӯӣ намудаанд, ҳамаи бузургони ҷаҳон ҳамон як суруди озодагиро сурудаанд… (ибораи Ҷамшеди Азимпур).

Қуръон мегӯяд: «Худо нури осмонҳо ва заминҳо аст». «Сураи Нур», ояти 35. «Мо оёти худро дар дунё зоҳирӣ ва ҳам дар нафсҳо ба эшон нишон хоҳем дод» «Сураи Фусилат», ояти 53.

Чунон ки Мавлоно мегӯяд:

*Ғайри Худо дар ду ҷаҳон ҳеч нест,*
*Ҳеч магӯ ғайр, ки он ҳеч нест.*
*Ӯст гулу сабзаву боғу баҳор,*
*Ғайри ӯ дар боғи ҷаҳон ҳеч нест.*
*«Ло мавҷуда иллоҳу»*
*«Нест ҷуз зоти Худованд дар ҷаҳони ҳастӣ мавҷуде»*

Аслу решаи ҳаёт чист? Ин ишқ аст: пайвастани рӯҳ бо нур аст:

*Бо Муҳаммад буд ишқи пок ҷуфт,*
*Баҳри ишқи ӯ Худо «лавлок» гуфт. (Маснавӣ)*

*Рав ту чун Мансур ошиқ гарду маст,*
*То ба ту рӯшан шавад сирри аласт.*
*Рав чу Мансуру сафо бин дар сафо,*
*То расӣ дар водии раббулъало.*
*Рав чу Мансуру зуҳури ӯ бубин,*
*То ки рӯшан гардадат сирри яқин. (Шайх Аттор)*

Азизуддини Насафӣ дар насиҳат мегӯяд: «Ай дарвеш! Дар банди он мабош, ки илму ҳикмат бисёр хонӣ ва худро олиму ҳаким ном ниҳӣ. Ва дар банди он мабош, ки тоату ибодат бисёр кунӣ ва худро обиду шайх ном кунӣ, ки инҳо ҳама бало ва азоби сахт аст. Аз илму ҳикмат ба қадри зарурат кифоят кун ва он чӣ нофеъ аст, ба даст овар ва аз тоату ибодат ба қадри зарурат басанда кун ва он чӣ молобуд аст, ба ҷой ор. Ва дар банди он бош, ки баъд аз шинохти Худой таҳорати нафс ҳосил кунӣ ва беозор ва роҳатрасон шавӣ, ки наҷоти одамӣ дар ин аст.

Аммо пеш аз Насафӣ дар асрҳои қаблӣ чунин суханони воло ва инсонпарваронаро орифон мегуфтанд. Аз ҷумла, Абулҳасани Харақонӣ дар асри X, яке аз дурахши таҷаллиёти рӯҳи ориёӣ, муриди Боязид чунин ба забон оварда буд: «Олим бомдод бархезад,

талаби зиёдатии илм кунад ва зоҳид талаби зиёдатии зӯҳд кунад ва Булҳасан дар банди он бувад, ки суруре ба дили бародаре расонад».

*Бандагони Ҳаққ раҳиму бурдбор,*
*Хӯйи Ҳаққ доранд дар ислоҳи кор.*
*Меҳрбон, беришватон, ёригарон,*
*Дар мақоми сахту дар рӯзи гарон.*
*(Мавлонои Балхӣ)*

*Шермардонанд дар олам мадад,*
*Он замон, к-афғони мазлумон расад.*
*Бонги мазлумон зи ҳар ҷо бишнаванд,*
*Он тараф чун раҳмати Ҳаққ меравaнд.*
*Он сутунҳои халалҳои ҷаҳон,*
*Он табибони маразҳои ниҳон.*
*Маҳзи меҳру доварии раҳматанд,*
*Ҳамчу Ҳаққ беиллату беришватанд. (Мавлонои Балхӣ)*

Ин аст мазҳаби инсонҳои вораста ва софишуда – Инсонҳои Худойгуна (халифа, ҷонишини Худо, халифатуллоҳ). Ай дарвеш, Инсони комилро Халифа, Имом, Расул, Валӣ, Қутб, Шайх, Болиғ гӯянд. Ва Ҷоми ҷаҳоннамой ва ойинаи гетинамой ва иксири аъзам гӯянд.

*Моем Халили вақту Мӯсо,*
*Довуду Муҳаммадему Исо.*
*Хизрему ҳаёти ҷовидонӣ,*
*Искандару оби зиндагонӣ.*
*(Муҳаммади Лоҳиҷии Нурбахшӣ)*

*Орифон валигиро аз нубувват ҳам бартар донистаанд. Мункире Ҳаллоҷро гуфт:*

*– «Даъвои нубувват мекунӣ?» Гуфт: «Уф бар шумо бод, ки аз қадри ман басе кам мекунӣ!». (Мансури Ҳаллоҷ)*

*Хешро бо офтоб анбоз кард,*
*Даъвии қавли «Аналҳаққ» соз кард. (Румӣ)*

*Мавлоно ҷое дар «Маснавӣ» мегӯяд: «Рӯҳ шуд Мансур, «Аналҳақ» мезанад».*

# ОХИРСУХАН

Билохира боди мусоиди Худованд сафинаи асари гирдовардаи моро ба сӯи баҳри беканори маъонӣ равона намуд, то чун ғаввос ба қаъри ин баҳри пур аз гуҳар фурӯ рафта, дурри нуҳуфтаи маониро аз садаф берун намоем.

Бояд зикр намуд, ки Худованд инсонро барои он соҳибақл гардонид, то тавассути ақл аз олами ҳастӣ баҳраманд гардад. Азбаски олами ҳастӣ ҷузъиёти зиёдеро дар бар мегирад, инсон қобилияти дарк намудани ҳамаи онро надорад.

Бо вуҷуди ин, аз давраҳои қадим инсон зина ба зина дар раванди омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёт бисёр кашфиётҳои илмиро аз худ намудааст. Аз ҷумла илми шеър ва мусиқиро, ки барои инсон сарчашмаи маънавӣ ва ҳаловатбахши рӯҳ аст. Чун китоби мазкур оиди шеър ва мусиқӣ аст, бовар дорем, хонандаи гиромӣ истифода аз суханони бузургон намуда, ақлу заковати хешро боз ҳам мустаҳкам менамояд.

Бояд зикр намуд, ки шеър ва мусиқӣ ду шохаи як дарахт мебошанд ва онҳоро бе якдигар тасаввур намудан имконнопазир аст. Мусиқӣ бо каломи пурмаъни дар якҷоягӣ ин ду нирӯи бузурги таъсирбахшро ба вуҷуд меоранд.

*Ба сад назм агар нағма дорад хурӯш,*
*Ҳамон аз забон мерасад то ба гӯш.*
*Ту бардорӣ аз ҳалқаи даф садо,*
*Садояш зи дасти ту дорад асо.*
*Агар соз мавҷи забони дил аст,*
*Дафу чангу най тарҷумони дил аст.* (Бедил)

Аз назари аҳли дил ҷаҳон ва ҳастии ҷумла афлок, ҳаракатеро, яъне оҳанги мусиқиро дорост. Пас зиндагӣ худ ҳаракатҳои гуногун, яъне мусиқиеро мемонад, ки дар пардаҳои мухталиф навохта шудааст. Шеъру мусиқӣ низ оламест дорои хазинаи беканори маониву асрор. Бояд зикр намуд, ки шеър ва мусиқӣ олами пок ва беолоиш аст, аммо вобаста ба он ки ба кадом мақсад истифода бурда мешавад. Бо шунидани навои хуш метавон кори хуберо анҷом дод, ё бо қироати мисраи шеъри пурмаъно метавон дилеро хушнуд намуд ва баракс.

*Муғаннӣ, бисоз аз дами ҷонфизой*
*Калиде, ки шуд ганҷи гавҳаркушой.* (Низомӣ)

*Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,*
*Сухан талху ширину дармону дард. (Абӯшакури Балхӣ)*

*Ҳамчу най заҳреву тарёке кӣ дид?*
*Ҳамчу най дамсозу муштоқе кӣ дид? (Румӣ)*

Мурод аз панч сол заҳмат кашида гирд овардани маводи китоби мазкур он аст, ки хонандагони гиромӣ ба олами ботинии шеъру сухан рӯ оварда, ҳақиқати гуҳарбори онро баҳри хеш дарёфт намоянд. Албатта, сухане ки аз мағзи ҷон ҷӯшидааст, онро бояд бо ҷӯши ҷон дарёфт.

*Қисса, к-он аз завқи ҷон ояд падид,*
*Ҷуз ба завқи ҷон дар он натвон расид. (Қосими Анвор)*

Чунон, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ фармудааст:

*Шукри Ҳақро, ки аз хизонаи ғайб*
*Рехт чандон ҷавоҳирам дар ҷайб,*
*Ки аз он нақди қимате ба се сол,*
*Кардам ин «Чор ганҷ» моломол.*
*Дари ҳар ганҷ, к-аш фурӯ бастам,*
*Кимиёи дигар дар ӯ бастам.*

*Онон, ки хокро ба назар кимиё кунанд,*
*Оё бувад, ки гӯшаи чашме ба мо кунанд. (Ҳофиз)*

Низ бояд зикр намуд, ки маводи гирдоварда оид ба шеър ва мусиқӣ ғаразеро нисбат ба ин ё он мазҳабу дин доро нест. Чунки шеър ва мусиқӣ худ ишқ аст ва ишқ софу зулол аст. Ва дар охир бо байтҳои Дақиқиву Румиву Аттор ва Низомӣ китоби хешро ҳусни анҷом мебахшем:

*Бигуфтам ҳама гуфтанӣ сар ба сар,*
*Ту жарф андар ин пандном нигар. (Дақиқӣ)*

*Оби ҳайвон хон, махон инро сухан,*
*Рӯҳи нав бин дар тани ҳарфи куҳан. (Маснавӣ)*

*Аз ин пештар, к-он суханҳои нағз*
*Баровардӣ андеша аз хуни мағз.*
*Сарояндае доштам дар нуҳуфт,*
*Ки бо ман суханҳои пӯшида гуфт.*
*Кунун он сароянда хомӯш гашт,*
*Маро низ гуфтан фаромӯш гашт. (Шайх Низомӣ)*

*Гулфишонӣ*[1] *кардаам з-ин бӯстон,*
*Ёд оредам ба хайр, эй дӯстон! (Аттор)*



[1] Яъне санъаткорӣ дар мантиқ…

## БАРОИ ҚАЙДҲО

**БАРОИ ҚАЙДҲО**

## МУНДАРИЧА

Ба ҷои пешгуфтор........................................................................3

Муқаддима ...............................................................................4

**БОБИ АВВАЛ**
Шеър ва мусиқӣ........................................................................10

**БОБИ ДУЮМ**
Самоъ дар тасаввуф..................................................................162

**БОБИ СЕЮМ**
Шоири асил ва шеъри асил.......................................................185

**БОБИ ЧОРУМ**
Инсон – тоҷ-ул-махлуқот дар кайҳон......................................246

Охирсухан ...............................................................................290

**ЗАНҶИРИ ГУСАСТА**

*(Маълумотномаи панду ҳикматҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 01.04.2010. супурда шуд.
Чопаш 08.04.2010 ба имзо расид.
Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 19,0 Андозаи 60x84 1/16.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17а